E-mail: ziyozoda@gmail.com

Саидмурод ДАВЛАТОВ



Best ҶАҲОНӢ Seller

Китоб аз силсилаи
«ФАЛСАФАИ МӮРЧАГОН»

# ТАРЗИ ФИКРРОНИИ ОДАМОНИ САРВАТМАНД ВА КАМБИЗОАТ

E-mail: ziyozoda@gmail.com

**Саидмурод Давлатов**

# ТАРЗИ ФИКРРОНИИ ОДАМОНИ САРВАТМАНД ВА КАМБИЗОАТ

Силсилаи асарҳои
«Фалсафаи мӯрчагон»

Душанбе
2016

E-mail: ziyozoda@gmail.com

ББК 84.точик 7-4 я 73
Д 13

**Давлатов Саидмурод.** Тарзи фикрронии одамони сарватманд ва камбизоат. *Силсилаи асарҳои «Фалсафаи мӯрчагон».* - Душанбе: 2016. - 336 саҳ.

Агар инсон тафаккури худро ба самти дуруст тағйир дода тавонад, дар он сурат рушду тараққӣ хоҳад кард. Одатан, инсонро танҳо ба он хотир ҳурмату эҳтиром менамоянд, ки ӯ воқеан рушду инкишофи ҳамаҷонибаи худро анҷом дода тавонистааст. Агар инсон ҳамаҷониба камол наёфта бошад, обрӯю эътибораш ко́ста мегардад. Дар китоб ба саволҳои зиёд ҷавоб гуфта шуда, ҳамчунин саргузаштҳои ҷолиби одамон оварда шудаанд. Қариб ҳамаи мисолҳои дар китоб овардашуда хусусияти мусбат ва амалишаванда доранд, зеро ангезаҳои манфӣ бе ин ҳам хеле зиёданд ва дар ҳаёти ҳамарӯзаи мо кофӣ мебошанд.

ISBN 978-99975-922-6-2

000310749
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ "КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН"
266635
330.52+316(575.3)

© Давлатов С., 2016

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# МУНДАРИЧА

ПЕШГУФТОР ........................................................13

ФАРҚИ ЯКУМ........................................................22
Сарватмандон тибқи меъёри фаровонӣ, нодорон бошанд, тибқи меъёри норасоӣ андеша мекунанд.

ФАРҚИ ДУЮМ........................................................32
Камбағалон тибқи категорияи «ман ҳамаи инро медонам» фикр мекунанд. Тафаккури сарватмандон, баръакс, фарогири андешаи зерин аст: «агар ин чиз маро дар коре кӯмак кунад, пас арзише дорад».

ФАРҚИ СЕЮМ........................................................39
Камбағалон тибқи категорияи издиҳом, сарватмандон тибқи категорияи шахсият -фард фикр мекунанд.

ФАРҚИ ЧОРУМ........................................................47
Камбағалон тибқи категорияии тарс, сарватмандон тибқи категорияи муҳаббат андеша мекунанд.

ФАРҚИ ПАНҶУМ........................................................60
Одамони камбағал тибқи категорияи монеа, одамони сарватманд тибқи категорияи имкониятҳо, андеша мекунанд.

ФАРҚИ ШАШУМ........................................................68
Одамони камбағал тибқи категорияи ҳарисӣ ва дилкашолию майл, одамони сарватманд тибқи категорияи субот ва устуворӣ андеша мекунанд.

ФАРҚИ ҲАФТУМ........................................................74
Одамони камбағал тибқи категорияи «бояд барои рӯзи мабодо пасандоз кард», аммо одамони сарватманд

E-mail: ziyozoda@gmail.com



тибқи категорияи «бояд пасандоз кард, то ин ки барои истифодабурдан имконият фароҳам ояд» фикру андеша мекунанд.

ФАРҚИ ҲАШТУМ........................................87
Одамони камбағал тибқи категорияи «пул алоҳида вуҷуд дорад», сарватмандон тибқи категорияи «пул ҷузъи ҳаёти ман аст» андеша мекунанд.

ФАРҚИ НӮҲУМ........................................93
Одамони камбағал тибқи категорияи айбдорсозӣ андеша мекунанд. Одамони сарватманд тибқи категорияи нарасидани таҷриба, малака ва маҳорат фикр мекунанд.

ФАРҚИ ДАҲУМ........................................101
Одамони камбағал тибқи категорияи «одамон бо иштибоҳоти худ пайванданд», одамони сарватманд бошанд, тибқи категорияи «рафтору кирдорро аз шахсият ҷудо бояд кард» андеша мекунанд.

ФАРҚИ ЁЗДАҲУМ........................................111
Агар одамони камбағал тибқи категорияи «баъд» фикр кунанд, пас сарватмандон тибқи категорияи «қатъият» андеша мекунанд.

ФАРҚИ ДУВОЗДАҲУМ........................................132
Одамони камбағал тибқи категорияи «ҳалвои осмонӣ», одамони сарватманд бошанд, тибқи категорияи «ҳама чиз арзиши пулии худро дорад» фикр мекунанд.

ФАРҚИ СЕЗДАҲУМ........................................144
Мардуми нодор мепиндоранд, ки ҳамаи мушкилот аз барои пули бадбахт аст. Одамони сарватманд мегӯянд: «Пул ба зоти худ бетараф аст, аммо нокифоя будани пул боиси ҳамаи мушкилоти ҳаёти мо аст».

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ФАРҚИ ЧОРДАҲУМ........................................151
Мардуми нодор тибқи категорияи «бо роҳи ҳалол сарватманд шудан ғайримкон аст»фикр мекунанд. Аммо одамони сарватманд тибқи категорияи «танҳо бо роҳи ҳалол сарватманд шудан мумкин аст, роҳи дигар вуҷуд надорад» фикр мекунанд.

ФАРҚИ ПОНЗДАҲУМ........................................157
Мардуми камбағал тибқи категорияи «дар бораи худ» ё «аз они худ» андеша мекунанд. Мардуми сарватманд тибқи категорияи боадолатӣ ва нуқтаи тавозун фикр мекунанд.

ФАРҚИ ШОНЗДАҲУМ ........................................163
Мардуми нодор ҳамеша танҳо ба худ умед мебанданд. Мардуми доро ҳамеша ба идея, имконият ва робитаҳои худ такя мекунанд.

ФАРҚИ ҲАБДАҲУМ........................................169
Одамони камбағал тибқи категорияи «вақте, ки сарватманд шудам, хайру эҳсон мекунам» андеша мекунанд. Аммо мардуми сарватманд тибқи категорияи «барои сарватманд шудан хайру эҳсон кардан зарур аст», фикр мекунанд.

ФАРҚИ ҲАЖДАҲУМ ........................................174
Одамони камбағал тибқи категорияи «агар дар охир чизе монад, ман пасандоз мекунам» фикр мекунанд. Аммо одамони сарватманд чунин мулоҳиза мекунанд: «Агар ман пеш аз ҳама пасандоз накунам, дар охир аниқ аст, ки чизе боқӣ намемонад»

ФАРҚИ НУЗДАҲУМ ........................................181
Одамони камбағал тибқи категорияи танҳоӣ ва қоидаи «худам мекунам» фикр мекунанд. Сарватмандон

E-mail: ziyozoda@gmail.com



бошанд, тибқи категорияи «самаранокии ақлу хиради дастҷамъонаро наметавон дар танҳоӣ ба даст овард» андеша мекунанд.

ФАРҚИ БИСТУМ....................................................188
Одамони камбағал тибқи категорияи «худӣ» ё «ба худ наздик» андеша мекунанд, одамони сарватманд бошанд, тибқи категорияи «пул миллат надорад, комёбӣ ватан надорад, хушбахтӣ сарҳадро намедонад ва муҳим нест, дар куҷо ту пул кор мекунӣ»андеша мекунанд.

ФАРҚИ БИСТУЯКУМ...............................................192
Одамони камбағал тибқи категорияи «худи инсон ба дастоварандаи асосии даромад аст» андеша мекунанд. Одамони сарватманд бошанд, тибқи категорияи «поягузорандаи асосии даромад пул аст» фикр мекунанд.

ФАРҚИ БИСТУ ДУЮМ.............................................198
Одамони камбағал вақт ва пулро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд. Одамони доро чунин меҳисобанд, ки вақт пул аст.

ФАРҚИ БИСТУ СЕЮМ..............................................205
Одамони камбағал тибқи категорияи «бо роҳи ҷамъ кардани пул доро шудан мумкин аст» андеша мекунанд. Одамон сарватманд фикр мекунанд, ки бо роҳи зиёдкунӣ ва афзункунӣ доро шудан зудтару осонтар аст.

ФАРҚИ БИСТУЧОРУМ.............................................211
Одамони камбағал тибқи категорияи «барои он ки ба бизнес машғул шавед, пул зарур аст» фикр мекунанд. Сарватмандон медонанд, ки пул чизи асосӣ набуда, бештар дониш, имконият, робитаҳо ва алоқаҳо заруранд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ФАРҚИ БИСТУ ПАНҶУМ..............................218
Одамони камбағал тибқи категорияи «гарчанде ман пул надошта бошам ҳам, аммо одами некӯкору меҳрубонам!» фикр мекунанд. Одамони сарватманд тибқи категорияи «дорой ба ман имкон медиҳад, ки бештар некӯкорӣ кунам» андеша мекунанд.

ФАРҚИ БИСТУ ШАШУМ..................................222
Одамони камбағал тибқи категорияи «танҳо бо меҳнати вазнину доимӣ доро шудан мумкин аст» фикр мекунанд. Аммо одамони сарватманд тибқи категорияи «барои доро шудан фикр кардан зарур аст» андеша мекунанд».

ФАРҚИ БИСТУ ҲАФТУМ.................................230
Одамони камбағал тибқи категорияи «рақобат» андеша мекунанд. Одамони сарватманд тибқи категорияи «беназирӣ» фикр мекунанд.

ФАРҚИ БИСТУ ҲАШТУМ................................236
Одамони камбағал тибқи категорияи «зарар» фикр мекунанд. Одамони сарватманд дар бораи афзоиши даромад андеша мекунанд.

ФАРҚИ БИСТУ НӮҲУМ..................................241
Одамони камбағал тибқи категорияи «бояд сарфа кард» фикр мекунанд, одамони сарватманд бошад, тибқи категорияи «бояд пулҳои худро идора кард» фикр мекунанд.

ФАРҚИ СИЮМ.............................................247
Одамони камбағал тибқи категорияи «ба ҷуз пул ба ҳама чиз», ё «камтар пардохтани пул» андеша мекунанд. Аммо одамони сарватманд тибқи категорияи «аз ҳама пардохти арзон бо пул пардохт кардан аст» фикр мекунанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ФАРҚИ СИЮ ЯКУМ........................................253
Одамони камбағал тибқи категорияи «барои сарватманд шудан бояд бисёр корд кард» андеша мекунанд. Аммо одамони сарватманд фикр мекунанд, ки «бояд соатҳои барои кор муайяншударо зиёд накарда, роҳи баланд бардоштани даромади худро пайдо кард».

ФАРҚИ СИЮ ДУВВУМ....................................259
Одамони камбағал вақт ва пули худро мефурӯшанд, ки фишанги асосии бойигарӣ ба ҳисоб мераванд. Одамони сарватманд вақт ва пули одамони дигарро харидорӣ мекунанд.

МОНЕАҲОЕ, ки дар роҳҳои комёбӣ
дар шуури одамон аст ......................................270

ХОТИМА...............................................................311

E-mail: ziyozoda@gmail.com

## Хонандаи муҳтарам!

Пеш аз он, ки ман ин китобро нависам, ҳодисаву воқеаҳои зиёдеро аз сар гузаронидаам. Ба гумонам, тафаккури инсон чизи ягонае аст, ки ӯро аз дигар махлуқоти рӯи Замин ҷудо мекунад. Тафаккури инсон аз бачагӣ ташаккул ёфта, дарку фаҳмишашро нисбат ба олами атроф, ҳамчунин муносибати ӯро бо худ ва наздикон муайян мекунад. «Кӣ шудан»-и мо дар зиндагӣ ба қобилияти андешаронии ҳар яки мо алоқамандии зич дорад.

Тарзи тафаккури одамони сарватманд ва камбизоатро омӯхта, ба чунин хулоса омадам, ҳар инсон барои дигаргун сохтани тақдири худ қодир буда, ҳама гуна мушкилотро рафъ карда, ба ҳар мақсаду орзуи дар дил доштаи худ ба шарте расида метавонад, ки тафаккури ӯ бо азму ният ва дарки аниқ ва дақиқи мақсади дарпешгузоштааш мувофиқат кунад.

Мо саъю талош кардаем, ки дар ин китоб масъалаҳои дар воқеъ мавҷударо ҳал карда, ба саволҳои зиёди хонандагон, ки намунаашон дар зер оварда мешавад, ҷавоб гӯем:

Барои чӣ яке комёб мегардад, дигаре на?

Ҳамаи мо - писарон ё духтарон як хел таваллуд мешавем, ҳамаи мо дар дил орзу дорем. Ягон кӯдак орзу намекунад, ки ноком шавад, аммо барои чӣ дар ҳаёт ин ҳолат рух медиҳад? Сабаб чист?

Агар одам пайи ҳам ба нокомиҳои зиёд дучор гардад ва усули озмоиши иштибоҳ дигар ба кор наояд, вай бояд минбаъд чӣ кор кунад?

Дар тӯли солҳои пурбаракату пурфаъолияти ҷавонӣ давраи пирии осудаву осоиштаи ҳаётро чӣ тавр таъмин кардан мумкин аст?

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Мувозинати мансаб ва оилаи худро чӣ гуна бояд риоя кард, ки яке ба дигаре халал нарасонда, баръакс, мадад кунад?

Чӣ чизе боиси боқӣ намондани боварӣ мегардад, ки инсон дигар ояндаи худро дида наметавонад?

Оё ягон илми мушаххас вуҷуд дорад, ки одамони муваффақ онро медонанд ва ин илм барои ба даст овардани комёбӣ ба онҳо кӯмак мекунад?..

Шояд шумо маҳз дар ин бора низ аз худатон пурсед, ё шояд напурсед, аммо дар ҳар сурат ҷавобҳои бисёр суолҳои худро шумо аз ин китоб пайдо карда метавонед.

Инсон ба воситаи тағйири мусбати тафаккури худ метавонад рушд кунад. Чунин инсоне, ки худро сохтаву ҳамаҷониба рушд додаст – мавриди иззату эҳтиром қарор мегирад. Агар инсон ҳамаҷониба камол наёфта бошад, обрӯю эътибораш коста мегардад. Дар ин китоб аксари ҷавобҳо дар қолаби мисолҳои ибратомӯз ва саргузаштҳои ҷолиб оварда шудаанд. Тамоми мисолҳо танҳо ҷанбаи мусбат ва некӯӣ доранд, зеро амалҳои хусусияти манфӣ дошта дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо бе ин ҳам беҳад фаровонанд. Мисолҳои китобро хонда, аз саргузашти одамони муваффақ ибрат гирифта, тафаккур ва андешаи худро вусъат дода, қобилияти чун одами муваффақ андешаронӣ намуданро дар худ инкишоф бидиҳед. Дар ин сурат дар пеши назари шумо имконоте падидор мегарданд, ки ҳар кас онҳоро ба зудӣ дида метавонад.

Дар бораи тафаккури камбағалон ва сарватмандон суҳбат карда, мо онро дар назар надорем, ки сарватмандон аз нодорон беҳтаранд. Мо танҳо фарқи тафаккури онҳоро нишон додаем, ки ба натиҷаҳои мухталиф расидаанд. На ҳар сарватманд ва нодор

E-mail: ziyozoda@gmail.com



айнан чунон аст, ки мо онҳоро тасаввур мекунем, истисно низ ҳамеша вуҷуд дорад.

Имрӯз ҳаёт аз мо ба тағйироти нав омода буданро талаб мекунад. Рушди босуръати тамаддун, пайдоиши технологияҳои нав аз мо чунин андешаи дурустро тақозо мекунанд, ки ба арзишҳо асос ёфта, ҳаёти моро аз дирӯза дида, имрӯз беҳтар гардонда тавонанд.

Ба шумо дар ҳамаи корҳоятон аз самими дил муваффақият хоста, дар ҳаёти оилавӣ оқилию созгорӣ, дар ҷоҳу мансаб зинаҳои баланд ва ҳамчунин беҳбудии моддию маънавиро орзу мекунам.

Ба ҳамаи шахсоне, ки барои омода кардани ин китоб ба ман дасти кӯмак дароз намудаанд, аз он ҷумла ба ҳамаи аъзоёни маркази мо, хусусан Айжан Урадилова, ки ҳашт сол боз шабу рӯз хаста нашуда кор мекунад, миннатдории самимии худро баён мекунам. Ҳамчунин аз ҷаноби Мирлан Олимбеков барои он ки ҳамеша калимаи аниқу дурустро барои ифода кардани андешаҳои ман пайдо мекунад, беандоза сипосгузорам. Ҳеҷ гоҳе бе кӯмаку ёрии Андрей Тюмкин китоб ба ин зебоӣ рӯи чопро намедид. Ба акои Неъмат Неъматзода барои заҳматҳои арзишмандашон, ки барои ин китоб сарф кардаанд,сипосгузорӣ менамоям.

Аз сидқи дил ба ҳамкорони ширкати «Само» дар Тоҷикистон миннатдории худро баён мекунам, ки шабу рӯз ин бародарон меҳнати олӣ карда истодаанд. Ин китоб маҳсули кори ҳамин одамҳост. Бародарони азизам Наҷибуллоев Ҳасан Ҷанобилович, Аминов Саидҷон Собирҷонович ва Далерҷон. Ин шахсон сутуни ширкати «Само» шуда, хизмати халқи тоҷикро доимо карда истодаанд то оянддаи ҷавонони мо нек бошад, Ватанамон ободтар шавад, давлатамон ба давлати тараққикарда табдил ёбад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Боз ҳастанд як гурух шогирдон дар Душанбе ва Хуҷанд, ки хеле дастгирӣ карда истодаанд, то ин китобҳо ба шумоён дастрас бошанд. Ба онҳо ҳазорҳо бор миннатдории худро баён карданиям. Илоҳо, сарзабз ва хушбахт бошанд.

Ба ҳамаи ширкаткунандагони тренингҳо ва шогирдонам:

1. Саида Маҳмудова,
2. Элмира Мурсолиева,
3. Акила Гайназарова,
4. Айзоде Султонова,
5. Орозгул Пархонова,
6. Чинаре Сатторова,
7. Алмагул Ережепова,
8. Вера Биндюг,
9. Галине Андреевна Юн, ки саргузашти онҳо дар ин китоб оварда шудааст, низ ташаккур мегӯям.

Банда ба ҳамаи одамони муваффақ, ки саргузашт ва солномаи зиндагии онҳо илҳомбахши мост ва онҳо бевосита устодони мо мебошанд, миннатдории беҳад зиёди худро иброз медорам. Ҳар яки онҳо дар ҳаёт ҳазорон одамонро ба роҳи дуруст ҳидоят намудаанд ва корномаи онҳо ба миллионҳо нафар одамон илҳом мебахшад. Шояд баъзе аз онҳо дар ҳаёт набошанд, аммо ибтикор ва рафтори неки онҳо намирандааст ва ин чиз инсонро абадзинда мегардонад.

*Зиндаву ҷовид монд, ҳар ки накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

Бо камоли эҳтиром,
**Саидмурод ДАВЛАТОВ**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ПЕШГУФТОР

Беҳтарин кӯмак ба нодорон,
яке аз онҳо набудан аст.

***Л. Ханкок***

Ҳамаи одамон мехоҳанд, ки сарватманд бошанд, аммо қисми ками онҳо чӣ тавр анҷом додани ин корро медонанд. Дар натиҷаи 17 сол ташкил кардани тренингҳо ва 13 соли таҷрибаи пешбурди бизнес мо ба хулосаи аниқу дақиқ расидем, ки барои чӣ баъзе одамон дар ҳаёт комгор мешаванд, аммо ин чиз ба дигарон на ҳамеша даст медиҳад. Баъзе одамон дар ин намуди фаъолият ба мақсади худ мерасанд, аммо дигарон паршикаста гардида, ноком мемонанд. Аслан, ҳарф сари он ҳам нест, ки баъзе аз онҳо маълумоти олӣ доранд, баъзеи дигарашон не, ё ин ки яке дар оилаи камбағал ба дунё омадааст у дигар дар оилаи сарватманд.

Мо ҳаёти 546 нафар одамони муваффақро омӯхтем, ки 6 нафари онҳо миллиардер, 204 нафар мултимиллионер ҳастанд ва ҳамаи онҳо аз гӯшаҳои гуногуни олам буда, намояндагони миллат ва динҳои мухталифанд, ҳатто синну солашон гуногун аст ва бузургсолтарини онҳо 121 соли умрро аз сар гузаронидааст.

Барои чи яке орзуи худро амалӣ карда, дар серию пурӣ ва осудаҳолӣ зиндагӣ мекунад, аммо дигаре шикаст хӯрда, зиндагии фақирона ва бемақсадро паси сар мекунад, дар охири мо сабаби асосии онро ёфтем. Охир, ягон кӯдак орзу намекунад, ки танбалу коҳил, оворагард ё майзада шавад, ҳар кас орзуи бузург ва дилхоҳи худро дорад. Ҳама кас талош меку-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



над, ки дар ҳаёти худ чизеро ба даст оварад, падару модари худро кӯмак кунад ва ниҳоят, ҳар як кас кӯшиш мекунад, ки инсони муваффақ ва мӯътабар бошад. Барои чӣ яке ба чое мерасаду дигаре не? Чӣ чиз боиси фарқ миёни онҳо шудааст?

Фикру андеша онҳоро аз ҳамдигар чудо мегардонад. Мо дар бораи он бо шумо суҳбат кардан мехоҳем, ки одамони камбағал ва сарватманд чӣ гуна фикр мекунанд. Мо намегӯем, ки одамони камбағал баданду одамони сарватманд хубанд, не, ҳаргиз чунин нест. **Миёни ҳар ду тоифа одамони гуногун хеле зиёданд. Мо мехоҳем, ки дурнамои тафаккури одами сарватманд ва нодорро фаҳмонем. Дарк ва фаҳмиши фарқи миёни онҳо, шояд барои ба даст овардани муваффақият ва дороию осудаҳолӣ ба шумо кӯмак кунад. Шумо метавонед чизеро аз таҷрибаи рӯзгори онҳо барои истифода дар ҳаёти худ интихоб намоед. Аммо ҳар як инсон худаш, камбағал ё сарватманд буданро барои хеш интихоб мекунад.**

Сарватмандон бар он бовар мекунанд, ки инсон соҳибихтиёри ҳаёти дунявии хеш аст. Чизҳое мавчуданд, ки инсон онҳоро интихоб намекунад, масалан, миллат, падару модар ва ватани худро. Худованд шуморо чопонӣ ё чинӣ халқ кардааст, шумо дар ин масъала чизеро тағйир дода наметавонед, аммо тафаккур, рафтор ва хислати шумо аз худи шумо вобаста аст. Касбу коратонро худатон интихоб мекунед, яъне масъалаи дар ҳаёт кадом роҳро интихоб кардан ба худи шумо вобаста аст. Аз ҳама муҳим он аст, ки инсон имкони интихоб кардан дорад.

**Одамони сарватманд барои он ба пояҳои баланд мерасанд, ки онҳо ба чунин қарор омадаанд, яъне онҳо интихоби худро анчом**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**додаанд, аммо камбағалон то замоне, ки қарори сарватманд шуданро қабул накунанд, камбағалу нодор боқӣ хоҳанд монд.** Масъалаи мазкур ба сатҳи ақлу зеҳни инсон ва ба ҷойи кори вай рабт надорад. Балки он ба ин вобаста аст, ки оё инсон интихоби худро дуруст дарк кардааст ё не. Илова бар ин, фаҳмиши мо ҳеҷ гоҳ наметавонад аз тафаккурамон «оқилтар» бошад ва тафаккури мо ҳеҷ гоҳ наметавонад аз фаҳмишамон «оқилтар» бошад. Дар ҳама ҳолат инсон мувофиқи фаҳмиши худ амал мекунад. Агар ҳолати мо ба илму дониши мо мувофиқат накунад, пас на ҳамаи чизҳое, ки мо медонем, барои мо фаҳмо мебошанд. **Донистан ва фаҳмидан, ду чизи мухталиф мебошанд.**

Дар ин ҷаҳон одамони бисёре ҳастанд, ки ҳама чизро медонанд ва дар бораи ҳама чиз маълумот доранд. Онҳо мегӯянд: «Мо ҳам маълумоти олӣ дорем ва медонем ин корро чӣ тавр анҷом диҳем». Аммо дар охир ҳеҷ корро ба сомон расонида наметавонанд, яъне онҳо ҳанӯз ба пояи фаҳмиш нарасидаанд. Дар айни замон ба шумо имконият фароҳам омада аст, ки аз сирри одамони ниҳоят муваффақ, сарватманд ва хушбахт воқиф шуда, зиндагии худро тағйир диҳед.

Аммо интихоб аз худи шумост, зеро ки воқеияти ҳаёти имрӯзаамон ба тасмими мо вобаста аст. Сарватманд шудан ё бенаво мондан низ интихоб аст. На ҳама соҳиби фаҳмиш, ирода, ҷасорату қатъият мебошанд. Барои инсон нодор, боқӣ мондан осонтар аз он аст, ки масъулияти сарнавишти худро ба дӯш гирад.

Барои аксарияти мо донистан муҳим аст, ки **ҳамаи он чизе, ки мо интихоб мекунем, дар бораи чӣ фикр мекунем, барои чӣ ҷидду ҷаҳд мекунем, ниҳоят ба воқеияти зиндагии мо таб-**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**дил меёбанд. Агар имрӯз набошад, фардо, агар фардо набошад, он гоҳ пасфардо ногузир ба воқеияти зиндагии мо табдил меёбанд.** Мо агар комёбиро интихоб кунем, он ба воқеияти ҳол табдил меёбад, мо агар хушбахтиро интихоб кунем, он гоҳ хушбахт хоҳем шуд, мо агар нокомиро интихоб кунем, дар он сурат ноком хоҳем гашт. Шумо гуфта метавонед, ки инсон нокомиро интихоб карда наметавонад? Дареғо! Дарвоқеъ, инсон онро интихоб мекунад, вале онро худаш дарк намекунад. Дар даст надоштани нақшаи комёбӣ худ, кафолати дар ихтиёр доштани нақшаи нокомӣ мебошад. Агар шумо нақшаи молиявии расидан ба сарватмандиро надошта бошед, он гоҳ дилпур бошед, ки нақшаи расидан ба нодориро дар даст доред, дигар чиз аз имкон берун аст.

Бо вуҷуди ин сарватманд шудан назар ба камбағал мондан беҳтар аст. Даст кашидан аз тарзи ҳаёте, ки ту лоиқу сазовори он ҳастӣ, ҳамеша орзу мекардӣ, тамоми умр ба муҳтоҷӣ тоқат намуда, худ ва аҳли оилаи худро аз ҳама чиз маҳрум сохтан, қуввати зиёд ва нерӯи беҳадди ботиниро талаб мекунад. Фаромӯш накунед, ки дар чунин ҳолат масъалаҳои амсоли **кадом либосро бояд пӯшид ва ба кадом мағоза бояд рафт, кадом ғизоҳоро харидорӣ бояд кард, дар кадом хона зиндагӣ бояд намуд ва дар бояд кадом мактаб бачаҳои худро барои таҳсил монданро пул интихоб мекунад, на шумо!**

Такрор мекунам, мо намегӯем, ки камбағалон барои он нодор мондаанд, ки онҳо одамони баданд ва сарватмандон барои он доро шудаанд, ки онҳо одамони хубанд. Сухан дар ин бора намсравад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи ҳаёти 546 нафар одамони муваффақ ба саволи «барои чӣ баъзе одамон сарватманданд ва қисми дигар камбағаланд» ҷавоби саҳеҳ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



дод. Қисме аз онҳо ба мақсади худ расидаанд, дигарон бошанд, дар бораи он танҳо орзу мекунанд. Мо ҳангоми тадқиқот дар «таркиб»-и тафаккури одамони сарватманд ва камбағал,бештар аз 54 фарқият пайдо кардем. Мо дар бораи ҳар яки онҳо ба шумо суҳбат хоҳем кард. Шумо бояд пеш аз ҳама ба дарки дурусти маводҳои додашуда омодагӣ бинед ва рӯи ин маводҳои хондашуда ҳамаҷониба фикру андеша намуда, сипас тасмими худро бигиред.

Устоди ман боре гуфта буд, ки шогирдон се тоифа мешаванд. Ба тоифаи аввал одамон на ба хотири омӯхтан, балки барои он мутааллиқ мешаванд, ки боварӣ ҳосил намоянд, ки шумо воқеан фиребгар нестед. Ба тоифаи дуввум он одамоне мансубанд, ки гӯё медонанд чӣ кор кунанд, идея ва нақшаи амал доранд, аммо онҳо мутлақо ба чизе боварӣ надоранд, шубҳа онҳоро ором намегузорад ва барои оғози амал аз тасмимгирӣ худдорӣ мекунад. Бо чунин шогирдон бояд бештар кор кард. Тоифаи саввум одамони **беҳтарин мебошанд, зеро онҳо мисли мусофиреанд, ки ҳатто дар биёбони беоб маҳалли обро пайдо карда, ташнагии худро мешикананд. Чунин шогирдон ташнаи дониш буда бе шакку шубҳа ва матраҳ кардани суолҳои бемаврид, таҳсилро идома додан мехоҳанд.**

Дар зиндагиам бо одамоне дучор омадаам, ки ба ман бисёр илму дониш додаанд. Яке аз онҳо коршиноси шинохтаи молия, муаллифи китобҳои машҳур дар бораи маҳорати идоракунии пул Бодо Шефер аст. Пеш аз ҳама, дар вохӯрии аввалин ӯ аз ман пурсид, ки баъд аз се сол ҳар моҳ чӣ қадар пул кор кардан мехоҳам. Ман чунин ҷавоб додам: «Умед дорам, ки 2000 доллар ба даст меоварам». Ӯ ба ман нигариста, бо ҳайрат бори дигар пурсид:

- Чӣ қадар?

E-mail: ziyozoda@gmail.com



- 2000 доллар, - такрор кардам.

Ҳамин тавр ӯ сабақи аввалинро ба ман дод, ки ман онро дарҳол нафаҳмидам.

Ӯ гуфт:

- Бирав, ман ба ту чизе омӯхта наметавонам.

- Барои чӣ? – пурсидам аз вай бо таҳайюр.

- Туро ба ин ҷо на хоҳиши дар ҳаёти худ чизеро тағйир додан, балки муҳтоҷӣ овардааст, ту фақат мехоҳӣ мушкилоти худро рафъ намоӣ, аз ин рӯ бо чунин мақсад ба ҷое намерасӣ, аммо ман намехоҳам касеро ки саъю кӯшиш намекунад, биомӯзонам, - афзуд Бодо Шефер.

Баъд аз анҷоми ҳамин суҳбат ӯ аз ҷой бархоста, рӯи худро ба дигар тараф гардонида, ба тарҷумони худ чизе гуфт. Тарҷумон ба рӯи ман нигариста гуфт: «Ӯ хоҳиш мекунад, ки шумо ин ҷоро тарк кунед». Муҳофиз ба назди ман омад, то ки маро то назди дар гуселонад, аммо ман дар ҷойи худ беҳаракат шах шуда мондам ва намедонистам, ки чӣ ҳодиса рух додааст ва нафаҳмидам, ки барои чӣ маро аз ин ҷо мегонанд. Ҳамон лаҳза, назди дари ҳуҷра, ки бояд ман аз оң мебаромадам, ногаҳ чунин андеша ба сарам омад: « боз як қадам ва ман якумрӣ дари имконияти муносибро барои худ мебандам». Магар метавон қариб 8 ҳазор километр масофаро тай карда, дасти холӣ бозпас баргашт? Ман коғазро гирифта, дар аввали рақамҳои навиштаам адади якро илова кардам, 12000 шуд ва онро ба Бодо Шефер нишон додам. Ӯ моҳияти рақами воридкардаи маро дарк накард ва пурсид: «Ин чист?» Ман ба ӯ фаҳмонидам, ки 12000 доллар кор кардан мехоҳам. Ӯ барои худ аниқ кардан мехост, ки оё ман хоҳиши дар як моҳ ба даст овардани чунин миқдори калони пулро дорам? Ман бо табассум сар ҷунбонида, суханони ӯро тасдиқ кардам.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ӯ чанд лаҳза ба андеша фурӯ рафта, фармуд, ки ин маблағро бо 2 зарб зада, ҳисоб кунам. 24 ҳазор - навиштам. Ӯ ба рақамҳо нигариста гуфт, ки ин миқдор яклухт нест, онро бояд яклухт карда, 25000 нависам. Ман ба рақамҳои навишташуда нигаристам, онҳо дар сари ман намеғунҷиданд. Ман дар ҳаётам чунин пулро боре ба даст нагирифтаам. Ҳатто дар он замон 1000 доллар пули калон ҳисобида мешуд, чунки нархи хонаҳои ду ва се ҳуҷрагӣ дар Тоҷикистон аз 800 то 2000 доллар арзиш доштанд.

Ӯ аз ман пурсид, ки оё ман боварӣ дорам, ки ҳамин миқдор пул кор карда метавонам. Ман ҷавоб додам, ки на,боварӣ надорам.

**Ӯ аз ман пурсид: «Агар ту дониши маро дошта бошӣ, агар имконияти маро доро бошӣ, агар таҷрибаи маро дар ихтиёр дошта бошӣ, ин кор имконпазир аст?»**

**Ман дилпурона ҷавоб додам: «Албатта, албатта имконпазир аст».**

**Ӯ суҳбати худро чунин хулоса кард: «Баъд аз ин рӯз ту ба ин чизҳо дастрасӣ дорӣ, зеро ки ту бо ман вохӯрдӣ, аммо акнун дигар аз худат вобастагӣ дорад».**

Банохост дар сарам ин андеша падид омад. Дар воқеъ чунин аст. Бо дониши ӯ ман низ соҳиби ин гуна имконият шуда метавонам. Ман ҳам ба шогирдони худ ҳаминро мегӯям: «Агар шумо ҳам соҳиби **донишу имконият ва таҷрибаи ман** бошед, метавонед дар ҳаёти худ чизеро тағйир диҳед? Дар ин сурат шумо ба ин дастрасӣ доред, интихоб аз худи шумост, ё тавре мегӯянд « ихтиёр - дар дасти бахтиёр аст». Худи шумо аллакай соҳибихтиёред.

Бодо Шефер дар китобҳои худ менависад, ки 70% оилаҳои сарвати бузург мерос гирифта онро баъди ду насл аз даст медиҳанд. Шояд чунин бошад, фарзан-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



дон дороиҳои волидонро ба мерос гирифта метавонанд, аммо дар баробари сарвату мол онҳо дониши дар бораи чӣ гуна ба ин қадар молу сарват муносибат карданро нагирифтаанд. Ҳол он ки нигоҳ доштани пулҳо ҳамеша аз пайдо кардани онҳо мушкилтар аст. Ва танҳо ба 30% одамони сарватманд имконият даст медиҳад, ки ба ворисони худ чӣ гуна нигоҳ доштан ва афзун гардонидани сармояро ёд диҳанд. Барои мо дарки ин чиз хеле зарур аст. Ҷаҳон дар 25 соли охир хеле тағйир ёфтааст, аммо аксари одамон намехоҳанд якҷоя бо тағйироти мазкур дигаргун гарданд, бо одатҳою тасаввуроти кӯҳна, зиндагии худро идома медиҳанд. Боз мегӯям, ки дарки ин чиз барои шумо бисёр муҳим аст. Фаҳмиши то чӣ андоза зарур будани тағйирёбӣ маҳз аз ҳамин рӯз ба хотири оилаи худ, фарзандони худ, барои шумо бисёр муҳим аст. Муваффақу комёб ва ё номуваффақу ноком будани мо ба воситаи генҳо ба ҳафт насли оянда интиқол меёбад. Агар мо сабабгори фақиру нодор гардидани онҳо шавем, ин барои мо хеле дарднок хоҳад буд.

Дар ҷаҳони муосир фақат хуб кор кардан кам аст. Мутаассифона, ин кафили некӯаҳволии олидараҷа шуда наметавонад. Дар садсолаи охир стандартҳо,талабот ва шароити зиндагӣ ба таври қатъӣ дигаргун шудаанд, аз ин рӯ дар ҳоли ҳозир маълумоти хуб доштан, дигар комёбиро таъмин карда наметавонад. Агар дар асри гузашта барои зиндагии хубу шоиста диплом доштан ва ба ҳайси духтур, муаллим, рӯзноманигор кор кардан кофӣ буд, ин чиз барои имрӯз кам аст. Ҳоло бисёр одамони босавод ва соҳибистеъдод то ба ҳол худро дарнаёфтаанд ва қобилияти худро дар амал истифода набурдаанд, аз ин рӯ фақирона умр ба сар мебаранд. Ин ба он хотир аст, ки онҳо аз зеҳни молиявӣ баҳра набурдаанд. Ҳарчанд баёни ин нукта ногувор аст, аммо ин

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ҳақиқат аст- музде, ки барои корамон ба даст меорем, қиммати заковату ҳунари ҳозираи мо аст.

Мутаассифона, қисми зиёди одамон дарк намекунанд, ки онҳо ба чӣ қодиранд.

Шумо то замоне, ки ба ягон амал шурӯъ накунед, инро ҳеҷ гоҳ дарк карда наметавонед. Аммо пеш аз оғози амал ба ҳар кор, он донишҳоеро фаро гиред, ки барои ба мақсад расидан ба шумо кӯмак мерасонанд. Аксарияти одамон соҳиби ягон истеъдод ё қобилияти ғайримуқаррарӣ буда, мавҷуд будани онро дар худ ҳеҷ пай намебаранд ва метавонанд билкулл дар ин бора чизеро пай набаранд, агар баногоҳ мавриди зоҳир намудани он фаро нарасад.

Танҳо ин чизро тасаввур кардан кифоя аст, ки инсон аз Замин масофаи онро то Моҳтоб ҳисоб кард ва дараҷаи ҳарорати Офтобро чен кард. Вай суръат ва масири ҳаракати ҳамаи сайёраҳои системаи офтобиро омӯхт ҳол он, ки ҳеҷ гоҳ пештар дар он ҷо набуд. Ӯ дастгоҳҳои кайҳониро ба он ҷо фиристода, парвози онҳоро дақиқ, то ҳадди миллиметр ҳисоб кард, зеро ки кӯчактарин хато метавонад ба фоҷиаи ҳалокатовари онҳо анҷомад.

Дар муқоиса бо ин дастовардҳо, ки дар назари аввал имконнопазир менамоянд, шуғлу вазифаҳои ҳаррӯзаи мо ва мушкилоти мо хурду камаҳамият ба назар мерасанд. Мо низ метавонем ҳамаи масъалаҳои худро ҳал кунем, танҳо барои ин фикр ва роҳи мувофиқро бояд пайдо намуд.

Пул ба шумо имкони амалӣ намудани орзуҳои худро медиҳад. Тарзе бояд зиндагӣ кард, ки ба он сазоворед. Ҳар як инсон лоиқи зиндагии хубу шоиста аст. Ин китобро хонда, саъю талош кунед, то зиндагии худро тағйир диҳед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ЯКУМ

Набояд хизматгори пул буд,
балки мудири он бояд шуд.

***Сенека***

**Сарватмандон тибқи дараҷаи «фаровонӣ» ва нодорон тибқи дараҷаи «камбудӣ» андеша мекунанд.**

Мо аллакай гуфтем, ки фарқи байни одамон дар тарзи тафаккурашон ба назар мерасад. **Сарватмандон тибқи дараҷаи «фаровонӣ», нодорон тибқи дараҷаи «камбудӣ» фикр мекунанд.** «Дараҷаи камбудӣ» яъне норасоӣ чӣ маънӣ дорад? Тамоми рӯз онҳо метавонанд фикр кунанд, ки моҳонаи онҳо барои гирифтани чизе намерасад. Масалан, шахсе ки пулро барои пардохти хизмати коммуналӣ, нақлиёт, хариди ғизо, либос ва ғайра харҷ мекунад, чунин мулоҳиза дорад: «Ман ҳаққи хизмати коммуналиро пардохтам, маводи ғизоӣ гирифтам, акнун барои пули таҳсили бачаҳо ва таъмири хона пул бояд пайдо кунам». Ӯ ҳамеша дар бораи мушкилоти худ фикр мекунад, яке аз онҳоро ҳал намуда, аз пайи дигараш мешавад ва дар охир масъалаҳои ҳалнагардида, боз боқӣ мемонанд.

Ҳамин тариқ ӯ мулоҳизаю муҳокимаронӣ намуда, дар дараҷаи «норасоӣ» андеша карда, ақлу ҳуши худро ба он равон мекунад, ки аввал барои либос, сипас баҳри таҳсили бачагон, баъд аз он барои таъмири хона бояд пул ба даст оварад. Ин маънои онро дорад, ки агар дар моҳи дигар низ даромади ӯ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



бештар шавад, аз дусар боз пулаш кифоят намекунад. Аз ин ҳам бештар пул ба даст оварад, боз ҳам намерасад.

Зеро худи раванди ба даст овардани даромад мисли бо сӯзан кофтани хандақ аст. Дар ин сурат ба даст овардани натиҷаи назаррас хеле мушкил аст. Ҳолати харҷи пулро метавон ба рехтани об ба рӯи реги сӯзони биёбон монанд намуд, ки дар сонияҳои башумор рег обро ба худ кашидаву нопадид мегардонад.

Биёед, якҷоя таҳлил мекунем. Охир, шумо як замон 200 доллар маош ё даромад доштед ва бо ҳамон зиндагӣ мекардед. Баъдтар 300 доллар кор мекардед, вале намерасид. Агар 500 доллар кор кунед ҳам, фарқ надорад, боз тамоми маблағ бе бақия сарфи эҳтиёҷоти ҳамарӯза мегардад. Зеро мушкилот дар пул нест, мушкилот дар тафаккури шумост. Ва шумо ҳар қадар саъю талош накунед ҳам, худи ҳаёт чунин вазъиятро фароҳам мекунад, он гоҳ аз сари нав боз норасоии воситаҳои молиявӣ – яъне муҳтоҷиро эҳсос мекунед.

Тасаввур мекунем, одаме, ки моҳе 500 сомонӣ даромад дорад, дар бозии лотерея 10000 доллар бурд мекунад. Ба назари вай чунин менамояд, ки ин маблағи хеле калон аст ва он барои ҳама чиз мерасад. Аммо баъди муддате ӯ ҳамаи бурдро ба назари худаш барои чизҳои муҳим харҷ мекунад ва пул тамом мешавад, зеро масъалаи асосӣ – «нарасидани пул» барои ӯ боқӣ мондааст. Чӣ қадаре, ки ин одам пул ба даст оварад , боз барои ӯ ҳамеша намерасад.

**Ҳаёт чунин аст. Ҳамин ки як масъаларо ҳал кардед, боз дигараш пайдо мешавад, барои ҳалли он пул пайдо кардед, боз масъалаи нав рӯбарӯи шумо қарор мегирад. Воқеияти кор ин аст, ки масъалаи нарасидани пул дар маркази диққати шумо қарор дорад. Ҳол он ки чизеро инсон дар маркази диққат гузорад, он хосияти**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**афзоиш ва рушд карданро пайдо мекунад. Агар ӯ дар маркази диққат мушкилоти худро гузорад, онҳо афзоиш меёбанд.** Агар ӯ дар маркази диққати худ бемориро ҷой диҳад, он рӯз то рӯз авҷ мегирад. Агар ӯ дар маркази диққати худ ишқро гузорад, онгоҳ ишқу муҳаббати ӯ боз қавитар мегардад. Агар инсон дар маркази диққат даромадҳои худро гузорад, он гоҳ онҳо ба афзоиш ёфтан шурӯъ мекунанд, аммо агар дар маркази диққат харҷро гузорад, дар он сурат харҷи ӯ бештар афзоиш хоҳад кард.

Дар мисоли овардашуда инсон ба як таври оддӣ диққати худро ба нарасидани пул равона кардааст. Ӯ гумон мекунад, ки ба ҳалли мушкилот машғул аст, аммо дар воқеъ онҳо боз рӯз аз рӯз бештар мешаванд. Дар ҳама чиз айбу нуқсон ҷустан хусусияти хоси инсон аст. Шавҳарам хуб аст, вале агар ӯ боз камтар зебо мебуд, бад намешуд, занам соҳибхоназани беҳамтост, аммо агар суханшунав мебуд, хонаамон барои зиндагӣ мувофиқ аст, боз агар каме васеътар мебу́д. Тафаккури меъёри норасоӣ хеле бисёр паҳлӯст ва монанди нохушнудиву норозигӣ аз ҳама касу аз ҳама чиз, хоси ин тафаккур аст. Аз ҳамаи инҳо бояд раҳо шуд.

Дар ин ҳолат тафаккури моро метавон бо компютере қиёс кард, ки дар он барномаи мушаххас гузошта шудааст, мо аз он истифода мебарем ва аз нокисиҳояш шикоят мекунем, ҳол он ки мо бояд барномаро иваз намоем. Одамони камбизоат ба ҳамин минвол андешаронӣ намуда, нодониста, интихоби худро ба навъи нодории худ анҷом медиҳанд. Мисоли оддӣ. Тасаввур мекунем, ки шаб фаро расид ва шумо дар зулмот афтодед. Шумо, албатта, мисли Дон Кихот набардро бо он оғоз намекунед, яъне торикиро намеронед.Шумо бояд барои равшан кардани роҳи худ чизеро фикр кунед. Ин ҷо низ набояд ба норасоӣ мубо-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



риза бурд. Дар бораи қарзҳо ва харҷҳо фикр накунед, тамоми нерӯи худро барои даромад ба даст овардан ҷамъ кунед - ин ҳамон нури чароғест, ки ба торикӣ ғалаба мекунад. Тавре ки Конфутсий фармудааст: **«Шамъи кӯчакеро рӯшан намудан беҳтар аст аз он, ки тамоми ҳаёт торикиро лаънат кунӣ».**

Ояндаи шумо ба дарки ҳамин ҳақиқати содда вобастагӣ дорад. Охир, сарватмандон ҳам хароҷот дошта, онҳо низ пул сарф мекунанд. Аммо онҳо тибқи дарачаи фаровонӣ андешаронӣ мекунанд. Дар ин ҷаҳон ҳама чиз аз фикру андеша шурӯъ мешавад. **Сарватмандӣ, камбизоатӣ, саломатӣ, беморӣ, хушбахтӣ, бадбахтӣ, низоу нифоқ, созгорӣ - ҳамаи инҳо даставвал дар майнаи сари инсон пайдо мешаванд. Агар инсон ҳамеша дар бораи ноқисиҳои дӯстони худ фикр кунад, дар ин ҳолат ӯ зуд онҳоро аз даст медиҳад. Агар зан аз сари худ андешаро дар бораи нуқсонҳои шавҳари худ дур насозад, ин маънои интизории низоъ ва ё талоқро дорад.**

Нокомию комёбӣ низ аз андеша оғоз мешавад. Дар навбати аз ҳама охир - бояд амал кард, мо бошем одатан баръакс рафтор мекунем, аввал бисёр кор мекунем, аммо баъд андеша мекунем. Барои он ки моро ба он бовар мекунониданд, ки камтар фикр кунему бештар кор. Дар воқеъ ин нодуруст аст, бо анҷом додани кори бисёру бардавом кас наметавонад ба чизе муваффақ шавад. **Дар зиндагӣ метавон ду тоифа одамонро ба мушоҳида гирифт. Тоифаи аввал бо дастонашон кор карда, бо майнаи сар ба куҷо харҷ кардани пулро ҳисоб мекунанд - ин чизро бояд харид, маблағи таҳсилро пардохт, хонаро таъмир кард ва ғайра. Гӯё ки тамоми умр ҳисобдор ҳастанд. Тоифаи дуввум аз ақли худ кор гирифта, бо**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**дастонашон пул ҳисоб мекунанд.**

Масалан, яке аз одамони аз ҳама доротарини сайёра Билл Гейтс бо чунин андеша шурӯъ ба фаъолият намуд. Чӣ гуна ҳарчи зудтар компютерҳои он замон бузургҳаҷмро, ки тамоми масоҳати як ҳуҷраро ишғол мекарданд, метавон хурд гардонида, дастраси ҳар як одам намуд. Он гоҳ барномаҳои тайёркарда моли аз ҳама бозоргир хоҳанд шуд. Бисёрии ширкатҳо ба идеяҳои ӯ бовар надоштанд. Имрӯз компютерҳо бо барномаи ширкати «Майкрософт» дар тамоми гӯшаву канорҳои кураи Замин, дар ҳар идора, мактаб, хона мавҷуданд ва бе онҳо ҳаёти моро тасаввур кардан душвор аст. Билл Гейтс бошад, яке аз сарватмандтарин одамони дунё гардид.

«Тибқи категорияи фаровонӣ андеша кардан» чӣ маъно дорад? Охир, фикр кунед, мо маводи кофии ғизоӣ дорем, соҳиби манзилем, гоҳо он назар ба талаботи оилаамон бештар аст. Мо либосҳои зиёде дорем, ки баъзе аз онҳоро моҳҳо ва ҳатто солҳо напӯшидаем. Бисёр одамон назар ба зарурати зиндагии муқаррарӣ молу мулки зиёде доранд. Ин аст фаровонӣ. Худованд сарватҳои табииро дар рӯю қаъри замин ва ҳаво фаровон офаридааст. Мо фикр намекунем, ки имрӯз бояд кам нафас кашид, то ки барои фардо ҳаво расад. Мо медонем, ки ин чиз беҳад фаровон аст ва бароҳат нафас мекашем.

Вақте ман бори аввал бо устодам вохӯрдам, ӯ бароям сабақи хеле пурмазмуне дод. Вай гуфт, ки аз ҳама муҳим дарк ва фаҳмидани ин чиз аст: **«Пул ҳаргиз тамом намешавад»**. Ман он лаҳза дарҳол нафаҳмидам, ки ӯ дар бораи чӣ мегӯяд ва аз ин рӯ боз дубора аз ӯ пурсидам. Устод фаҳмонид, ки бояд як ҳақиқати оддиро дарк кард: «пул ҳаргиз тамом намешавад ва бо ин фаҳмиш зиндагӣ бояд кард». Вақте ки ман ӯро гӯш мекардам, худ ба худ низ ан-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



деша мекардам. Эҳтимол, инро ӯ дар бораи худ гӯяд, аммо пулҳои ман хеле зуд тамом мешаванд ва мушкилоти ман ҳеҷ гоҳ анҷом намеёбанд. Танҳо баъдтар фаҳмидам, ки дар он замон фаҳмиши ман барои дарки ин ҳақиқат намерасидааст. Агар шумо хоҳед, ки одами муваффақ шавед, дар ин сурат бояд бидонед, ки пулҳо пеш аз мо буданд ва баъди мо низ боқӣ хоҳанд монд. Онҳо ҳеҷ гоҳ тамом намешаванд. Онҳо дар ҷаҳон хеле бисёранд, аммо барои чӣ дар хазинаи дигаронанд? Бояд донист, ки барои дар дасти мо низ пайдо шудани пул чӣ кор бояд кард? **Бояд дарк намуд: «хонае, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, амволе, ки мо дорем, пуле, ки дар даст дорем, дар ҳақиқат моли мо нестанд, мо ҳуқӯқ дорем, ки танҳо аз онҳо муваққатан истифода барем» - ин фаҳмиш шуморо сарватманд мегардонад:**

Сарватмандон дар маркази тафаккури худ танҳо даромадро мегузоранд, аммо тамоми хароҷоти заруриро тавассути низоми ба истилоҳ «идоракунии автоматӣ» анҷом медиҳанд. Ақлу фаҳми онҳо ба масъалаи равнақ додани бизнеси худ, зиёд кардани даромад ва ҷустуҷӯи идеяҳои нави ояндадор андармон аст. Дар маркази диққати онҳо амалӣ гардондани орзуҳо қарор дорад ва маҳз дар ин бора бештар фикр мекунанд, аммо ҳамаи амалҳои дигар дар сатҳи зершуур ба тарзи худидоракунӣ ба анҷом расонида мешаванд. Ман одамони сарватманди зиёдеро медонам, ки парво надоранд, ки чӣ қадар пул барои хизмати коммуналӣ, таъмири манзил, ғизо ва ғайра харҷ мекунанд.

Онҳо мегӯянд: ман барои ин хароҷот пул ҷудо мекунам, системаро ба роҳ мондаам, ба ин кор дигарон машғуланд.

**Инак, аввалин ФАРҚИ дурнамои тафаккур: камбағалон тибқи категорияи норасоӣ,**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**сарватмандон тибқи категорияи фаровонӣ андешаронӣ мекунанд. Агар шумо хоҳед, ки даромадатон зиёд гардад, чун одамони сарватманд андеша кунед. Харочоти худро дар ҳолати «худидоракунӣ» ё ба қавли маъмулӣ - «автопилот» гузоред, барои амалӣ кардани нақшаҳо ва орзуҳои хеш фикри худро ба як нуқта ҷамъ намоед.**

## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАГОНИ ДАВРАҲОИ ОМӮЗИШӢ

*Олмагул Ережепова, соли таваллудаш 1960, дар шаҳри Алма-ато зиндагӣ мекунад, соҳиби ду фарзанд, як духтар ва як писар аст.*

«Ман аз соли 2000-ум ин ҷониб ба тиҷорати шабакавӣ машғулам. Аввал ба худомӯзӣ машғул шуда, ҳамчунин ба давраҳои омӯзишии сатҳи байналхалқӣ мерафтам. Дар шаҳри Маскав дар як давраи омӯзишӣ ширкат доштам, ки дар он нотиқи забардаст аз Америко Даг Вид суханронӣ карда буд.

Мо дар соли 2003 бо тими худамон дар Киев аз мутахассиси рақами яки корҳои молиявӣ Бодо Шефер сабақ омӯхтем. Дар соли 2005 ба шаҳри *Алма-ато* устоди бизнес (бизнес-тренер) Ҷим Рон омад. Ман суҳбатҳои ҳамаи ин устодонро бодиққат гӯш мекардам, аммо дарк карда наметавонистам, ки чӣ гуна онҳоро дар ҳаёт истифода барам. Аммо соли 2011 бахт ба рӯям хандид. Ман дар давраҳои омӯзишии С. Давлатов ширкат кардам ва танҳо ҳамон вақт фаҳмидам, ки чӣ хел бояд дуруст амал кард.

Моҳи августи ҳамин сол писарам ба духтаре шинос шуд ва гуфт, ки ӯро ба занӣ гирифтан мехоҳад. Ҳамон шабу рӯз дар хона пул набуд. Шавҳарам се сол боз бемор буд ва ҳамаи дороии худро мо барои табобати ӯ харҷ кардем. Ман хеле фикр кардам, сипас нишаста, нақшаи амалӣ худро навиштам ва тӯйи хонадоршавии

E-mail: ziyozoda@gmail.com



писарамро ба ҳамаи хешовандон эълон кардам. Ҳамон вақт ман фаҳмидам, ки набояд ҳамеша дар бораи норасоӣ фикр кард. Тасмим гирифтам, ки минбаъд дар бораи даромад фикру андеша мекунам. Ман барои ҳар ҳафта барнома тартиб дода, мақсадҳои дар муддати кӯтоҳ амалишавандаро дар мадди аввал гузошта, ба кор шурӯъ кардам.

Банохост пулҳо аз ҳар ҷониб ба сӯи ман ба «омадан» шурӯъ карданд. Худам низ даромаде ба даст овардам, ногаҳон барои мо аз дӯстоне пул мерасид, ки ҳатто ман аз баъзеи онҳо инро умедвор набудам. Ҳамаи дӯстонамон ҳар қадаре, ки метавонистанд, кӯмак карданд. Тӯйро бе ягон харҷи зиёдатӣ гузаронидем ва ҳатто аз ин ҳисоб барои мо боз дастмояе низ боқӣ монд. Маблағи дар давоми се моҳ ба мо расида аз 25 ҳазор доллар иборат буд. Ман Худованди мутаъолро ҳамеша шукр мегузорам. Ӯст, ки дуои мо бандагонашро мустаҷоб мегардонад. Ман қариб 2 сол аст ,ки дар ширкати «Хуашен» кор мекунам. Дар ин ҷо тансиҳатӣ ёфтам ва имкон пайдо кардам, ки ба касони наздики худ ҳамеша кӯмак кунам».

**ХУЛОСА. Пойбанди мушкилоти худ ва нарасидани пул нашавед, ин ба шумо ҷуз ғаму андӯҳи зиёдатӣ чизи дигар намедиҳад, аммо мушкилот метавонад, баръакс, боз бештар гардад. Беҳтараш ин аст, ки дар бораи даромад, имконияти нав ва орзую мақсади худ фикр кунед. Ин ба шумо кӯмак мекунад, ки тарзу усули ба даст овардани пулро пайдо кунед, мушкилоти дар сари роҳи худ бударо бартараф намоед. Вақте ки инсон аниқ медонад ба ӯ чӣ миқдор пул зарур аст, барои чӣ зарур аст ва ин маблағ кай даркор аст, ӯ мисли оҳанрабо мешавад ва маблағи заруриашро на каму на зиёд ба сӯи худ мекашад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**Мағзи одам ин фикрро амалӣ мекунад. Ин чиз аз он вобаста аст, ки то чӣ қадар ин идея ё фикр шуморо ба ҷӯшу хурӯш меоварад, ё ки он то андозаи зарурӣ шуморо рӯҳбаланд мегардонад. Дар фосилаи 1 соат то 3 шабонарӯз, баъзан то 3 моҳ ин идея амалӣ мегардад. Қобилияти инсон чун атои илоҳӣ метавонад ҳар гуна маблағи дилхоҳи барои шумо заруррро пайдо кунад. Танҳо ба он супориши аниқ диҳед ва ба гувоҳии дили худ гӯш диҳед, он кореро анҷом диҳед, ки дилатон ба шумо гувоҳи медиҳад. Ҳамин тавр зуд амал кунед, интизор шуда наистед ва шумо ҳар чизеро, ки ният дошта бошед, ё аз дил гузаронида бошед, онро ба даст меоваред.**

**Ҳолати мазкур монанди аниқ донистани рақами телефонест, ки бояд шумо ба он занг занед. Категорияҳои «тахминан» ё «кӯшиш мекунам» ин ҷо ба кор намеоянд.**

## САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### ҶОН РОКФЕЛЛЕР

Ҷон Рокфеллер дар оилаи камбизоат ба дунё омадааст. Падари ӯ ба тарбияи фарзандон чандон аҳамият намедод, аммо модараш Элиза зани тақводору худотарсе аз пайравони калисои баптистӣ буд ва аз бачагӣ писарашро дар рӯҳияи худопарастӣ ва меҳнатдӯстӣ тарбият мекард.

Дар синни 16-солагӣ Ҷон дар ширкате, ки ба фаъолияти амволи ғайриманқул ва ҳамлу нақли баҳрӣ машғул буд, бори аввал дар мансаби начандон баланд ба кор шурӯъ кард ва дар ин ҷо то мансаби муҳосиб расида, бо даромади дар як рӯз 60 сент хизмат кард. Ин аввалин ва охирин кори муздноки ӯ буд. Вай дигар ҳеҷ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



гоҳ барои дигарон кор накардааст. Баъдтар ӯ ширкати начандон калони худро таъсис дода, ба савдои яклухт машғул шуд, ки аз он даромади бисёр надошта бошад ҳам, вале устувору доимӣ ба даст меовард.

Ин амали муҳим аввалин қадамҳои ӯ дар роҳи сарватмандӣ буд.

Бо вуҷуди ин ӯ боварӣ дошт, ки ҳар як одам имкони сарватманд шудан дорад ва дарк кард, ки агар дар дил хоҳишу ният дошта бошед, муваффақ шуда метавонед, орзуи худро дар бораи давлатмандию дороӣ ба ҳақиқат мубаддал мегардонед. Вай дар соҳаи бизнес таҷриба ҳосил намуда, самти асосии пешрафти худро муайян кард ва ин ду чиз ӯро сарватманд гардонид. Ӯ минбаъд ба амалҳои ҷасурона даст мезанад. Дар синни 31-солагӣ ширкати «Стандарт ойл»-ро таъсис дод, ки ба туфайли қобилияти ташкилотчигӣ ва иродаи қавияш он тадриҷан дар ҷаҳон ба ширкати бузургтарини ин соҳа табдил ёфта, Ҷон Рокфеллерро ба аввалин миллиардери Амрикои табдил дод. Ширкати ӯ ҳамчун бузургтарин ширкати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вориди таърих шуд.

Ҳамзамонони ӯ нақл мекарданд, ки Рокфеллер истеъоди ҳайратовари пул кор кардан дошт. Худи ӯ комёбиҳояшро хеле хоксорона шарҳ дода мегуфт: «Худованд барои ман пул мефиристад». Бо ин ҳама ӯ дар бачагӣ хеле меҳнатдӯст ва соҳибмақсад буд ва хуб дарк менамуд, ки коҳилӣ ва сустиродагӣ сабаби қариб ҳамаи нокомиҳо мебошанд.

Вай аз кори аввалини худ (замоне, ки пули ночиз мегирифт) шурӯъ карда, то охири умр 10% даромадашро ба калисо закот медод. Ба ғайр аз ин дар корҳои хайрия фаъолона ширкат намуда, дар таърих номи худро ҳамчун яке аз бузургтарин шахсони инсондӯсту соҳибэҳсон боқӣ гузошт. Дар охири умри худ бо мақсади хайру эҳсон ним миллиард долларро тақсим карда, ба одамон дод. Бунёди хайрияи Ҷон Рокфеллер то ҳол фаъолият мекунад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ДУЮМ

Пул арзиши чандон зиёд надорад. Қадру қиммат насиби он кас мегардад, ки соҳиби он аст. Агар инсон қадру манзалати худро надонад, ҳеҷ аст ва хуб мешуд, ки камбағал бимонад. Ҳеҷ чиз зишту бадтар аз сарватманди аблаҳ нест.

***Х. Виджил***

**Камбағалон тибқи категорияи «ман ҳамаи инро медонам» фикр мекунанд. Тафаккури сарватмандон, баръакс, фарогири андешаи зерин аст: «агар ин чиз маро дар коре кӯмак кунад, пас арзише дорад».**

Фарқи навбатӣ чунин садо медиҳад: нодорон тибқи категорияи **«ман ҳама чизро медонам»**, сарватмандон тибқи категорияи **«агар ин чиз маро дар коре кӯмак кунад, пас арзише дорад» андеша меронанд**. Категорияи «ман ҳама чизро медонам» чӣ маъно дорад? Вақте ки камбағалро пурсон мешавӣ: «Сабаби камбизоат буданатонро медонед?», ҳамоно ҷавоб медиҳад: «Оре, ман инро медонам» ва ҳазор сабаби нодории худро бо ангуштонаш мешуморад.

Боре шахсе ин суолро чунин шарҳ дод: «Ман фарзанди бисёр дорам ва то замони ба воя расонидани онҳо фурсате наёфтам, ки ба чизе муваффақ шавам». Ман аз ӯ боз суол кардам: «Яъне сабаби камбағалии шумо бачаҳоятон ҳастанд?». Ӯ дар ҷавоб гуфт: «Не, ман ин тавр нагуфтам». Маҷбур

E-mail: ziyozoda@gmail.com



шудам, ки боз аз ӯ такроран бипурсам: «Охир, худатон гуфтед, барои он камбағал боқӣ мондед,ки вакти худро барои бачагонатонро ба воя расонидан сипари намудед. Пас, шумо фурсат пайдо накардед, ки орзуҳои худро амалӣ кунед». Ӯ ба ман ҷавоб дод: «Бале, ҳамин тавр шуд». Боз аз ӯ пурсидам: «Оё мумкин аст бо дигар тарз, яъне ҳамчун одами сарватманд андеша кард?» Вай сухани маро дарк накард: - «О, ин чӣ гуна аст?» ӯро фаҳмондам, ки **сарватмандон чӣ гуна андеша мекунанд: «Ман бояд сарватманд шавам, зеро фарзандони зиёд дорам».**

Аксари одамони камбағал гумон мекунанд, ки ҳама чизро медонанд ва ин чиз онҳоро бозмедорад ва имкон намедиҳад, ки рушду инкишоф ёбанд. Дар асл, онҳо чизеро шунидаанд, ё дар куҷое хондаанд, аммо кулли донишро фаро нагирифтаанд, зеро илму дониш ҳамеша акси худро мегузоранд. **Нодорӣ низ натиҷа аст, аммо танҳо натиҷаи норасоии дониш аст**. Ҳар чизе, ки мо ба даст меоварем - комёбӣ, сарват, хушбахтӣ, иззату эҳтиром, эътибору эътироф,ба шарофати дониш аст.

Албатта, обрӯю эътибор мушкилотро ҳал намекунад, зеро **дониш маънои донистанро надорад. Дониш як чиз аст, аммо донистан, тамоман чизи дигар аст**. Дониш дар шакли иттилоот вуҷуд дошта, танҳо ифодагари нерӯи эҳтимолӣ аст. Барои он ки нерӯро истифода намоӣ, кордонӣ ва тавоноӣ зарур аст, ки дар вақти амал кардан ба вуҷуд меояд ва дар баробари он донишҳои азхудкардаатро низ истифода менамоӣ. **Дар вақти такрори бисёркаратаи ин амал автоматизм, яъне маҳорат ҳосил мешавад. Сарватмандӣ натиҷаи дар амал истифода бурдани дониш аст**. Аз ин рӯ агар ҳатто кам донӣ ҳам, бояд амал кунӣ.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ана **барои ҳамин ҳамаи донишҳои гирифтаатонро бояд доимо ба кор баред, дар ҳаёти воқеӣ истифода кунед, он гоҳ ҳатман натиҷа ҳосил мешавад.** Ин яке аз қонунҳост ва қонунҳо новобаста аз он, ки ту ба онҳо боварӣ дорӣ ё на, ҳамеша кор мекунанд. Охир, ту дона кишт намоӣ, ҳосил ба даст меоварӣ ва шарт нест, ки сабзаҳоро бо дастони худ боло кашӣ,онҳо худ ба худ ба нашъу намо медароянд. Ту бояд кори худро анҷом диҳӣ:ба киштзор об монӣ, поруҳои минералиро истифода намоӣ, хулоса, ба парвариши киштаи худ машғул шавӣ, боқимонда кори Ҳазрати Парвардигор аст. Ту кори худро, Ӯ бошад, кори худро анҷом медиҳад. Аммо Ӯ то он даме, ки ту қисми кори ба худат вобаста бударо анҷом надиҳӣ, ба ягон амал шурӯъ намекунад. Дар ин ҷо ҳам, чунин аст. Донишҳои омӯхтаи худро истифода намо, маҳорату кордониро ёд бигир, ҳатман натиҷа насиби ту хоҳад шуд.

Боз такрор мекунам. Мушкили аксари одамон он аст, ки ба андешаашон гӯё ҳамаи ин чизҳоро медонанд. Аммо ҳамадон танҳо Худованд аст, одамони ҳамадон аслан вуҷуд надоранд. Одамони сарватманд тамоми умр шогирд боқӣ мемонанд. Аммо тафаккури одамони нодор онҳоро ба қафо мекашад. Мавқеи ҳаётии онҳоро ғурури «ҳамадонӣ» муайян мекунад ва инсон қобилияти аз дигарон омӯхтанро аз даст медиҳад. Агар ӯ ба ҳарфи дигарон гӯш кунад ҳам, аздусар иттилоотро қабул карда наметавонад, онро таҳлилу муҳокима намуда, билохира ба зери шубҳа мегузорад, зеро ки дар сатҳи зершуур доимо дар муқовимат қарор дорад. Ҳатто агар як зина боло равад ҳам, ҳамоно ғурури ӯ боз бештар мегардад ва дарк намекунад, ки «арш»-и муваффақияти ӯ барои дигарон ҳамагӣ «таҳкурсӣ» аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Сарватмандон ин чизро дарк мекунанд. Онҳо медонанд, ки дар ин ҷаҳон фақат табиат комил буда, он аз худ низоми созгоршударо нишон медиҳад. Ин инсон аст номукаммал, аммо барои ба камолот расидан метавонад саъю талош карда, дар рушду инкишофи худ боло равад. Дарки ин ҳақиқати оддӣ –«камолот ҳад надорад» зарур аст. Ин одамонро ба принсипи «агар ин чиз маро дар коре кӯмак кунад, пас арзише дорад, ман бояд онро биомӯзам» оварда мерасонад. Онон омода мешаванд, ки аз ҳамаи одамон - зердастон, шарикон, рақибон - чизе биомӯзанд ва аз эътирофи он, ки чизеро намедонанд, ҳеҷ гоҳ шарм намедоранд. Онҳо савол медиҳанд, донистан мехоҳанд, муайян мекунанд, онҳо аз оқилон ва ҳатто аз бачагон меомӯзанд. Ҳамеша барои андӯхтани дониш аз ҳар гуна имконият истифода мекунанд.

**Охир, одами бомаърифату босавод на он аст, ки дорои дипломи маълумоти олӣ аст, балки онест, ки қодир аст масъалаҳоеро ҳал кунад, ки онҳо барои дигарон дастнорасанд.**

Аз ин нуқтаи назар одамони донишманд дар ҷаҳон нисбат ба онҳое, ки муассисаҳои олии таълимии мухталифро хатм кардаанд, басо камтаранд. Аз ин рӯ мураттаб кардан ва истифода бурдани донишро дар амал биомӯзед. Дар ҳаёт танҳо соҳибистеъдод ва қобилиятнок будан ҳанӯз кофӣ нест, истифода бурда тавонистани истеъдод ва қобилият низ зарур аст. Ҳамчунин аз тафаккури камбағалон халос бояд шуд, ҳаргиз нагӯед, ки ҳама чизро медонам. Ҳамчун одамони сарватманд аз рӯи принсипи **«агар ин чиз маро дар коре кӯмак кунад, пас арзише дорад»** амал кунед.

Ман ин чизро борҳо бо чашми худ дидаам ва таҷриба кардаам. Ҳамаи одамони тавоно ва сарватманд устод ё мушовир доранд. Аммо мардуми нодор

E-mail: ziyozoda@gmail.com



на мушовир доранд ва на устод. Барои он ки онҳо ҳама чизро инкор мекунанд ва гумон мебаранд, ки гӯё ҳама чизро медонанд. Заҳмат ва мушкили онҳо маҳз дар ҳамин аст. Аз ҳама гуноҳи азим худхоҳию худпарастист. Ваҳшатангезтарин факр, ин нодонист. Ҳар он чизеро, ки инсон дарку фаҳм намекунад, онро қабул надорад. Ин ҳақиқат аст. Аз ин чиз хулоса бароред. Дар дунё ягон чаҳонқаҳрамони бе мураббӣ вуҷуд надорад. Одам метавонад мус-такилона варзишгари хуб ё қаҳрамони кӯчаи худ гардад, аммо наметавонад қаҳрамони киш-вар ва ҷаҳон бошад. Танҳо аҳмақ илму донишро инкор мекунад.

- САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## ҶЕЙМС ҲАРРИС САЙМОНС

Дар миёни аҳли илм миллиардерон чандон зиёд нестанд. Бисёриҳо бар ин андешаанд, ки математикаи олӣ ин на он илмест, ки ба василаи он пул кор кардан мумкин бошад. Рақамҳои муҷаррад, формулаҳои мураккаб ва печдарпеч ба назар чунон менамоянд, ки гӯё аз ҳаёти воқеӣ дуранд. Аммо Ҷеймс Ҳаррис Саймонс - математики ҳафтодсола исбот кард, ки чунин нест. Фонди мутааллиқ ба ӯ дар соли 2007 беш аз 2,8 миллиард доллар ба даст овард, ки он натиҷаи бениҳоят баланд аст. Дар синни бачагиаш Ҷеймс аллакай ба математика шавқ пайдо намуда, масъалаҳои мураккабро ҳал мекард. Ба туфайли қобилияти ғайриоддияш ӯ барвақттар ба донишгоҳ дохил шуд ва ҳанӯз дар синни 19 - солагиаш дараҷаи бакалаври Донишгоҳи машҳури технологии Массачусетро соҳиб гардид. Дар соли 1962 дар синни 23-солагӣ рисолаи докториро аз фанни геометрия дифоъ мекунад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Бори аввал идеяи истифодабарии алгоритми математикӣ дар бозори асъор ба фикри ӯ омад ва ин чиз ӯро бениҳоят сарватманд гардонид. Ин идея нафъовар шуд ва ба соҳибаш миллиардҳо доллар фоида овард. Баъдтар ӯ қоидаҳои асосии усулҳои математикиро барои тасмимгирӣ дар ширкати худ таҳия намуд. Дар ҳақиқат Саймонсро одами донишманд номидан мумкин аст, зеро вай он масъалаеро ҳал кард, ки ҳалли он барои мутахассисони дигар ғайриимкон буд.

Ӯ дар тими худ қариб 60 нафар математикҳо, физикҳо ва мутахассисони таҳлили иқтисодиро аз кишварҳо ва қораҳои мухталиф гирди ҳам овард. Онҳо модели компютериро кор карда баромаданд, ки шароити пешгӯии тағйироти нарх дар бозорро фароҳам сохта, ба он имкон медод, ки вазъияти гуногунро дар бозиҳои биржавӣ бештар аниқ дар назар дошта бошад. Имрӯзҳо ширкати Саймонс дар тамоми биржаҳои фондӣ, асъор ва молу ашёи ҷаҳон савдо мекунад. Тамоми хариду фурӯши он дар асоси формулаҳои математикӣ анҷом дода мешаванд.

Фақат дар дафтари марказии ширкати ӯ дар Нью-Йорк қариб 200 нафар одамон машғули кор мебошанд. 30% онҳо докторҳои илм ҳастанд. Якҷоя бо тамоми шуъбаҳои худ ширкати онҳо бештар аз 30 миллиард долларро идора мекунад. Ин мисол шоҳиди он аст, ки дониш ва ҳатто дониши академӣ ҳеҷ гоҳ чизи зиёдатӣ нест. Танҳо зарур аст, ки иттилооти дар муассисаи олии таълимӣ гирифтаи худро барои боло бардоштани некӯаҳволии худ истифода бурда тавонед.

**ХУЛОСА. Дар роҳи рушд ва инкишофи худ таваққуф накунед, омӯзед ва дониш гиред. Илму дониш барои амалӣ кардани орзуҳои худ танҳо дар он ҳолат ба шумо кӯмак мекунанд, ки агар шумо онҳоро дуруст ис-**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**тифода бурда тавонед. Одамони таҳсилдида бисёранд, аммо онҳое, ки дониши худро дар ҳаёт истифода бурда метавонанд, бениҳоят камшуморанд.**

**Аз қадимулайём ҳамаи одамони бузург устод доштанд ва дар овони хурдсолӣ** аз онҳо илму ҳунар меомӯхтанд. **Аз осори пешгузаштагон маълум мешавад, ки** ҳамаи шоҳзодаҳо ва фарзандони аъёну ашроф дар кӯдакӣ аз устодон ҳамагуна илму ҳунар меомӯхтанд. Агар хоҳед,ки шоҳона зиндагӣ кунед, барои худ устод пайдо намуда, аз илму ҳунари ӯ баҳраманд шавед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ СЕЮМ

Идеяҳо сармояҳое мебошанд, ки танҳо дар дасти одамони соҳибистеъдод фоида меоранд.

*Антуан Риварол*

**Камбағалон тибқи категорияи издиҳом (мардум чӣ мегӯянд), сарватмандон тибқи категорияи фард (ман шахсиятамро чи гуна бояд созам?) фикр мекунанд.**

Фарқияти навбатии тафаккур - **нодорон тибқи категорияи издиҳом андеша мекунанд.** Ин чӣ маъно дорад? Онҳо ба таври оддӣ, аз рӯи принсипи «Ман кореро мекунам, ки дигарон низ онро анҷом медиҳанд» рафтор мекунанд. Агар ягон идея ё орзуе пайдо шавад, онҳо чунин рағбат зоҳир менамоянд: оё касе метавонад ба ҳамин монанд чизеро анҷом диҳад? Онҳо ба саволи худ ҷавоби инкор гирифта, хулосаи нодуруст мебароранд. Ин ҳолат барояшон чунин маъно дорад, ки ин кор ғайриимкон аст. Ё фарз кардем, шумо бо мақсади нақл кардани орзу, идея ё нақшаҳои худ ба назди рафиқатон омадед ва аввалин чизе, ки аз забони ӯ мешунавед, танқид аст. Рафиқ якбора аз ҷустуҷӯи айбу нуқсони идеяи шумо шурӯъ мекунад ва маслиҳат медиҳад, ки ҳарчи зудтар аз ин фикр даст кашед, ё ин ки дар мавридҳои хеле кам вай шуморо ҷонибдорӣ мекунад. Дар бораи нақшаҳои худ ба ҳар нафаре, ки нақл накунед, дар ибтидо дар ҷавобатон танбеҳу сарзанишро мешунавед. Барои он ки одамони нодор дар дараҷаи из-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



диҳом андеша мекунанд ва намехоҳанд, ки дар ин ё он амал аввалин бошанд, дар маҷрои умум мераванд ва дар маҷрои умум амал мекунанд ва баъд барои ҳақ баровардани худ мегӯянд: «Ҳама гурехтанд ва ман ҳам гурехтам, аммо барои чӣ, намедонам».

Баъзан аз шогирдон мепурсам: «Кӣ сарватманд шудан мехоҳад?» Дар ҷавоб мешунавам: «Ҳама». Ба онҳо мегӯям: «Танҳо аз номи худ ҷавоб диҳед». Аммо дар ҷавоб боз мешунавам: «Ҳама мехоҳанд»! Ин рӯҳияи издиҳом аз куҷо сар мезанад? Маълум мешавад, ки танҳо дар издиҳом будан ва барои чизе ҷавоб нагуфтан осон будааст.

Охир, издиҳомро ҳеҷ кас айбдор намекунад. Кӣ гунаҳгор аст? Ҳама гунаҳгоранд. Ҳамаро бошад, ба маҳкама кашидан ғайриимкон аст. Кӣ бояд партовҳои кӯчаҳоро рӯбад? Ҳама. Аммо аз касе анҷом додани кори мазкурро талаб карда наметавонед. Кӣ бояд супоришро иҷро мекард? Ҳама. Баъд аз пурсишҳо мефаҳмед, ки ягон нафар худро гунаҳгор намеҳисобад. Бинобар ин тибқи дараҷаи издиҳом фикр кардан осон аст. Ҳеҷ кас барои коре ҷавобгӯю масъул нест, худро ҳақ баровардан ҳамеша осон аст.

Мо одатан аз забони мардуми худ мешунавем: «Аз ҳамсоя кам набошем, шуд», «Ба қатори халқ», «Кама диҳаду ғама надиҳад». Чунин тарзи фикрронӣ хоси издиҳом аст. Вақте, ки шумо монанди «ҳама» андешаву амал мекунед, ҳаёти шумо низ ба ҳаёти «ҳама» монанд мешавад. Табиист, ки «ҳама», яъне издиҳоми беташаббус ва дар интизори «ҳалвои осмонӣ» буда, хушбахту муваффақ шуда наметавонанд.

Вале сарватмандон тибқи категорияи шахсият фикр мекунанд ва мегӯянд: *«Ҳаёти ман фақат ба худи ман вобаста аст. Ман худам барои вазъияти зиндагиам масъул ҳастам. Ман худам бояд эҳсосоти худро идора кунам, ман худам бояд тафаккури*

E-mail: ziyozoda@gmail.com


*худро тағйир диҳам, ман фарди нотакрор ҳастам, чунин инсон дар ҷаҳон нест ва буда ҳам наметавонад. Ва ҳамаи он чизе, ки дар ихтиёри ман аст, он ҳаёти шахсии ман аст. Ман бояд онро тарзе гузаронам, ки онро худам мехостам ва орзу мекардам».* Ин маънои тибқи категорияи фардӣ андеша карданро дорад. **Мо, шояд, ҳозир наметавонем бо дастони худ орзуҳои худро амалӣ кунем, шояд имконияти мо иҷозат намедиҳад ба он даст расонем, аммо дасти андешаву тафаккури мо ба орзуҳои мо мерасад.**

**Агар он кореро, ки дигарон ба субут мерасонанд, мо ҳам анҷом диҳем, мо низ натиҷаи бадастовардаи онҳоро ба даст хоҳем овард.** Аммо ҳамаи одамон сарватманд ва муваффақ шуда наметавонанд. Бинобар ин моро зарур аст, ки роҳи худро пайдо кунем, то ки он моро ба орзуямон бирасонад.

Устодам боре ба ман гуфт: Му**ҳим нест, ки ту бо ин роҳ босуръат ё оҳиста меравӣ, муҳим он аст, ки ту дар ин роҳ равонаӣ, замоне зуд ё дер ту албатта ба манзили мақсади худ, рафта мерасӣ. Ин ҷо худи интихоб муҳим аст.**

Биёед, гузаштаро ёд кунем. Камбағалон бо як сабаби умумӣ ҳама бебизоат мемонданд ва ҳамаи онҳо дорои гузаштаи яксону якранги ҳаётӣ мебошанд. Аммо ҳамаи сарватмандон тарҷумаи ҳоли нотакрор ва пуробуранг доранд, ки дар бораи чӣ гуна ба он муваффақ шуданашон қисса мекунад. Хулоса ин тавр ба анҷом мерасад: барои он ки ба ҷое расед, ё чизеро ба даст оред, бояд аз издиҳом ҷудо шавед ва ба фард табдил ёбед, яъне тибқи категорияи фардӣ фикру андеша намуданро оғоз кунед.

Дар баробари он ҳеҷ гоҳ роҳ надиҳед, ки худбинию шуҳратпарастӣ шуморо мутеи худ гардонанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com


Ин хислатҳои бад одамонро аз шумо дур мегардонанд, шахсиятро маҳв мекунанд, сипас дар роҳи расидан ба комёбӣ монеа мегарданд. Бо вуҷуди ин худхоҳон дар аксари мавридҳо ба комёбӣ ва сарват даст меёбанд, аммо қобилияти нигоҳ доштани он ва хушбахт шуданашонро аҳён-аҳён мебинем. Шумо пурсед, ки худхоҳ будан ё набудани одамро чӣ гуна муайян кардан мумкин аст? Ин кор хеле осон аст. Ба таври муштарак, анҷом додани ягон амалро шурӯъ кунед, муомилаи молӣ барпо кунед ва шумо одами худхоҳро зуд фош мекунед. Чанд муддат нагузашта, одами худхоҳ ҳатман ботинашро ошкор месозад. Бо чунин одамон ҳаргиз якҷоя кор накунед, зеро одами худхоҳ муваффақияти умумиро моли худ меҳисобад, дар тамоми кор, тавре ки мегӯянд, «кӯрпаро болои худ мекашад», танҳо аз манфиати худ дифоъ мекунад, алалхус дар масъалаи пул. Ӯ ҳаргиз нияти онро надорад, ки дар ҳаққи дӯстон, ҳамкорон, хешу ақрабо ғамхорӣ кунад. Агар шумо хислати худхоҳӣ дошта бошед, зудтар аз он халос шавед.

## МУЛОҲИЗАИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГ

Издиҳом нерӯмандтарин «минтақа»-и ҳузуру ҳаловат аст. Издиҳом маънои онро дорад, ки одам монанди дигарон амал мекунад ва шахсан вуҷуд надорад. Ин хостагирӣ аз кист? Аз худи шахс аст. Инсон барои дар байни ҷомеа зистан талош намуда, шояд дарк накунад, ки чӣ гуна ба як ҷузъи издиҳом мубаддал мегардад. Ҷамъият вуҷуд дорад. Дар ҷамъият зиндагӣ карда, берун аз ҷамъият будан ғайриимкон аст, ҷамъият аз шахсиятҳо ташаккул меёбад. Аммо ҷамъият ва издиҳомро набояд як чиз донист. Инсон замоне ҷузъи издиҳом мегардад, ки худ дигар фикр кардан намехоҳад, ӯ дар пе-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ши худ қолаб гузошта, дохили он мешавад ва дар он ҳаёт ба сар мебарад.

Фардияти худро дарк кунед. Худро биомӯзед. Худро дӯст доред. Агар чизе дар ҳастии шумо ба худи шумо мақбул нест, онро ноаён оҳиста-оҳиста ислоҳ кунед ва аз ҳама муҳимтар ин аст, ки 100% масъулиятро худи шумо ба зимма бигиред. Ҳатто себҳои як дарахт наметавонанд бо ҳамдигар монанд бошанд.

Инак, нумӯъ ва пухта расидани фардро дар худ фикр карда, пайдо кунед. Шумо шахсият ҳастед, барои он ки ҳеҷ набошад, аллакай ин китобро хондаед. Ман бошам мехоҳам, ки «издиҳом»-ро «эҳё» кунам. Вақте ки ман ба онҳо китоби «Ману пул»-ро медиҳам, ба ростӣ, худро чунин ҳис мекунам, ки гӯё ба дасти марди некӯноми оиладор маҷбурӣ «Камасутра»-ро дода, бар замми ин азхудкунии таҷрибавии якҷояи онро низ пешниҳод мекунам. Онҳо чунон бо тарсу ҳарос китобро мегиранд, ки гӯё ба худ мегуфта бошанд: «нохост касе дида монад, хуб намешавад, ҳар чӣ набошад, ман бояд бо завҷаам маслиҳат кунам», вагарна чизе шавад ва аз гуноҳ ҷои гурез нест. Бубинед, то чӣ дараҷа одати «монанди дигарон будан» пурзӯр аст!

Агар сардор гирифта хонад, чунин одамон низ мехонанд, вагарна не, дар ин ҳолат «бубахш, наметавонам, ба тағйир додани сатҳи издиҳом ҳақ надорам». Бале! Натарсед! Шумо сарватманд мешавед. Ба худ иҷозат бидиҳед, ҳеҷ не дар ин бора фикр кунед ва ҳама чиз оҳиста–оҳиста чун дар «Камасутра» бе ман мешавад. Аз рӯи дараҷаи бемаънӣ ва ҳарза буданаш ибораи машҳури замони шӯравӣ «дар ҷамъияти мо шаҳват вуҷуд надорад» хеши на чандон дури дилхушкунандае дорад, ки чунин садо медиҳад: «Ба мо пул лозим нест». Пул кай зарур мешавад? Вале замоне зарур мешавад, кадом одами миёнаҳол кунҷе нишаста, ашк мерезад, зарур шавад, ӯро даъват кунанд, ҳадафи тир қарор

E-mail: ziyozoda@gmail.com


мегирад. Издиҳом минтақаи хатарноктарини «роҳат» аст.

Қаҳрамони филми «Истеҳзои тақдир» Лукашин мегӯяд: «Баъзан барои табобати бемор ӯро азият додан зарур аст». Ман касеро азият доданӣ нестам, ба касе низ ноқисиеро таманно надорам.Ҳаргиз намехоҳам, ки касе фурӯмоягиро ҳис кунад. Ман танҳо онро мехоҳам, ки ҳар инсон қобилияту истеъоди бузурги ба ӯ додашуда -фард буданро дар худ бикушояд. Аммо ба издиҳом бояд гуфт: «Раҳмат ба ту издиҳоми азиз, солҳои дароз ту маҳали ҳаловати ман будӣ, ту маро пинҳон кардӣ ва дар оғӯши худ парвардӣ, аммо вақти рафтани ман фаро расид» ва ҳарчи зудтар аз он бояд дур шуд.

## ▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## БИЛЛ ГЕЙТС

Аз рӯи тарҷумаи ҳоли Билл Гейтс чӣ гуна ба даст овардани комёбиро метавон омӯхт. Ӯ аллакай дар бачагиаш шахсияти дурахшони худро зоҳир намуда, аз бисёр ҳамсолони худ бо ақли мароқангези худ фарқ мекард. Соли 1962 дар шаҳре, ки ӯ ба дунё омадааст, намоишгоҳи байналмилалӣ баргузор мешавад ва Билл, ки ҳамон замон 7 сол дошт, бо як шавқу рағбати беандоза дар толорҳои намоишгоҳ гашту гузор карда, бодиққат таҷҳизоти ба тамошо гузоштаро меомӯхт. Ин таҷҳизот дар бораи тадқиқоти кайҳонӣ, технологияи баланд (олӣ), компютерҳо ва дигар навовариҳои техникӣ нақл мекарданд. Дар 9-солагӣ ӯ тамоми ҷилдҳои «Энсиклопедияи умумиҷаҳон»-ро хонда мебарояд. Ҳангоми таҳсил дар мактаби хусусӣ дар синни 13-солагӣ ба сохтани аввалин барномаҳои худ шурӯъ мекунад.

Ӯ дар ҷавонӣ мустақилӣ зоҳир карда, тасмимҳои ғайриоддӣ мегирифт, ки онҳо ба одамони атроф са-

E-mail: ziyozoda@gmail.com

букфикрӣ менамуданд. Баъди хатми мактаб ба Донишгоҳи бонуфузи Гарвард дохил шуда, дар синни 19 - солагӣ ғайри чашмдошти наздикон (ва издиҳом) донишгоҳро тарк мекунад, то ин ки ширкати хусусии худро таъсис диҳад. Ҳеҷ кас он вақт гумон намекард, ки баъди чанд сол ин ширкати тоза бунёд консерни (иттиҳодияи якчанд муассисаҳои тиҷоратию саноатӣ дар зери як роҳбарияти умумии молиявӣ) фаромиллӣ табдил ёфта, поягузори худро миллиардер мегардонад. Маҳорати Гейтс оиди пешбинӣ намудани имкониятҳои беҳудуди компютерҳои инфиродӣ ва саноати таъминоти барномаҳо, омили асосии муваффақияти ширкати «Майкрософт» гардид.

Дар роҳи расидан ба мақсади хеш ӯро зарур буд, ки воқеӣ будани идеяи худро дар амал исбот кунад. Дар он вақт одамони бисёр, аз он ҷумла роҳбарони ширкатҳои машҳур, ба дурнамои истифодаи васеи компютерҳо чандон бовар надоштанд ва ҳама гуна пешниҳодро барои сармоягузорӣ дар ин соҳа рад мекарданд. Бинобар ин дар марҳилаи аввали кор ӯро мушкилоти кофӣ дунболагир буданд. Ба ин нигоҳ накарда, аз рӯзҳои аввали ба вуҷуд омадани ширкат асосгузори он чунин мақсади стратегиро пайгирӣ мекард: **компютер рӯи ҳар як миз бояд мавҷуд бошад. Ба ягон чиз нигоҳ накарда, ӯ ба идеяи худ боварии хеле зиёд дошт.**

Дар муддати начандон тӯлонӣ ширкат ба маънои пуррааш аз таҳиясозии барномаҳои забонҳои компютерӣ шурӯъ карда, то истеҳсолкунандаи ҳамаи системаи амалиётии навъи Windows, барномаҳои Word, Excel ва ҳамчунин «олоти»-и барномаҳо роҳи тӯлониро тай кардааст. Бар замми ин, ширкат талош мекунад, ки корро бо компютер бештар бароҳат, оддӣ, гуворо ва каммасраф намояд.

Асосгузори ширкат Билл Гейтс аллакай чанд даҳсола аст, ки дар садри сарватмандтарин афроди дунё қарор дорад. Ибтикори ӯ ибратомӯз ва илҳомбахш аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Вай бо нерӯи пурра кор карда, на танҳо ба гулгулшукуфии ширкати худ муваффақ шуд, ҳамчунин унвони яке аз сарватмандтарин инсони ҷаҳонро барои худ касб кард. Дар айни ҳол сармояи Гейтс беш аз 79,2 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Як ҳиссаи сармояи худро ӯ бо мақсади хайрия сарф мекунад. Бо ҳамдастии завҷааш ӯ фонде таъсис додааст, ки маблағи он барои дастгирии омӯзиш ва тандурустӣ истифода мешавад.

**ХУЛОСА. Ҳаргиз саъй накунед, ки «чун дигарон» бошед, фард будани худро зоҳир намоед. Ҳар инсон дорои қобилият ва хислати хосе аст, ки ӯро ин ду чиз шахсияти нотакрор мегардонанд. Танҳо истеъдоди худро дар ҳаёт амалӣ карда, шумо метавонед ба мақсади худ бирасед ва орзуҳои худро амалӣ кунед.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ЧОРУМ

Барои фарқ гузоштан байни сарватманд ва камбағал тарс ҳиссиёти асосӣ аст. Дар ҳаёти худ боре бо одами сарватманде во-нахӯрдаам, ки замоне пули худро аз даст надода бошад. Вале ман шумораи зиёди одамони нодорро медонам, ки як сент но-буд накардаанд.

***Роберт Кийосаки***

**Камбағалон тибқи категорияи тарс, сарватмандон тибқи категорияи муҳаббат андеша мекунанд.**

Тафовути навбатӣ – нодорон тибқи категорияи тарс андеша мекунанд. Онҳо ҳамеша аз нобуд шудани пул ва аз даст рафтани дороии худ меҳаросанд. Агар одамони камбағал пул ба даст оранд, талош мекунанд, ки ҳарчӣ зудтар аз он халос шаванд. Аз тарси он, ки пулро нобуд ё барои ҳоҷати ҳаррӯза харҷ накунанд, мошин, хона ё таҷҳизоти маишӣ мехаранд. Онҳо одатан дар чунин мавриḍ мегӯянд: «Зудтар бояд чизе харид, бигзор истад, хӯрдани ю нӯшиданӣ талаб намекунад, эҳтимол, дертар зарур шавад». Бештари одамони камбағал дар истифодаи пул аз таваккал кардан ҳарос дошта, аз нобаробарии кор дар бизнес ва ҳатто аз идора кардани пулҳои худ низ тарс доранд, зеро ҳамеша дар бораи имкони аз даст рафтани онҳо фикр мекунанд.

Одами муқаррарӣ ва солимақл бояд тарс дошта бошад. На он одаме бурд мекунад, ки аз ҳеҷ чиз

E-mail: ziyozoda@gmail.com



наметарсад, аслан чунин одамон вучуд надоранд. Мо намегӯем, ки шумо бояд мутлақо одами нотарсу часур бошед. На. Ҳатто аз ҳама часуртарин одамон аз чизе метарсанд. Аммо идора кардани тарсу ҳароси худро низ бояд омӯзед.

Масалан, агар одам аз машғул шудан ба бизнес тарсу ҳарос дошта бошад, барои ӯ гирифтани тасмим хеле мушкил аст. Ӯ аз варшикаста (банкрот) шудан метарсад. Ҳамаи корҳое, ки бо пул иртибот доранд, барои ӯ барангезандаи тарсу ҳарос мебошанд. Барои чӣ? Барои он ки бехабарию номаълумӣ ин худ ҳарос аст. Ин яке аз намудҳои тарс аст - тарс аз номаълумӣ.

Номаълумӣ тамоми одамонеро, ки тибқи категорияи камбағалӣ фикр мекунанд, аз амал кардан боздорад. Танҳо Худованд медонад, ки фардо чӣ мешавад, на сарватмандон медонанду на камбағалон. Сарватмандон низ қобилияти каромот кардан надоранд, аммо онҳо эътиқоду боварӣ доранд ва ба Худованд такя карда ба коре даст мезананд, ки қудрати беҳтар анчом додани онро доранд. Онҳо ба тарси худ маҳдуд нашуда, балки тамоми фикру зикрашонро ба амалӣ кардани орзуи худ равона месозанд.

Бисёрии мардуми камбағалро ангезаи тарс фарогир аст. Масалан, агар ба одами камбағал пешниҳод шавад,ки барои лоиҳаи 1000 доллар арзиш доштаи то 2000 ҳазор доллар даромад оваранда маблағ пайдо намояд, ҳатто агар ин миқдор пулро дошта бошад ҳам, хатари аз даст рафтани маблағ ӯро намегузорад, ки дар кори ин лоиҳа ширкат кунад.

Агар ҳодисаи ғайричашмдоште рӯй диҳад, масалан, бо мошини худ ба мағоза рафта, аз парешонхотирӣ ногаҳон ба автомашинаи дигаре бархӯрад, дар ин ҳолат пардохти зарари расонидашуда пеш меояд. Ҳатто камбағал ин миқдор пулро надошта бошад ҳам, аз кучое банохост онро зуд пайдо мекунад. Зеро

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ангезаи тарс то пайдо намудани ин маблағ ӯро ором намегузорад.

Агар ҳаёт ӯро дар вазъияти бениҳоят душвор қарор диҳад, ба зудӣ тасмим мегирад. Зеро шароит ӯро маҷбур мекунад. Аммо ӯ аз истифодаи имконияти сарватманд шудан меҳаросад, зеро имкони интихоб дорад ва ба ин сабаб хатари но-омади кор, ҳамеша дунболагираш аст.

Сарватмандон тибқи категорияи ишқу муҳаббат фикр мекунанд. Ин чӣ маъно дорад? Мо саргузашту қиссаҳои зиёдеро шунидаем, ки онҳо дар бораи чӣ гуна барои ишқу муҳаббат одамон аз болои ҳаргуна сахтию душворӣ ғолиб омада, монеаҳои зиёдеро паси сар кардаанд, нақл мекунанд. Маълум мешавад, ки **ҳамагӣ ду дармони тарс - ишқ ва дониш вуҷуд доштааст**. Ин маънои онро дорад, ки инсони гирифтори ишк метавонад ба тарс ғалаба кунад. Агар ба хотири ишки худ диловарию қаҳрамонӣ кардан зарур гардад, ошиқ мудом омода аст онҳоро иҷро кунад. Таърихро ба ёд овареd. Ҳамаи қаҳрамононро ишқу муҳаббат илҳом бахшидааст. Муҳаббат ба Ватан, ба волидайн, ба зебосанами дӯстдошта!

Онҳое, ки тибқи категорияи факру нодорӣ фикр мекунанд, нисбат ба даромад муносибати хос доранд. Аксар мавридҳо онҳо чунин амал мекунанд: як миқдор пул кор карда, беҳолу бемадор мешаванд, сипас истироҳат мекунанд. Факат вакте мебинанд, ки тамом шудани пулҳо наздик омадааст, аз нав бо қувваи дучанд кор мекунанд. Чунин одамонро тарси фарорасии бе пул мондан,тадриҷан ба амали фаъолона таҳрик медиҳад.

Ман одамонеро медонам, ки 500 доллар кор мекунанд ва то тамом шудани ин пул зиндагӣ мекунанд. Онҳо таҳлилро далел меоранд, ки онро, масалан, ба ин шакл баён мекунанд: «Пул тамом мешавад, оила-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ро бояд хӯронид, яъне аз нав ба кор бояд шурӯъ кард». Тарзи андешаронии сарватмандон дигар аст. Онҳо мегӯянд: «Барои имрӯз пул мавҷуд аст, бо истифода аз имконияти мавҷуда, ба хотири таъмини оилаи худ, то ин ки дар оянда бе пул намонад, корро идома додан шарт ва зарур аст» ва фаъолияти худро қатъ накарда, онро идома медиҳанд.

Сарватмандон инчунин мегӯянд: «Ман соҳиби фарзандонам, бояд сарватманд шавам», нодорон бошанд мегӯянд: «Ман камбағал ҳастам, барои он ки фарзанди зиёд дорам». Дидед, онҳо дар як ҳолати монанд, вале мухталиф андеша мекунанд ва далелҳои овардаи онҳо низ гуногунанд. Сарватмандон ба таври оддӣ, тибқи категорияи ишқу муҳаббат фикру андеша мекунанд. Онҳо ба хотири маҳбуба ва оилаи худ омодаанд, ки ҳамаи монеаҳоро бартараф кунанд.

Бар замми ин, ба хотири созгории оиладорӣ саъю кӯшиши зиёд кардан зарур аст. Агар шумо дар роҳи худсозӣ ва рушди шахсияти хеш қадам бардоред, созгории оилавӣ имконпазир мегардад. Чанде пеш ман занеро вохӯрдам, ки мегуфт: «15 соли ҳаёти худро ба тарбияи шавҳарам сарф кардам». Барои ман суханони зан бисёр мароқангез буданд. Ӯ шавҳари худро чӣ гуна тарбия кардааст?

Умуман то 18-20-солагӣ мардонро модарон «месозанд». Дар ташаккулёбии писар ҳамчун шахсият маҳз модар нақши бузург дорад. Аммо минбаъд зани дигар ба миён даромада, тамоми дастовардҳои модарро шикаста, мардро ба таври худ аз нав дигаргун месозад, дар солҳои минбаъда тамоми одатҳо, фаҳмишҳо ва тарбияи пешинаи мард тағйир меёбад.

Дар ин ҷо чанд сабаб вуҷуд дорад. Биёед, дар бораи баъзе аз онҳо, ки донистанашон барои шумо зарур аст, суҳбат кунем. Вакте мард оила барпо мекунад, ӯ умед дорад, ки духтари ба занӣ гирифтаи ӯ тамоми

E-mail: ziyozoda@gmail.com



умр чунин мемонад. Мутаассифона, ӯ сахт иштибоҳ мекунад. Ин мард духтарони бисёреро дида буд, аммо зани ҳозираашро интихоб намуда, бо орзуҳои ширин бо вай акди никоҳ баст. Зикр кардан зарур аст, ки ӯро яъсу ноумедиҳо интизоранд. Акнун ҳолати баръаксро таҳлил мекунем. Вакте ки зан шавҳар мекунад, умед дорад, ки ҳамсари ӯ тағйир меёбад. Ӯро ҳамеша чизе безобита мекунад. Ӯ фикр мекунад: «Бале, шавҳарам хубу меҳрубон аст, вале агар каме бочуръат, суботкор, пурбардошт мебуд». Ӯ тамоми ҳаёт мехоҳад, ки ӯро аз нав тарбия кунад, дигаргун созад. Ҳамаи решаи ихтилофҳо маҳз аз ҳамин нукта сар мезанад.

Аммо тибки ҳисобҳо, бештари муваффакиятҳои мард аз зан вобаста мебошанд. Агар зан мардро илҳом бахшида тавонад, ба худхоҳии ӯ фишор наоварад, ӯро боодобона ислоҳ намояд, ба иззати нафси ӯ ҳеҷ гоҳ нарасад, вай метавонад кӯҳро чаппа кунад. Ин хеле муҳим аст. Вакте ки ин ё он кори мард омад накунад, зан бояд ҳеҷ гоҳ ӯро таънаву маломат накунад. Зан набояд ба мард рамузгирона фаҳмонад, ки ту бетолеъ ҳастӣ. Ин беандоза муҳим аст.

Агар марди аз ҳама муваффак ба дасти зани шаттоҳ ва ҳамеша аз чизе норозӣ афтад, вай эътимод ба худро аз даст дода, тадричан нобуд мегардад. Ӯ бисёр чизҳоро метавонад ба даст оварад, аммо сипосгузорию чонибдориро эҳсос намекунад. Бо мурури замон ҳатто комёбӣ ҳам дигар ба назараш марокангез наменамояд. Дар ҳар сурат, ҳамаи инҳо барои мард зарур нестанд. На хонаву дар, на мошин, на ашёи шукӯҳу шаҳомат, ҳеч чиз барои ӯ дигар лозим нест. Барои ӯ чизҳои зарурӣ басандаанд. Мард метавонад худро ба осонӣ бо тамоми ашё таъмин кунад, рӯи чаҳонро гардад ва чи тавре, ки мехоҳад, ҳамон хел зиндагӣ кунад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Аммо ҳамин ки дар зиндагии мард зани мақбул пайдо шавад, дар қалби ӯ ҳамоно хоҳиши комёб шудан зуҳур мекунад ва омода мегардад, ки кӯҳро чаппа кунад, то арзандаи маҳбубаи худ бошад. Қиссаи ишқи Фарҳоду Ширин далели тавонмандии қувваи муҳаббат аст. Фарҳод ба хотири маъшуқаи худ кӯҳи сангинро шикофта, оби ҷӯйро равон кард.

Қиммати умри мард аз оилаи дилсӯз ва худотарс доштани ӯст. Марди бузург дар ҳаққи дӯстдоштаи худ ғамхорӣ карданро оғоз намуда, аз дигар корҳои нолозим даст мекашад. Ба ӯ хусусан дар ҳамин вақт, ҳаёт серу пур ва мароқангез мегардад.

Аммо созгории оилавӣ танҳо дар ҳамон ҳолат имконпазир аст, ки агар зан сипосгузор бошад. **Барои мард ҳамагӣ ду чиз - суханони меҳрубонона ва навозишкорона заруранд**. Ин ду чиз мардонро чунон илҳом мебахшанд, ки онҳо тайёранд ҳамагуна хоҳиши дилписанди ёри худро иҷро кунанд.

Бовар кунед, харгуна одами бекасукӯро метавон шоҳ кард, ба шарте, ки дар паҳлӯи ӯ зани оқила бошад. Ҳамаи **мардони бузургро занон бузург сохтаанд. Аммо ҳамчунин тамоми мардони нокомро аз ҳама бештар занон ноком кардаанд.**

Дар ин ҷо, албатта, дониш зарур аст. Дарки психологияи мард ва зан низ бисёр муҳим аст. Охир, инро ба мо касе наомӯхтааст, волидайн дар ин бора чизе нагуфтаанд, дар мактаб наомӯзонданд, дар мактабҳои олӣ таълим надодаанд. Мо ба таври муқаррарӣ шинос шудем, ҳусни таваҷҷуҳи мутақобила миёни мо эҳсос гардид, чанд муддат дар ҳолати ошиқию мафтунии якдигар зистем, сипас хонадор шудем.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Дар бораи санъати муносибатҳои оилавӣ аз маводи китобҳо истифода карда, масъалаҳои зиёдеро дар курсҳо ва давраҳои омӯзишӣ омӯхтан мумкин аст.

Ман ба шумо китоби дар ин мавзуъ интишордодаи Маркази рушди инсон «Само»-ро тавсия мекунам. Китоби мазкур чунин унвон дорад: "Зан дар бораи мардон чиро намедонад ва мард дар бораи занон чиро бояд бидонад?" Агар шумо ин китобро бодиққат мутолиа кунед, дар он сурат коршиноси масоили муносибатҳои байни зан ва мард хоҳед шуд. Китоби мазкур барои минбаъд тамоми оламро бо ранги сиёҳ надидани шумо ва шояд дар интихоби дурусти ҳамсар низ ба шумо кӯмак кунад, зеро он «айнаки ранга»-и дар замони наврасӣ ба чашм ниҳодаи шуморо мешиканад.

Аксари одамон маҳз бо ҳамин сабаб, муваффақ нашудаанд. Ҳамаи онҳо таҳсилкарда, оқилу боистеъдод буданд, аммо бо ҳамсар бахт ёрашон нагашт ва ин дар нокомии онҳо нақши асосӣ бозид. Ба ҳамин хотир, беҳтараш, ин чизҳоро пешакӣ омӯзед. Шумо метавонед аз мо пурсед: «Ҳамсарро чӣ гуна бояд интихоб кард, то ки иштибоҳ накунем»? Меъёрҳои зиёде мавҷуданд, ки аз рӯи онҳо метавон имконияти ҳаёти хушбахтонаи оилавиро муайян кард. Мо танҳо як чизро гуфта метавонем: **ҳамсарро аз рӯи аслу насаб ва ҷавҳари инсонии ӯ интихоб кунед**, ба ҳамаи чизҳои дигар бошад, диққат надиҳед. Чизҳои боқимонда дуюмдараҷа мебошанд.

Шумо бояд танҳо чизи асосиро донед. Хислат, намуди зоҳирӣ, миллат, дини вай ҳама як тараф мемонанд, зеро фақат ҷавҳари инсонӣ, бетағйир боқӣ мемонад, инчунин чизҳои боқимондаро бо мурури замон тағйир додан мумкин аст. Ҳамсари ояндаи худро аз рӯи меъёрҳои «зебой», «дилрабой», «шаҳватангезӣ» ва ғайра интихоб набояд кард. Муҳимаш он

E-mail: ziyozoda@gmail.com



аст, ки ҷавҳарӣ ӯ ба тасаввуроти шумо, ҷаҳонбинии шумо мувофиқат кунад, танҳо дар ҳамин сурат шумо метавонед бо ҳам зиндагии якҷоя барпо кунед.

Аммо ишқу муҳаббат ҳанӯз маънои оиларо надоранд. Охир, ҳамаи одамони сарватманд шуғли худро дӯст медоранд, ба коре, ки машғуланд, ба он хеле хуб сарфаҳм меравaнд ва коре, ки анҷом медиҳанд, ба онҳо хеле писанд аст. **Ягон нафар одами сарватманд танҳо барои пул кор намекунад, инро мо дар раванди омӯзиш дарк кардем. Пул маҳсулот буда, барои мукаммалгардонии маҳорат кор мекунад.** Охир, онҳо барои қонеъ гардонидани тамоми талаботи худ ва иҷро шудани хоҳиши дилхоҳи худ пули басанда доранд, вале корро қатъ намекунанд ва шуғли худро идома медиҳанд.

Ҳама гуна коре, ки аз таҳти дил анҷом дода мешавад, муваффақият меоварад. Агар аз одами давлатманд хоҳиш шавад, ки фарши хонаро рӯбучин кунад, ӯ ин корро бо шавқу рағбати беандоза анҷом медиҳад, аммо агар аз одами камбағал хоҳиш кунанд, ки пулро ҳисоб кунад, ӯ норозиёна мепурсад: «Ман ҳамаи ин пулҳоро бояд худам танҳо ҳисоб кунам?» Ҳама чизро муносибат муайян мекунад.

Масалан, Генри Форд - асосгузори ширкати автомобили «Форд» кори худро беҳад дӯст медошт ва аз бачагӣ ба механика рағбати зиёде зоҳир намуда, вақти бисёреро барои ихтирои аввалин автомашина сарф мекард. Ӯ ҳарчанд яке аз сарватмандтарин одамони Амрико буд, вале ба пул шавқу рағбати чандон зиёд надошт. Мегӯянд, ки як гурӯҳ сармоягузорон се маротиба ба Форд ва писари ӯ пешниҳод кардаанд, ки ширкатро беш аз миллиард доллар ба онҳо фурӯшад. Аммо Форд ба онҳо мегӯяд: «Дар он сурат ман соҳиби пул мешавам, аммо бе кор мемонам». Вақте аз ӯ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



миқдори сарваташро мепурсанд, Форд ҷавоб медиҳад: «Ин чиз барои ман аҳамият надорад».

Дидед, мисоли мазкур далели возеҳу равшани ҳол аст. Сарватмандон танҳо барои пул кор намекунанд, онҳо автомобилҳо, кўшкҳо, дурру гуҳар, чизҳои гаронбаҳо доранд, аммо аз дусар бо ҷидду ҷаҳд корро идома медиҳанд. Сабаб чист? Барои такмил ва рушди маҳорати худ. Бинобар ин ,шумо низ масъалаи ба кадом роҳ рафтанатонро бояд худатон интихоб кунед. Агар хоҳед, ки муваффақ шавед, дар бораи пул фикр накарда, кор кунед.

Албатта, шумо ҳақ доред, ки ба таври зерин андеша дошта бошед: «Ҳа. Ҳеҷ мумкин нест, ки онҳо дар бораи пул фикр накунанд, эҳтимол, кори ин одами доро омад кардааст, шояд бахт ба рўяш хандидааст, ё волидайни ў хеле сарватманд будаанд. Сабабу ваҷҳ метавонанд гуногун бошанд, аммо дар ҳама гуна ҳолат кораш омад кардааст. Агар ў мушкилоти маро медошт, он гоҳ ҳолашро медидед...»

Эҳтимол, шумо аз мушкилоте, ки ба сари Мэри Кей омада буд, ҳаргиз огоҳӣ надоштед. Ў аз овони бачагӣ тамоми вазнинии ҳаёти одамони камбағалро бар дўши худ бардошта, аз шодию сурури оддии бачагона маҳрум монда буд. Дар синни 7-солагӣ ў ба нигоҳубини падараш, ки гирифтори бемории вазнин буд, машғул шуд. Ба ҷои он, ки бо дугонаҳояш сайругашт кунад, вай гизо тахия мекард ва хонаро рўбучин менамуд. Модар барои таъмини оила маҷбур буд, ки бисёр кор кунад, аз ин рў Мэри ўро ахён - ахён медид.

Вай ба балогат расида, ба шавҳар баромад. Бо мақсади ба шавҳараш андаке мадад кардан хизматгорӣ пеша кард. Баъд аз ҳашт соли оиладорӣ шавҳараш ўро бо се фарзанд, аммо бе ягон тини пуч ба ҳоли худ танҳо гузошта рафт. Шояд чунин ҳолат одамони зиёдро афсурдахотир сохта бошад?

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Рӯ ба рӯи ӯ, ки аз ягон маҳорати касбӣ бархурдор набуд, воқеан, масъалаи зинда мондан меистод. Ӯ фарзандони худро дӯст медошт ва бо шавқи зиёд ба комёбӣ расидан мехост. Мақсаднокӣ, устуворӣ ва ғурур – ҳама якҷоя ва хосияти аз иштибоҳи худ сабақ омӯхтан ба вай барои дар як муддати кӯтоҳ ишғол кардани маснади ҳайратовари агенти муваффақи тиҷоратии савдои мустақими ширкати «Stenli Products» шудан кӯмак намуд.

Аммо «озмоиши тақдир» бо ҳамин анҷом наёфт. Пас аз чанд соли аз шавҳар талоқ гирифтан духтурон дар ҷисми нозуки Мэри артрити ревматикии вазнинро ташхис карда, наздикшавии фалаҷшавиашро пешгӯӣ карданд. Ӯ фаҳмид, ки сабаби асосии бемориаш ғаму андӯҳ будааст, бо ҳамин сабаб ӯ муносибаташро ба зиндагӣ пурра тағйир дода, ҳаёташро ба хизмати беғаразонаи одамон бахшид. Бемори ниҳоят «шикаст хӯрд». Минбаъд ӯ ба пайравон ва мушовиронаш оид ба масъалаҳои зебоӣ қоидаи асосии муваффақиятро меомӯзонад: **«равед ва диҳед, то ин ки бар ивази додаатон чизе ба даст оред!»**

Дар ширкат 25 сол кор карда, баъд аз он ки бо сабаби зан будан вайро роҳбарият ба вазифаи баланд таъйин накард, Мэри Кэй тасмим мегирад, ки мансаби омили тиҷоратиро тарк карда, ширкати хусусии ороиши ҳуснро таъсис дода, минбаъд танҳо барои занон ва ба хотири занон кор хоҳад кард.

Ӯ формулаи асосии крем ва лосонҳои занонаро харида, соли 1963 ширкати «Мэри Кэй» таъсис дод, ки дар ибтидо кормандони он аз худи Мэри Кэй Эш, писараш Ричард (вазифаи маъмури молиро ба ӯҳда дошт) ва 9 мушовир иборат буд. Аллакай дар соли аввали кор ҳаҷми фурӯши корхонааш 198 000 долларро ташкил дод. Дар охири соли дуюм бошад, да-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ромади корхонааш ба 800 000 доллар расид, ки он маблағи ниҳоят калон буд.

Ширкат зуд рушд намуда, намудҳои мол доимо зиёд шуда, теъдоди мушовиронаш ҳам афзоиш меёфт. Соли 1971 ширкати «Мэри Кэй» аввалин шуъбаи хориҷии худро дар Австралия таъсис дод. Сипас намояндагиҳои ширкати вай дар кишварҳои Аврупо, Осиё, Амрикои Шимолӣ ва Амрикои Ҷанубӣ дарҳояшонро ба рӯи мизоҷонашон кушоданд. Ҳоло ширкат дар бештар аз 35 кишвари дунё фаъолият дорад. Шумораи мушовирони мустақили зебоӣ бештар аз 1,9 миллион нафар одамонро ташкил дода, ҳаҷми фурӯш дар соли 2008 ба сатҳи 2,6 миллиард доллар боло рафт! Ана, намунаи шоиставу сазовор барои фикру андеша ва пайравӣ кардан!

Аксари одамони сарватманд дар натиҷаи соҳиби дурнамои вижаи тафаккур будан муваффақ шудаанд. Аз ин мебарояд,**ки инсон дер ё зуд, имрӯз не, фардо ҳатман ба ҳамон ҷое мерасад, ки андешаҳои ӯ дар он қарор доранд**. Сарватмандон ин ҳақиқатро дарк карда, роҳи дуруст интихоб намуда, ҳамаи монеаҳоро бартараф карда, ба ин роҳ рафтаанд.

## МАСАЛ

Дар яке аз мамлакатҳои дур шоҳе ҳукм меронд, ки вай анъанаҳои хоси худро дошт. Шоҳ ҳамеша ба муносибати зафарҳои худ ҷашн баргузор мекард ва меҳмонони олиқадри ӯ низомиёни дар ҷанг асирафтода буданд. Боре ҷунин асиронро дар як толори бузург ҷамъ оварада, ба онҳо мегӯяд:

- Ман ба шумо як имконият фароҳам мекунам! Ба кунҷи рости толор нигаред!

Асирон ба тарафи рост нигариста, ҷанговарони мусаллаҳеро мебинанд, ки камонҳояшонро кашида, ҳар лаҳза омодаи тир кушодан буданд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



- Акнун, – афзуд ба суханаш шоҳ, - ба кунҷи чапи толор нигаред!

Асирон ба тарафи чап нигариста, дари сиёҳи даҳшатангезеро диданд. Дари мазкур калону вазнин, дар он узвҳои бадани одамон овезон буданд, ба ҷои дастаи дар дасти ҷасаде васл шуда буд. Ба дар нигаристан як сӯ истад, ҳатто ба худ тасаввур кардани он даҳшатангез буд.

Аз тамошои амали анҷомдодаи худ шоҳ қаноатманд гардида, чунин пешниҳод менамуд:

- Ҳар кадоми шумо аз ин ду шарт якеро интихоб кунед: аз тири тези камонварони ман ҳалок шудан , ё дари сиёҳро боз карда, дар паси он то охири умр зинда мондан. Зуд тасмим бигиред!

Ҳамеша як ҳодисаи якранг рух медод. Асирон пасиҳам аввал ба дари сиёҳ, сипас ба камонварон нигариста, ба шоҳ мегуфтанд:

- Марг ба воситаи тири аз камонҷаста, беҳтар аз паси чунин дари баста мондан аст.

Ҳазорон ҷанговар аз тир мурданро интихоб карданд ва ягон нафар аз онҳо ҷуръат накард, ки дари сиёҳро кушояд.

Ҷанг ниҳоят ба охир расид. Боре яке аз тирандозони қотил толори калонро рӯбучин мекард, ки нохост шоҳ вориди толор шуд. Навкар аз тарс ларзону ошуфта ва аз кунҷковӣ бетоқат шуда, бо тавозуъ ба шоҳ муроҷиат кард.

- Аълоҳазрат! Ман ҳамеша ба ин дар мароқ доштам, хоҳиш дорам, барои саволам хашмгин нашавед. Пас... Паси ин дари сиёҳ чӣ чиз пинҳон аст?

Шоҳ ҷавоб дод:

- Ту дар хотир дорӣ, ман ҳамеша ба асирон ҳаққи интихобро медодам. Акнун рав ва дарро кушо!

Навкари аз тарс ларзон дарро эҳтиёткорона кушод ва аз он ба рӯи фарши толор партави нури равшани офтоб ворид гардид. Ӯ дарро васеътар кушод ва нури офтоб ба чашмаш зада, онро хира намуд, даруни синааш аз бӯи хуши растанӣ ва гулҳои марғзор пур гашт. Тирандоз дид,

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ки паси дари сиёҳ ба самти саҳро роҳи калоне доман густурдааст. Ӯ ниҳоят дарк намуд, ки монеаи даҳшатангез ба рӯи вай роҳи озодиро мекушояд.

Ҳамаи мо дар ҳуши худ **«дари сиёҳ»** дорем, ки он тарсу ҳароси мо аст. Қадам ба пеш мегузорем, танҳо як қадам, ба истиқболи тарси худ, сипас метавон нури офтобро дид, ки ҳаёти моро мунаввар мегардонад.

**ХУЛОСА. Аксаран тарс моро барои ба даст овардани мақсади дарпешгузоштаи худ халал расонда, аз ин роҳ бозмедорад. Тарси худро канор гузоред, идора кардани онро омӯзед, тибқи категорияи муҳаббат андеша кунед, зеро танҳо ишқу муҳаббат қодиранд, ки дар бартараф кардани ҳама гуна монеаҳои роҳи орзуҳоятон ба шумо илҳом бахшанд. Ҳар идеяе, ки ба сари мо меояд, ё андешае, ки ба мо илҳом мебахшад, онро Худованд ба мо ҳадя мекунад. Ин аст партави равшанӣ, озодии мо маҳз аз он ибтидо мегирад. Аммо идеяҳо ба сари мо ҳар лаҳза намеоянд, ки осуда гардем. Баръакс, андешаву идеяҳо ба сари мо маҳз замоне меоянд, ки воқеият хилофи орзуҳои мо аст ва онҳо ба монанди чормағз дар мушкилиҳо ва ҳолати сангин рӯйпӯш шудаанд. Ба мо зарур аст, ки дар худ нерӯ пайдо кунем ва маҳз дар ҳамин вақт роҳи ҳалро ҷустуҷӯ кунем, зеро ки озодии ҳақиқӣ дар ҳалли мушкилот аст. Роҳи дигар вуҷуд надорад. Дар роҳи озодӣ мушкилот ҳамеша даҳшатангез ба назар мерасанд. Шумо баъд аз хондани ин боби китоб, зуд дари мазкурро кушоед ва дар қалби худ озодии пурраро эҳсос намоед. Дарро зуд кушоед!**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ПАНҶУМ

Агар инсон қобилияти пайдо кардани пули бисёр ва оқилона сарф кардани онро дошта бошад, ба шаъну эътибори зиёди худ, боз ду чизи дигарро зам карда метавонад.

***Э. Сервус***

**Одамони камбағал тибқи категорияи монеа, одамони сарватманд тибқи категорияи имкониятҳо андеша мекунанд.**

Монеаҳо ҳамеша вуҷуд доранд, ҳатто вақте ки мо орзуямонро муайян мекунем, ё ки дар назди худ мақсад мегузорем. Инсон ҳамеша дар пеши худ он мақсадеро мегузорад, ки ӯ ҳанӯз ба он нарасидааст ва дар бораи он чизе орзу мекунад, ки то ҳол онро ба даст наовардааст. Масалан, агар шумо як костюми қаҳваранги навъи муқаррариро дошта бошед, дар бораи доштани айнан чунин костюм орзу намекунед.

Монеа ҳамеша ва ҳатман вуҷуд дорад. Шумо пурсед, ки барои чӣ? Зеро монеа қиммати орзу ва мақсади дарпешгузоштаи мо аст, онро пардохт кардан зарур аст. Дар ҳаёт ҳар чиз аз рӯи қоидаи адолат амал мекунад, то замоне, ки сазовор набошӣ, чизе ба даст оварда наметавонӣ. Ҳар чизе, ки имрӯз мо дорем, сазовори онҳо ҳастем. Агар моро эҳтиром кунанд, пас ин далели он аст, ки кадом як рафтори хуби мо писанди онҳо гардидааст. Агар мо дучори таҳқиру дарду озор ва озмоиши тақдир қарор бигирем, ин маънои вуҷуд доштани сабабро дорад. Мо сарвату

E-mail: ziyozoda@gmail.com



дороиро ба шарофати сабру тоқат ва матонати худ ба даст меорем.

Аз канор шояд чунин намояд, ки гӯё фалонӣ ноҳақ сарватманд гардид. Аммо дар ин бора мо бояд муҳокимаронӣ накунем, танҳо Худованд медонад, ки одами мазкур ба чӣ сазовор аст. Агар ӯ молу ашёи бисёр пурқиммат дошта бошад, аз ин бармеояд, ки ӯ дар назди Худованд сазовори онҳо гардидааст. Ин аз хоҳиши мову шумо ҳеҷ вобастагӣ надорад. Мо сазовори ҳамон тарзи ҳаёте ҳастем, ки дар он зиндагӣ дорем.

Афсонаи халқиро ба хотир оваред. Барои висоли маҳбубаи худ қаҳрамони асосӣ аз санҷиши вазнине гузашта, монеаҳои бисёрро аз сари роҳаш бартараф намуда, дар охир аждаҳоро мекушад. Ҳаққи ҳама чизро бояд пардохт кард, чизе ройгон ба даст намеояд. Дар ин гуна афсонаҳо хиради бисёрасра ниҳон аст, ки бо рамзу киноя баён карда мешаванд. Дар симои аждаҳо тарси мо дар назар дошта мешавад, ки маҳз он монеаи асосии орзуи мо аст. Барои дар ҳаёт чизе ба даст овардан аждаҳоро бояд мағлуб кард, яъне тарси худро бартараф бояд кард.

Такрор мекунам. Одамони камбағал тибқи категорияи монеа андеша мекунанд. Монеаҳо ҳамеша вуҷуд доранд, аз онҳо ҷои гурез нест. Вақте ки орзу пайдо мешавад, камбизоатон дар бораи имконият фикр намекунанд. Баръакс, онҳо ба монеаҳо, зиёд диққат медиҳанд. Ман ин корро оғоз намекунам, мумкин аст, «чунин» шавад, метарсам, ки орзуи худро амалӣ гардонам, зеро шояд «ин тавр» нашавад, гӯё ки монеа ҳамеша дар фикри онҳо бошад. Мутаносибан, ҳар тарзе ки фикр кунед, ҳаётатон ҳамон навъ мегардад.

Одамони сарватманд тибқи категорияи имконият фикр мекунанд, яъне вақте ки онҳо ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд ё вақте ки онҳо имконият пайдо ме-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



кунанд, барои онҳо монеа вуҷуд надорад, онҳо ҳатто дар бораи он фикр намекунанд. Масалан, чунин мулоҳизаронӣ мекунанд: «агар ман ин имкониятро истифода кунам, он гоҳ ба натиҷаи хуб муваффақ мешавам», ё «агар ин масъаларо ҳал кунам, метавонам ба мақсади худ расам». Фаромӯш накунед, ки мушкилиҳо на барои зараррасонӣ, балки барои сабақомӯзии шумо пайдо мешаванд. Онҳо ба инсон таҷрибаи пурқиммат медиҳанд. Сарватмандон ин чизро хуб мефаҳманд. Агар бо одамони камбағал дар бораи имконият суҳбат оғоз кунед, онҳо зуд монеаро мавриди муҳокима қарор медиҳанд. Агар бо сарватмандон дар бораи мушкилиҳо гуфтугӯ кунед, онҳо дар ҳар яки он имкониятро мебинанд.

Ҳатто агар ҳаёт барои сарватмандон мушкилӣ пеш орад, онро низ аз ғалбери санҷиш мегузаронанд, аммо талош намекунанд, ки аз он гурезанд, балки мардонавор ба пешвози он мебароянд, вазъиятро таҳлил менамоянд, роҳи ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ мекунанд ва ба худ мегӯянд: «Агар ман ин монеаро паси сар кунам, пас назар аз он ҷое, ки қарор дорам, зинае ба боло мебароям, қавитару донотар мешавам».

Аз ин рӯ одамони сарватманд ҳамеша ва дар ҳама гуна ҳолат имкониятро ҷустуҷӯ мекунанд, талош менамоянд, ки онҳоро пайдо кунанд ва аз монеаҳо наметарсанд. Аз афташ, беҳуда намегӯянд: «одамони камбағал дар ҳама гуна имконият мушкилотро мебинанд, аммо одамони сарватманд дар ҳама гуна мушкилот имкониятро пайдо мекунанд». **Шумо бояд инро дар хотир нигоҳ доред: агар Худованд бароятон туҳфа тайёр кунад, онро дар мушкилот бастабандӣ мекунад ва танҳо вақте ки масъаларо ҳал кардед, шумо метавонед туҳфаро бигиред. Чизе осон дода намешавад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Дар роҳи расидан ба мақсад ҳамеша бояд аз худ устуворӣ зоҳир кунед. Ба мушкилиҳо, шубҳаҳо ва ноомадҳои муваққатии кор, аҳамият надиҳед. Нобарорӣ ва мағлубият, наметавонанд дар назди устуворӣ истодагарӣ кунанд. Инро таърих исбот кардааст. Нобарории муваққатӣ ва мушкилот дар сари роҳ ва ҳангоми сафар чизи муқаррарист. Онҳо барои ҳама вуҷуд доранд. **Масалан, агар шумо сари дарахт бароед, эҳтимоли аз он афтиданатон вуҷуд дорад. Бинобар ин комёбӣ ва бенавоӣ ҳамеша дар касбу кор бо ҳамдигар ҳамсоянд, байни сарватмандӣ ва нодорӣ ҳамагӣ як қадам фосила мавҷуд аст.**

Барои чӣ аксари одамони ба бизнес машғулшуда қарздор мешаванд? Мисоли дарахт-ро ба хотир оваред: чӣ қадаре, ки боло баромадан гиред, ҳамон қадар хавфи афтиданатон зиёд мешавад. Аммо меваҳои аз ҳама болаззат дар шохҳои аз ҳама баланд парвариш меёбанд. Ҳаёт низ айнан чунин аст. Устуворӣ кӯмак мекунад, ки аз болои ҳамаи мушкилҳо гузашта, ҳамаи монеаҳоро паси сар кунед. Устуворӣ ниҳоят ғалаба мекунад.

Эҳтимол, бештари шумо ба чунин ҳолат рӯ ба рӯ шудаед, ки чизеро хоҳиши харидан доред, аммо пул надоред. Масалан, хоҳиши хонагирӣ доред, аммо барои харидани хона дар даст маблағи зарурӣ надоред. Ба ҳар ҳол, шумо бо шавқи беандоза хоҳиши худро меҳостед амалӣ кунед. Ҳолате ба амал омад, ки пул пайдо кардед, ё барои аз бонк қарз гирифтан шароит ба вуҷуд омад, ё хешу ақрабо кӯмак карданд. Фаромӯш накунед, пул танҳо вақте ба даст меояд, ки шумо бо қадом мақсад сарф кардани онро медонед. Зимнан шумо миқдори пули бароятон зарурро дар вақти зарур будани пул ба даст меоред. Ин бисёр

E-mail: ziyozoda@gmail.com



асрори муҳим аст, ки бояд онро шумо фаҳмед ва дар хотир нигоҳ доред.

## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАГОНИ ТРЕНИНГ

Хеши ман Бакит дар бозор зарфҳои гуногунро савдо мекунад ва чанд муддатест орзу дорад, ки барои фурўши зарфҳо фурўшгоҳи худро дошта бошад. Ў дар ин бора бо дўстон ва шиносҳояш зиёд суҳбат мекунад. Аммо ман ҳанўз қариб як сол пеш аз вай пурсида будам, ки кай ба амалӣ кардани нақшаҳояш шурўъ мекунад? Ў ҳамон вақт ҷавоб дода буд, ки ҳоло дар дасташ маблағи кофӣ надорад, бинои мувофиқ пайдо накардаast ва натиҷаи савдои ҳаррўзааш чандон хуб нест. Баъд аз гузаштани як сол ў боз ҳамон баҳонаҳояшро бе тағйир такрор кард ва ҳамчунин гуфт, ки ҳанўз дар роҳи мақсади ў монеаҳо беҳад зиёданд. Ман танҳо ҳозир фаҳмидам, ки Бакит пойбанди чизе шудааст, ки ба вай халал мерасонад ва ў дар ҳақиқат тибқи категорияи монеа андеша мекунад. Вай имконият дорад, аммо онро пай намебарад.

Аммо дўсти дигари ман - Руслан қариб ду сол пештар нақшааш дар бораи кушодани қаҳвахонаи боҳаловати дорои ду толор ва мусиқии начандон баландсадо, ошхонаи хуб ва нархҳои начандон гаронро эълон карда буд. Худи ў аллакай дар ин соҳа таҷрибаи кофӣ дошта, мудири яке аз муассисаҳои обрўманд буд.

Вақте ман аз Руслан пурсидам, ки ў аз куҷо пул, дар минтақаи хуби шаҳр бинои муносиб ва кормандони таҷрибадорро пайдо мекунад, дар ҷавоби суолам гуфт, ки агар хоҳиш бошад, ҳамаи корҳо худ ба худ ҳал мешаванд. Ман он вақт ба суханҳои ў чандон боварӣ надоштам, вале ҳақиқатан баъд аз 7-8 моҳ даъватномаи ўро барои ширкат дар маросими ифтитоҳи қаҳвахона дастрас кардам.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Баъдтар ӯ ба саволҳои ман дар бораи чӣ тавр ин кор ба ӯ муяссар шуданаш ҷавоб гуфта, нақл кард, ки ба ҷустуҷӯи пул, аз он ҷумла барои огоҳӣ пайдо кардан дар мавриди қарз ба бонк меравад ва банохост ҳамсинфашро вомехӯрад, ки ӯ аллакай тоҷири калон шудааст. Ҳангоми суҳбат аз нақшаҳои Руслан огоҳ шуда, ба вай пешниҳод мекунад, ки метавонад шарики ӯ шавад, зеро ҳамсинфаш дар яке аз бонкҳо пули пасандоз доштааст. Шарти ягонаи ӯ мавҷуд будани бизнес–лоиҳаи комил буд, ки кайҳо аз ҷониби Руслан омода гардида буд.

Танҳо пайдо кардани бинои мувофиқ боқӣ монда буд, вале ин ҳам бе ягон мушкилӣ ҳал шуд. Яке аз хешовандони дури Руслан, ки ба Россия рафта буд, тасодуфан дар бораи нияти ӯ бохабар шуда, мустақиман аз Маскав занг зада, пешниҳод мекунад, ки бинои дар яке аз маҳаллаҳои истиқоматӣ бе истифода истодаи як вақтҳо бадастовардаи ӯро истифода барад. Ҳақиқатан, ин бино ба таъмири хуб эҳтиёҷ дошт, аммо мавқеи ҷойгиршавии он ба таври ҳайратовар барои фаъолияти Руслан мувофиқ буд. Хешаш ҳатто қавл дод, ки ин биноро пас аз чанд муддат ба Руслан фурӯхта метавонад.

Хулосаи калом, ҳамаи мушкилот ҳалли худро ёфтанд. Ҳоло қаҳвахонаи Руслан хеле бонуфуз шудааст. Мизоҷони беҳад зиёд дорад. Руслан дар фикри вусъат додани бизнеси худ аст. Ба наздикӣ кушодани боз чунин як қаҳвахонаи дигарро ба нақша гирифтааст.

## НАҚЛ АЗ ҲАЁТИ ХУД

*Орозгул Пархонова,*
*ширкаткунандаи тренинг*

Баъд аз хатми Донишгоҳи тиббӣ соли 1989 ману ҳамсарам дар шаҳри Ош ба фаъолияти табибӣ шурӯъ кардем. Ҳамон солҳо хонаҳо фурӯхта намешуданд ва одамон аз 10 то 15 сол барои гирифтани манзил дар навбат меистоданд. Хонаҳоро ба воситаи қарзи дароз-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



муддат низ медоданд, вале ин ҷо пас аз 5-7 сол баъд навбат мерасид. Ману ҳамсарам ва фарзанди хурдсоламон дар манзили иҷора мезистем. Ман он замон бо кӯдак дар хона менишастам, танҳо як худи шавҳарам кор мекард.

Маоши шавҳарам 120 рубл буд, аз ин 50 рублро пули иҷора медодем ва 50 рубли дигарро барои пардохти қарзи бонк сарф мекардем ва бо 20 рубли боқимонда як моҳи пурра зиндагӣ мекардем. Волидайни ман моро бо маводи ғизоӣ кӯмак мекарданд. Ҳамон вақт дар дили ман хоҳиши зиёди доштани хонаи худ пайдо шуда буд, аммо дар муҳлати кӯтоҳ ин масъаларо ҳал кардан ғайриимкон буд. Ба ҳар ҳол ман аз шавҳарам хоҳиш кардам, ки ба кумитаи иҷроияи шаҳр рафта, шиносҳоямонро пайдо кунад ва аз онҳо хоҳиш кунад, ки навбатамонро пештар баранд. Аммо ҳамсарам гуфт, ки ин ғайриимкон аст. Ҳарчи набошад, ӯ ба хотири наранҷидани ман зуд-зуд ба он ҷо мерафт.

Бубинед, як маротиба шавҳарам маҳз дар он лаҳза он ҷо ҳозир мешавад, ки барои мутахассисони ҷавон дар яке аз хонаҳои бисёрошёна хона тақсим мекарданд ва ба ӯ муяссар мегардад, ки дар навбат номнавис шавад. Баъд аз як моҳ моро даъват карданд, ки омада хонаи дуҳуҷрагиро гирем. Вақте шавҳарам ба хона омада гуфт, ки ба мо хонаи дуҳуҷрагӣ додаанд, ман аз хурсандӣ ашки шодӣ рехтам. Вале ман хеле мехостам, ки хонаи сеҳуҷрагӣ дошта бошем.

Рӯзи дигар ҳамсарам барои ҳалли ин масъала боз ба кумитаи иҷроияи шаҳр рафт. Худи ҳамон рӯз як одам бо сабаби нарасидани пулаш аз хонаи сеҳуҷрагӣ даст мекашад ва мо бо ӯ хонаро иваз кардем. Вақте ки ҳамсарам ба ман хабари мазкурро расонд, аз хурсандӣ ба ҳаво меҷаҳидам.

Аммо мо як тин пул надоштем, ки пардохти аввалияро ҳисобӣ кунем. Ин маблағ 5000 рубл буд. Дар он вақт шавҳарам гуфт, ки ҳамаи кореро, ки имкон буд, анҷом

E-mail: ziyozoda@gmail.com



додам ва худам намедонам, ин пулро мо аз куҷо пайдо мекунем. Ман ба ӯ ҷавоб додам, ки хона ҳаст, пас пул низ пайдо мешавад.

Рӯзи дигар барои кӯмакпурсӣ ман ба назди волидайни худ рафтам, шавҳарам низ назди волидайни худ рафт. Ҳар кадоми онҳо яктоӣ гов фурӯхта, пули онро ба мо доданд. Ман аз хонаи падарам 1000 рубл овардам, шавҳарам низ 1000 рубл овард. Хоҳаронам 1000 рубли дигар барои мо ҷамъ карданд, ҳамагӣ дар дасти мо 3000 рубл ҷамъ шуд. Аммо ҳарчанд, ки саъй кардем, 2000 рубли боқимондаро ҷамъ карда натавонистем.

Ҳамон рӯзе, ки муҳлат ба охир мерасид, яке аз беморон аз шавҳарам мепурсад, ки барои чӣ ӯ ғамгину ошуфтаҳол аст. Ҳамсарам ҷавоб медиҳад, ки имрӯз муҳлати охирини пардохти ҳаққи манзил аст ва мо 3000 рубл дорем, аммо 2000 рубли дигар пайдо карда натавонистем ва ҳатто ҳеҷ каси дигар надорем, ки аз ӯ қарз гирем. Банохост бемори мо мегӯяд: «Ман пул дорам ва ба шумо ёрӣ мекунам. Ҳар вақте ки пул ёфтед, баъд медиҳед».

Ҳамин тавр мо дар муддати як ҳафта 5000 рубл ҷамъ кардем. Баъд аз як сол ба ҷойи рубл сомро ҷорӣ карданд ва пули қарзи мондагӣ 250 сом шуд. Мо бе ягон мушкилӣ онро пардохт кардем ва хона моли мо шуд. Вақте ки як тин надоштем, ана ҳамин тавр мо соҳиби хона шудем.

**ХУЛОСА. Тафаккури худро тағйир диҳед. Ҳама вақт ба назар гиред, ки монеаҳо ҳамеша ҳастанд, аммо гузаштан аз онҳоро бояд омӯхт ва ин чиз, пардохт барои комёбӣ аст. Шумо бояд ҳамеша ба имконият таваҷҷуҳ намоед, он ҳамеша вуҷуд дорад, аммо мо онро на ҳамеша пайхас мекунем. Дар бораи имконият фикр кунед, он ҳатман барои шумо пайдо мешавад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ШАШУМ

Агар ҳирсу тамаъ барои пул бепоён бошад, он гоҳ он аз муҳтоҷӣ ҳам сахттар аст, зеро ҳар андозае, ки хоҳиш афзоиш ёбад, ҳамон қадар талаботи бештарро ба вуҷуд меоварад.

***Демокрит Абдерск***

**Одамони камбағал тибқи категорияи ҳарисӣ ва майлу дилкашолӣ, одамони сарватманд тибқи категорияи субот ва устуворӣ андеша мекунанд.**

Одамони камбағал тибқи категорияи ҳарисӣ ва дилкашолию майл андеша мекунанд. Зери тавсияи мазкур чиро мефаҳмем? Табиатан, инсон мехоҳад, ки ҳама чизро зудтар ба даст орад. Аллакай пагоҳ мехоҳад сарватманд шавад, худи ҳамин рӯз мошин дошта бошад, баъди як ҳафта соҳиби хона шавад.

Ба одамизод ҳисси хасисӣ, зотӣ буда, хоси табиати вай аст ва ин чиз ба ҳамаи мо дода шудааст. Бинобар ин мо ба мағоза рафта, ҳамеша 15-30% бештар аз он чизҳое, ки ба нақша гирифта будем, харидорӣ мекунем. Ҳатто чизҳое мехарем, ки ба мо тамоман даркор нестанд ва онҳо солҳо дар кунҷи анбор, ҳатто як маротиба истифода нашуда, бетартибона партофта шудаанд.

Агар инро яқин донистан хоҳед, дар хона ҳамаи ашёро ба ҳисоб гирифта, як рӯйхат тартиб диҳед ва сипас мебинед, ки чӣ қадар чизҳои нодаркори зиёде-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ро харидаед. Шумо худро камбағал меҳисобед? Пас, ба манзили дигар кӯч бандед. Ва худатон хоҳед дид, ки чӣ қадар ашёи нозаруре доред, ки барои онҳо як замоне пул харҷ кардаед. Онҳо дар рафҳо ҷой гирифта, кухна мешаванд ва тадриҷан нолозим шуда мемонанд.

Ана, барои чӣ мегӯянд, ки одамони камбағал тибқи категорияи ҳарисӣ ва дилкашолию майл андеша мекунанд, яъне онҳо мехоҳанд, ки ҳама чиро зуд ба даст оранд. Онҳо комёбии фаврӣ ва натиҷаи зудтарро интизоранд. Чуноне ки мушоҳида мешавад, барои ин онҳо ҳатто қиморбозӣ мекунанд, ба қиморхонаҳо тез-тез рафту омад карда, талош менамоянд, ки дар толорҳои бозиҳо бештар бурд кунанд, зеро онҳо ҳарчи зудтар сарватманд шудан мехоҳанд. Гумон доранд, ки пул бо осонӣ ба даст меояд. Агар як маротиба дар лотерея бахт ба рӯятон хандад, ин маънои онро надорад, ки коратон ҳар рӯз омад мекунад. Ҳаргиз чунин нест.

Одамони сарватманд рӯи категорияи суботу устуворӣ фикру андеша мекунанд. Онҳо мегӯянд: Муваффақияти зуд ба даст омада ҳанӯз нишонаи муваффақият нест. Ҳар чизе, ки осон ба даст омадааст, арзиши чандон зиёд надорад ва ҳамчунин осон аз худ асаре боқӣ нагузошта, аз даст меравад. Инсон бояд комёбиро сазовор бошад, ҳама чиз аз рӯи конуни адолат ва созгора ба конуни табиат ба вуқӯъ мепайвандад. Агар шумо имрӯз гул шинонед, он пагоҳ гул намекунад ва зарур аст, ки шумо як муддат онро парвариш кунед, то ин ки қад кашад ва шукуфад. Агар имрӯз ниҳол шинонед, баъд аз як сол ҳосил намедиҳад. Ба шумо лозим аст, ки бесаброна ва суботкорона онро чанд сол нигоҳубин кунед ва ин равандро тезонидан ғайриимкон аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Бинобар ин одамони сарватманд ҳамеша он имкониятеро ҷустуҷӯ мекунанд, ки устувориро таъмин карда тавонанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ ба ҷое намераванд, ки даромади бисёр ва зудтари фиребанда ваъда шуда, фақат барои гирифтани он дар вақташ расида омадан зарур бошад. Ин ҳолат стратегияи тафаккури одамони камбағал аст. Сарватмандон дар бораи устуворӣ андеша мекунанд. Онҳо чунин мулоҳизаронӣ мекунанд: «Бигзор даромадам кам, вале устувору доимӣ бошад».

Бинобар ин имкониятеро ҷустуҷӯ кунед, ки шумо онро устуворона истифода бурда тавонед ва як навъ ҷараёни пул кор карданро созмон диҳед. Барои ин ҷӯйҳои кӯчаки молиявӣ бунёд кунед, то ин ки барои шумо бигзор на даромади зиёд, вале доимиро таъмин гардонанд.

Масалан, миллиардер Уоррен Баффет, ки ба маблағгузории саҳмияҳои ширкатҳои гуногун машғул буд, тавре мутахассисон ҳисоб кардаанд, даромади миёнаи ӯ дар 35 соли охир қариб 24% солонаро ташкил додааст. Дар муқоиса бо даромади ҷаллобони биржа ин хеле кам аст, онҳо 24% дар як моҳ ва ҳатто дар як рӯз даромад ба даст меоранд. Дар фондҳои маблағгузорӣ аз ҳама даромади бештар 500% аст, ки он нисбат ба даромади Баффет 20 маротиба зиёдтар мебошад. Фарқият танҳо дар ин ҷост, ки ӯ ин даромадро ҳар сол устуворона мегирад, аммо ҷаллобони биржа чунин маблағро дар ҳаёти худ танҳо як маротиба ба даст меоранд. Баффет тибқи категорияи устуворӣ андеша мекунад ва ҳамин ҳолат ӯро ба яке аз сарватмандтарин одамони дунё табдил додааст.

**Барои сарватманду муваффақ шудан хеле доно ё ҷисман пурқувват будан шарт нест, аммо ҳатман устуворона иқдом намудан лозим аст. Ҳар рӯз кор бояд кард. Бо тамоми қувва**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**ҳаракат карда, ҳеҷ не як қадам дар роҳи расидан ба орзуи худ, ба пеш гузоред.**

## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГ

Ошнои ман Мурод дар бозори Оши шаҳри Бишкек қанд мефурӯшад. Ӯ аксаран бо тарозу барои харидорон бо вазни сабук қанд бармекашид. Ҳар қадаре, ки аз вай қанд бисёртар мегирифтед, ҳамон қадар камтар мебаромад. Худи ӯ ҳамеша мегуфт, ки дар кори савдо кам бар кашидан амали маъмулӣ гаштааст, ҳамаи фурӯшандаҳо чунин корро мекунанд. Аммо харидорон тадриҷан ин амали зишти ӯро пай бурда, рӯз то рӯз кам мешуданд.

Ҳатто фурӯшандаҳои бозор, ки дар қатори ӯ ба фурӯши дигар маҳсулот машғул буданд, минбаъд аз ӯ қанд нагирифта, аз дигар қандфурӯшони боинсоф мехариданд. Акнун аз Мурод танҳо мизоҷҳои тасодуфӣ қанд харидорӣ мекарданд. Ва ӯ бештар вақт аз набудани харидорон ва савдои начандон хуб шикоят мекард ва намедонист, ки дар ин кор тафаккури худи ӯ гунаҳкор аст, зеро ӯ тибқи категорияи ҳарисӣ андеша мекард.

Ошнои дигарам Иззат аллакай солҳои зиёде ба савдои яклухт машғул аст. Хушмуомилагӣ ва хайрхоҳии ӯ харидоронро ба сӯяш ҷазб мекунанд. Нархҳои ҳақиқӣ ва муътадил ҳамеша миқдори мизоҷҳои доимиро афзун мекунанд. Худи ӯ мегӯяд, ки бо фиреби тарозу харидорҳои доимиро бо худ нигоҳ доштан мушкил аст. Аз роҳи фиреб даромади якрӯза мегиред, аммо вай мекоҳад, ки тиҷораташро равнақ бидиҳад.

Иззат кормандони худро эҳтиром намуда, ба онҳо дилсӯзӣ мекунад. Бинобар ин дар атрофи ӯ тими хуб ташаккул ёфтааст. Ҳамаи ин хислатҳои устувории тиҷораташро таъмин гардонида, ба даромади ӯ таъсири мусбат мерасонанд ва албатта, он ба таври доимӣ дар

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ҳолати рушду афзоиш қарор дорад. Дар айни замон Иззат ният дорад, ки тиҷорати худро вусъат диҳад. Зеро дар баробари устуворӣ имконияти нав низ фароҳам меояд.

▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## УЭЙН ХАЙЗЕНГ

Уэйн Хайзенг, миллионери америкоӣ, аввалин миллиони худро аз кашонидани партовҳо ба даст овардааст. Ҳайратовар аст, ки ҳамон вақт ӯ тамоман пасандоз надошт, вале барои сарватманд шудан рағбати беандоза зиёд дошт. Бар замми ин идеяе низ дошт, ки барои амалӣ кардани он аз падарарӯси худ 5000 доллар қарз гирифт. Бо пули мазкур Уэйн мошинаи кӯҳнаи партовкашонӣ харид. Ӯ хуб мефаҳмид, ки комёбии зудрас дар шуғли пешакардааш ғайриимкон аст ва омода буд, ки бисёр ва суботкорона меҳнат кунад, то ки даромади устуворро барои худ таъмин карда тавонад. Ӯ низ тибқи дараҷаи устуворӣ фикр мекард.

Хайзенг дар оғози фаъолияти худ ҳамагӣ 20 мизоҷ дошт. То вақти хӯроки зуҳр худи ӯ ба кашондани партовҳо машғул мешуд, аммо баъд аз нисфирӯзӣ ба хотири салобат костюми муносиб ба тан карда, ба ҷустуҷӯи мизоҷони нав мебаромад. Барои ӯ ин кор хеле мушкил буд, зеро соҳаи партовкашонӣ аллакай дар байни ширкатҳои калони партовкашонӣ тақсим шуда буд. Аммо тавассути устуворӣ ва қатъият ӯ давраи вазнинро паси сар намуда, яке аз калонтарин ширкати партовкашониро дар ҷаҳон ташкил кард. Ӯ имконияти фароҳамшударо истифода бурда, сарватманд гардид ва идеяи худро сарфи назар аз мушкилиҳо амалӣ гардонд.

Баъдтар, вақте ки ӯ идора кардани дороии худ ва сармоягузориро омӯхт, тасмим гирифт, ки пулҳои аз партовкашонӣ бадастовардаашро бояд дар самти сер-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



даромад барои ташкил кардани «чӯйбор»-и пулӣ маблағгузорӣ кунад. Хайзенг дар чунин соҳаҳо ба монанди кирояи видеокассетаҳо, майдафурӯшӣ, кироя додани автомобилҳо, системаи амнияти электронӣ, меҳмонхонаҳо, либоси сафарӣ, парвариши сабзазорҳо ва хизмати шустушӯи мошинаҳо ширкат харид, ки барои ӯ даромади доимӣ ва устуворро таъмин мекарданд.

**ХУЛОСА. Барои расидан ба мақсади худ бояд устуворона амал кунед. Ба умеди зуд комёб шудан, ё ба ҳавову ҳаваси бо роҳи сабук ба даст овардани сарват дода шудан маъно надорад. Дар бораи даромади устувор ва доимӣ андеша кардан беҳтар аст ва ин чиз оянда серу пури шуморо таъмин мегардонад. Устуворӣ калиди асосии ҳама гуна комёбӣ аст. Девори бузурги Чин тарики хишт болои хишт гузоштан бунёд шудааст. Инсон тавассути ҳар корро ба таври мураттаб анҷом додан зиндагонӣ мекунад.нафас мегирад - нафас мебарорад, гурусна мемонад - ғизо мехӯрад, хоб меравад - бедор мешавад ва ғайра. Агар инсон аз қонунҳои табиатканорачӯӣ кунад, ақлу ҳуш ва ҷисму ҷонӣ ӯ азият мекашанд. Ба онҳое нигаред, ки ба пирамидаи молиявӣ машғуланд. Чунин одамон ба ғайр аз дарду алам ва яъсу ноумедӣ чизи дигареро дастрас карда наметавонанд. Кӯдаки 5-соларо наметавон маҷбур сохт, ки фавран, дар як лаҳза бузург шуда, дар назар чун ҷавони 20-сола намудор шавад. Муваффақият низ ҳамчунин аст, дар вақти худ, дар натиҷаи меҳнати устуворона хоҳад расид.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ҲАФТУМ

Андӯхтани пулҳои бисёр шуҷоатмандӣ, нигоҳ доштани онҳо оқилист, аммо харҷ карда тавонистани онҳо санъат аст.

***Б. Авербах***

**Одамони камбағал тибқи категорияи «бояд барои рӯзи мабодо пасандоз кард», аммо одамони сарватманд тибқи категорияи «бояд пасандоз кард, то вақте, ки имконият фароҳам ояд - онро истифода бурда тавонӣ» фикру андеша мекунанд.**

Одамони камбағал тибқи категорияи«бояд барои рӯзи мабодо пасандоз кард» андеша мекунанд. Ин суханест, ки мо ҳар рӯз аз волидайни худ мешунидем. Одамони калонсолтар дар хотир доранд, ки дар гузашта ин гуна маслиҳатҳоро зуд–зуд ба забон меоварданд. Эҳтимол ин ба он вобаста аст, ки волидайни мо дар солҳои вазнини ҷанг ва баъдиҷангӣ зиндагонӣ карданд ва нарасидани ҳама чиз - ғизо, либос, молҳои мавриди ниёзи аввалия зуд–зуд эҳсос карда мешуд.

Имрӯз мо дар замони хеле хуб зиндагӣ мекунем. Акнун тамоми мушкилиҳо паси сар мондаанд. Аммо одамон ба ҳар тариқ ҳамоно мегӯянд: «Бояд пасандоз намуд, зеро омадани замонҳои вазнин ногузир аст». Онҳо барои «рӯзи мабодо», бо умеди он, ки дар лаҳзаҳои душворӣ пул ба онҳо зарур мешавад, пасандоз мекунанд. Агар инсон барои «рӯзи сахт» паса-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ндоз намояд, он рӯз яқин фаро мерасад, агар ӯ дар интизори мушкилот бошад, он рӯз низ ба сараш меояд. Дар чунин ҳолат пулҳои ҷамъкарда барои бартараф кардани он нохушиҳое, ки интизорашон буданд, харҷ мешаванд. Масалан, барои дору, то ки захми тасодуфан гирифтаро табобат кунанд, барои таъмири ногаҳонии мошин ва ғайра.

Аммо одамони сарватманд тибқи категорияи «бояд пасандоз кард, то ин ки имконияти муносиб фароҳам ояд ва онро истифода барем» фикр мекунанд. Одатан чунин мешавад - шумо имконият доред, аммо пул нест. Агар пул дош-та бошед, имконият фароҳам намеояд. Мана, бубинед, ин монанди ҳолати кураи Замин аст, дар ким-куҷое дар биёбон умуман об нест, аммо дар ҷои дигар укёнуси беинтиҳо... Бинобар ин Худованд ба инсон мефармояд: «Акнун фикр кун ва имкониятро фароҳам намо».

Бо пул ҳамеша ду мушкилот ҳамрадиф аст. «Онро бояд аз куҷо гирифт» ва «бо он чӣ кор бояд кард». Бештар мушкилоти аввал ба вуҷуд меояд, аммо боз дуюмӣ низ пайдо мешавад. Ин тавр ҳам мешавад. Маблағи муайянро ҷамъ менамоед ва фикр мекунед, ки онҳоро дар куҷо маблағгузорӣ кунам. Аксар вақт ин пул дар эҳтиёҷоти ҳаррӯза, чизҳои дуюмдараҷа сарф мешавад. Асрори он дар ҳаёти мо нуҳуфтааст. Аксар вақт як ҳолат ба ҳолати дигар дар зиндагии мо бо ҳамдигар иттифоқ намеафтанд. Вақте ки пул ҳаст, имконият нест, аммо вақте ки имконият пайдо мешавад, албатта пул нест. Бинобар ин, омӯхтани «интизор шуда тавонистан» хеле муҳим аст. Бовар кунед, агар пул бошад, имконият ҳатман пайдо мешавад. Баъзан баръакс мешавад, имконият ба вуҷуд меояд, пул низ пайдо мешавад.

Борҳо яке аз шогирдонам барои маслиҳат ба ман муроҷиат кард. Маълум шуд, ки қариб панҷ моҳ боз ӯ

E-mail: ziyozoda@gmail.com


дар дасти худ 20 ҳазор долларро нигоҳ медорад ва намедонад, ки онҳоро дар куҷо истифода барад. Ман ба ӯ гуфтам, ки албатта бояд то пайдо шудани имконият сабр кунад. «Ҳо, чӣ қадар бояд интизор шуд?» - пурсид ӯ аз ман. Ба ҷои ҷавоб ман мароқ зоҳир карда, аз вай пурсидам: «Дар чанд муддат ин миқдор маблағро пасандоз кардед»? «Дар чор сол», - гуфт ӯ. Ман ба ӯ фаҳмондам, ки устодам ҳанӯз ба ман омӯхта буд, ки барои дуруст маблағгузорӣ кардани пул бояд сирру асрори молияро чанд соле, ки тӯли он ин миқдор пулро ҷамъ кардаӣ, биомӯзӣ. «Наход ман чор соли дигар бояд биомӯзам?», - бо тааҷҷуб хитоб кард ӯ. Ман ба ӯ фаҳмондам, ки «Албатта, аз он ки бигзорию ҳамту ноаён аз даст бидиҳӣ, ин беҳтар аст. Дар хотир нигоҳ доред, пулҳоро дар коре гузошта, баъди як рӯз, ҳатто баъди ду соат шумо аллакай онҳоро баргардонида гирифта наметавонед».

Ана, барои чӣ одамони сарватманд пулҳоро пасандоз карда, интизори имконият мешаванд, фақат пасандоз мекунанду интизор мешаванд. Онҳо сабру таҳаммул мекунанд, то ин ки аз ҳавою ҳавас ва дилкашолӣ худро ҳифз кунанд. Ба мағоза ворид мешаванд, ҳазор чизро мебинанд, ки онҳоро ба худ ҷазб мекунад, аммо аз харидаашон худдорӣ мекунанд, ба ҳавою ҳаваси фиребо фирефта намешаванд. Танҳо сабру таҳаммул бояд кард, пулҳоро барои чизҳои бекора сарф кардан зарур нест, он гоҳ бигзор қатра-қатра, аммо косаи молиявӣ рӯзе пур мешавад. Яъне сармояи аввалия пайдо мегардад. Ва вақте ки имконият фароҳам шуд, шумо низ омода мешавед, ки аз он истифода баред. **Бинобар ин ба умед пул пасандоз кунед, то ин, ки он оғози амалӣ шудани орзуи шумо гардад. Пулро пасандоз кунед ва интизор бошед, имконият ҳатман пайдо мешавад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Агар шумо идора кардани сармояи худро биомӯзед, ҳатто агар як доллар дошта бошед ҳам, баъди 33 сол миллионер шуда метавонед. Дониш қодир аст, ки ҳатто пули ночизро ба сарват табдил диҳад. Аз ин рӯ пасандоз намудан хеле муҳим аст ва ҳар қадаре, ки сармояи аввалия калон бошад, баробари он имконияти калонтар фароҳам меояд. Онро сари вақт дида ва истифода бурда тавонистан бениҳоят муҳим аст.

Масалан, Роберт Кийосаки дар китобҳои худ мудом даъват мекунад, ки пасандози мунтазами аз рӯи нақша ҷамъоварда шудае дошта бошед, ки он даромади доимӣ орад. Масалан, сармоягузорӣ намудан дар соҳаи амволи ғайриманқул. Ӯ ҳамчунин ба кам кардани пассивҳо даъват мекунад, ки сармояро карахт мекунанд ва ба хароҷоти нодаркор оварда мерасонанд. Ӯ роҳҳои чӣ гуна аз кормандӣ кироя ба сармоягузори мустақил табдил ёфтанро меомӯзонад. Ин чиз, тавре ки ба назар менамояд, ҳаргиз душвор нест, фақат аксари одамон мушкилоти дар роҳи сарват интизори онҳо бударо, аз будаш зиёд «арчгузорӣ» мекунанд. Ҳамаи он чизе, ки ин кор талаб мекунад - қатъият, ҷасорат, омода будан ба ҳар гуна хавфу хатар, маҳорати идора кардани пулҳои худ ва истифода бурда тавонистани имконияти фарорасида аст.

## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАГОНИ ТРЕНИНГҲО

***Ҳикояти аввал***

Вақте ман хурд будам эҳтимол, он замон 9 сол доштам, мо бо духтарон дар рӯи ҳавлӣ бозӣ мекардем ва касе аз онҳо нақл кард, ки онҳо дар хонаҳошон барои «рӯзи мабодо» пул доранд ва қариб аксари духтарон тасдиқ карданд, ки дар хонаи онҳо ҳам чунин пул ҳаст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ман ба хона омадам ва аз модарам пурсидам, ки оё мо ҳам дар хона барои «рӯзи мабодо» пул дорем? Модарам дуру дароз хандид, эҳтимол қиёфаи ман хеле мушавваш менамуд, ки сабаби хандаи модар шуд. Модарам гуфт: «мо пул дорем, аммо онҳо на барои рӯзи мабодо мебошанд» ва аллакай лаҳни модар оҳанги ҷиддиро гирифт ва ба ман таъкид кард, ки ҳеҷ гоҳ дар бораи ин чизҳо фикр накунам. «Бигзор ҳеҷ гоҳ барои мо рӯзи сиёҳ набошад» – афзуд ӯ.

Имрӯз ман чуниҳ андеша мекунам. Шояд мо Иттиҳоди Шӯравиро пароканда ва нобуд кардем. Зеро ҳама якдилона барои «рӯзи сиёҳ» пул ҷамъ кардем, охир чунин амал мӯд буд ва дар натиҷа чиро, ки интизораш будем, ба он расидем. Охир, бозсозиро наметавон коммунизм номид. Пулҳои ҷамъкарда бошанд, ба таъйиноти мушаххаси худ расиданд - ҳамааш беқурб гардиданд, «рӯз»-и тарҳрезишудаи «сиёҳ», ки ҳама муштоқаш буданд, фаро расид ва моро бераҳмона ба он ҷӣ, ки интизораш будем, ба «хӯрдан» дод. Ҳамон вақт ман фаҳмидам, ки тафаккури мо, яъне он ҷӣ, ки мо дар бораaш фақат фикр мекунем, воқеан таҳкурсии он чизест, ки мо месозем.

Дар як зарбулмасали хуби халқӣ хеле оқилона гуфта мешавад: «Нияти нек ними давлат аст». Пулро ба нияти нек бояд пасандоз кард. Вақте ки ман хона харидам, ин амал ғайриимкон менамуд. Дар яке аз рӯзҳои истироҳатии моҳи октябр бо дугонаам ҳазлу шухӣ карда, банохост ин идеяро дар миён гузоштем. Дар моҳи январи соли оянда маблағи пасандозшуда бо кӯмакҳои мухталиф расо шуд ва хонае низ пайдошуд, ки пули мо ба харидани он мерасид. Илова бар он, хона дар маркази шаҳр воқеъ буд. Таъмири онро намегӯед! Беҳуда оқилон нагуфтаанд: «Натарс, хона пулро ба сӯи худ мекашад». Аз ҳар тараф барои мо пул меомад. Ҳамчунин чун кӯмак одамон таҷрибаи пурқиммати худро дар

E-mail: ziyozoda@gmail.com



масъалаи таъмир аз мо дареғ намедоштанд. Эҳа, чӣ қадар туҳфа омад!

**Ҳар қадаре, ки мо аз сидқи дил ба пасандоз намудан шурӯъ намуда, онро бо ҳамон минвол идома диҳем, ҳамон қадар рӯзҳои беҳтарин моро дар пеш интизоранд.**

### *Ҳикояти дуввум*

Вақте бо шиноси худ Райҳон суҳбат доштам, ӯ ба ман нақл кард, ки аллакай солҳои зиёде якҷоя бо дугонаҳои худ дар бозии «хазинадорӣ» ширкат мекардааст. Барои ноогоҳон чӣ будани «хазинадориро»-ро шарҳ медиҳем. Чанд нафар одамон, одатан хешовандон ё дӯстон, як гурӯҳро ташкил дода, як маротиба дар як моҳ ҳаққи муайяни аъзогиро ба хазинаи умумӣ медиҳанд ва хеле маблағи зиёде ҷамъ мешавад. Ин маблағ ба тариқи навбат ба ҳар кадом узви гурӯҳ бонавбат дода мешавад. Райҳон дар суҳбат бо ман шиква кард, ки ҳар вақте ки ин «хазина»-ро мегирад, пулҳо ё дар оши худоӣ, ё дар адои қарз, ё ин ки барои дору сарф мешаванд. Ӯ фақат дарк карда натавонистааст, ки ҳангоми барномарезӣ кардани пайдокунии пул дар бораи мушкилиҳо андеша меронад, яъне тибқи категорияи нодорон фикр мекунад. Баръакси ӯ яке аз хешованди дури ман - Бекмирзо кори худро бо қабули зарфҳои шишагӣ шурӯъ кард. Дар ин кор сармояи аввалия қариб зарур нагашт, нақши дастёри асосии ӯро бошад, ҳамсараш ба уҳда гирифт. Бо вуҷуди ин хешовандон ҳамеша пул пасандоз мекарданд, орзу мекарданд, ки клуби компютерҳо кушоянд. Баъд аз 1,5 сол орзуи онҳо амалӣ шуд, дар хонаи худ клуби компютерҳоро кушоданд. Дар ин муддат Бекмирзо дарк кард, ки бояд пул пасандоз намояд ва минбаъд дар бораи имконияти оянда андеша намояд.

Ҳамин тавр дар муддати 2 сол ӯ пули заруриро пасандоз намуда, техникаи нави компютерӣ харида, клуби

E-mail: ziyozoda@gmail.com



худро васеътар кард. Баъд аз чанд муддати дигар мағозаи фурӯши яклухти хурди хӯрокворӣ кушод, ки акнун дар он ҷо ҳамсараш кор мекунад. Сирри пешрафти ӯ хеле оддӣ аст. Бекмирзо бо умеди истифода аз имконияти фарорасанда пул пасандоз мекунад ва орзую умеди ӯ амалӣ мешавад.

## АНДЕШАҲОИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГҲО

Яке аз дугонаҳоям ба ман мегӯяд: «Ман ҳама корро мекунам, бисёр мехонам, пеши назар меорам, аммо ба ҳеҷ натиҷае намерасам. Экстрасенси ман гуфт, ки ба ту чашм расидааст». Аз ӯ мепурсам: «Вай маълумотномае ба дастад дод? Агар экстрасенс маълумотнома надода бошад, пас гуфтаи ӯ воқеӣ нест». Садое ба гӯши мо мерасад фикр моддист. Ҳарчи талаб кунем, ҳамонро меёбем. Ҷавобҳоро аз худатон ҷӯед, эътиқодро ҳеҷ гоҳ аз даст надиҳед., экстрасенс шояд хуб бошад, аммо танҳо дар аввали кор ҳамчун «дастгирӣ» зарур мегардад. Филми «Асрор»-ро тамошо кунед, китобҳои Ҷ. Витале, Б. Шеферро хонда, бо Д. Леушкин кор кунед. Чизе ҳосил нашуд? Яъне то ба ҳол зимистон аст, охир баҳор ҳам меояд! Ҳатман ба натиҷае хоҳед расид. Фақат натиҷаро, агарчӣ хеле хурд бошад ҳам, дида ва хурсандӣ карда тавонистан зарур аст.

Эҳтимол, ин роҳгумзании худи шумо таҳти унвони «ман инро медонам» аст. Аммо шояд тамоман надонед? Донистан ин маънои фаҳмиданро надорад. Сохту таркиби идроки инсон чунон мураккаб аст, ки бо як бор хондан пурра дарк кардани матлаб қариб ғайриимкон аст. Ба хотир оред, ки чӣ гуна дар мактаб тақсими ададҳоро аз фанни математика омӯхтед. Чӣ, якбора азхуд шуд? Аммо фикр мекунем, ки медонем.

Агар муваффақ нашудем, пас чизеро нодуруст анҷом додаем, ё бо ними қувва амал кардаем. Мехоҳед иқлим-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ро иваз кунед, мехоҳед, ки нақшаи панҷсоларо пеш аз муҳлат иҷро кунед. Ҳама гуна натиҷаи чашмдоштро мехоҳед - мутахассисони эътирофшударо ҷустуҷӯ кунед, устодро ҷустуҷӯ кунед, кордидаҳо ва ҳаммаслаконро ҷустуҷӯ кунед, ба суроғи онҳое равед, ки натиҷа ба даст овардаанд, ба худомӯзӣ машғул шавед. Дониши худро такмил диҳед. Ба худ ин манзараро тасаввур кунед: бача шашсола шудааст, муҳлати ба мактаб рафтанаш низ расидааст, аммо волидайн мегӯянд: «Ӯ бе ин ҳам, ҳама чизро меомӯзад. Ӯ худаш медонад, чӣ гуна...» Чӣ гуна ин худаш? Мактаб чӣ мешавад? Барои шурӯъ намудан, мактаби таҳсилоти умумӣ чӣ мешавад? Ҳатто **дуо метавонад нодуруст ифода шуда бошад**. Фақат бояд тафаккур кард! Бояд таҳлили амиқ анҷом дод.

Шумо ягон вақт забони хориҷӣ, фарз кардем, англисӣ омӯхтаед? Мардуми бисёре ба омӯзиш дода мешаванд. Қариб ҳама чизе мехонанд ё ки маҷбуранд бихонанд. Оё, бисёриҳо ба забони омӯхтаашон суҳбат карда метавонанд? На? Пас барои чӣ? Оё омӯзиш хуб нест?

Ҷавоб: «худи онҳо гунаҳкоранд..... Ин мисол чиро нишон медиҳад? Онро нишон медиҳад, ки касе базӯр хондааст, базӯр ба забони хондааш суҳбат мекунад ва ба қавле: « монанди саг «мегӯяд», ки мефаҳмам, аммо гуфта наметавонам». **Ҳама гуна омӯзишро бо дили нохоҳам анҷом додан ҷиноят аст. Дар назди худ бояд ростқавл буд.**

Як хатмкардаи донишгоҳи иқтисодиро ба кор қабул мекунем. Ӯ барномаи «Excel»-ро намедонад ва муддаиёна изҳор мекунад: «Моро дар донишгоҳ чунин омӯхтанд!»

Шарҳ медиҳед? Ман чизе намегӯям. Ман писарбачаи даҳ солаеро медонам, ки «Excel»-ро чун писта шарақ-шарақ мешиканад. Фарз кардем, ки марде духтури ҷарроҳ шудан мехоҳад ва тибро... мустақилона меомӯзад. Шумо инро ба худ чӣ тавр тассавур мекунед? Оё бо ин роҳ духтури ҷарроҳ шуда кор кардан меша-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



вад.Мардум ба чунин духтурон, ҳатто саги худро барои табобат бовар карда намебаранд. Мо барои омӯхтани тиб ба донишгоҳ меравем, зеро табиб шудан кори хеле душвор аст. Аммо дар вазъияти молиявии худ бо одами зинда таҷриба мегузаронем, ба мисле, ки бо гули бобуна фол мекушоем. Ғайриоддӣ. Гуфтан лозим аст, ки ба худ бояд ба таври сазовортар муносибат кард? Шумо ресмони резиние доред, ки бо он бастаи пули коғазиро мебандед? Агар надошта бошед, онро бихаред. Онро дар банди дасти худ дароред ва ҳар вақте фикр ба «дигар тараф» меравад, резинро кашед ва онро бошиддат сар диҳед, резин ба дасти шумо сахт зада, озоратон медиҳад. Ҳисоб кунед, ки чанд маротиба фикратон ба масъалаи дигар андармон мешавад. Иродаро пурқувват мекунем, тафаккурро назорат менамоем. Фақат ҳамин хел бозӣ мекунем. Бо бел-ку на, бо сар кор мекунем. Лаҳзаҳои вазнинро ба хотир наоред, шумо онҳоро аз нав аз сар мегузаронед ва боз аз нав худро ба сӯи лаҳзаҳои ба онҳо монанд мекашед.

Шумо бо кадом мақсад ба толори варзишӣ меравед? Чаро ба дарси рақс меравед? Бо чӣ сабаб шумо ба дарсҳои забонҳои хориҷӣ меравед ва барои он пул ҳам медиҳед? Магар дар хона ҷаҳидан, зонуро қат карда нишастан, мусиқиро монда рақс кардан намешавад? Вақтро дар роҳ сарф кардан чӣ маънӣ дорад? Чаро барои машқ бояд пул пардохт кард, модоме ки дар хона метавон ин амалҳоро мустақилона анҷом дод? Дар воқеъ, барои он пул пардохт мекунем, ки ин тартибу низом аст ва мо бо тамоми қувва талош мекуем, ки пули пардохткардаи мо беманфиат, ройгон аз даст наравад. Мо чӣ кор мекунем? Ҷисми худро машқ медиҳем. Ин хуб аст, аммо кам аст. Аз пардохт кардани ҳаққи омӯзиш наҳаросед, дар ивази он саҳву хатоҳо бароятон арзон меафтанд.

Чӣ тавр ба ин ҳамадонҳо мубориза бояд бурд? Бо қувваи ирода. Иродаро машқ медиҳем. Он чиро ҷустуҷӯ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



кунед, ки азони шумост, нуқтаи муттакои худро ҷустуҷӯ кунед, мактаби худро ҷӯед. Аммо барои пайдо кардани чизи лозимаи истеъдоди худ, бисёр чизро бояд омӯхт. Устодон мегӯянд: «Барои ҳарчи зудтар калон шудани дарахт, навниҳолро зӯр зада ба боло кашидан хандаовар аст».

Оё резин дар банди дастатон аст? Офарин. Фикр ва эҳсосотро зери назорат мегирем ва натиҷа моро ҳаргиз ба мунтазир шудан водор намесозад. Ба хотир меоварем. Ҳатто ба кӯчактарин беҳбудӣ таваҷҷуҳ мекунем, ба онҳо одат карда, дар интизорашон мешавем. Фикр моддист! Ҳамин маъниро дар оинаи ҳуҷраи дастурӯй шӯӣ нависед! Ва дар ин ҷо низ бояд мисли он ҷо - назди дар (дари даҳшатангези қасри шоҳро ба хотир оред) эътиқод дар сатҳи боло бошад. Ҷойгузини он ё дигар роҳи имконпазир вуҷуд надорад. Сабук-сабук ҳамаи амалҳоро анҷом дода, бозӣ мекунем.

Мирзокарим Санақулович роҳи аниқи комёбиро нишон медиҳад. Бо қуввати ирода тимсоли ҷавониро дар тани худ «печонида» маҳкам мекунем. Ман бо ҳамин роҳ бинокии худро барқарор кардам. Ӯ сахт ҳарф мезанад. Ба ҷадвал менигарӣ, ҳеҷ балоро намебинӣ, бо қуввати ирода кайфияти рӯҳии худро боло мебардорӣ ва мегӯӣ: «Ман чӣ хел ҳамаро мебинам!» ва медонед, ба дидан шурӯъ мекунед. Аз одамони қариб нобинои модарзод хоҳиш карданд, ки хеста, рӯи худро ба сӯи толор гардонанд, то ки бо қувваи иродаи худ бубинанд, тасаввур карда метавонед, ҳатто онҳое диданд, ки ба худ бовар надоштанд. Дар воқеъ, роҳбаладӣ ин гурӯҳ ҳангоми хатми омӯзиши даҳрӯза аз толор бе асо баромада рафт. Ба ҳар коре, ки даст мезанед, онро аз таҳти дил ва сидқан иҷро кунед. Агар мо ба қувваи худ боварӣ надошта бошем, пас кори моро ба ҷои мо кӣ иҷро мекунад?

То замоне, ки шумо инро дарк накунед ва он чи кӣ, аз шумо вобаста аст, анҷом надиҳед, шумо коре карда наметавонед. Ба шумо эҳсос кардани яъсу ноумедӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



маъқул аст? Не! Дар ин сурат боинсофона кор кунед. Бо касе баҳс накунед, танҳо саъю талош кунед, то ҳар он чизеро, ки ин гуна китобҳо пешниҳод менамоянд, иҷро кунед. Ба коре агар шурӯъ кардед, онро тарк накунед ва дар андак муддат мебинед, ки ҳаётатон ҳақиқатан дигаргун шудан мегирад. Қонуни Ҷозиба. Сипас шумо ҳолати «то» ва «баъд»-и худро муқоиса кунед. Мо бо шумо ин музаффариятро ҳамроҳ ид хоҳем кард. Ҳатто барои натиҷаи кӯчактарин шодию хурсандӣ карданро биомӯзед. Э-ҳее!!! Ура!!!

Нишондоди калидие, ки ман аз тренингҳои С. Давлатов гирифтам, ин аст, ки корро ба таври худат накун, онро чуноне ки ба ту омӯзондаанд, ба таври касбӣ анҷом бидеҳ.

▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## БЕНЕТТОН

Дар ибтидои солҳои 40-уми асри гузашта оилаи Бенеттон чандон камбағал ҳам набуду таъминоти оила чандон дуруст ҳам набуд. Падар саъй мекард, ки бештар ба бизнес машғул шавад ва автомобилҳоро ба иҷора медод. Аммо кораш чандон омад намекард. Вақте ки соли 1944 ӯ вафот кард, вазъияти оила боз ҳам сангинтар гардид. Нигоҳубини оила ба дӯши фарзанди калонӣ - Лучиано афтод, ки ҳамон вақт вай ҳамагӣ 10-сола буд. Кори аввалини анҷомдодаи Бенеттони наврас ин буд, ки ӯ аз баҳри мактаб гузашта, дар яке аз мағозаҳои либосфурӯшии Италия ба кор даромад. Дар синни 14-солагӣ ӯ аллакай ёрдамчии фурӯшанда буд. Ҳамчунин ду бародар ва як хоҳар дошт, ки хоҳараш Ҷулиана ном дошт ва ба ҳунарҳои дастӣ машғул буд. Маҳорати дӯхтан ва бофтани Ҷулиана дар таърихчаи оила лаҳзаи калидӣ гардид. Боре ӯ ба бародари худ свитери оддиеро тухфа кард, ки чунин

E-mail: ziyozoda@gmail.com



либос дар байни бознишастагон хеле маъмул буд. Фарқи асосии он дар рангубораш буд. Ранги свитери мазкур пурра зард буд. Вақте Лучиано свитерро ба тан пӯшида, ба кор омад, маҷбур шуд, ки ба пурсишҳои бисёри ҳамкорон ҷавоб гӯяд. Маҳз ҳамон замон Бенеттон дарк намуд, ки свитер метавонанд сабаби ба даст овардани пул гардад.

То ин вақт онҳо пасандози начандон калоне доштанд. Бинобар ин бо ҳамроҳии хоҳараш ӯ тасмим гирифт, ки аз имконияти фарорасида истифода бурда, кори худро ба роҳ монад. Кор аз он шурӯъ шуд, ки хоҳар свитер мебофт, Лучиано бошад дар мағозае, ки дар он кор мекард, онҳоро мефурӯхт. Барои вусъати савдо ӯро зарурияти бо дигар мағозаҳои шаҳр муомила барқарор кардан пеш омад. Бенеттони ҷавон маҳсулотро бо дучархаи худ ба мағозаҳо мекашонд. Бо гузашти вақт свитерҳои оилаи Бенеттон соҳибшуҳрат гаштанд. Пештар гӯё чунин либосҳо танҳо барои одамон солхӯрда пешбинӣ мешуданд. Бенеттонҳо фақат ранги свитери пашминро иваз карда, бо ҳамин васила чорчӯбаи маъмулиро шикастанд.

Соли 1962 либосҳои Бенеттон дар Рим низ фурӯхта мешуданд. Бизнес рӯз то рӯз не, балки соат ба соат рушд мекард, барои Бенеттон масъалаи таъсиси ширкати худаш ба миён омад. Ӯ фаҳмид, ки барои вусъат додани бизнесаш донишҳояш намерасанд ва ба василаи азхуд кардани донишҳои нав оила метавонад дар Италия соҳиби афзалият шавад. Лучиано тасмим гирифт, ки ба Шотландия равад, зеро ки ин кишвар бо малакаву маҳорати истеҳсоли молҳои пашмин шуҳратманд гардида буд. Бенеттон маҳз дар Шотландия аз сирру асрори истеҳсолот огаҳӣ пайдо кард, ки ин барои минбаъд баланд бардоштани сифати маҳсулот ба онҳо кӯмак кард.

Баъд аз се сол ширкати «BenettonGroup» таъсис дода шуд. Сарварии ширкатро худи Лучиано ба зимма гирифт. Масъулияти бахши истеҳсолот ва ороиши ширкат

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ба зиммаи хоҳараш гузошта шуд. Бародарони хурдӣ Ҷилберто ва Карло низ дар ширкат вазифаҳои масъулро иҷро мекарданд: аввалӣ масъулияти фаъолияти молии ширкатро ба уҳда дошт, дуввумӣ ба кори интихоб ва идоракунии ҳайати кормандон машғул буд.

Дар муддати кӯтоҳ либосҳои навъи Benetton зуд мӯд шуданд. Ин либосҳо нархи гарон надоштанд, аммо ин ба онҳо халал намерасонид, ки дар байни мардуми сарватманд низ шуҳрат касб кунанд. Ба ҳама маълум аст, ки ҳатто шоҳзодахонум Диана ҳаводори ин навъи либосҳо буд. Ӯ ба бачаҳои худ низ либосҳои Benetton-ро мепӯшонид. Дар ибтидои солҳои 70-уми асри гузашта дар ҷаҳон аллакай бештар 1000 мағозаи ин ширкат мавҷуд буд.

**ХУЛОСА. Сари вақт пасандоз кардани пул ба бародарон кӯмак кард. Агар шумо имрӯз имконияти пасандоз кардани пулро надошта бошед, ин маънои онро надорад, ки шумо ҳуқуқ доред, ки ҳамаи пулҳои ба даст овардаатонро нобуд кунед. Дар Бобулистони қадим ғуломонро барои он мехӯрониданд, ки онҳо кор карда тавонанд. Инсоне, ки бароиояндаи худ пасандоз намекунад, ғуломи эҳтиёҷмандии худ аст. Мо худамон дарк накарда, худро ғулом мегардонем. Вақте ки ҷавонем, ин чиз чандон ҳис намешавад, вале чун наздик шудани солхӯрдагиро эҳсос мекунем ва дарк мекунем, ки то чӣ андоза пасандоз кардани маблағ муҳим будааст. Аммо вақт аллакай сипарӣ шуда, дар ихтиёри шумо дар ин мавзуъ барои тасаллии дил танҳо ҳазлу шӯхӣ кардан боқӣ мондааст. Новобаста аз он, ки имконият ҳаст ё не, бояд пул пасандоз кунед ва бояд ба вуҷуд омадани имкониятро интизор нашавед.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ҲАШТУМ

Пул бояд мақсади ягона набошад. Пул ба шумо танҳо барои расидан ба мақсади худ зарур аст. Ба кор ҳамчун механизми ба даст овардани маблағи зарурӣ барои харидани вақти озод ва хушбахтии худ муносибат кунед.

***Стивен Поллен,***
*миллионери амрикоӣ*

**Одамони камбағал тибқи категорияи «пул инсонро вайрон мекунад», сарватмандон тибқи категорияи «пул ҷузъи ҳаёти ман аст» андеша мекунанд.**

Одамони камбағал тибқи категорияи **«пул алоҳида вуҷуд дорад»** фикр мекунанд. Ин чӣ маъно дорад? Биёед, онро баррасӣ менамоем. Одатан онҳо мегӯянд: «Ман пул надорам, ман сарватманд нестам, аммо ман одами меҳрубон ва хуб ҳастам». Аммо касе ба хубу меҳрубон будани онҳо шубҳа намекунад. Ҳоло масъала на дар ин бора аст. Одамони камбағал фикр мекунанд, ки сарватмандон фиреб медиҳанд, дуздӣ мекунанд ва ҳиллаву найранги молиявӣ анҷом медиҳанд ва чунин мешуморанд, ки барои ин кор гӯё пул гунаҳгор бошад. Аммо ин чиз аз худи одам вобаста аст. Бо вуҷуди ин, дар ҷаҳон одамони сарватманди зиёде ҳастанд, ки бисёр корҳои хубро анҷом медиҳанд. Чӣ қадар дар дунё сандуқҳои хайрия вуҷуд доранд, ки ба одамони эҳтиёҷманд

E-mail: ziyozoda@gmail.com


кӯмак мерасонанд ва қариб ҳамаи онҳо аз ҷониби одамони сарватманд сармоягузорӣ мешаванд.

Ҳар рӯз дар ҷаҳон ҳазорон нафар одамон ҷони худро дар садамаҳои автомобилӣ аз даст медиҳанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки истеҳсоли автомобил қатъ гардад, охир, барои ба амал омадани садамаҳо истеҳсолкунанда айбдор нест. Садама бо айби одамон ба амал меояд, автомобил ба «зот»-и худ аз диди ахлоқӣ низ бетараф аст ва танҳо бо хусусиятҳои асосӣ ва сифаташ аз ашёи дигар фарқ мекунад. Дар сурати дуруст истифода кардан, автомобил кори одамро осон намуда, воситаи ҳамлу нақл ба шумор меравад ва вақти бисёрро сарфа мекунад. Хулласи калом, ҳама гуна натиҷа ба тарзи автомобилро идора кардани инсон алоқаманд аст.

Аз нуқтаи назари одамони камбизоат, ки тибқи категорияи камбағалӣ андеша мекунанд, сарватмандон бад рафторӣ карда, пастҳимматонаю беадолатона амал мекунанд, зеро онҳо соҳиби пул мебошанд. Дар асл ин тавр нест. Аксари одамони камбағал мегӯянд: «Барои ман пул чизи асосӣ нест, барои ман пул муҳим нест, ман ба пул чун чизи асосӣ ва омили муқарраркунанда муносибат намекунам...». Агар шумо низ чунин ақида дошта бошед, ки пул барои шумо муҳим нест, дар ин сурат вориди хона шуда, ба зан ё шавҳари худ гӯед: «Медонӣ, барои ман фарқ надорад, ту бо манӣ ё на, ту дар ҳаёти ман нақше надорӣ». Оё ин одам ба шумо минбаъд зиндагӣ мекунад? Чӣ андеша дорад? Ба андешаи ман, вай бо шумо муддати зиёд зиндагӣ намекунад. Пул ҳам чунин хислат дорад. Агар одам чунин ҳисобад, ки пул барои вай муҳим нест, дар навбати худ пул низ ӯро тарк хоҳад кард.

Сарватмандон тибқи категорияи «пул ҷузъи ҳаёти ман мебошад» фикру андеша мекунанд. Ин чӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



маъно дорад? Онҳо мегӯянд: «Пул ба ман ёрӣ мерасонад, ки бештар некӣ кунам ва он чиро, ки фикр кардам, амалӣ созам. Пул ба ман барои ба мақсадҳои дар пеш гузоштаам ва расидан ба орзуҳоям кӯмак мекунад. Вақте ки нақшаҳо амалӣ мешаванд, онҳоро ҷузъи комёбии худ медонам. Пул ба ман кӯмак мерасонад, ки дар ҳаққи фарзандонам бештар ғамхорӣ намоям. Дар ин сурат ман худро падари лоиқу сазовор эҳсос мекунам, ин ҷузъи хушбахтии ман аст. Пул ба ман мадад мекунад, ки бештар ба ҳамсарам ғамхорӣ кунам, хешу ақрабо ва одамони бароям наздикро дастгирӣ кунам. Инро метавонам ҳиссае аз лаҳзаҳои хушбахтии ҳаёти худ гӯям. Пул ба ман имкон медиҳад, ки хайру саховат кунам, ба муҳтоҷон ёрӣ расонам, ин чиз барои инсон созгории ботинӣ аст. Одамони сарватманд пулро чизи бегона надониста, онро ҷузъи хаёти худ мехисобанд.

## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГҲО

Туқ-туқ, туқ-туқ, туқ–туқ садо баровардани чархи қатора маро ба умқи саргузашти Мария раҳнамун месозад. Ӯ воқеаҳоро тез, ботартиб ва аниқ қисса мекунад.

Соли 2004, охири моҳи август... паҳнои кӯчаки шахсӣ... давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯӣ дар кишвари дур ба мақсади сафир шудан...

Духтараке бо қиёфаи бачагона дар рӯ ба рӯи ман нишаста мегӯяд: Ҳамин тавр... ва соли 2011 папаи Римро дар ҳайати як намояндагии ҳукуматӣ ҳамроҳӣ кардам.

Дар ин миён дастовардҳои дигаре. Соли 2010 баъд аз ҳамроҳии ҳайат дар конфронси байналхалқӣ дар Италия Мария барои расидан ба мақсад дар ҳаёт рӯйхате ташкил мекунад, ки аз 100 банд иборат буд. Нуқтаи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



№37 - шинос шудан ба папаи Рим. Кӯтоҳ ва фаҳмо - №37.

Дар воқеъ, ба суханони Мария гӯш фаро дода, дарк мекунӣ, ки ӯ тамоми комёбиҳои худро фикр карда, ба нақша мегирад.

Якҷоя саъй мекунем, то ки лаҳзаҳои калидии ҳаёти ӯро пайдо кунем.

Ҳатто аз ӯ пурсидан намехоҳам, ки пул барои ту чӣ арзише дорад? Он ҷузъи ҳаёташ аст, аммо пул мақсади асосии зиндагиаш нест. Ин одам дар зиндагӣ роҳи худро интихоб намудааст ва эътибори худро хуб медонад. Дар чунин ҳолат ҳатто омӯзиши забон дар кишвари бегона метавонад бепул шавад. Моҳи майи соли 2005 ӯ барандаи бурси таҳсил дар Италия ва кӯмакхарҷии Ҳукумати Италия мегардад. Соли 2009 бори дуввум соҳиби чунин бурс мегардад, ки аллакай рекорд аст! Яъне мақсади дар пешгузошта барои ба пеш зудтар ҳаракат кардан ёрӣ медиҳад.

- Мария кай ту дарк кардӣ, ки тафаккурат шарику иттифоқчии ту мебошад?

-Моҳи августи соли 2004, вақте ки ман рӯзҳоямро бо китоби барои худомӯзии забони итолиёӣ мегузаронидам, ҳамон замон дарк кардам, ки инсон бояд ба кори дӯстдоштааш машғул шавад. Моҳи сентябр ба хона баргашта, ҳамоно бо истифода аз забони итолиёӣ кори хубе пайдо кардам.

Ман инро ба шумо мехостам гӯям. Мария бо забонҳои англисӣ, итолиёӣ, туркӣ ва фаронсавӣ хеле озодона суҳбат мекунад. Ман мутмаинам, дар пеш ӯ омӯхтани забонҳои литвонӣ, ҷопонӣ, чинӣ ва ғайраро дар нақша дорад. Ё ин ки ӯ забони наве эҷод мекунад. Ба сафир забондонӣ лозим мешавад...

E-mail: ziyozoda@gmail.com



▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## МУКЕШ АМБАНӢ

Мукеш Амбанӣ дар Ҳиндустон, дар шаҳри Мумбай, дар оилаи бизнесмени машҳур, ки замоне қаҳрамони зиндаи саноати ҳинд гардида буд, ба дунё омадааст. Фазое, ки дар оила ҳукмфармой дошт, барои интихоби касб ба манфиати ӯ хеле мусоидат кард. ӮДонишкадаи технологияи химиявиро дар Донишгоҳи Мумбай хатм карда, соҳиби унвони бакалавр шуд, сипас таҳсилро дар мактаби бизнеси Стэнфорд (ИМА) идома дод. Бо сабаби бемории падар, ки сактаи майнаро аз сар гузаронид, Мукен тасмим гирифт, ки таҳсилашро дар Стэнфорд қатъ карда, ба зодгоҳи азизаш баргардад.

Соли 1981 ӯ дар ширкати хусусии падар ба кор шурӯъ карда, тасмим мегирад, ки фаъолияти ширкатро аз решааш ба куллӣ тағйир дода, онро аз корхонаи истеҳсоли маснуоти бофандагӣ ва нах ба корпоратсияи бузурги нафту химия табдил диҳад. Ба туфайли дониши дар вақти таҳсил андӯхта ва маҳорати дар амал истифода бурда тавонистани онҳо, ӯ нақшаҳои худро воқеӣ намуда, бизнесмени муваффақ гардид. Дар натиҷа Мукеш Амбанӣ 51 истеҳсолоти навин таъсис дод, ки дар онҳо танҳо технологияи ҷадид ва пешқадам мавриди истифода қарор мегирифт. Ӯ комёбии беназир ба даст оварда бошад ҳам, ба муваффақиятҳои бадастовардаш қонеъ нашуд. Баъдтар Амбанӣ калонтарин дар ҷаҳон заводи коркарди маҳсулоти нафтро бунёд кард, ки он дар шаҳри Ҷамнагар ҷойгир шудааст. Дар бораи Амбанӣ метавон бо боварӣ гуфт, ки ӯ иқтидори илмӣ ва зеҳнии худро амалӣ гардонда, аз ҳамаи имкониятҳои фарорасида истифода бурда, ширкати худро ба корпоратсияи пуриқтидор табдил дод.

Бар замми ин, ӯ пулро аз ҳама чиз боло намегузорад, вале онро як ҷузъи ҳаёти худ медонад ва саъй ме-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



кунад, ки ҳамаи вақти озоди худро дар ҳалқаи оилааш гузаронад. Ӯ барои оилаи худ тамоми шароитро фароҳам овардааст. Мукеш ба Нита Амбанӣ хонадор шуда, соҳиби се фарзанд мебошанд, ки ӯ онҳоро бисёр дӯст медорад ва ба ҳамеша серкор будани худ нигоҳ накарда, Мукеш кӯшиш мекунад, ки барои онҳо вақти зиёд ҷудо кунад. Нита ҳамчунин аз сарвату дорой ғуруру такаббур намекунад ва вақту пули зиёдро ба тафреҳу вақтхушиҳои беҳуда нагузаронида, ба корҳои хайрия машғул буда, ба ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ, ки хеле зиёданд, банд аст. Ба фаъолияти Нита Амбанӣ дар ин самт аз ҷониби ҷомеа баҳои баланд дода мешавад. Соли 2004 ӯ бо мукофоти «Шахси аз ҳама муътабари Ҳиндустон» қадрдонӣ карда шуд.

**ХУЛОСА. Пул имкониятҳои моро муайян мекунад. Маҳз он ба мо кӯмак менамояд, то муҳаббати худро падидор карда, оиларо сомон диҳем ва орзуҳои худро амалӣ гардонем. Маҳз пул ба мо имконият медиҳад, ки накӯкорӣ кунем, ба онҳое, ки муҳтоҷи ёрианд, кӯмак расонем. Пул ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мо мебошад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ НӮҲУМ

Пулҳоро каму беш ҳисоб накунед, арзиши асосии онҳо хизматгори хуб ва хӯҷаини бад будан аст.

**Александр Дюмаи хурдӣ**

**Одамони камбағал тибқи категорияи айбдорсозӣ андеша мекунанд. Одамони сарватманд тибқи категорияи нарасидани таҷриба, малака ва маҳорат фикр мекунанд.**

Одамони камбағал тибқи категорияи айбдорсозӣ андешаронӣ мекунанд. Одамони сарватманд тибқи категорияи нарасидани таҷриба, малака ва маҳорат фикр мекунанд. Ин чӣ маъно дорад? Биёд, ин масъаларо баррасӣ менамоем. Агар одамони камбағал кореро анҷом дода натавонанд, онҳо ҳамеша сабаб пайдо мекунанд. Дар ин кор давлат, бухрони ҷаҳонӣ, ҳатто волидайнро айбдор медонанд, зеро онҳо дар оилаи камбағал ба дунё омадаанд. Дидед! Умуман онҳо ҳамаро аз як тараф гунаҳгор медонанд.

Агар ба бизнес машғул шаванду корашон омад накунад, онҳо зуд далел пайдо мекунанд, ки замони мушкил буд, пул нарасид, ба замми он боз бухрон шурӯъ шуд, ҳа, боз ин ҷо шарикон миёни корро шикастанд. Хулласи калом, ҳазор иддаою далел. Агар корашон як маротиба омад накунад, онҳо дигар саъю талош намекунанд ва дарк намекунанд, ки бо сабаби як нокомӣ аз орзуи худ даст кашидан мумкин нест.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**Чунин одамон як сирри муҳимро намедонанд - вақте шумо касеро гунаҳгор мекунед, шумо ба дасти ӯ чилави фармонатонро медиҳед, шуури шумо бо фикрҳои нолозим банд мешавад, шумо дар бораи ин одам ҳамчун гунаҳгори нокомиҳои худ фикр мекунед.** Агар давлатро гунаҳгор карданӣ шавед низ, ҳамин ҳолат ба амал меояд. Онро бо сабаби бадбахтии худ чашми дидан надоред, аммо аз ин чизе тағйир намеёбад. Агар хамсари худро гунаҳгор дониста, феълу атвори ӯро танқид намоед, дар ин сурат муносибати мутақобилаи худро бо ӯ вайрон карда, ба ҳархашаю чанчол шурӯъ мекунед, ки ба зиддият бадал гардида, охири охирон ҳеч гоҳ бо натичаи хуб анчом намеёбад. Ҳеч гоҳ ҳеч касро гунаҳгор накунед.

Биёед, мебинем, ки дар ин ҳолат одамони сарватманд ва муваффақ чӣ гуна амал мекунанд. Онҳо тибқи категорияи нарасидани тачриба, малака ва маҳорат фикр мекунанд. Агар кори ин гуна одамон омад накунад, онҳо ҳеч гоҳ касеро гунаҳгор намекунанд. Давлатмандон мегӯянд: «Агар кори ман омад накунад, пас сабаб дар он аст, ки маҳорат ва малакаи ман пурра нест. Ман бояд маҳорати худро такмил диҳам». Сарватмандон касеро айбдор намекунанд. Ҳатто агар бачаҳо аз уҳдаи коре набароянд ҳам, ба онҳо дуруштрафторӣ накарда, ба онҳо ба таври содда мефаҳмонанд, ки «Ту ин корро карда натавонистӣ, зеро чӣ тавр анчом додани онро намедонӣ». Агар шарик ба корашон халале ворид кунад, онҳо бо ӯ чанчол накарда, дар ҳаққаш бадӣ намекунанд. Баръакс ба шарик кӯмак мекунанд, ки аз ин ҳолати ногувор раҳоӣ ёбад ва дар чашми одамони наздикаш чун одами шоиставу сазовор боқӣ монад. Онҳо мегӯянд: «Медонӣ, ту дӯсти манӣ ва ман мехоҳам ту дониста бошӣ, ки ман туро барои ҳеч кор

E-mail: ziyozoda@gmail.com



айбдор намедонам, аммо агар ту таҷрибаи худро такмил дода, донишҳои нав андӯзӣ, шояд ҳамаи корҳоят хуб шаванд». Онҳо ҳеҷ гоҳ ҳеҷ касеро айбдор намедонанд, баръакс, талош мекунанд, ки ба дигарон кӯмак расонанд, то онҳо низ мисли шон одамони муваффақи бо дарку фаҳм шаванд.

Баробари хатми мактаби миёна мо вориди олами бузург ва номаълум мешавем. Ба мо касе роҳҳои ба мақсад расидан ва чӣ гуна бартараф кардани монеаҳои сари роҳамонро ҳанӯз наомӯхтааст. Ҳар яке аз мо мувофиқи дарку зеҳни худ амал мекард. Касе ба мо нагуфтааст, ки бояд чӣ кор кунем, то ки муваффақ шавем ва ҳар кас тибқи салоҳдиди худ амал мекард.

Ба аксар одамон паси сар кардани давраи вазнини ҳаёташон хеле мушкил меафтад. Онҳо афсурдаю рӯҳафтода гашта, аз мубориза даст мекашанд. Ҳар инсон нерӯ ва асабҳои қавӣ надорад, ки нокомиро таҳаммул карда, дубора барои расидан ба мақсад саъю талош кунад. Бисёрии одамон аз орзуи худ танҳо ба он хотир даст мекашанд, ки ба имконпазир будани он боварӣ надоранд, баъзан одамон аз баҳри мақсадашон вақте мегузаранд, ки то расидан ба он ҳамагӣ як қадам боқӣ мондааст. Ниҳоят нодору камбағал, боқӣ мемонанд. Зеро онҳо аввалин нокомиро таҳаммул накарда, тахминан чунин фикр мекунанд: «Аз дусар ҳеҷ кори ман барор намегирад, беҳтараш, дигар кӯшиш накунам, ин кори ман нест». Аммо одами дорои тафаккури сарватмандӣ баъди шикасти аввалин ба худ мегӯяд: «Боке нест, мушкилӣ ногузир аст, бе он намешавад, чӣ хеле, ки таҷрибаи ман дар ин кор камӣ кард, бояд ҳама чизро фикр карда аз нав шурӯъ намуд».

Ӯ худ ва дигаронро айбдор намекунад, балки вазъиятро таҳлил менамояд: «Кори ман танҳо бо як

E-mail: ziyozoda@gmail.com



сабаб омад накард, ки ин ҳам нарасидани малакаю маҳорат аст. Ба ман зарур аст, ки сатҳи касбии худро баланд бардорам, донишҳои заруриро азхуд намуда, сипас дубора ба кор шурӯъ кунам». Ҳолати мазкур монанди дучарха саворист муҳол, ки касе ҳангоми бори аввал ба дучарха савор шудан онро якбора идора карда бошад, зеро ин кор то ҳол ба касе муяссар нашудааст. Аз орзуи худ бояд даст накашед. Агар шумо бори аввал афтодед, бархезед ва дубора роҳатонро идома диҳед.

Бинобар ин агар бизнеси шумо мувофиқи табъи дилатон пеш наравад, аз баҳри он гузаштан зарур нест. Фаромӯш накунед, ки ҳар гуна заҳмат албатта самар медиҳад. Билохир, ҳаёт аслан аз рӯи қонуни адолат сохта шудааст. Дер ё зуд саъю кӯшиши шумо қадр карда мешавад. Заҳмат бемузд намешавад, шумо бояд ба он бовар кунед, зеро ки эътиқоду боварӣ дар ҳаёт ба мо кӯмак мекунанд. Агар идеяи шумо ба касе писанд нашуд, ё ин ки дӯстон шуморо дастгирӣ накарданд, ҳеҷ гоҳ аз раъйи худ нагардед. Баъд чӣ. Исбот кунед, фаҳмонед, аммо агар шуморо фаҳмидан нахоҳанд, беҳтараш, вақтро беҳуда сарф накарда, танҳо ба пеш ҳаракат кунед. Ба садои дили худ гӯш бидиҳед, агар он гӯяд, ки «бояд кард!», пас ҳар қадаре бароятон вазнин бошад ҳам, амал кунед.

## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГҲО

*Вера Фёдоровна Биндюг, маълумоташ олӣ, Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Сумск ба номи А. С. Макаренкоро аз рӯи ихтисоси «муаллими химия ва биология» хатм кардааст.*

**Ман баъди хатми донишкада 10 сол дар мактаб ва омӯзишгоҳи касбӣ муаллимӣ кардам. Бачаҳоро хеле дӯст медорам, бинобар ин, бо онҳо зуд-зуд саёҳат**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



мерафтам. (Тобистон ба соҳили рӯдхона ва ҷангал, зимистон-лижатозӣ, гулхан, сурудхонӣ). Ҳама чиз хеле хуб буд, аммо ман дар дил орзуи бузург надоштам, эҳтимол бо ин сабаб оилаи ман пош хӯрда, аз байн рафт.

Соли 2000-ум ман ҳамроҳи духтарчаи 8-солаам ба Қазоқистон ба минтақаи Мангистауск омадем. Худи ҳамон сол, тасодуфан, дар рӯзнамоии системаи таълимии М.С.Норбеков ширкат кардам. Таваҷҷуҳ намудам. Китобу диск гирифта, ба омӯзиш шурӯъ кардам ва чизҳои аз худнамударо дар таҷрибаи амалии худ санҷидам. Ҳаёти ман дигаргун мегашт.

Соли 2003 ман боз бо як низоми беназири омӯзиш - «Низоми омузишии 3, 5, 8, 9» ошно гардидам. Ман моҳи феврали соли 2008 барои омӯзиш ба Чин рафтам, омӯзишро бо баҳои аъло хатм карда, дипломи «Лектори байналмилалии дараҷаи -1»-ро гирифтам!

Ана, ҳамин вақт орзуи бузурги ман дар шаҳри худ Актау таъсис додани мактаби наттоқии №1 дар ҷаҳон тавлид шуд. Ба шогирдони ман дар ҳар ташкилот зарурият пайдо хоҳад шуд. Орзу пайдо шуд, аммо дониши молиявиам нокифоя буд.

Моҳи майи соли 2008 ба шаҳри мо барои гузаронидани тренинг аз рӯи дониши молиявӣ шогирди беҳтарини М.С.Норбеков Саидмурод Давлатов омад. Баъд аз тренинги ӯ ҳамаи даромадҳои худро ман аз рӯи формулаи пулӣ ҷудо кардам ва дар ҳаёти ман муъҷиза рух дод! Коинот ҳоло ҳама чизеро, ки пештар орзу мекардам, бароям дареғ намедорад. Ман соҳиби оилаи хуб, дустони муваффак, бизнеси дустдошта, тими тавонои созгор ҳастам. Ман дар олам сайру саёҳат мекунам. Ман ба кори эҷодӣ машғул мешавам, мерақсам ва китоб менависам. Барои оила ва дӯстони худ ҳамеша вақти озод пайдо карда метавонам! Ман модари хушбахттарини ҷаҳонам! Агар ман ба ҳамаи ин чизҳо муваффақ шудаам, пас ҳар инсон низ метавонад ҳар чизеро орзу кунад ва сазовори он аст, ба даст орад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com


Мақсади ман: Ба одамон кӯмак кардан, то ин ки онҳо худро пайдо кунанд ва хушбахт шаванд!

Шиори ман: «Ҳар як инсон барои таҳкими маҳорату истеъдоди худ ва комёб гардидан, дорои миллион имконияти эҷодист».

Исм бемусаммо нест мегӯянд. Вера ноумед нашуда, роҳи халосиро аз ин бунбасти тақдир ҷустуҷӯ кард. Ӯ худро ҳеҷ гоҳ қурбонии тақдир намеҳисобид, барои ҳаёти нохуши худ касеро ҳам гунаҳгор намедонист ва аз паси пайдо кардани гунаҳгорон низ набуд. Ба тақдир тан дода, дар хона нанишаст. Ҳамеша дар саъю талош ва такопӯ буд. Ниҳоят роҳнамо пайдо намуда, таълимоти онҳоро дастури фаъолият қарор дод ва ба мақсади пешгузоштаи худ ноил гардид.

## ▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### «ДИСНЕЙЛЭНД»

Уолт Дисней – рассоми барҷастаи амрикоӣ, коргардон, продюсер, офарандаи сериали пурраметражи мултфилмҳо, ки ба ӯ шуҳрати ҷаҳониро арзонӣ доштаанд, ҳамчун бунёдгузори аввалин, ки бо номи «Диснейлэнд»машҳур аст.

Фикр сохтани боғ бори аввал ҳангоме ба сараш омад, ки вай духтарашро барои ба чархофалак савор кардан оварда буд. Оре, маҳз ҳамон вақт дар фикри ӯ идеяи сохтани кишвари афсонавӣ ва ба бачагон туҳфа кардани он пайдо шуд. Ӯ, ки аз кори бисёрсолаи истеҳсоли мултфилмҳо хаста гашта буд, ба сохтани боғи дилхушкунанда бо шавқу рағбати беандоза машғул гашт.

Аммо сармоядороне, ки Дисней саъй мекард бо лоиҳаи нави худ онҳоро ба ин кор ҷалб кунад, ба воқеияти он боварӣ надоштанд. Ҳатто бародари ӯ Рой андеша дошт, ки лоиҳа даромад намеорад, аз ин рӯ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



шӯрои мудирон ва чанд тан банкдоронро розӣ кардан мехост, ки дархости Уолтро барои маблағгузорӣ рад кунанд. Дар ҳақиқат, Дисней аз ҳамаи он шахсоне, ки ба хотири маблағгузории лоиҳаи худ ба онҳо муроҷиат мекард, ҷавоби рад мегирифт.

Аммо ягон монеа, тавре монеаҳои филмҳои тасвирӣ доштанд, вайро дилхунук карда натавонист. Дисней касеро айбдор накард. Бо касе моҷаро ҳам накард, аммо тасмим гирифт, ки боғро бо пули худаш месозад. Ҳуҷҷати суғуртаи худро ба гарав гузошта, бар ивази он Уолт 100 ҳазор доллар қарз гирифт. Ба ин миқдор пули мазкур аллакай метавонист ба кор шурӯъ кунад, аммо барои татбиқ гаштани лоиҳа ин маблағ ҳанӯз кофӣ набуд.

Вазъиятро омӯхт ва дарк кард, ки барои амалӣ гардондани нияти худ бо одамон бояд бо тарзи дигар муомила кунад. Уолт Дисней тасмим гирифт, ки доираи ҷустуҷӯи худро вусъат диҳад ва барои ҷалби маблағ ба симои то ҳол начандон бонуфуз муроҷиат кунад. То ин замон Дисней аз ҳамкорӣ бо онҳо рӯй мегардонд, барои худ дар он ҷо кор карданро то андозае таҳқиромез меҳисобид, акнун ӯ ба ҳар ҳол розӣ шуд, ки бо «Эй-Би-Си», аз ҳама навтарин ва аз ҳама хурдтарин ширкати телевизионӣ, корхонаи муштарак барпо созад. Эҳтимол, ӯ дарк кард, ки ин кор идеяҳои навро тақозо мекунад, аммо аз назари маҳорат ба ӯ таҷрибаи пурқиммат медиҳад. Ба ивази 5 миллион доллари барои сармоягузории боғи бачагона Дисней розӣ шуд, ки дар телевизион мултфилми нави «Микки Маус»-ро ба намоиш гузорад.

Лоиҳаи мултипликатсионӣ хеле муваффақ баромада, сатҳи маҳорати касбии ӯро хеле боло бардошт ва дар як муддати кӯтоҳ Дисней бонуфузтарин сарватдори телевизионӣ гардид. Боғи «Диснейлэнд», ки бунёди он соли 1955 шурӯъ гардид, 50 километр ҷанубтари Голливуд дар Анаҳайм сохта шуд. Маҳз дар ҳамон ҷо бори аввал «Кишвари Дисней» бо боғи аттраксион ва дигар таҳҷизоти гуногуни ҳайратангезу тааҷҷубовар дарҳоя-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



шро ба рӯи кӯдакон кушод, ки тасаввуротро бо вусъати тахайюлот ва ихтироъкорӣ мавҳ мекард.

Ба шарофати бунёдгузори худ «Диснейлэнд» зуд ба маҳалли дӯстдоштаи истироҳатии миллионҳо одамон табдил ёфт. Ҳар сол боғро бештар аз 5 миллион одамон тамошо мекунанд. Ҳамин тавр боз як орзуи аҳли фарҳанг, ки ба назар ғайриимкон менамуд, амалӣ гардид.

**ХУЛОСА. Агар ин ё он кори шумо барор нагирад, барои пеш овардани сабабу баҳона саъю талош накунед, онҳоро мстаvонед ҳамеша пайдо кунед, дигаронро дар нокомиҳоятон айбдор накунед, ин чиз ба шумо кӯмак намекунад, аммо танҳо вазъиятро пуршиддат мегардонад, зеро шумо гуноҳро бар дӯши касе гузошта, минбаъд худатон аз амал кардан бозмемонед. Беҳтараш, дониши нав андӯзед, дар баробари ин идея ва имконияти нав пайдо мегардад. Агар ҳама чиз якбора ба табъи дили шумо, тавре ки мехостед, нашуд, худро айбдор наҳисобед. Агар ҳамаи хостаҳоятон якбора иҷро нашуданд, ноумед нашавед, аз орзуи худ танҳо бо сабаби онро дастгирӣ накардани касе даст накашед. Ҳамеша худатонро рӯҳбаланд гардонед, худатон муттакои худ бошед. Боке нест, агар ҳама гӯянд: «Ту наметавонӣ, ё кӯшишҳоят ҳосил намедиҳанд». Аммо вакте ки худи шумо ҳамин суханонро ба худ мегӯед, хеле даҳшатангез аст: «Ман наметавонам». Баъзан кор тавре, ки худи мо мехоҳем, намешавад, зеро ба анҷоми муносиби он малакаву маҳорати мо намерасад. «Ман ин корро худам анҷом дода метавонам» - барои ин ҳамеша далелу асос ҷустуҷӯ кунед. «Ман накшаи худ, маҳорату малакаи худро такмил медиҳам ва аз нав шурӯъ мекунам». Фаромӯш накунед, шахсе, ки ба кӯмаки шумо эҳтиёҷи зиёд дорад, он «худ»-и шумо ҳастед!**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ДАҲУМ

Аз оянда наҳаросед ва ба гузашта арҷ гузоред.
Нокомиҳо, боиси аз нав оғоз кардан ва оқилона амал кардан мешаванд.

***Генри Форд***

**Одамони камбағал тибқи категорияи «одамон бо иштибоҳҳои худ тавъаманд», одамони сарватманд бошанд тибқи категорияи «рафтору кирдорро аз шахсият ҷудо бояд кард» андеша мекунанд.**

Одамони камбағал тибқи категорияи **«одамон бо иштибоҳи худ тавъаманд»**, вале одамони сарватманд тибқи категорияи **«рафтору кирдорро аз шахсият ҷудо бояд кард»** андеша мекунанд. Шумо тасаввур мекунед, ки ин то чӣ андоза оқилона садо медиҳад ва то чӣ дараҷа дарки ин тафоввут муҳим аст? Биёед, ин ду фаҳмишро таҳлилу муқоиса мекунем.

Бингаред, одамони камбағал мувофиқи принсипи «одамон бо иштибоҳи худ тавъаманд» амал мекунанд. Агар шумо нодуруст рафтор кардед, ба ин маъност, ки худатон мехостед чунин рафтор кунед. Бинобар ин дар аксари мавридҳо эҳсосоти онҳо аз болои ақлашон ғолиб меояд ва ин гуна одамон то ҷое мерасанд, ки ба дигарон дод мезананд, ҷанҷол мекунанд, онҳоро озор медиҳанд, гунаҳгор медонанд ва ғайра.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Одамони сарватманд чунин рафтор намекунанд. Онҳо тибқи категорияи «иштибоҳ кардан хоси ҳамаи одамон аст ва ҳамаи мо одамем» фикр мекунанд. Бояд гуфт, ки аз инсон ҳуқуқи иштибоҳ карданро кашида гирифтан ғайри имкон аст. Хушбахт касест, ки ин ҳуқуқро аз дигарон ба зӯр намегирад. Аслан, одамони идеалӣ вуҷуд надоранд. Намедонам, шояд касе худро идеалӣ ҳисобад, аммо ман ҳар рӯз хато мекунам. Чӣ қадаре, ки бештар ба корҳои зиёде оғоз намоед, барои чизе талош кунед, ҳамон қадар бештар иштибоҳ мекунед. Ин иштибоҳҳоро ислоҳ карда, шумо ба хулосае мерасед ва рушду камол меёбед. Охир, ҳикмати халқӣ мефармояд: «Касе, ки кор намекунад, ҳеҷ гоҳ иштибоҳ намекунад». Вале касе, ки кор мекунад, иштибоҳ мекунад, зеро вай амал мекунад.

Дидед, аз иштибоҳҳо ҷои гурез нест. Фақат онҳоро бояд чун сабақ фаҳмид. **Иштибоҳ метавонад шуморо аз роҳатон боздорад, инчунин метавонад барои шумо манбаи иттилоот ва ё сабақ ва таҷрибаи фоиданок бошад. Бинобар ин одамони сарватманд маҳз ба таври зайл андешаронӣ мекунанд: «Иштибоҳ кардан ба ҳар гуна инсон хос аст, бе иштибоҳ таҷрибаи бебаҳо ба даст намеояд, онро дуруст қабул бояд кард ва аз касе бояд наранҷид».**

Бо миллиардери муваффақ чунин ҳодиса рух медиҳад. Яке аз роҳбарони шуъбаи маркетинг идеяи нав пешниҳод мекунад. Идея хатарзо буд, аммо роҳбар онро ҷонибдорӣ кард, барои амалӣ кардани он идея чандин солҳо гузашт ва бештар аз 10 миллион доллар харҷ гардид. Бо вуҷуди ин, идея қобили кор нагардид. Рӯзе ба шаҳр роҳбари ширкат меояд. Ҳамаи кормандони рӯҳафтодаву афсурдахотир андеша доштанд, ки аввалин кореро, ки ӯ анҷом медиҳад,

E-mail: ziyozoda@gmail.com



аз кор хориҷ кардани ҳамаи ҳайати роҳбарикунанда аст.

Саркор аввал ба назди худ роҳбареро даъват кард, ки ин идеяро пешниҳод карда буд. Ҳама ҳолати ӯро дарк мекарданд, ӯро чун одами бетолеъ медиданд ва бисёриҳо аллакай дар хаёлашон бо вай худоҳофизӣ мекарданд ва фикр мекарданд, ки ӯ дигар дар ин ҷо кор нахоҳад кард. Ӯ нигоҳҳои дилсӯзонаю таассуфомези ҳамкоронро эҳсос мекард, аммо худро чунон вонамуд мекард, ки гӯё ҳодисае нашудааст. Саркор ӯро ба назди худ даъват кард. Вақти ворид шудан ба назди ӯ дар остонаи кабинет қарор гирифт ва гуфт: «Ман медонам, ки шумо ҳозир маро аз кор озод мекунед, аммо меxоҳам шумо дониста бошед, ҳамаи кори аз дастам омадаро кардам... Афсӯс, чунин шуд».

Дар ин лаҳза миллиардер ба рӯи ӯ нигоҳ карда гуфт: «Шумо гуфтед, ки ман шуморо аз кор озод мекунам... Ҳа, ман бояд девонаи ҳақиқӣ бошам, ки баъд аз ин бар ивази барои омӯзиши шумо 10 миллион доллар харҷ кардан боз шуморо аз кор озод кунам»!

Ҳолати ин одамро тасаввур кунед. Баъд аз ин ҳодиса ӯ дар ин корпоратсия чун корманди вафодортарин фаъолияташро идома дода, ба он чандсад миллион доллар фоида овард.

Агар мо чун одамони сарватманд андеша карданро омӯзем, ҳаёт хеле беҳтар мешавад. Бачагонро рӯҳбаланд кардану илҳом бахшидан осон мешавад, барпо сохтани муносибати созгори оилавӣ роҳат мегардад, ба ҳоҷатмандон ёрӣ додану ба кормандон дастгирию кӯмак намудан фараҳу шодмонӣ мебахшад.

Рафтор, гуфтор, кирдор, иштибоҳ, хулқу хӯ нишондиҳандаҳои ҳамешагии ҷавҳару моҳияти инсон буда наметавонанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Агар ба гузаштаи ҳар яки мо назар афканем, дар он мо нобарорӣ, иштибоҳ, нофаҳмӣ ва мушкилиҳоро мебинем. Аммо ин нуқтаи охирини рушди шахсият нест. Шояд одаме вуҷуд надошта бошад, ки гузаштааш ҳамвору суфта, софу беғубор ва хубу гуворо бошад. Агар чунин одам вуҷуд дошта бошад, пас ӯ пеш аз ҳама ноком буда, ҳастии худро ҳамчун инсон исбот накардааст. Охир, танҳо душворию сахтӣ, иштибоҳ, мушкилот ва мағлубият одамро тарбия карда, гавҳари суфтаи ботини шахсияти ӯро мекушоянд.

Ин гавҳар танҳо баъд аз он ҷило медиҳад, ки инсон ҳолати ғайриимконро аз сар гузаронда, монеаи мушкилро рафъ кардааст. Маҳз дар ҳамин вақт ирода мустаҳкам мешавад, худи инсон бошад, метавонад зарбаҳои тақдирро таҳаммул кунад, ӯ дорои устувории зеҳнӣ ва равонӣ мегардад, зеро ӯ идора кардани эҳсос ва рафтори худро омӯхтааст.

Чунин одамон сазовори ҳурмату эҳтироми беандоза мебошанд. Агар мо аз рӯи иштибоҳҳои онҳо тасмим гирем, ё ин ки аз рӯи гузаштаи онҳо хулоса барорем, мо худ иштибоҳи ислоҳнопазир мекунем. Одамон қодиранд, ки беҳтару меҳрубонтар шаванд. Танҳо бо онҳо дуруст муомила кардан зарур аст. Ба зоти худ мо - инсонҳо ҳама меҳрубонем, мо орзу мекунем, ки накӯӣ кунем. Аммо моро озору ранҷиш, муҳтоҷӣ, густохӣ - бадқаҳр ва хасис кардаанд, мушкилиҳо рӯҳу равони инсонро дардманд месозанд. Сипосгузорию миннатдорӣ дардро сабук мегардонад, донишҳои андӯхтаю ба нақша даровардани корҳо бошад муҳтоҷиро бартараф мекунад.

Шахсиятро аз рафтору кирдораш ҷудо кунед. Охир, ҳар як шахс мехоҳад, ки мардум дар симои ӯ одами хубро бинад. Ба мо дар зиндагиамон ақлу идрок намерасад, шояд ҳамеша нарасад. Бинобар ин мо ҳамеша барои худ дӯст ҷустуҷӯ мекунем ва касе,

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ки моро мефаҳмад, ӯро ба занӣ мегирем, ё ба вай ба шавҳар мебароем. Рафтору кирдорро аз шахсият ҷудо намуда, мо ба худамон ва дигарон кӯмак мекунем, ки беҳтар шавем. Дарвоқеъ, одами некӯкор бояд шуд. **Охир танҳо ба одами меҳрубону накӯкор, одамони дигар некӣ мекунанд.**

## АНДЕШАИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГҲО

«Шумо мақсад доред?» - пурсид Саидмурод Раҷабович. Бо қатъият гуфтам: «Бале». Аммо сипас зуд ба ёд овардам, ки мақсади ман дар ҳамин маврид чӣ буд, оҳо, боз хоҳиши беандоза бояд бошад, онро дар куҷое фаромӯш кардаам, дар ҷойи кор, дар ғалладони миз мондааст... Чӣ гуна? Ман метавонам гӯям, ки ҳар чизеро, ки хоҳед, онро дорам, аммо ин нодуруст аст-ку. Қуввати ман на барои мақсади бузург кифоя аст ва на барои андешаи беандоза. Маъзарат мехоҳам, муаллимро ба зӯр мешунавам. Ба ӯ нигариста, фикр мекунам: «Вай инсони аҷаб серҳаракатест, се моҳ пайваста машғули кор аст, вале хастагиро эҳсос намекунад». Барои ҳамин ман ин ҷо нишастаам. Иродаамро машқ медиҳам. Ин хуб аст, охир! Масофаи 24 км роҳро тай карда, ба кор меоям. Вақти корӣ аз соати 9 субҳ то 6 бегоҳ, баъд 5 соат дар курси омӯзишӣ. Дасти модаркалонам шикаст. Дар бораи ӯ фикр мекунам. Вай дар канори дигари шаҳр, 20 км аз ин ҷо дуртар зиндагӣ мекунад. Имрӯз ба аёдаташ меравам. Дар корхона корҳои зиёде болоиҳам хобидаанд. Шавҳарам, ки барои ман ҳам падар ва ҳам модар буда, дур аз шаҳри мо кор мекунад, ба кор рафтааст. Рӯзҳои аввали ба кор рафтанаш занг мезад, акнун на занг мезанад ва на менависад. Чӣ бояд кард?

Мавзеи майдони парвоз то ҳол тоза карда нашудааст. Ҳавопаймо омодаи парвоз аст, аммо ҳанӯз барвақт

E-mail: ziyozoda@gmail.com



аст. Муҳаррики ҳавопайморо ба кор медарорам ва аз ҷой бармехезам... То ки ба ҳама худоҳофизӣ кунам. Боздиди расмии сарвари кишвари дӯст бо сабаби техникӣ мавқуф гузошта шуд. Барои чӣ? Барои он ки то ҳол дар ватанаш фурсате наёфтааст, ки гӯяд: «Ман туро дӯст медорам, ман мутаассифам, маро бубахш, ба ту ташаккур мегӯям». Яъне чӣ? Ин ҳамин хел, як суруди мардуми Гавайя аст, ҳамту онро месароӣ ва ҳама гуноҳат бахшида мешавад. Мавзеи хати парвозро тоза мекунам.

Ҳеҷ гоҳ бояд фикр накунед, ки ҷаро амале ё воқеае мувофиқи хости дили шумо сурат нагирифт, кӣ гунаҳгор ва киро ҷазо бояд дод. Бояд андешид, дар ин ҳолат ва дар ҳамон лаҳзаҳо изҳори норозигӣ ва хафагӣ кардан маҳз барангезандаи дарду алам аст. Бояд эътироф кард: бале, маҳз ҳамин ҳозир барои ман хеле аламовару дарднок аст, маро бубахш, ман ҳамаашро фаҳмидам, бояд дигар шавам. Агар шумо ба ҳама чиз содиқона муносибат кунед, кор мувофиқи хостаи дили шумо анҷом хоҳад шуд.

Шумо касеро ҷазо додед? Инро шумо чӣ тавр амалӣ кардед? Ҳо, масалан, саги дӯстоштаи шумо камзӯлатонро бо меҳрубонӣ лойолуд кард, сагон муҳаббати худро ҳамин тавр изҳор мекунанд, ё боз як мисоли беҳтар: гурба кафши меҳмони шуморо ифлос кард. Бо гурба чӣ кор бояд кард? Онро ба дор меовезед? Барвақт аст. Боз фурсат меёбед. Беҳтараш, ҷораҳои тарбиявӣ гузаронида, ҷонварро бахшед.

Ҳамчунин, бо мо - инсонҳо чунин рафтор кардан зарур аст. Мо чизеро чуноне мебоист, анҷом дода натавонистем, яъне иштибоҳ кардем, фикр накардем, шитоб кардем, бо тарзи дигар натавонистем, пешпо хӯрдем. Ва моро чун гурба бояд камтар ҷазо дод, чунон ки далели вайрон кардани тартибот ба қайд гирифта шудааст ва дараҷаи ҷазо аз дараҷаи дарки иштибоҳ аз ҷониби мо вобастагӣ дорад. Фарз кардем, гурба инро нафаҳмид

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ва бори дигар чунин кард ,ислоҳ нашуд, яъне то он замоне, ки дарк накунад шумо ҷазоро пурзӯртар мекунед, аммо як умр дар хона ба рафтори ноҷояш тоқат намекунед ва онро хатари ба кӯча рондан таҳдид мекунад. Агар ба мо чизе рух диҳад, ин иштибоҳи худи мост. Қоидаи бозие аст, ки онро мо фикр накардаем, аммо баъзеи мо агар онро қабул накунем, он гоҳ бохти якумра насибамон мегардад. Ин ҳам интихоб аст. Қоидаро ёдрас мекунам: барои ҳаёти худ худи мо масъулиятро 100% бар дӯш дорем.

Дар масеҳият ҷашни хубе аст, он «Якшанбеи бахшиш» ном дорад. Бояд назди шахсе рафт ва гуфт: «Маро бубахш». Ин шахс бояд дар ҷавоб гӯяд: «Худованд бубахшад, ман туро бахшидам».

Ва вақте шумо «Маро бубахш, ман хеле афсӯс мехурам» гуфта тавонед, он гоҳ аз қалбатон сухани «Ман туро дӯст медорам ва аз ту сипосгузорам» чун паррандае аз қафас раста, ба берун парвоз мекунанд ва шумо эҳсос мекунед, ки чӣ гуна кӯрпаи нарм бозувони шуморо мепӯшонад ва шумо ба худ мегӯед: «Инак, ман дар лонаи худ ҳастам».

Акнун шумо аз ман пурсед: «Чӣ? Андешаҳои ту дар маршрутка кӯмакат карданд?»

«Албатта, агар ман дар ин бора нависам» - дар ҷавоб садо мерасад: одамон ва иштибоҳҳои онҳо якранганд. Агар шумо чунин андеша кунед, пас ҳанӯз бахшиданро наомӯхтаед ва илҳоми меҳрубонӣ интизори шумост, шумо бояд бахшиданро омузед .Худованд бахшандааст ва бахшадагонро дӯст медорад. «Ҳар инсон ҳуқуқи иштибоҳ кардан дорад». Ва ин чунин маъно надорад, ки шумо ва атрофиёнатон ба ҳама чиз чашм мепӯшед ва ба ҳамаи иштибоҳҳои дар атрофатон ба амал омада гӯё бетафовут бошед. Сухан дар бораи он меравад, ки мо ба эҳсосоти манфӣ зиёд эътибор надиҳем. Мо ба воситаи бахшидан мавзеи хатти парвози худро тоза мекунем ва кӣ медонад, ҳатто шояд одамо-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



неро, ки шарики иштибоҳи мо буданд, дигар набинем. Ин одамон ва ин ҳодисаҳо ноаён аз ҳаёти мо нопадид мегарданд.

Рафтори ношоиста ва нораворо бахшида, ё узрхоҳӣ карда, мо неруеро хунсо мекунем, ки моро аз амали некӯ бозмедорад. Қонуни ҷозибият. Эътиқоду боварӣ дар дараҷаи донишанд. Мо худро аз ахлоқи ношоиста дур мекашем. Ҳикмати мардуми Гавайя чунин садо медиҳад: «Олам аз ман шурӯъ мешавад». Агар дар хонаи шумо гурба зиндагӣ кунад, пас маълум мешавад, ки шумо онро дӯст медоред, агар шумо ба ҳаёти хеш одамонро роҳ додед, сипас бояд дӯст доштани онҳоро омӯзед. Ниҳоят, дар хотир доред, ки ин мавзеи хатти парвози шумо - Муҳаббат ва Бахшидан аст.

## ▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### БИЛЛ ҲЮЛИТТ ВА ДЕЙВ ПАККАРД

Билл Ҳюлитт ва Дейв Паккард, ду муҳандис, хатмкардаи донишгоҳи Стэнфорд, дар айни ҳол таъсисдиҳандаи ширкати дар ҷаҳон машҳур ба ҳисоб мераванд. Маҳз онҳо бо кушодани ширкат дар гаражҳо пояи суннатҳои аслии водии маъруфи силиконииро гузоштанд. Билл ва Дейв ба фаҳмиши классикии калима бизнесмен набуданд, аммо ҳарду пеш аз ҳама худро бо одамон тавре муаррифӣ мекарданд, ки барояшон аз бизнес дида робита ба мардум ҳамеша муҳимтар буд.

Паккард ва Ҳюлитт - ду муҳандиси беҳад боистеъдод тасмим гирифтанд, ки ҳаёти худро бо пешрафти техникӣ мепайванданд. Ҳамин тавр 1 январи соли 1939 ширкати «Hewlett-Packard» (HP) таъсис дода шуд. Дар солҳои сангини ҷанг ширкат худро ҳеҷ нишон дода натавонист.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ҳама чиз баъди ба охир расидани ҷанги ҷаҳонӣ дигаргун шуд. Бисёр ширкатҳо он замон ғайр аз ширкати НР, ки он вақт ба кор гирифтани беҳтарин муҳандисонро оғоз намуда буд, ба ихтисори ҷойҳои корӣ шурӯъ карданд. Дар ширкат чунин тасмим гирифта шуд: бояд беҳтарини беҳтаринҳоро гирифта, онҳоро бо коре, ки ҳақикатан онро дӯст медоранд, таъмин кунанд. Дар он сурат метавонанд ба комёбӣ даст ёбанд. Ҳамаи кормандони ширкат дар чунин шароит кор мекарданд - корҳоеро анҷом медоданд, ки дарвоқеъ ба онҳо писанд буд. Бар замми он, фикри онҳо ҳамеша, ҳатто ҳангоми ороиши биноҳои дохилии муассиса ба инобат гирифта мешуд. Чунин фазои осудаву озод ва хайрхоҳона дар ширкат ба кормандон имконият медод, ки ҳамаи қобилияти худро беандоза нишон диҳанд.

Тадриҷан тарзи нави роҳбарӣ дар натиҷаҳо ифодаи худро ёфт, ширкат ба корпоратсияи бузург мубаддал шуд. Беҳтарин муҳандисони ИМА мехостанд дар корпоратсияи НР, ки бисёр молҳои беназир истеҳсол мекард, фаъолият кунанд. Чунончӣ, аввалин калкуляторҳои илмиро, баъдтар аввалин маротиба дар ҷаҳон калкуляторҳои барномадорро низ маҳз ҳамин ширкат истеҳсол карда буд. Ва дар бахши истеҳсоли принтерҳо ин ширкат аз ҳама бештар машҳур аст.

Комёбии НР бевосита ба асосгузорони он алоқаманд аст. Онҳо дар дохили ширкат дуруст ташкил кардани сохторҳоро тавониста, дар ин ҷо романтикаи муҳандисиро амалӣ гардонданд. Ва саъю кӯшиш мекарданд, ки дар сурати тасмими нодуруст ва хато кардани коркунонашон онҳоро мазаммату сарзаниш накунанд, дуруст дарк мекарданд, ки иштибоҳ хоси инсон аст ва аз он метавон бисёр чизро омӯхт. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар НР одамон кори писанди дилашонро иҷро мекарданд. Ва ҳар корманд ҳамеша медонист, ки дар ҳаёти ширкат нақши намоёнро иҷро мекунад. Ҳатто евари аз ҳама хурди муҳандис аз ҳурмату эҳтиром бар-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



хурдор буд. Билл ва Дейв ҳамеша муносибати инсониро дар миёни кормандон аз ҳама чиз боло медонистанд ва дар ҳаққи кормандони худ ғамхорӣ мекарданд. Дар аксари мавридҳо ширкат ба онҳо нафақаи беморӣ медод ва ҳатто оилаи кормандонро дар он даврае, ки кор карда наметавонистанд, парасторӣ мекард.

Ин чиз хеле ҳайратангез аст, ки ҳарду асосгузорони НР бо вуҷуди миллиардер будан зиндагии хоксорона доштанд. Онҳо хонаҳои оддӣ ва назарногир доштанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ дар ҳалқаи шукӯҳу шаҳомат набуданд ва ин чиз барои онҳо зарур набуд.

**ХУЛОСА. Бояд одамонро чунин қабул кард, ки чунон метавонанд бошанд ва ба онҳо ёрӣ дод, то ки беҳтар шаванд. Ҳамаи одамон иштибоҳ мекунанд. Баъзан аз рӯи ният ва орзуҳои нек низ метавон иштибоҳ кард. Иштибоҳ барои баҳра гирифтан аз таҷрибаи рӯзгор ба мо дода мешавад. Бидуни онҳо дарки ҷаҳон ва дарки худ имконнопазир аст. Ба воситаи онҳо фаҳмиши ҳаёт интиқол мешавад. Аз хатоҳо хулоса бароварданро биомӯзед ва онҳоро такрор накунед.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ЁЗДАҲУМ

Боигарӣ - вақте ки барои мо хизмат мекунад, хеле хуб аст ва вақте ки моро фармонравоӣ мекунад, хеле бад аст.

***Ф. Бэкон***

**Тарзи фикррронии одамони камбағал «ба ақиб партофтан, ба пагоҳ гузоштани кор» аст, аммо тарзи фикррронии одамони** сарватманд «пайдо кардани роҳи ҳалли кор» ва «ҳарчӣ зудтар, ҳамонқадар беҳтар» мебошад.

Одамони камбағал тибқи категорияи «баъд» андеша мекунанд. Одамони сарватманд бошанд, тибқи категорияи **«азму нияти қатъӣ»** фикр мекунанд. Ин чӣ маъно дорад? Албатта, шумо бо ин чизҳо рӯ ба рӯ шудаед, бештар ман худам чунин будам. Ва пештар бештар вақт бояд ман ягон корро анҷом медодам, аммо онро ман барои «баъд» мемондам. Худ ба худ мегуфтам: «Пагоҳ анҷом медиҳам, хайр, ин корро баъди пагоҳ иҷро кардан мумкин аст». Ва ҳамаи ин корҳо ҷамъ мешуданд, баъзан ба сарам чунин фикр мерасид: «Ин корро тамоман накардан ҳам мумкин аст».

Бинобар ин аксар одамони камбағал аз пайи орзуи худ рафтанро оғоз накарда, ба ҳар кӯчае, ки ҳолат онҳоро тела медиҳад, равон мешаванд. Яъне онҳо мегӯянд: «Ман нияту мақсад дорам, ҳоло муваққатан ба дигар корҳо машғул ҳастам, то ин ки зиндагии худро таъмин кунам. Чун имконият фаро расад, ҳатман ба кори худ машғул мешавам, барои расидан ба

E-mail: ziyozoda@gmail.com



орзуи худ ҷаҳд мекунам». Аммо дарвоқеъ рӯз то рӯз онҳо аз мақсади худ, аз орзуи худ дур мешаванд. Ва рӯз то рӯз барои онҳо амалӣ кардани накшаҳояшон мушкилтару вазнинтар мегардад.

Бинобар ин фикри доимии тибқи категорияи «баъд» инсонро ноуҳдабаро намуда, билохир табоҳ месозад. Имрӯз аз қабили «фурсат наёфтам», «нашуд», «пайдо накардам», «натавонистам занг занам», «дастам нарасид, ки занг занам», «монда шудам» ва ғайра ҳазору як узр ёфт мешавад.

Ҳамаи ин далелҳо аломати барьалои мавҷуд будани тафаккур тибқи категорияи «баъд» мебошад. Мо гуё мегуфта бошем: «Ман имрӯз ба муваффақият омода нестам». Дар асл бошад, метавон чунин гуфт: «Ман имрӯз сазовори муваффақият нестам», ман ҳозир боварӣ надорам, ки ин кор мешавад, ман ҳамаи ин корро карда наметавонам, имрӯз аздусар ягон кор намешавад».

Дар ҳақиқат, баҳонаҳое монанди «пайдо накардам», «занг зада нашуд», «нашуд», «фурсат наёфтам», «монда шудам» ҳама нишонаи категорияи «баъд» мебошанд. Биёед, чунин маслиҳат мекунем: аз ҳамин рӯз шурӯъ карда, шумо то як моҳ чизе намехӯред ва «баъд» мехӯред. Ё ин ки дар муддати 10 рӯз нафас намекашед, «баъд» нафс мекашед. Ман фикр мекунам, ки ин таҷрибаи бад аст, аммо мисоли аёнӣ аст. Бояд ба андешае расид, ки ҳамаи чизро барои баъд мондану зиндагӣ кардан ғайриимкон аст. Махсусан орзуро, ки он як қисми муҳими ҳаёти мо аст.

Комёбӣ низ қисми ҳаёти мо аст. Ҳеҷ кас кафолат дода наметавонад, ки мо 50 ё 100 сол ҳаёт мебинем. Одами мушаххас чанд сол умр мебинад, инро низ касе намедонад. **Мо танҳо як чиз - миранда будани худро медонем, аммо мо намедонем, ки**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**кай мемурем. Бинобар ин аз рӯи қоидаи «баъд мекунам» амал кардан мумкин нест.**

Охир, чунин сифатро монанди мардонагӣ - мавқуф гузоштан ғайриимкон аст. Гуфта наметавонед, ки «Ман баъд мард мешавам».

**Одамони сарватманд инро дарк кардаанд, онҳо мегӯянд: «Агар имрӯз ман ин масъаларо ҳал накунам, фардо вазъият ду маротиба мураккаб, пасфардо бошад, боз мураккабтар мегардад. Масъалаи имрӯзаро худи ҳамин рӯз бояд ҳал кард, зеро ки барои фардо аллакай масъалаи нав мавчуд аст. Пасфардо бошад, масъалаҳои нав пайдо мешаванд».**

Амалу тачрибаи одамони зиёд исбот мекунанд, ки кадом амалеро, ки имрӯз бояд анчом диҳем, онро барои рӯзи дигар монем, шояд қувваи мо аллакай барои анчоми он амал нарасад. Масалан, ман амали муайянро анчом дода, имрӯз медонам, ки кадом масъаларо ҳал кунам. Агар ман дар вақташ ин корро накунам, баъд аз як ҳафта бо ин ҳаракати худ онро аллакай ҳал карда наметавонам.

Бо ифодаи пулӣ ин маънои онро дорад, ки агар масъалаи мазкурро имрӯз ман дар 1000 доллар ҳал карда натавонистам, баъд аз як сол аллакай шояд 10000 кифоя накунад. Вазъият зуд тағйир меёбад, бинобар ин ҳама корро сари вақт анчом додан зарур аст.

Дар китоби машҳури Чорч Клейсон «**Одами аз ҳама сарватмандтарини Бобулистон**» як точир саргузаши ибратомӯзро нақл мекунад, ки то чӣ андоза комёбӣ ба инсон наздик мешавад ва ӯ беҳунарона ба он имкон медиҳад, ки аз дасташ рафта, барои вай дарки ночо ва пушаймонӣ боқӣ гузорад. Дар ин саргузашт давраи чавонии точир, замони хонадоршавӣ ва хуб даромад ба даст овардани ӯ нақл карда меша-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



вад. Боре ба назди тоҷир падараш меояд ва исроркорона аз ӯ хоҳиш мекунад, ки сармояи дар даст доштаашро ба як кори муҳим гузорад. Ба гуфтаи падар, писари яке аз дӯстони хуби ӯ нақшаи хариди заминҳои минтақаи беҳосили начандон дур аз девори беруни шаҳр ҷойгиршударо таҳия кардааст. Минтақаи мазкур болотар аз ҷӯйбор ҷойгир буд ва ба он об намебаромад. Мувофиқи нақшаи ӯ бояд се чархи калони обкашӣ сохта мешуд, ки онҳоро барзаговон ба ҳаракат медароварданд ва ба ҳамин тариқ об ба боло мебаромад ва онро бо воситаи ҷӯй ба ин минтақа меоварданд. Баъд аз анҷом додани ин корҳо тасмим гирифта шуд, ки тамоми минтақаро ба қитъаҳои хурд тақсим намуда, барои парвариши алаф ва сабзавоту растаниҳои шифобахш ба аҳолии шаҳр фурӯшанд.

Ӯ барои анҷом додани ин иқдоми худ пули кофӣ надошт, аз ин рӯ барои амалӣ кардани нақшаи худ дувоздаҳ одамро ҷалб намуд, ки ҳар кадоме бояд аз даҳ як ҳиссаи даромади худро то вақти тайёр кардани замин барои фурӯш ба кори обёрӣ сарф мекард. Ӯ ният дошт, ки ҳамаи даромади бадастовардаашро мутаносибан байни шариконаш ба андозаи маблағи гузоштаашон тақсим мекунад.

Падар аз писар хоҳиш кард, ки вақтро ғанимат муниста, зуд рафта, барои ширкат дар ин иқдом розӣ буданашро гӯяд. Падар ҳамчунин таъкид кард, ки ин гуна шароити муносиб барои сарватманд гардидан нодир буда, ба ӯ даст додааст.

Сарфи назар аз таъкиду қарори падар, тоҷир муддати дуру дароз шакку шубҳа дошт. Илова бар он, савдогарон аз Шарқ либосҳои зебои нав оварданд. Ӯ ба ҳавою ҳавас дода шуда, барои худ ва ҳамсараш аз ҳар кадоми ин либосҳо яктой харид кард.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Оқибат дар гирифтани тасмим таъхир кард ва корро то ба дараҷае ба дарозо кашонд, ки аллакай дер шуда буд ва оқибат хеле пушаймон гардид. Ин иқдом назар ба он, ки тахмин шуда буд, бештар фоидаовар баромад. Агар тоҷир ба ҳарфи падараш сари вақт гӯш медод, он гоҳ ӯ даромади худро даҳҳо маротиба афзун намуда, барои худ рӯзгори осудаву обод барпо мекард.

Боз як саргузашти дигар аз ҳамон китоб, ки он аз забони ҷаллоби бозори ҳайвонот нақл шудааст. Боре ӯ бегоҳ, баъд аз сафари даҳрӯзаи пурмашаққати ҷустуҷӯи шутурон ба шаҳр наздик расид, вале каме дер кард ва рӯ ба рӯи худ дарвозаҳои бастаи шаҳрро дид. Барои шабро рӯз кардан, ба ҷуз назди девор задани чодар ва субҳи барвақт вориди шаҳр шудан илоҷи дигар надошт.

Ҳангоми сайру гашт бегоҳӣ бо чорводори солхӯрдае вохӯрд, ки ӯ низ аз ворид шудан ба шаҳр дер карда буд. Ҳангоми суҳбат чорводор ба вай пешниҳод менамояд, ки рамаи гӯсфандони ҷавонашро харид кунад. Тавре аз суҳбаташ маълум шуд, ҳамсари ӯ бемори вазнин будааст ва аз ин рӯ мехост, ки ҳарчи зудтар ба хона баргардад. Азбаски вай шитоб дошт, нархи хеле арзонро барои харидор эълом кард. Ҷаллоб розӣ шуд ва ба ғуломони худ фармони овардани машъалро дод, то ки дар рӯшноии онҳо рамаро ҳисоб кунанд. Аммо шабона ҳисоб кардани чорво мушкил буд. Тавре чорводор мегуфт, рама аз нӯҳсад сар гӯсфанд иборат аст.

Бинобар ин ҷаллоб пешниҳод кард, ки рамаро рӯзона, дар рӯшноӣ ҳисоб карда, сипас маблағашро ҳисобӣ кунад. Соҳиби рама дигар тоқати истодан надошт ва ҳарчи зудтар баргаштан мехост, аз ин рӯ пешниҳод кард, ки харидор ҳеҷ не аз се ду ҳиссаи нархро пардохт намояд, маблағи боқимондаро

E-mail: ziyozoda@gmail.com



бошад, баъди ҳисоби пагоҳирӯзӣ ба дасти ғуломи эътимоднок дода фиристад.

Аммо ҷаллоб одами якрав буд ва шабона бо чорводор барои ҳисобӣ кардани рама розӣ нашуд. Субҳидам пеш аз он, ки ӯ аз хоб бедор шавад, дарвозаҳои шаҳр аллакай кушода шуданд ва чаҳор ҷаллоби моли чорво бо тамоми ҳушу гӯш дар ҷустуҷуи рама буданд. Онҳо хеле шитоб доштанд ва омода буданд, ки бештар пул диҳанд, чунки ба шаҳр муҳосира таҳдид мекард, аммо захираи ғизоӣ нокифоя буд. Оқибат соҳиби мол рамаи худро бо нархе фурӯхт, ки ду маротиба аз он нархи ба ҷаллоб пешниҳод намудааш зиёдтар буд. Ин ҳамон воқеияти нодире буд, ки гоҳе худи комёбӣ ба назди инсон меояд. Аммо ҷаллоб авҷу барори кори худро аз даст дод ва худро хеле маломат кард.

Ана, барои чӣ «баъд» сабаби аз ҳама маъмули нокомист. Он кореро, ки имрӯз анҷом дода метавонед, барои пагоҳ нагузоред. Ин мушкилӣ ба ҳама маълум аст. Онро худи ҳозир бартараф кунед. Интизор нашуда, зудтар шурӯъ кунед. Мо инро таъхир кардан ном мебарем. Ҳамаи инро метавон ба таври оддӣ фаҳмонид. Маълум мешавад, ки агар дар муддати 72 соат баъд аз шунидани иттилооти муҳим тасмим нагирифта, амал накунед, иттилооти мазкур панҷ соли наздик ба шумо даст намедиҳад. Тибқи одат иродаатон имкон намедиҳад, ки шумо зуд амал кунед. Боз ҳама корро барои «баъд» вогузор мекунед.

Росташро гӯед, охир, бисёриҳо дар бораи чӣ тавр сарватманд шудан фикр мекунанд. Ва андеша дар ин бора хеле пеш пайдо шудааст. Касе дар ин бора 20 сол орзу мекунад, каси дигар 15 сол, аммо кадом шахси дигар дар ин бора тамоми ҳаёт мегӯяд. Аммо шумо барои ин чӣ кор кардед? Кору борро ба «баъд»

E-mail: ziyozoda@gmail.com



мондан мумкин нест. Таъхир яке аз сабабҳои асосӣ аст, ки аз рӯи он бисёрии одамон ноком мемонанд.

Бинобар ин агар идеяе дар фикри шумо пайдо шуд, нақша созед ва ба амал кардан шурӯъ кунед. Аз 72 соат бешар таъхир накунед. Дар муддати ин вақт ба шумо ҳатман зарур аст, ки ба амале иқдом намоед, ё кореро анҷом бидиҳед. Баъд аз он суръатро суст накарда, дар 72 соати дар пеш истода боз тасмим бигиред ва кӯшиш кунед, ки онро амалӣ гардонед.

Фаромӯш накунед. **Одамон на барои он сарватманд мешаванд, ки онҳо донотару зеботаранд, на барои он, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ пурқувваттаранд, балки барои он сарватманд мешаванд, ки онҳо устуворона ва бардавом амал мекунанд.**

Ана, барои чӣ одамони сарватманд тибқи категорияи «қатъият» андеша мекунанд. Масъалае агар пайдо шавад, онро бояд ҳал кард. Барои одамони сарватманд мушкилии ҳалнашуда вуҷуд надорад. Муҳим нест, ки онҳо пул доранд ё на.

Феълан, мо на дар бораи сарватмандон ё камбағалон, на дар бораи сарватмандӣ ва нодорӣ, балки дар бораи сохти тафаккур суҳбат мекунем. **Ҳар гуна одам, ҳатто агар дар ҷайби худ пул ҳам надошта бошад ҳам, метавонад тибқи категорияи одами сарватманд андеша кунад. Агар дар назди шахс проблема гузоред, ӯ лаҳзаи мувофиқро интизор нашуда, даст болои даст нанишаста, балки дар бораи чӣ гуна ҳал кардани он худи ҳамон лаҳза фикр мекунад ва онро ба замони дигар намегузорад. Ин маънои онро дорад, ки ӯ монанди одамони сарватманд андеша мекунад.**

Ин тафовутро боз як саргузашти дигари ибратомӯз аз китоби Ч.Клейсон **«Одами аз ҳама**

E-mail: ziyozoda@gmail.com


**сарватмандтарини Бобулистон»** тасдиқ мекунад. Онро фурӯшандаи шутурон Дебасир нақл кардааст. Вай овони ҷавонӣ дар устохонаи ҷилдбандии падари худ кор мекард ва бо мурури замон оиладор шуд. Ҷавон буду таҷрибаи кофии зиндагӣ надошт ва чандон пули зиёде ҳам кор намекард. Даромади ӯ танҳо барои бағоят хоксорона таъмин намудани ҳамсараш кифоят мекард. Аммо базудӣ пай бурд, ки соҳибони устохонаҳо ба ӯ бовар мекунанд ва ба вай иҷозат медиҳанд, ки маблағро дертар пардохт намояд. Ба ҳавою ҳавас дода шуда, ба харидани либосҳои дабдабанок ва ашёи пурқиммат барои худу ҳамсараш шурӯъ кард ва аз ҳадди даромади воқеии худ берун қадам гузошт. Сари чанд вақт ҳангоме, ки пул дар даст дошт, ҳисобӣ мекард ва ҳамааш хуб мегузашт. Аммо бо гузашти вақт фаҳмид, ки даромадаш ба рӯзгор ва пардохти қарзҳо намерасад. Қарзхоҳон дунболаш шуда, аз ӯ баргардонидани пулҳои худро талаб мекарданд. Маҷбур шуд, ки аз дӯстони худ қарз гирад, аммо ӯ ба онҳо қарзҳоро баргардонда наметавонист. Оқибат ҳамсараш ба хонаи падараш рафта, барои зиндагӣ кардан бо ӯ дигар барнагашт, Дебасир бошад, тасмим гирифт, ки Бобулистонро тарк намуда, ба шаҳри дигар, ҷое равад, ки барои худ имконияти беҳтарро пайдо карда тавонад. Ду сол ҳаёти ноором ва бебарорро аз сар гузаронда, барои савдогарони корвонӣ кор мекард. Баъд аз он ба дастаи ғоратгарон, ки дар давутози пайдо кардани корвониёни беярок дар биёбон мегаштанд, ҳамроҳ мешавад. Дар натиҷа ба асирӣ афтода, дар Димишқ ба ғуломӣ фурӯхта мешавад.

Бештар аз як сол Дебасир ғулом буд ва бо ғуломон якҷо ҳаёт ба сар мебурд, аммо натавонист, ки яке аз онҳо бошад. Боре яке аз ҳамсарони хоҷааш, ки Сира ном дошт, аз ӯ пурсид, ки барои чӣ вай бо дигарон

E-mail: ziyozoda@gmail.com



хурсандӣ накарда, дар гӯшае танҳо менишинад. Дар ҷавоб ӯ саргузашти худро нақл кард.

Сира аз ӯ суол кард:

- Оё ту хоҳиши пардохти қарзҳои дар Бобулистон доштаи худро дорӣ?

Дебасир ба ӯ ҷавоб дод:

- Бале, ман чунин хоҳиш дорам, аммо ман ғуломам ва ҷӣ тариқ анҷом додани ин корро намебинам.

- Қарзҳои ту душманонат мебошанд. Онҳо туро аз Бобулистон рондаанд. Ту онҳоро танҳо гузоштӣ ва онҳо бар зидди ту қувваи беҳад бузургро ба воя расондаанд. Агар ту ба онҳо ҳамчун одами озод мубориза мебурдӣ, метавонистӣ ба онҳо ғалаба кунӣ ва байни сокинони шаҳр одами соҳибэҳтиром бошӣ. Аммо аз тахти дил ту нахостӣ бо онҳо муҳориба кунӣ, аз ин рӯ дар Сурия ғулом шудӣ, - афзуд Сира.

Баъд аз ин ӯ вазъияти худро дарк кард ва тасмим гирифт, ки бояд худро маҷбур кунад, ки ба Бобулистон баргашта ба одамони ба ӯ боваркарда пулҳояшонро баргардонад, ҳамсарашро, ки ӯро самимона дӯст медорад, хушбахт гардонад, ба хонаи волидонаш сулҳу сафо оварад.

Бо кӯмаку мадади Сира Дебасир аз асорат фирор кард, бо машаққати зиёд биёбонҳоро паси сар карда, ба шаҳри азизи худ баргашт.

Агар тасмим гирифта шуда бошад, он гоҳ мумкин аст, ки маблағ низ пайдо шавад. Пеш аз ҳама Дебасир ба назди он одамоне рафт, ки аз онҳо қарздор буд ва хоҳиш кард, ки дар муносибат бо ӯ раҳмдил бошанд ва муддате сабр-у таҳаммул кунанд, то ӯ пул пайдо карда, қарзҳояшонро баргардонад.

Аксарияти қарзхоҳон ӯро бо хушнудӣ пеш-воз гирифтанд. Фақат баъзеашон норозигии худро изҳор карданд ва ӯро дашном доданд. Аммо дигарон ҳатто кӯмаки худро ба ӯ пешниҳод намуданд. Яке аз онҳо

E-mail: ziyozoda@gmail.com



судхӯр Матон фаҳмид, ки Дебасир дар Сурия роҳбалади корвониён будааст, ӯро ба назди тоҷири шинос, ки шоҳ харидории шутурони бисёрро барои юриши бузург ба ӯ фармуда буд, фиристонид. Дар ин кор таҷриба ва дониши ӯ истифода гардид. Дебасир тадриҷан даромади хуб ба даст овард. Дар охир тамоми қарзҳояшро пардохт кард ва тавонист, ки сарашро баланд бардорад, ҳамчунин одами соҳибэҳтироми шаҳр гардид.

## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГҲО

Шояд дар ҳаёти ҳама низ чунин ҳодиса рӯй дода бошад. Вақте ки кас бо кадом сабабе наметавонад ба қавли додаи худ вафо кунад. Дар ҳаёти ман чунин ҳодиса борҳо рух додааст, ки беҳад пушаймонӣ мекунам. Ман ҳамагӣ 19 сол дошта, донишҷӯи муқаррарии коллеҷи бадеӣ мебошам. Аз рӯи хислат ман улфату одамдӯст буда, бо одамон муомилаи хуб дорам, Худованд ба ман истеъдод насиб гардондааст ва шахси эҷодкорам. Дар дурнамои ҳаётам ғурур ва мақсадҳои наҷиб дорам. Аммо ман хулқе дорам, ки доимо маро ба пас мекашад ва он то имрӯз ба ман халал мерасонад, аммо ман оҳиста-оҳиста аз он раҳо мешавам. Ин ҳамон танбалии маъмулӣ аст, ки бо сабаби он зуд-зуд корҳои имрӯзаро ба фардо мегузорам. Ба назарам мудом чунин менамояд, ки фардо ҳатман вақт пайдо карда, ба қавли додаи худ вафо мекунам. Аммо нарасидани вақтро зуд-зуд эҳсос мекунам. Бо ҳамин сабаб баъзе аз шиносҳоям ба ман ҳамчун одами беаҳду вафо муносибат мекунанд.

Ман дӯсте дорам, ки маро ба бизнеси усулӣ ҳамроҳ намуд, барои ин ман аз ӯ хеле миннатдорам. Маҳз ба шарофати ҳамин дар ҳаёти ман тағйирот оғоз гардид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Дар хислат, ҷаҳонбинии худ аллакай дигаргуниро ҳис мекунам. Арзишҳо ва мақсадҳои нав низ пайдо шуданд.

Дар дили яке аз дӯстонам хоҳиши харидани ноутбук пайдо шуд. Ман аз чарм ашёи ороишӣ амсоли ҷаъба, киф, тасма ва ғайра медӯзам. Дӯстам хоҳиш кард, ки барои ноутбукиояндааш кифи чармӣ сохта, онро бо нақшу нигори миллӣ ва нақши оҳанӣ ороиш диҳам.

Пешниҳодашро пазируфтам, аммо ба ӯ фаҳмонидам, ки дар айни замон чарм надорам ва барои анҷоми ин хоҳиш вақт зарур аст. Вақт мегузашт; ман сабабҳои гуногун пеш оварда, иҷрои фармоишро ба замони дигар мегузоштам. Мегуфтам, ки устохона банд аст, мошинаи дарздӯзӣ кор намекунад, ба ӯ ваъда додам, ки дар вақти тайёр кардани кори дипломӣ фармоишашро анҷом медиҳам. Ҳамин тавр ман корро доимо ба вақти дигар монда, коллеҷро хатм кардам, устохона дигар барои ман дастнорас шуд, дӯстам кифи ваъдагиро нигоҳ накарда, барои компютери худ кифи маъмулӣ гирифт. Ман то ҳол худро дар назди ӯ барои ба қавли худ вафо накардан шарманда меҳисобам.

**ХУЛОСА. Ҳаёт ноаён ва тез мегузарад. Аммо дар назари мо ҳамеша чунон менамояд, ки гӯё ҳанӯз барои анҷоми ҳар кор фурсат дорем. Аз ҳама бадтар он аст, он корҳоеро, ки ба вақти дигар мегузорем, онҳо метавонистанд ҳаёти моро ба самти беҳбудӣ тағйир диҳанд ва аз ҳама қимматтарин чизи моро муайян мекунанд. Мо одатан он корҳоеро сари вақт иҷро мекунем, ки ҳеҷ арзиши кироӣ надоранд, барои чунин корҳои камарзиши телевизор тамошо кардан, ҳамаи бозингарон ва муаллифони барномаҳои гуногуни телевизионро шинохтан, дар кор ғайбат карда нишастан, сардоронро танқид кардан, барои нокомии худ баҳонаҷӯӣ кардан ва ғайра фурсат меёбем.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Оё саломатӣ барои шумо омили асосии ба даст овардани муваффақият ба ҳисоб меравад? Ба фикрам, шумо ҷавоб медиҳед: «Бале». Мо фақат барои он вақт ёфта наметавонем. То вақте, ки беморӣ моро аз пой наафтонад, ба духтурон мурочиат намекунем. Аммо, охир, мо на барои он ба назди табиб меравем, ки ҳамеша сиҳату саломат бимонем, балки барои он меравем, ки аз дард ва аз ҳолати беморӣ раҳоӣ ёбем. Барои он ки ба саломатиатон ғамхорӣ намоед, бояд ирода дошта бошед. Ба варзиш машғул шавед, парҳезро риоя кунед, камаш ду маротиба дар як сол ба назди духтури оилавӣ равед, ташхиси пурра гузаронида, тадбирҳои пешгириро фаромӯш накунед. Аҷиб аст, ки мо мошин ва хонаи худро таъмир мекунем, аммо дарк намекунем, ки ҷисмамон низ ба таъмири саривақтӣ эҳтиёҷ дорад. Яке аз одамони бузург фармудааст: **«Агар ту барои истироҳат вақт пайдо карда натавонӣ, дар он сурат барои табобат ба зудӣ вақт пайдо мекунӣ».**

Ҷизи пурқимматтарини мо оилаамон аст. Муносибат бо бачагон, хизмат ба волидон - ҳамаи инро мо ба замони дигар вогузор мекунем. Мо гумон мекунем, ки пайвандон моро мунтазир шуда меистанд ва ин ҳеҷ бадие надорад. Ин кор бад аст, мо онро ҷунин қабул кардаем: гӯё ки бояд ҷунин бошад. Ҳатто эҳсоси пушаймонӣ намекунем. Бовар кунед, кӯдакҳои мо муддати дуру дароз кӯдак боқӣ намемонанд. Замоне ҳамин дарвоза ба рӯи мо ба таври абадӣ пӯшида мешавад. Маҳз ҳар чизе, ки замони бачагӣ ба онҳо додаем, тамоми умр бо онҳо боқӣ мемонад.

Волидайни худро ба хотир меорам ва барои ман калимаю ибораҳо барои дар рӯи коғаз ифода карданн он чизе, ки эҳсос мекунам, камӣ мекунанд. Солҳо ҷунон зуд мегузаранд, ки бисёр чизҳоро дарк намекунед. Рӯзҳо паси ҳам гузашта, пириро наздик меку-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



нанд. Аз паси ташвишҳои ҳаррӯза онҳоро то хеле вақт фаромӯш мекунем ва то он даме, ки занг назананд, ба хотир намеорем. Дар бачагӣ мо ваъда медодем, ки дар пириатон ба шумо мададгор мешавем. Он ҳама ваъдаҳо куҷо шуданд?

Мегӯянд, ки дар ҷаҳон се кори муҳим аст:

1) Дар вақти муқарраргашта хондани ҳар намоз. Мо омодаем, ки ҳама корро анҷом диҳем, аммо намедонам, ирода ё фаҳму дарки мо камӣ мекунад, ки ба тарбияи худ вақт ҷудо кунем. Охир, намоз шахсро ҳам тарбият ва ҳам боинтизом намуда, маънавиятро рушд дода, моро хирадманд гардонида, ҷисми моро қавитар мегардонад.

2) Хизмати шоиста ба волидайн. Алалхусус дар вақти бемориашон. Бовар мекунед, дар вақти навиштани ин сатрҳо ашки чашмонам равон аст. Мо як қатор тадқиқот гузаронидем ва натиҷаи он маълум сохт, ки ягон фарзанд либосҳои беҳтарини худро ба волидайн намедодааст. Одатан, ин амалро вақте анҷом медодаанд, ки либосҳо аз мӯд баромаданд, ё ин ки дар назарашон барои пӯшидан фарсуда менамоянд.

Ягон фарзанд беҳтарин ғизои худро ба волидайн намедиҳад. Ҳатто он ғизое, ки рӯи мизи шумост, эҳтимол, волидайнатон муҳтоҷи он бошанд. Агар соле пеш ба волидайни худ каме пул дода бошем, барои чӣ, дер боз онро дар хотир нигоҳ медорем. Вале он чиро, ки ба ҳамсар ва фарзандон медиҳем, зуд фаромӯш мекунем. Ҳоло ки фурсат доред, ба падар ва модари худ хизмат кунед. Баъдтар ҳатто миллионҳои шумо дар ин амали нек ба шумо ҳеҷ кӯмак намекунанд. Кӣ медонад, онҳо чанд соли дигар умр мебинанд? Агар муҳаббату садоқати худро ба онҳо дар вақташ изҳор накунем, агар он амалеро, ки онҳо шоиставу сазовори онанд, анҷом надода, ба рӯзи ди-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



гар монем, ё ин ки онро фаромӯш созем, барои ин ҳеҷ гоҳ худро бахшида наметавонем.

3) Дар вақташ қарзро баргардонед. Одатан қарзхоҳон дар он лаҳзаҳое пайдо мешаванд, ки шумо имконияти баргардонидани қарзро надоред. Аммо вақте ки пул пайдо мешавад, ташвишу тараддуди дигар сар мезанад ва фикр мекунед: «Даставвал ин масъаларо ҳал мекунам ва баъдтар, вақте ки вазъияти молиям каме беҳтар шуд, қарзро бармегардонам». Дар ҳақиқат чӣ қадаре, ки корро дар канор гузоред, ҳамон қадар анҷоми он сангинтар мешавад. Худи ман бо хоҳиши худ ба қарз гирифтор нашудаам. Ҳеҷ кас намехоҳад, ки дар ин вазъият биафтад, аммо ин ҳолат баъзан рух медиҳад.

Агар бо корд ба об зарба занед, баъди сонияе аз он нишоне намемонад. Аммо агар тасодуфан рӯи худро бо корд буред, ҷароҳат пайдо мешавад, баъдан он шифо меёбад, аммо доғи захм боқӣ мемонад. Қарзҳо ҳамсоли ҷароҳатанд. Агар аз касе қарз гирифта бошед, то андозае мутеи вай мегардед. Қарздиҳанда ба сари шумо қудрат пайдо мекунад. Ҳатто агар қарзро баргардонед ҳам, мудом вобастаи вай боқӣ мемонед. Ҳангоми ҳар вохӯрӣ бо қарздиҳанда ба назар чунин менамояд, ки ӯ шуморо дар ин бора хотиррасон мекунад. Ҳеҷ гоҳ аз касе қарз нагиред. Агар барои бизнес ба шумо пул зарур бошад, ба банк равед ва аз он ҷо қарз гиред. Бигзор маблағи гирифтаи шумо чанд миллион доллар бошад, аммо дар ин бора касе чизе намегӯяд. Агар шумо аз касе 1000 доллар қарз гирифта бошед, дар ин бора ними сокинони шаҳр аллакай медонанд.

Имконияти бузургро интизор нашуда, бояд ба ҳалли корҳо аз ҳамин рӯз оғоз кунед, то он замоне, ки аз имконияти кӯчак дуруст истифода бурданро ёд нагирем, имконияти назаррас ҳаргиз пеш нахоҳад

E-mail: ziyozoda@gmail.com



омад. Дар ин ҷаҳон танҳо ба андозаи кофӣ зиндагӣ кардан кам аст, бояд дуруст зиндагонӣ карданро омӯхт. Он соҳаҳое, ки дар ҳаёт моҳияту арзишеро ба вуҷуд меоваранд, масъалаҳоро дар навбати аввал бояд ҳал кард. Ибодати Худованд, оила, саломатӣ, худсозӣ, хизмат ба волидайн, тарбияи фарзандон ва рафтори нек, муносибати хешутаборӣ ва дӯстона - дар ин корҳо таъхир кардан нашояд.

Акнун иҷозат фармоед, бо овардани масале суҳбатро идома диҳем.

Иблис анҷумани байналхалқии шайтонҳоро барпо мекунад. Дар маърузаи худ мегӯяд: «Мо наметавонем одамоноро аз ибодати Худо боздорем. Чун инсонҳо иртиботро ба Парвардигор барпо медоранд, мо ҳамоно фармонравоии худро дар болои онҳо аз даст медиҳем. Барои он ки ба ибодат машғул нашаванд, мо вақташонро медуздем, чун ҳамеша машғул ба коре шуда, барои худ ҳеҷ вақт ҷудо намекунанд ва ҲЕҶ ГОҲ иртиботи худро ба Парвардигори олам наметавонанд қавию мустаҳкам кунанд».

«Ана, шумо бояд чӣ кор кунед, - афзуд иблис. - Шумо бояд ба онҳо халал расонед, ки ба Худованд иртибот карда натавонанд ва ин амалро дар давоми рӯз бояд идома диҳед». Шайтонҳо фарёд зада гуфтанд: «Ин корро мо чӣ тавр анҷом медиҳем?».

«Одамонро ба корҳои беарзиш банд кунед ва боз тарзу усулҳои дигарро андеша карда, фикрашонро ба чизҳои бекораи дигар банд созед. Аз ҳама муҳим, саъю кӯшиши одамонро ба неъматҳои моддӣ, бойгарию ҳарисӣ равона созед. Бигузор хоҳиш ва иродаи инсонҳо ба харҷи бештару зиёдтар ва кор кардани пул андармон шавад, бигузор барои худ мошин, хона, бӯстонсарой бихаранд. Бигзор ҳар чи бештар пул кор кунанд, то ки ба тарабхонаву қаҳвахонаҳо раванд, либосҳои пуриқиммати мӯд харидорӣ кунанд,

E-mail: ziyozoda@gmail.com



манзилҳоро таъмири гарон намуда, бо ҷиҳози гаронбаҳои мӯдшуда пур кунанд. Онҳоро васваса кунед, ки пул харҷ кунанд, зиёд харҷ кунанд, қарз гиранд, қарзи бисёрмиллиона гиранд, ҳамин тариқ зердасту мутеи бонкҳо шаванд. Замоне, ки одамон дар оташи хоҳиши сарватманд шудан месӯзанд, онҳоро аз паси ҳарисӣ равон кунед, ҳамон вақт алакай ба онҳо дигар Худо зарур намешавад...

Занони онҳоро розӣ кунонед, ки ба кор бештар дер монанд, мардҳояшонро бошад, маҷбур намоед, ки 6-7 рӯзи ҳафта 10-12 соати рӯз кор кунанд, то ки онҳо барои вақтгузаронӣ ба оила ва тарбияи фарзандон вақт пайдо карда натавонанд. Барояшон фурсати бо фарзандон якҷоя гузаронидани вақтро надиҳед, то ки бачаҳо аз саҳар-то шаб дар кӯчаҳо бекор гарданд ва бо бачаҳои бад дӯст шаванд, он гоҳ фарзандони Одам таҳсилро тарк мекунанд ва аз онҳо ҳеҷ хубӣ намебарояд. Дар он вақт оилаи онҳо пош хӯрда, танҳо мемонанд ва барои аз ғаму ғурбат раҳоӣ ёфтан ба майнӯшӣ даст мезананд.

Ба ақлҳояшон ба дараҷае таъсир расонед, ки телевизорҳо ва компютерҳо дар хонаҳо доимо кор кунанд ва ҳарчи бештар вақти худро дар назди телевизор ва компютерҳо гузаронанд ва ҳеҷ вақт наёбанд, ки ибодати Худоро анҷом диҳанд.

Рӯи мизи қаҳвахонаҳо маҷалла ва рӯзномаҳои бисёр гузоред. Ақли онҳоро дар як шабонарӯз 24 соат бо иттилооти навин ва реклама бомбаборон кунед. Бигзор дар роҳ чашмонашон ҳеҷ гоҳ аз лавҳаи рекламаҳо канда нашавад. Сандуқи почтаи онҳоро ба реклама ва феҳристҳо барои фармоиши молҳо ба василаи почта, варақаҳои иттилоотӣ ва пешниҳоди молҳои ройгон ва хизмату умедҳои бардурӯғ пур кунед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Дар маҷаллаҳою телевизорҳо моделдухтарони хушандому зеборо нишон диҳед, то ки мардон бовар кунанд, ки зебоии зоҳирӣ чизи аз ҳама муҳимтар аст ва аз ҳамсарони худ изҳори норозигӣ кунанд.

Коре кунед, ки ҳамаи занон беҳад хаста шуда, мардони худро аз муҳаббати шабона бенасиб гардонанд. Агар онҳо ба шавҳарони худ, ки эҳтиёҷи зиёде ба меҳру муҳаббат доранд, онро изҳор накунанд, мардон маҷбур мешаванд, ки муҳаббатро дар маҳалли дигар ҷустуҷў кунанд. Ин чиз оилаҳоро зуд барбод медиҳад!

Бигузор одамон ҳатто аз рухсатӣ хаста шуда баргарданд. Коре кунед, ки барои ба канори табиат рафта, ҳаллоқияти илоҳиро бошавқ муддате тамошо кардан ҳеҷ гоҳ вақт пайдо карда натавонанд. Ба ҷои ин ,онҳоро ба боғҳои истироҳат, чорабиниҳои варзишӣ, бозиҳо ва консерту кино равон кунед.

Бигузор одамон ҳамеша банд бошанд, банд бошанд, банд бошанд!

Ба ҳаёти инсон ҷунон миқдори зиёди «корҳои зарурӣ»-ро ворид созед, ки барои аз Худованд талаб кардани нерўву тавоноӣ вақт наёбад.

Одамон зуд ба қудрати худ бовар карда, зиндагию кор мекунанд ва саломатию оилаи худро баҳри кори худ ва пул қурбон мекунанд. Ин нақшаи олидарача аст ва кор хоҳад кард»!

Ба ҳақиқат бағоят наздик аст, оё нодуруст аст? Ба ин чиз диққат диҳед, дар бораи чӣ орзу мекунед ва мақсади шумо чист? Савол пайдо мешавад: «Шумо мақсади ХУДро навиштед? Ё ин мақсад аз «берун» оварда шудааст? Ман ба ҳамин монанд мақсадҳои «қолабӣ»-ро бисёр дидаам. Ба худ амиқтар нигаред ва пурсед: «Ин ҳақиқатан ҳамон чизест, ки ман дар ҳаёти худ онро мехоҳам, ё он чизест, ки қолаби иҷтимоӣ онро сохтааст?»

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Шумо чӣ мехоҳед? Дарвоқеъ, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ дуруст дарк кард, ки барои касеро дар ванна оббозӣ дорондан хона не, балки ванна зарур аст. Таъкид мекунам, боз аз каси дигар низ пурсед, оё ӯ дар ванна оббозӣ кардан мехоҳад? Агар дар соҳили баҳр зиндагӣ кунед, ба ванна ҳоҷат нест!

Мақсад беҳтар кардани ҳаёти падар, духтар, писар аст? Оё инҳо ҳадафи шумоянд? Оё ҳамаи онҳо ба хоҳиши падар дар бораи «бекор нишастан», ба хоҳиши писар дар бораи «манзил бун-ёд кардан», ба хоҳиши духтар дар бораи «ояндаи осоиштаро таъмин намудан» мувофиқат мекунанд? Ё, масалан, хохиш дар бораи «тағйир додани симои кишвар»? Вале оё мамлакат дигаргун шудан мехоҳад?

Дар хусуси «ба ман 500 000 евро зарур аст, зеро дар Италиё зиндагӣ кардан мехоҳам». Дар кадом асос барои дар Итолиё зистан миқдори мазкури маблағ зарур аст? Ба шумо кафолат медиҳам, ки бо ин миқдор пул дар Итолиё муддати тӯлонӣ зиндагӣ карда наметавонед, зеро ба шумо 500 000 евро зарур аст, на Итолиё.

«Пули бисёр ва даромади доимӣ мехоҳам». Оё медонед, ки 1 000 сомонӣ ҳам пули бисёр аст. Дар як сол як маротиба гӯё ба навъе «доимӣ» аст. Чандон ҳайратовар ҳам нест, ки «гоҳе як маротиба об аз чашма ҷорӣ шуда, аммо минбаъд ҳама вақт хушк мешавад».

Ана, дар ин ҷо таззоди хеле аҷиб: «Бале, чӣ суд аз ин хайрия...» ҳамон замон «барои паноҳгоҳи хуб ба ҳайвоноти бесоҳиб ва бачаҳои бепарастор» миллион евро мехоҳем. Пас чӣ чиз мехоҳед?

«Ман муддати тӯлонӣ истифодаи техникаи се ангушт, техникаи стакани обро машқ мекунам, аммо то ба ҳол онро азхуд накардаам дар ҷое, ки будам, он ҷо боз истодаам».(«техникаи се ангушт» мисол аз ҷуй-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



бори хурдакак бо стакан чамъ кардани об аст ,ки дар тренингҳои мо ба тариқи муфассал омӯзонида мешавад) Ва шумо дар кучо будан мехоҳед? Бархезед ва биравед!

Шумо, дар воқеъ, чӣ мехоҳед? Шахсан худи шумо. Аз худ суол кунед, ки шумо чӣ мехоҳед. На барои падар, духтар ё кишвар. Ва андеша кунед, дар ҳақиқат оё барои хушбахт шудани шумо 1 000 000 евро зарур аст? Дар асл барои машғул шудан ба кори хайрия 1 000 000 евро зарур аст? Худи ҳозир фикр кунед ва як бори дигар мақсади худро санчед. Ачаб нест, дар дилатон хоҳише пайдо шуд, ки чизеро тағйир диҳед.

## Ёддошти Регина Бретти 90-сола аз Кливленд, иёлати Огайо.

Моили чашнгирии 45-солагии худ шуда, 45 дарс тартиб додам, ки ба ман ҳаёт омӯхтааст. Ин сутун аз он сутунҳои дигаре, ки ман як вақтҳо менавиштам, бештар ба талабот чавобгӯтар ва чозиб буд.

Синни ман ба 90 расид, ана, боз ман ин сутунро аз нав нашр мекунам:

- Беадолатӣ дар ҳаёт зиёд аст, аммо ба ҳар навъ хуб аст.
- Агар шубҳа кардӣ, боз як қадами кӯчак ба пеш гузор.
- Ҳаёт хеле кӯтоҳ аст, ки мо онро бо бадбинӣ талаф кунем.
- Вақте ки ту бемор мешавӣ, кор дар ҳаққи ту ғамхорӣ намекунад. Инро барои ту волидайн ва дӯстонат анчом медиҳанд. Муносибат бо онҳоро эҳтиёт намо.
- Ҳар моҳ барои пардохти қарз пул чудо кун.
- Дар ҳар баҳс ғолиб омадан шарт нест. Розӣ шав, ё розӣ нашав.
- Ҳамроҳ бо касе гиря кун, якчоя гиристан назар ба гиряи танҳоӣ беҳтар табобат мекунад.
- Аз маоши аввалат барои нафақа пул чамъ кун.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



- Вақте ки кор ба шоколадхӯрӣ расид, муқовимат маъно надорад.
- Бо гузаштаи худ оштӣ кун, то ки он ҳаёти имрӯзаи туро хароб нагардонад.
- Дар назди фарзандон, ба худ додани иҷозати ашкрезӣ равост.
- Ҳаёти худро ба ҳаёти дигарон муқоиса накун, ту намедонӣ, ки онҳо чиро аз сар гузаронидаанд.
- Агар ба пинҳон мондани муносибат зарурат мавҷуд бошад, шарт нест, ки дар он ширкат намоӣ.
- Ҳама чиз дар як лаҳза метавонад тағйир ёбад, аммо хавотир машав: «Худованд ҳеҷ гоҳ бехабар нест».
- Нафаси чуқур каш, зеро нафаси чуқур тафаккурро тасалло медиҳад.
- Аз ҳама чизҳое, ки онҳоро манфиатнок, зебо ё ҷолиб номида наметавонӣ, даст бикаш.
- Ҳар чизе, ки маҳвкунанда нест, туро тавонотар мегардонад.
- Хушбахтии бачагона доштан ҳеҷ гоҳ дерӣ надорад, аммо бачагии дубора танҳо аз худи ту вобаста аст.
- Вақте фаро расидааст, ки аз паси чизи тамоми умр дӯстдоштаат равӣ, «не» нагӯй.
- Шамъҳоро рӯшан кун, аз кӯрпаҳои беҳтарин истифода намо, либосҳои зебои таҳпӯш гир, барои мавриди хос чизеро эҳтиёт накун. Ин мавриди хос ,ҳамин имрӯз аст.
- Бо фаровонӣ зиндаги кун, пас харчи ба сарат меояд бигзор биёяд ин аз ту вобаста нест.
- Дар ҳоли ҳозир ғайримуқаррарӣ бош. Пириро барои пӯшидани либоси сурхи равшан интизор машав.
- Мағзи одам узви аз ҳама муҳими шаҳват аст.
- Ба ғайр аз ту касе бори масъулиятро барои хушбахтии ту бар дӯш намебардорад.
- Ҳангоми ҳар фалокат аз худат пурс: «Оё баъд аз панҷ сол ин муҳим ҳисобида мешавад?»

E-mail: ziyozoda@gmail.com



- Ҳамеша ҳаётро интихоб кун.
- Ҳама кас ва ҳама чизро бубахш.
- Он чизе, ки дигарон дар бораи ту фикр мекунанд, набояд туро мушавваш хотир гардонад.
- Вақт ҳамаро табобат мекунад, ба вақт - вақт бидеҳ.
- Хуб ё бад будани вазъият муҳим нест, он тағйир меёбад.
- Чизеро ҷиддӣ напиндор, касе чунин намекунад.
- Ба муъҷиза бовар кун.
- Худованд туро дӯст медорад, зеро Ӯ Худост, аммо на барои он, ки ту чӣ коре кардаӣ ё на.
- Ҳаётро омӯхтан шарт нест. Ту дар он пайдо шудаӣ ва ба ҳамон андозае, ки тавонистӣ, чизеро анҷом додаӣ.
- Назар ба он, ки ҷавон бимирӣ, ба пирӣ расидан алтернативаи беҳтарин аст.
- Бачагони ту танҳо як бачагӣ доранд.
- Чизе, ки ниҳоят маъно дорад, худи ту ва муҳаббат доштани ту аст.
- Ҳар рӯз ба сайру гашт баро. Муъҷиза туро дар ҳама ҷо интизор аст.
- Мо агар ҳамаи мушкилоти худро дар як ҷо ғарам карда, онҳоро ба мушкилоти дигарон муқоиса мекардем, он гоҳ мушкилоти худро ҷобуҷона ва зуд бардошта мерафтем.
- Ҳасад сарфи беҳудаи вақт аст. Ту аллакай ҳама чизро дорӣ, боз чӣ зарурат дорӣ.
- Бо вуҷуди ин, ҳама чизи хубтар дар пеш аст...
- Муҳим нест, ки ту худро чӣ тавр ҳис мекунӣ. Бархез, бипӯш ва ба назди мардум рав.
- Гузашт кун.
- Ҳарчанд ки ҳаёт бо бандҳои шаддабандии зинат оро дода нашудааст, он ба ҳар ҳол туҳфа аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ДУВОЗДАҲУМ

Пул барои одами оқил васила, барои одами нодон мақсад аст.

***А. Декурсел***

**Одамони камбағал тибқи категорияи «ҳалвои осмонӣ», одамони сарватманд бошанд, тибқи категорияи «ҳама чиз арзиши пулии худро дорад» фикр мекунанд.**

Одамони камбағал **тибқи категорияи «ҳалвои осмонӣ»**, нони муфт,аммо сарватмандон аз рӯи **«ҳама чиз арзиши пулии худро дорад»** андеша мекунанд. Медонед, баъзан одамон намуди ройгони хизматрасониро ҷустуҷӯ мекунанд, ё ин ки молҳои хеле арзонро харидан мехоҳанд, яъне орзу мекунанд, ки ҳама чизро бе машаққат аз рӯи принсипи **«ҳалвои осмонӣ»** ба даст оранд. Инсон, ғолибан, ба чизҳои бепул талош мекунад.

Шумо тассавур кунед, ки имрӯз дар рӯ ба рӯй чанд роҳ вуҷуд дорад. Роҳи дилхоҳро интихоб кунед ва ба он равед. Аммо ҳеҷ гоҳ «ҳалвои осмонӣ»-ро интизор нашавед. Барои пардохти натиҷа омода бошед. Бо устуворӣ, меҳнатдӯстӣ, нерӯ, ҷидду ҷаҳд онро ҳисобӣ кунед. Танҳо бо чунин тариқа ба мақсади худ мерасед. Бинобар ин аз хизмати ройгони одамон истифода набаред, дар акси ҳол аз хизмати шумо айнан ҳамин тавр истифода хоҳанд кард.

Ҳеҷ вақт барои чизҳои ройгон талош накунед, зеро ки ин одат хоси одамони камбизоат аст. Ниҳоли себ шинонда, ҳосили ангур ё анор гирифтан мумкин

E-mail: ziyozoda@gmail.com



нест. Чӣ тавре, ки дар зарбулмасал гуфта мешавад: «Гандум аз гандум бирӯяд ҷав зи ҷав ва ё ҳар чӣ киштӣ, ҳамон бидравӣ». Ана, барои чӣ мегуфтаанд, ки одамони камбағал тибқи категорияи «ҳалвои осмонӣ» андеша мекунанд. Онҳо мехоҳанд, ки ҳама чизро ройгон ба даст оранд.

Одамони сарватманд тибқи категорияи «ҳама чиз арзиши пулии худро дорад» фикр мекунанд, яъне онҳо бо майлу рағбати зиёд чизҳои хубро харидорӣ мекунанд, бо ҳузуру ҳаловат ҳаққи хизмати дигаронро пардохт мекунанд, бо кайфияту роҳат либосҳои гаронарзиш мепӯшанд, аз чизҳои қиммат истифода мебаранд, дар иморатҳои бисёр зебо зиндагӣ мекунанд. Зеро онҳо арзиши ҳар чизро пардохт мекунанд. Дар андешаи «ҳама чиз арзиши пулии худро дорад» будан лозим аст. Дар олам чизи бепул вуҷуд надорад. **Чизҳои бепул чизҳои нолозиманд. Маслиҳати ройгон маслиҳати бефоида аст. Фақат мушкилот ройгон ба даст меояд, то ки баъдтар ба ғарами пул бадал гардад. Агар ба ман маслиҳати арзиши як миллион доллар доштаро пешниҳод мекарданд, ки даҳ маротиба афзун гардидани даромадро кафолат медиҳад, банда ин маблағи заруриро пайдо мекардам, зеро ягона чизе, ки ту онро баргардонида наметавонӣ, вақт аст ва онро бояд эҳтиёт кард. Ба ҷои он, ки дақиқаҳо ва соатҳои пурқиммати ҳаёти худро харҷ кунед, беҳтараш, бо пул пардохтро анҷом диҳед.**

Мардуми сарватманд дарк кардаанд, ки ҳамаи чиз - комёбӣ, муҳаббат, саломатӣ, маънавиёт қиммату арзиши худро доранд. Барои зиёрати ҷойҳои муборак ва хайру эҳсонкорӣ пул зарур аст. Барои падари хуб, марди ҳақиқӣ, зани хуб шудан пул зарур аст. Бинобар ин ишқу муҳаббат маънои ғамхорӣ кар-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



дан дар ҳаққи одамони наздикро дорад ва он ҳам пул меистад. Ҳама гуна орзу, ҳама гуна мақсад бо ҳисоби аниқ пардохт карда мешавад. Ҳеҷ чиз ройгон нест. Ба ҳурмату эҳтиром, муносибати хуб ва муҳаббат бояд сазовор шуд.

«Панири бепул танҳо дар мушқапақ аст», аммо муш намедонад, ки онро муҳтоҷӣ ба ин ҷо овардааст. Маълум аст, ки ин панир бисёр гаронқиммат аст. Барои маззаву бӯи он ҳаёт аз даст меравад. Айнан мисли он, ки мардуми камбағал хизматро мехоҳанд ройгон анҷом диҳанд ва чизҳои бепул ба даст оранд, ё ин ки талош мекунанд, ки пули камтар диҳанд. Бо ин амалҳо ба шахсияти худ, мутаносибан, ба тақдири худ таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин мисол метавон хулоса кард, ки ба даст овардани чизҳои ройгон метавонад беҳад гарон афтад. Сарватмандон хуб медонанд, ки барои ҳама чиз бояд пул пардохт кард. Агар бо пул пардохт накунӣ, дар он сурат маҷбур мешавӣ қиммати онҳоро бо чизи дигар монанди вақт, саломатӣ, робитаи мутақобила ва ғайра пардохт намоӣ.

Аз ҳама пардохти арзон ин пардохт бо пул аст, аз ҳама талафоти кам талаф додани пул аст, зеро онро метавонед дубора пайдо кунед. Аммо вақтро дубора пайдо кардан ғайриимкон аст. Ба ҷои он, ки оила, саломатӣ, виҷдон, чанд соли ҳаёт ва муносибатро талаф диҳед, пулро талаф додан беҳтар аст. Пулро аз нав пайдо кардан аз ҳама осонтар аст.

Пулро аз даст додан нисбат ба аз даст додани номи нек ва обрӯю эътибор беҳтар аст. Номи накӯ шояд чизи ягонае бошад, ки ягон пешво, ё одами муваффақ онро ҳеҷ гоҳ дар марзи хавфу хатар намегузорад.

Онҳо мефаҳманд, ки обрӯю эътиборро бо пул харида намешавад. Шумо ба касе гуфта наметавонед, ки «Ман ба ту пул медиҳам, лутфан ба ман бовар

E-mail: ziyozoda@gmail.com



кун». Бехтараш, пул пардохт намуда, ҳама чизҳои боқимондаро нигоҳ доред. Боре модар ба ман гуфта буд: «Чизҳоятро хор кунӣ, худат азиз мешавӣ, писарам!» Ин сухани модар чунин маъно дорад: «Агар ту худатро эҳтиром намой ва хоҳӣ, ки мардум туро дӯст доранд ва эҳтироматро бачо оранд, он гоҳ молу сарвати худро чандон арҷгузорӣ накун», яъне барои ту дар чои аввал бояд худат ва муносибати ту бо одамон истад. Агар ту баръакс амал намой, дар он сурат мумкин аст, ки ту соҳиби молу сарват шавӣ, аммо аз ҳама одами камбағал боқӣ мемонӣ, зеро ки аз дигар чизҳо бенасиб мегардӣ.

Латифаро дар бораи одами камбизоат ба хотир оваред, ки Худовандро ибодат карда, аз Ӯ барои ҳалолкорӣ ва ҳаёти тақводорона талаб мекунад, ки дар бозии лотерея маблағи калон бурд кунад. Вай дар намозҳои худ ин чизро доимо аз Худованд талаб мекард. Аммо бенатича... Баъд аз намози навбатӣ Худованд ба ӯ мегӯяд, ки пеш аз он, ки бурдро талаб намой, ақаллан билети лотерея бихар. Барои ба даст овардани чизе бояд саъю кӯшиш кард ва кореро низ анчом дод. Ҳатто барои он, ки дар лотерея бурд кунӣ, камаш бояд билети лотерея харидорӣ кард.

## АНДЕШАИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГ

Дар китобҳои осмонӣ омадааст, ки «ҳалвои осмонӣ» ғизоест, ки Худованд Мӯсо (а) ва ҳамқабилагони ӯро ҳангоми оворагардии 40-сола баъди баромадан аз Миср хӯронида буд.

Вақте ки бани Исроил нонҳои аз Миср гирифтаашон-ро пурра хӯрда, тамом карданд, Худованд ба онҳо ғизое фиристод, ки ба назар резаи хурди сафед ё монанд ба жолаи хурд менамуд. ««Манпои осмонӣ» мисли донаи кашнич буд». Ин ғизо номи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



«манно»-ро барои он гирифт, ки вақте яҳудиён бори аввал онро диданд, аз ҳамдигар пурсиданд: «Ман-гу (ин чист?)», Мӯсо (а) ҷавоб дод: «Ин нон аст, ки Худованд ҳамчун ғизо ба шумо дод». Яҳудиён ин нонро «манно» номиданд. Манно субҳи ҳар рӯз, ба ғайри шанбе, замини атрофи бошишгоҳи яҳудиёнро дар вақти сафари онҳо мепӯшонид ва то вақти чоштгоҳ аллакай об мешуд.

Таваҷҷуҳ намоед, нони худодод барои одамон дар замони оворагардӣ ва машаққати чилсолаашон фиристода шуд ва аз худ танҳо ғизоро падидор менамуд. Аммо коҳилӣ ва кӯтоҳандешии молиявӣ ба ин қиссаи марғуб такя намуда, муносибат ба ҳаётро чун интизории неъмате, ки гӯё аз осмон меафтида бошад, тақлид намудааст.

Дӯстам манқали газӣ харид ва барои то хонааш онро расонидан аз ман кӯмак пурсид. Манқалро ҷо ба ҷо кардем ва ман қуттии холии онро ба партовгоҳ бурдам. Дар паҳлу дар яке аз қуттиҳои партовҳо мардеро дидам, ки ба назарам шинос менамуд. Ман хато накарда будам, ӯ ҳамсояи ман буд. Чаро ӯ дар чунин аҳвол аст? Тавре баъдтар фаҳмидам, баъди марги модари вай ҳамсараш ӯро розӣ мекунонад, ки хонаро дар бонк гарав гузошта, пул гиранд ва пулро ба касе бо фоизи бештар диҳанд. Онҳо фоидаи худро аз ФАРҚИ фоиз медиданд. Табиист, ки дар чунин ҳолат одамон бехонавудар мемонанд. Амаки Гена он замон 65 сол дошт.

Молу мулки худро аз талафот ҳифз кунед, - чӣ гуна талху ногувор садо медиҳад ин қонуни пул. Пулро ҳамсари амаки Гена ба «бизнес»-и умедбахш (намунаи тақлид – ҳама охир чунин мекунанд), дар коре, ки ӯ дар борааш заррае тасаввурот надошт, илова бар он дар синни нафақагирӣ, гузошт ва тамоми дороии худро дар зери хатар монда, умедвор буд, ки неъмат аз осмон меафтад. Худи ӯ рафт. Кадоме аз хешовандонаш барои зиндагӣ кардан ӯро дар хонааш иҷозат додааст, аммо

E-mail: ziyozoda@gmail.com



амаки Гена бонавбат дар хонаи дӯстонаш зиндагӣ мекунад ва баъзан дар даромадгоҳи хонае, ки замоне аз ӯ буд, шабро рӯз мекунад.

Зеро дар китобҳои муқаддас навишта нашудааст, ки аз осмон қасрҳо, фойтунҳо, сабикаҳои тилло фурӯ омадаанд. Барои чӣ ин қадар одамони ҳозиразамон мехоҳанд бовар кунанд, ки маннои осмонӣ модом дар намуди ғизои оддӣ вуҷуд дошта бошад, пас ҳатман аз осмон низ василае барои зиндагии осудаҳолона бояд афтад? Аммо қаллобон аз ин истифода намуда, аҳромҳои умедбахшандаи молиявӣ месозанд. Вақте ки инсон барои дарёфти неъмати ройгон омода аст, ӯ андеша мекунад: «Ман дар куҷо ба кор дароям, ки пул бе ягон машаққат ба ҷайби ман ворид шавад?» ва ӯ аз рӯи қонуни ҷозиба чунин қаллобро ба сӯи худ мекашад. «Андеша намо ва сарватманд шав» маънои онро надорад, ки фақат фикр кардан кифоят аст ва аз осмон неъмате меафтад, ки мо сазовори он ҳастем.

«Мо он замон андеша доштем, ки - мегӯяд амаки Гена, - аллакай азобу машаққат кашидаем ва Худованд моро ба ҳоли худ намегузорад, мо ба ҳаёти беҳтар сазовор ҳастем. Кӣ медонист, ки чунин мешавад?» Чизе, ки доштем ҳифз накардем, онро талаф додем, акнун чӣ илоҷ, гиря мекунем.

- Онҳо гуфтанд, ки бизнеси хуб доранд, одамон бисёр хоҳиши бо онҳо кор кардан доранд, аммо онҳо мехостанд, ки моро ба хотири ошноии дерина ва эҳтироми зиёд кӯмак кунанд.

Ман худро дошта натавониста аз амаки Гена пурсидам: «Ақаллан медонистед, ки онҳо ба чӣ кор машғуланд?»

Не, намедонистам, колоҳои гуногунро ба Россия мебурданд, ҳама чиз ба роҳ монда шуда буд. Ҳо, барои миқдори молҳо фармоиши фаврӣ гирифта буданд, бояд танҳо онҳоро мегирифтанд ва интиқол медоданд, пул бошад, чӣ хеле, ки гуфтанд, дар дасти харидор тайёр

E-mail: ziyozoda@gmail.com



буд. Дар бонк кӯмак кардем, ки ҳуҷҷатҳоро зуд омода созанд.

Мехостам, ки аз амак пурсам, вале худдорӣ кардам: «Масалан, шумо чанд сол ба ин кор машғулед, то чунин сармоягузорӣ кунед? Чунин миқдори бисёри пулҳоро дар зери назорати худ нигоҳ доштаед? Фурӯш ва харочотро чӣ гуна пешбинӣ кардед? Боэътимодии муомиларо чӣ гуна баррасӣ кардед? Аз дунболи пул шудед? Ин чӣ хел харидор будааст, эҳтимол бардурӯғ аст, пешпардохт накардааст, ё ин ки фурӯшанда қаллоб аст? Агар онҳо шарикони боэътимод мебуданд, барои чӣ қисми молҳоро бо кредит надодааст?» Ҷавоби «корчаллонҳо»-ро мешунавем, он чӣ гуна метавонад бошад: «Ӯ хасис, ба касе бовар намекунад, аммо мо бошем, одамони корем, ба шумо кӯмак кардан мехостем. Савдогарони замонҳои қадим чӣ гуна кор мекарданд? Даст ба даст мезаданд, вассалом». Бале, инҳо тоҷирон буданд, эҳтимол, аъзои ҷамъияти савдогарон низ буданд, ки сухани тоҷиронаи онҳо аз муҳр ҳам мустаҳкамтар буд. На, ҳеҷ ягон чунин тоҷир манзили одамони солхӯрдаро дар назди судхӯр ба гарав нагузоштааст. Худи амаки Гена тамоми умр дар завод ба ҳайси усто кор мекард.

- Ҳо, дӯстонам маслиҳат доданд, ки аз ин кор даст кашам, — меафзояд амаки Гена, - аммо ман фикр кардам, ки онҳо аз омад кардани кори ман, пешниҳоди одамони корчаллон ҳасад мебаранд. Ман чунин фикр мекардам: «кор ки анҷом ёфт, онҳоро ба меҳмонӣ даъват мекунам». Ният доштам, ки соҳиби пул шуда, ба онҳо кӯмак кунам.

Ман таскину тасаллиро як сӯ гузошта, аз пирамард пурсидам: «Муомилаи шумо бо ин «корчаллонҳо» дар дафтари нотариус аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба расмият даровварда шуда буд?» Ӯ ба ҷои ҷавоб хомӯшона кифтҳояшро ба ҳам кашид.

- Эҳ, «Афсона дар бораи моҳигир ва моҳӣ!» Барои чӣ дар бачагӣ онро барои мо мехонанд? Дар он ҷо ба

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ғайр аз моҳигир ва моҳӣ, бибӣ – қаҳрамони аз ҳама аҷиб, манбаи илҳоми бобо ва «муаллиф»-и талабномаҳои ӯ ҳаст, ки дар охири афсона дар назди тағораи кӯҳнаи шикаста нишастааст. Дар ин бора фикру мулоҳиза кардан зарур аст.

Оре, манно ба одамони дар хонаи духуҷрагии обод истиқоматдошта фиристонида нашуда буд, балки барои онҳое буд, ки чил сол дар биёбон саргардону овора мегаштанд. Барои чӣ мо интизории онро идома медиҳем? Ба ӯ чӣ ҷавоб ҳам мегӯӣ? Чизи хубе дар ҳаёти ӯ рух медиҳад? Молу мулки худро аз талафот эҳтиёт кунед...

**P.S.** Шир дар Яҳудистон ба одамони камбизоат ҳар рӯзи ҷумъа ба таври маҷҷонӣ тақсим карда мешуд. Таваҷҷӯҳ кунед - танҳо шир!

***Масал***

Боре ба як писарак пешгӯӣ карданд, ки дар синни 36-солагиаш ӯ хеле сарватманд мешавад. Волидайни ӯ хеле хурсанд шуда, ба ҳамаи ҳамсояҳо ин фоли некро нақл карданд. Ин пешгӯиро дар деҳа шунида, ҳама хушҳол гаштанд, ки акнун ҳамроҳи онҳо чунин як одами сарватманд зиндагӣ хоҳад кард. Волидони писарак ва гузаштагони онҳо ҳама боғбон буданд. Аммо ӯ аз омӯзиши ин касб даст кашид. Барои чӣ? Чунки ӯ сарватманд мешавад. Волидайн ӯро ба ғизову пӯшок таъмин мекарданд. Ҳамин тавр ӯ дар интизории сарвати бузург зиндагӣ мекард. Баъд волидон аз ҳаёт гузаштанд ва пул низ тамом шуд. Қаҳрамони мо маҷбур гардид, ки хона ва боғро фурӯхта, ба анборе, ки дар канори деҳа воқеъ буд, кӯчад. Акнун аҳли деҳа ба ӯ ғизо медоданд ва умед доштанд, ки ба наздикӣ ӯ сарватманд мешавад.

Вақти таъйиншуда фаро расид, ӯ 36-сола шуд, аммо аз бойигарӣ ҳеҷ хабар нашуд. Ҳамсоягони норизо ба шикояту гила даромада, дигар ӯро хӯрондан намехостанд. Қаҳрамони мо оҳиста-оҳиста роҳи ҷангалро пеш

E-mail: ziyozoda@gmail.com



гирифт, то меваҳои ёбой ва занбуруғ пайдо кунад, аммо чизе намеёфт. Дар роҳи бозгашт ба чуқурие афтод. Мумкин буд, ки зинаҳо канда, аз он раҳо шавад, вале коҳилӣ ӯро монеа гардид. То замони кашида баровардани барзгарони роҳгузар ӯ он ҷо нишаст. Қаҳрамони мо ба анбори худ омада, дароз кашид ва вафот кард.

Ҳамин тавр ӯ ба осмон мерасад ва ҳамоно дар назди Худованд бо иддао ҳозир мешавад: «Барои чӣ ин тавр? Ваъда шуда буд. Пулҳо дар куҷоянд?» Ҳама дасту по гум карда, ба давутоз даромаданд ва китоби тақдирро ба даст гирифта, варақ заданд. Оре, дар ҳақиқат ҳама чиз мувофиқат мекунад, дар синни 36-солагӣ барои ин одам бойигарӣ навишта шудааст. Сабаби ҳодисаро муайян кардан хостанд. Нигоҳбони тиллоро даъват карданд. Ӯ мегӯяд:

- Чӣ хел, чӣ хел. Бойигарӣ нақд аст. Мушкилот сари дарёфткунанда аст. Вақте ки муҳлати додани бойигарӣ фаро расид, мо ӯро миёни боғбонон ҷустуҷӯ кардем. Ҷустуҷӯ кардем, ҷустуҷӯкардем, аммо бенатиҷа... Ӯро дар рӯйхати низомиён, олимон ва миёни кишоварзон ҷустуҷӯ кардем. Дар ягон ҷо нест. Ба хонаи волидонаш рафтем, аммо ӯ дар он ҷо набуд. Дар он хона одамони дигар зиндагӣ мекарданд. Қосидонро фиристодем, тамоми маҳалро дида баромаданд, вале ӯро пайдо карда натавонистанд. Билохир ӯро тасодуфан дар ҷангал пайдо карданд. Дар чуқурии сари роҳ бойигариро гузоштанд, девори онро каме кофтан лозим буд. Боз кор анҷом нашуд. Ва ҳамин тавр ӯро дар рӯи тахтаи анбор пайдо карданд, қариб буд, ки дороиро бар сараш рехта буданд, ӯ хеле заифу нотавон буд, тарсиданд, мабодо ӯро накушанд. Аммо дар ин ҷо худ вафот кард ва ба ҳамин тартиб ин одам бойигариро гирифта натавонист.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## МАЙКЛ ДЕЛЛ

Шавқу рағбатро ба бизнес Майкл ҳанӯз дар бачагӣ бо шарофати волидони худ: падар - духтури дандон, модар - мушовири молиявӣ пайдо карда буд. Дар хонадони онҳо суҳбат ҳамеша дар бораи пул, молия, ҳисоботи бухгалтерӣ ва иқтисодиёт мерафт, ки ин барои ӯ хеле шавқовар буд. Бинобар ин Майкл аллакай дар бачагӣ дарк карда буд, ки арзиши ҳама чиз дар ин дунё бо пул аст ва кор кардани онро бояд омӯхт.

Майкл дар Остин ба Донишгоҳи иёлати Техас дохил шуда, асосан алоқаманди компютерҳо буд ва ба фанҳои донишгоҳӣ кам мароқ зоҳир мекард, зеро аҳли амал буд ва талош мекард, ки дониши худро барои гирифтани даромад истифода барад. Дар ин маврид ҳар коре, ки Майкл машғул мешуд, ба вай писанд омада, барояш ҳузуру ҳаловат мебахшид, ин низ як омили муҳим буд. Дейл баъд аз фикру андешаи начандон тӯлонӣ корхонаи васлкунӣ ва савдои компютерҳои мукаммалро ташкил кард. Фаъолияти амалӣ ба ӯ кӯмак кард, ки самти заифи савдои компютерҳоро дар он лаҳзаҳое, ки миёнаравон аз дистрибютерҳо молҳои тайёрро харидорӣ карда, талаботи харидоронро ба инобат нагирифта, бо нархи иловагӣ онҳоро мефурӯхтанд, дарёфт кунад.

Ӯ дарк кард, ки ғалабаи осон вуҷуд надорад ва танҳо тавассути суботкорӣ ва меҳнатдӯстӣ ба мақсади худ расидан метавон ва барои ҳама чиз бояд пардохт кард. Майкл тасмим мегирад, ки тамоми фаъолияти худро ба бизнес бахшад. Соли 1984 маблағи аввалияро ба миқдори 1000 доллар ҷамъ карда, ӯ ширкати худро таҳти унвони «Dell Computer Corporation» сабти ном мекунад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Барои он ки ба комёбӣ даст ёбад, барои ӯ таҳияи низоми фурӯш ва ҷалби харидорон зарур буд. Делл тасмим гирифт, ки бояд ними кормандонро аз телефончӣ духтарон ташкил диҳад, то ки онҳо ба қабули фармоиш машғул шаванд. Кормандони дигар ба кори васлу насби компютерҳои барои фармоиш пешниҳодшуда машғул буданд. Илова бар ин, ӯ мутахассисони баландихтисосро интихоб мекард ва ба онҳо пули хуб медод. Ӯ медонист, ки кори хуб бояд ба подоши муносиб мувофиқат кунад ва чӣ қадаре, ки кормандонро музди кам диҳӣ, ҳамон қадар сифати кор низ паст мегардад. Натиҷа бошад, мустақиман аз кормандон вобаста аст.

Ҳамин тариқ намуди нави бизнес - фурӯши компютерҳои аз рӯи фармоиши муштариён васлу насбшуда ба вуҷуд омад. Бар болои ин, васли компютерҳо танҳо баъди гирифтани фармоиш шурӯъ мешуд. Хароҷоти фурӯш кам шуда, он дар навбати худ нархҳоро ба поён мекашид, аммо ҷозибияти молҳо боло мерафт. Бартарияти чунин тарзи муомила боиси робитаи мустақим бо мизоҷон ва таъмини нархҳо гардида, бар болои ин дар бораи талаботи хоси харидор ба ширкат комилан иттилооти ройгонро мерасонид.

Ҳамчунин Майкл принсипҳои фаъолияти худро бо лоиҳаҳои нав таҳия намуд. Агар идеяро дорои дурнамои ночиз меҳисобиданд, самти ҳаракати он баста намешуд, аммо танҳо то замоне мавқуф гузошта мешуд, чуноне ки нокомии имрӯза ҳамеша метавонад дархости фардо бошад. Барои мисол, муваққатан аз бозори ноутбукҳо рафтани Dell бисёриҳоро ба ҳайрат гузошт, чунончӣ ин самт дар якуним даҳсолаи охир зуд рушд кард.

Аммо ҳама чиз он гоҳ аниқ шуд, ки дар бозор хатти нави ноутбукҳои аз рӯи вақти кори батареяҳо рақибонро дасткӯтоҳкунанда пайдо шуд. Ин ба ширкат иҷозат медод, ки ба сатҳи нав боло равад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ҳамчунин бисёр одамон аз ин тасмим дар ҳайрат афтоданд, вақте, ки Dell ба ҷои он, ки ҳиссаи худро дар бозори компютерҳои рӯимизӣ ва ноутбукҳо зиёд кунад, қисман ба самти нав – истеҳсоли серверҳо шурӯъ кард. Соли 1996 сервери PowerEdge-ро пешниҳод намуд. Идея то андозае муваффақ гардид, ки дар тӯли чанд сол ширкат дар бозори ҷаҳонии серверҳо ҷои дуввумро ишғол карда, ҳиссаи худро қариб ду маротиба афзоиш дод. Ин мисол шоҳиди он аст, ки **тасмими дуруст ҳамеша дар рӯ ба рӯй қарор надорад, дар бисёр мавридҳо фақат муносибати эҷодӣ комёбиро муайян мекунад.**

Соли 2002 ширкати Dell ба воситаи почта 35 миллиард доллар компютер фурӯхт ва 36 ҳазор ҷои корӣ ташкил дод. Соли минбаъда ҳисси Dell Computer дар бозор 22% ташкил кард, ки худи ширкат дар ҷамъбасти сол дар рӯйхати бузургтарин ширкатҳои дунё ҷои 33-юмро ишғол кард, Майкл Делл бошад, бо 18 миллиард доллар дороӣ ба сафи сарватмандтарин одамони ҷаҳон ворид гардид.

**ХУЛОСА. Дар роҳи ба даст овардани комёбӣ устувор бошед, дар ёд доред, ки барои ҳама чиз пардохт бояд кард. Майнаи худро маҷбур созед, ки дар ҳолати зарурӣ кор кунад, он роҳи дурустро пайдо карда метавонад ва шуморо низ ба василаи зарурӣ таъмин мегардонад. Ғалабаи сабукро интизор нашавед, он аздусар арҷгузорӣ намешавад, ба меҳнати вазнину сангин ҳавсала пайдо кунед. Барои муваффақиятро ба даст овардан, бо сабру тамкин (вақт) ва саъю кӯшиш пардохт намоед. Барои он шуда, аз даст додани саломатӣ, обрӯй, эътибор ва муносибати оилавӣ арзанда нест.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ СЕЗДАҲУМ

Ба сарват нафрат доштани баъзе одамон ба он хотир аст, ки онҳо умеди сарватманд шуданашонро аз даст додаанд.

***Ф. Бэкон***

**Мардуми нодор мепиндоранд, ки ҳамаи мушкилот аз барои пули бадбахт аст. Одамони сарватманд мегӯянд: «Пул ба зоти худ бетараф аст, аммо нокифоя будани пул, боиси ҳамаи мушкилоти ҳаёти мо аст».**

Мардуми нодор мепиндоранд, ки ҳамаи мушкилот аз барои ин пули бадбахт аст. Чунин тафаккур аз таҷрибаи манфӣ пайдо мешавад, кадом вақт касе пул қарз гирифта, натавонистааст, ки дар вақташ онро баргардонад, вале қарзхоҳон дар айни вақт, баргардонидани онро талаб кардаанд ва аз барои ин мушкилот ба амал омадааст. Мардум аз телевизор мебинанд, ки чӣ гуна ғоратгарон одамонро ғорат мекунанд, сиёсатмадорон аз барои пули калон ҳамдигарро ба қатл мерасонанд, чӣ гуна барои маблағҳои бузург ҷангҳо ба амал меоянд ва аз ин рӯ дар шуури одамони камбағал андешаи ҳамаи бадбахтиҳо аз барои пул пайдо шудааст. Онҳо фикр мекунанд, ки ҳамаи бадбахтиҳоро пул меоварад. Ва беҳтараш доро набудан аст, то ки мушкилот набошад. Аммо воқеият тамоман дигар аст. Одамони сарватманд ба ин масъала дигар хел, яъне бо фаҳму идрок муносибат

E-mail: ziyozoda@gmail.com



мекунанд. Онҳо мегӯянд: **«Пул аз рӯи хусусияти худ бетараф аст, онро метавон ба нияти хайру некӯкорӣ ва ё зарару зиён, истифода кард. Нокифоя будани пул, боиси ҳамаи мушкилоти ҳаёти мо аст».** Агар шумо пул медоштед, қарзро дар айни вақт мегардондед ва бо касе ҷангҷол намекардед. Агар кас пул медошт, даст ба дуздӣ намезад. Агар пул мебуд, имкони вақти бештар барои оила ҷудо кардан пайдо мешуд. Ҳамаи мушкилҳо ва масъалаҳо аз набудани пул сар мезананд.

Инсон дурӯғгӯиро оғоз карда, маҷбур аст, ки ғайри хоҳиш ва ихтиёр ба муқобили принсипҳои худ рафтор кунад. Ӯро ҳаёт маҷбур мекунад, ки чунин рафтор кунад. Ин маънои онро дорад, ки боз ҳамаи масъалаҳо бо сабаби нокифоягии пул аст. Бояд тарзе амал кард, ки он ба миқдори басанда дар даст ҳамеша бошад. Ана, одамони сарватманд ҳамин тавр андеша мекунанд. Онҳо дар бисёр маврид воқеияти вазъиятро хубтар дарк мекунанд.

## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГҲО

Саргузашти дӯсти ман Влад шояд ҳамчун мисол боиси фаҳмиши ФАРҚИ одамони камбағал ва сарватманд гардад. Ӯ дар оилаи осудаҳол, вале начандон дорои зиёӣ ба воя расидааст. Таҳсили хуб гирифта, дар рӯҳияи анъанаҳои куҳан тарбият ёфта, аз паси пул намедавад ва барои ба даст овардани дороӣ саъю талош ҳам надорад. Бо як духтари ҳалиму хоксори дар чунин оилаи зиёӣ тарбияёфта издивоҷ мекунад. Фарзандонаш - як писар ва як духтар ба дунё меоянд. Хеле содаву оддӣ зиндагӣ мекарданд, бо вуҷуди он ба чизе муҳтоҷ набуданд.

Ҳама чиз дар як они воҳид тағйир ёфт. Ҳамсари ӯ мубталои бемории ҷиддӣ гардид, амалиёти ҷарроҳии

E-mail: ziyozoda@gmail.com



пурхарҷ зарур шуд. Азбаски имкони пасандоз кардани пул надоштанд, барои амалиёт пул набуд. Илоҷе барои ба даст овардани пул ба ҷуз дар гарав гузоштани хона намонда буд. Хушбахтона, амалиёти ҷарроҳӣ бомуваффақият гузашт ва саломатии ҳамсари ӯ рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Аммо дар ин вақт масъалаи баргардондани қарз ба миён омад. Пули қарз хеле зиёд буд, даромади маъмулӣ барои пардохти он намерасид, фоизҳо афзоиш меёфтанд, бар замми он ҷарима барои сари вақт напардохтани қарз зам мешуд. Хатари аз даст додани манзил ба вуҷуд омад.

Ва ҳамон вақт Влад маҷбур шуд, ки чораи фаврӣ ҷӯяд. Тамоми имкониятҳи мавҷударо бодиққат дида баромад ва тасмим гирифт, ки ба дӯсташ Рустам, ки ба бизнес машғул буду ба Россия молҳои баландсифати нассоҷии маҳаллиро интиқол медод, муроҷиат карда, хоҳиш кунад, ки ӯро ёрдамчии худ гирад. Замоне худи дӯсташ ба ӯ пешниҳоди кор намуда, маоши баланд низ ваъда карда буд. Рустам ба аҳволи бади дӯсти худ ошно шуда, бе ягон сухани зиёдатӣ розӣ шуд, ки ба ӯ кӯмак кунад.

Бештар аз як сол Влад ҳамроҳи Рустам дар шаҳрҳои Росия давуғеҷ намуда, борҳоро интиқол медод, дар гуфтушунидҳо ширкат менамуд ва ҳангоми бастани шартномаҳо низ ҳузур дошт. Ҳамаи пули коркардаашро ба хона, барои пардохти қарзҳо мефиристонид. Пас аз он, ки қарзҳои худро ба куллӣ пардохт кард, бо маслиҳати Рустам пулҳои зиёдатии худро дар бизнеси якҷоя гузошт, зеро дарк карда буд, ки пул ба инсон озодӣ медиҳад, набудани пул масъалаҳоро ба миён меоварад.

Тадриҷан Влад шарики комилҳуқуқи дӯсти худ гардида, баъзе самтҳои бизнесро ба зиммаи худ гирифт. Ҳоло тиҷорати дӯстон равнақ ёфта истодааст. Влад аллакай хотираи худро аз масъалаи молии гузашта пок месозад. Вай вақти озод бисёр пайдо карда, онро ба-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



рои оилааш ҷудо мекунад. Ҳамроҳи ҳамсараш сайру саёҳат мекунанд, ба мағозаҳо меравад, ба саёҳати табиат мебароянд, хулласи калом, зиндагии ӯ хуб шудааст.

■ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## ГАБРИЕЛ БОНХЕЕР ШАНЕЛ

Бачагии Габриел чандон осуда набуд. То 18-солагӣ дар ятимхона калон шудааст. Тамоми ҳаёти ӯ аз мушкилиҳои доимӣ, эҳтиёҷ ва маҳрумият иборат буд. Бинобар ин аллакай дар синни хурдсолӣ дарк карда буд, ки ҳамаи мушкилот аз набудани пул рух медиҳанд. Эҳтимол, комилан ҳамин мушкилиҳо дар бисёр мавридҳо дар тафаккури ин духтар хоҳишу кӯшиши ба комёбӣ расидан ва сарватманд шуданро ба вуҷуд оварданд. Вақте ки 18-сола шуд, ба кори аввалини худ дар мағозаи либосфурӯшӣ шурӯъ кард. Габриел ҳамчунин дар як вақт дар тарабхонаи хурди эстрададор суруд мехонд. Ин ба вай имкон медод, ки даромади иловагӣ дошта бошад. Дар бизнеси моделӣ таҷрибаи кофӣ ҳосил намуда, соли 1910 вай ба умеди амалӣ кардани орзуи худ - соҳиби мағоза шудан ба Париж меояд. Ҳатто набудани пул духтарро аз нияташ боздошта натавонист, ӯ боварӣ дошт, ки дар ҳоли доштани хоҳиш пулро метавон пайдо кард. Ниҳоят бо дастгирии ҳаводораш ӯ аввалин мағозаи худ «Шанел»-ро боз мекунад, ки дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ дар байни олуфтаҳои мӯдпарасти маҳаллӣ шуҳрат касб мекунад.

Сирри асосии муваффақияти Габриел ҳамон либосҳое гардиданд, ки худи ӯ онҳоро медӯхт. Дар он замон занон пӯшидани домани дароз, корсет ва дигар либосҳоро авлотар медонистанд, ки бисёр калон ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com



комилан нофораму бероҳат буданд. Дар мағозаи ӯ коллексияи нави либосҳо пешниҳод шуда буд, ки тамоман ба тасаввуроти занони ҳамон давра дар бораи мӯд мувофиқат намекард. Ҳамаи намудҳо аз он чизҳое, ки занон мепӯшиданд, ба назар беҳтар ва хушдӯхт намуда, зудтар ба савдо мерафтанд ва соли аввали кор савдои мағоза аз он чӣ, ки интизораш буданд, пеш мегузарад.

Қадами муҳими минбаъда гирифтани тасмим ба машғул гардидан ба кори атриёт буд, ки сабаби пайдоиши атриёти аз ҳама машҳури асри XX гардид. Шанел барои амалӣ гардонидани нақшаҳои худ ба аттори машҳур Эрнесто Бо, ки падараш солҳои зиёде дар назди қасри Аълоҳазрат Император кор карда буд, ошно гардида, ӯро ба кор даъват мекунад. Ин шахс мутахассиси хеле боистеъдод буд, ҳамаи сирру асрори ҳунари худро хуб медонист.

Дар он солҳо атрҳои занона бо гуногунхелии худ фарқ намекарданд, ҳамаи онҳо дорои танҳо бӯи гул буданд ва ҳеҷ кас дар истеҳсоли онҳо ақаллан чанд хушбӯиро истифода намекард. Атр бо номи лаванда хеле машҳур буд, ки бӯи гули сурх ва ёсуман мекард. Аммо касе якҷоя истифода бурдани накҳатҳои гуногунро насанҷида буд.

Эрнесто Бо як соли дароз кор карда, ба Коко чанд намунаи атрҳоро пешниҳод кард, ки ба қавли ӯ «барои заноне, ки чун зан бӯй мекунанд» таҳия шуда буданд. Шанел намунаи панҷумро интихоб кард. Ҳамин тавр атри машҳури Chanel №5 пайдо гашт, ки 80 хушбӯиро дошта, ба бӯи ягон гули машҳур монанд набуд. Махсус барои ин атрҳо шишаи булӯрин тайёр карда мешуд, ки баъдтар ба як ашёи парастиши занон табдил гардид. Ороиши он бениҳоят хоксорона буд. Дар шиша тамғакоғази начандон калон бо навиштаҷоти Chanel №5 мавҷуд буд. Аз ҳамон вақт ин атр дар тамоми ҷаҳон машҳур гардида, имрӯз ҳам яке аз серхаридор-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



тарин ба шумор меравад. Габриел Бонхеер Шанел комёбиро ба даст оварда, асосгузори яке аз ширкатҳои машҳуртарини ҷаҳон гардид. Мушкилиҳое, ки дар бачагӣ ба дӯши ӯ афтода буданд, хислати ӯро обу тоб доданд ва дар тафаккури ӯ орзуро дар бораи комёбӣ тавлид карданд. Ӯ ин орзуро амалӣ карда тавонист.

PS. Зане, ки тамоми ҷаҳонро ба ҳайрат овард, дар оилаи камбағал ба дунё омадааст. Волидайн вақте ки ӯ ҳанӯз кӯдак буд, чашм аз олам пӯшиданд, ӯ ҳамроҳи хоҳараш дар ятимхона тарбия гирифтааст. Ӯ барои чун дигарон будан дар «ихтиёр»- и худ сабабҳои зиёде дошт. Аммо бар хилофи ҳолати мавҷуда ӯ муваффақ шуд. То он замоне, ки ҷаҳон вуҷуд дорад, одамон аз намунаи либосҳо ва атриёти Шанел истифода карда, бо арзи эҳтиром аз ӯ ёд мекунанд. Ӯ дари фараҳу шодмониро боз карда, ба миллионҳо одамон рӯҳияи романтикиро туҳфа кард ва инро ҳатто баъди фавти худ идома медиҳад. Кори нек ҳеҷ гоҳ интиҳо надорад.

**ХУЛОСА. Донистан лозим аст, ки ҳамаи масъалаҳо ва ҷангҷолу низоъ бо сабаби набудани пул рӯй медиҳанд. Аммо ба сари худ набудани пул, масъала шуда наметавонад. Масъала дар набудани хоҳиш ва саъю талош ба меҳнат аст. Бояд меҳнат кард, агар чизе ба даст наояд, нақшаи амалро такмил додан лозим аст. Мушкилӣ дар худи инсон нест, ҷурми нокомӣ бисёр маврид аз нақшаи номукаммал мебошад. То замоне, ки роҳи дилхоҳи худро пайдо накунем, онро танзиму ислоҳ кардан лозим аст. Бояд дарк кард, ки муваффақ будан танҳо барои худи мо судманд нест. Муваффақият ҳамеша дигар одамонро низ рӯҳбаланд мегардонад. Агар шумо одами муваффақ бошед, дар он ҳолат дигаронро бо комёбии**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



худ рӯҳбаланд мекунед. Шумо метавонед дар замини дили миллионҳо одамоне, ки саргузашти шуморо мешунаванд, ё мехонанд, ниҳоли орзуи умедро бишинонед. Бачагии худро ба хотир оваред, чӣ гуна шумо орзу мекардед монанди онҳое бошед, ки чун қаҳрамон дар барномаҳои телевизионӣ дар бораашон нақлҳо мекарданд. Орзуи инсон аз он мисолҳое, ки ӯро иҳота кардаанд, ибтидо мегирад. Ҳеҷ набошад барои фарзандони худ намунаи ибрат шавед, то ки онҳо аз кирдори шумо рӯҳу илҳом гиранд.

Комёб будан ҳамеша хуб аст. Бигзор, чуноне ки шумо саргузашти Коко Шанелро хондед, саргузашти шуморо низ хонанд. *Аз самими қалб ба шумо чунин ҳаёт орзу мекунам, то он ба шумо кӯмак расонад ва ба фанонопазирию ҷовидонӣ даст ёбед. Зеро замоне, ки мо нестем, бигзор дигарон дар бораи рафтору кирдори неки мо бигӯянд.*

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ **ЧОРДАҲУМ**

Пули дар дастдоштаат аслиҳаи озодӣ аст, аммо пуле, ки аз пасаш медавӣ аслиҳаи ғуломии ту мебошад.

**Ж. Ж. Руссо**

**Мардуми нодор тибқи категорияи «бо роҳи ҳалол сарватманд шудан ғайриимкон аст»фикр мекунанд. Аммо одамони сарватманд тибқи категорияи «танҳо бо роҳи ҳалол сарватманд шудан мумкин аст, роҳи дигар вуҷуд надорад» фикр мекунанд.**

Мардуми камбағал тибқи категорияи«**бо роҳи ҳалол сарватманд шудан ғайриимкон аст**» фикр мекунанд. Аммо одамони сарватманд тибқи категорияи **«танҳо бо роҳи ҳалол сарватманд шудан мумкин аст, роҳи дигар вуҷуд надорад»** андеша мекунанд. Тавачҷуҳ намоед. Вазъияти якхела, аммо дарк ва равиши мутлақо мухталиф. Мардуми камбағал комилан ба ин боваранд, ки бо роҳи ҳалол сарватманд шудан ғайриимкон аст, онҳо тибқи категорияи даромади ростхата андешамекунанд. Даромади ростхата чӣ маъно дорад? Агар шумо ба кор бароед, дар он сурат моҳона мегиред, яъне вақти худ, малакаву маҳорати худро бо пул иваз мекунед. Ин аст даромади ростхата, тарзи ивази саъю кӯшиши худ ба моҳона. Чанд соате, ки шумо кор кунед, мувофиқи он ҳамон қадар пул мегиред. Аммо танҳо бо

E-mail: ziyozoda@gmail.com



моҳона молу мулк ҷамъ карда наметавонед. Бинобар ин аксарияти одамон фикр мекунанд, ки бо роҳи ҳалол гӯё сарватманд шудан имконнопазир аст.

Аммо ин тавр нест. Мардуми камбағал ин асрорро ҳамту намедонанд. Охир, бо роҳи ҳалол ҳеҷ не, 1000 доллар сармояро ҷамъ кардан мумкин аст? Оре, имконпазир аст, аммо онҳо аз ҳудуди вазифаи хизматии худ баромадан намехоҳанд. Ду роҳи кор кардани пул мавҷуд аст. Якум. Шумо бо дастони худ кор мекунед, ё дуввум, шумо ба воситаи ақлу идрок кор мекунед. Одамон ду тоифа мешаванд, як тоифа бо дастон пул кор карда, ба воситаи майнаи сар онро ҳисоб мекунанд, яъне пулро тақсим мекунанд: «Акнун барои таҳсили бачаҳо пул ҷудо кардан зарур аст. Барои таъмири хона, табобати ҳамсар ва кӯмаки волидайн пул зарур аст. Ҳа, боз бояд тухфа харам». Тоифаи дуввуми одамон бо майнаи сар пул кор карда, бо дастон онро ҳисоб мекунанд. Ба шумо зарур аст, ки аз ду якеро интихоб кунед.

Барои оғози кор роҳи аввал дуруст аст, аммо шумо бояд дуртар равед. Одамони сарватманд як қадам пештар мегузоранд ва онҳо чунин андеша мекунанд: «Ин ҷо аллакай ҳад аст, аммо бояд дуртар рафт, ман наметавонам тамоми умр кор кунам, бояд сармояе ҷамъ кунам, ки барои ман кор кунад». Ва барои баланд бардоштани маҳорат ва малакаи худ онҳо бозомӯзӣ мекунанд, ин ба онон кӯмак намуда, пулҳояшонро маҷбур мекунад, ки ба нафъашон кор кунанд.

Дар он сатҳе, ки одамони камбағал қарор доранд, онҳо бетанаффус корро идома медиҳанд. Одамони сарватманд ба таври зайл андешаронӣ мекунанд: «Ман намехоҳам тамоми умр чунин меҳнат кунам, зеро тамоми умр пайваста кор кардан ғайриимкон аст ва чун мӯҳлат фаро расид, бояд бознишаста шуд ва боқимондаи умрро дар фақру нодорӣ гузаронид. Бо чунин тариқа ба даст овардани рифоҳу осудаҳолӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ғайривоқеӣ буда, ҷисман низ имконнопазир аст. Ин кор он чизеро, ки ман орзу мекардам, таъмин карда наметавонад». Бинобар ин онҳо нишаста, бо майнаи сар фикр мекунанд ва тарзи ҳалли онро пайдо мекунанд ва мо дар ин бора дар бобҳои оянда ҳикоят хоҳем кард (филми тасвирии «Лӯлаи об» (Водопровод)-ро ба ҳатман тамошо кунед).

Бингаред, одамони камбағал фикр мекунанд, ки бо роҳи ҳалол сарватманд шудан ғайриимкон аст. Аммо агар шахс бо шарофати ақлу идроки худ сарватманд шавад, оё он роҳи нодурусти давлатманд шудан аст? Магар инсонро барои он, ки аз дигарон оқилу доно мебошад, айбдор донистан мумкин аст? Тасаввур кунед, ки шумо якеро танҳо барои он, ки ӯ хубрӯйтар, дуввуминро барои он, ки ӯ нерӯмандтар ва севвумиро барои он, ки ӯ нобиға аст, айбдор медонед. Ақидаи одамони камбағал аз ин ҷо оғоз мегирад.

Аммо одамони доро муътақиданд, ки танҳо бо роҳи ҳалол ва рост сарватманд шудан мумкин аст. Ин, албатта, мутлақо назари дигар аст. Агар одамони камбағал фикр кунанд, ки давлатмандон ҳамаи дороии худро бо роҳи дуздӣ ба даст оварда, ё дигаронро фиреб дода, сарватманд шудаанд, дороён бошад, аниқ медонанд, ки сарват натиҷаи саъю кӯшиши ақлу идрок аст. Пул худ ба худ дорои нерӯи маънавӣ аст. Мехоҳед, ки даромади шумо афзун гардад? Такаббуру ғурури худро кам карда, аз бадбинию нотавонбинӣ халос шавед ва қодири бахшидани одамон бошед.

Худованд муқтадир аст. Бингаред, ҳамаи дороӣ дар олам наметавонад ҷовид бимонад, танҳо худи Ӯ доиму қоим аст. Агар шумо аз таҳти дил хоҳиши сарватманд шудан дошта бошед, худро бо чанде аз сифатҳое тарбият кунед, ки онҳоро Худованд дорост. Ӯ **ҳақгӯй аст, ҳақгӯй шавед, Ӯ росткору одил аст, шумо низ росткору одил шавед.** Ва он вақт тамоми Коинот дар хидмати шумост. Агар шумо ба дарки ин

E-mail: ziyozoda@gmail.com



чизҳо расед, тамоми бойигарии дунё, монанди дарёи васеъ, дар пеши пойи шумо ҷорӣ мешавад.

Ман намегӯям, ки вақти ҳамаи ин гузашт. Ҳаёти одамонеро омӯхтаам, ки ҳар кадоме гӯё дар пеши чашмони ман сармояи бузург ҷамъ кардаанд, ман бо ин роҳ меравам, аммо интихоби шумо бошад, ба ихтиёри худи шумост. Аммо дар хотир нигоҳ доред, ки танҳо бо роҳи ҳалолу содиқона мумкин аст, ки даромадро афзун намуд. Такрор мекунам, ин ба кори боғбон хеле монанд аст, ки дарахт мешинонад ва бо араќи ҷабин, бо меҳнати ҳалол онҳоро парвариш мекунад. Агар софдилона кор накунаду дар вақташ ба дарахтон об надиҳад, нигоҳубин накунад ва дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ накунад, дарахтон хушк хоханд шуд.

Бойигарӣ айнан чунин аст. Шумо танҳо бо роҳи рост ва ҳалол метавонед сарватманд шавед, дигар роҳ вуҷуд надорад. Одамони сарватманд инро дарк кардаанд. Бинобар ин моли бегонаро ҳеҷ гоҳ нагиред, мол, хизмат ва кори худро ҳатто аз будаш як тин боло нарх нагузоред. Молу хизмати дигаронро бо арзиши ҳақиқии онҳо харидорӣ кунед. Ба роҳи рост ва одилона равед. Ин принсип «нуктаи тавозун» ном дорад ва ҳамеша онро риоя кунед, то ки касе бо шумо кор мекунад, бохт накунад.

### *Масал*

Шайхе ба хилват рафт ва муддати даҳҳо сол ба хотири донистани асроре ба Худованд ибодат мекард: барои чӣ дар олам яке таваллуд шуда, сарватманд мешавад, аммо дигаре камбағал. Инсонҳои эҷодкор ва соҳибистеъдод камбағаланд, аммо сарватмандон одамони оддию муқаррарӣ буда, фақат дар оилаи муваффақ ба дунё омадаанд. Барои чӣ чунин ноадолатӣ вуҷуд дорад?

Инак Худованд дар ҳаққи ӯ меҳрубонӣ намуда, малоикаеро ба наздаш мефиристад. Малоика ба ӯ гуфт:

E-mail: ziyozoda@gmail.com



- Ман чизеро ба ту фаҳмонида наметавонам. Барои оғози кор фақат чашмонатро пӯш.

Шайх чашмонашро пӯшид, аммо вақте ки онҳоро боз кард, худро дар ковокии дарахти бузурге дид. Малоика афзуд:

- Ту дар ин ҷо се рӯз мемонӣ ва воқеаҳои рухдодаи атрофро наззора мекунӣ.

Шайх ба наззора кардан шурӯъ мекунад.

Рӯзи аввал ба он ҷо саворе бо аспи сиёҳ, дар тан камзӯли пурҷило расида меояд. Дар назди дарахт аз зин ногаҳон халтае ба замин меафтад. Рӯзи дуввум ба назди дарахт деҳқоне омада, хон ороcт ва шурӯъ ба хӯрдани ғизо намуда буд, ки нохост чашмаш ба халта афтод. Ӯ дид, ки халта пур аз тиллост, беҳад шод гардида, ғизоро зери дарахт гузошта, халтаро бардошту рафт. Рӯзи сеюм мусофири бенавое омада, ғизоро дид ва ҳарисона ба он даст дароз кард. Ӯ ғизоро ҳанӯз батамом нахӯрда, савори аспи сиёҳ ҳозир шуд ва аз ӯ баргардондани пулҳояшро талаб кард. Ӯ мусофирро ба азоб додан оғоз кард ва дид, ки ин як кори беҳуда аст ва ниҳоят ӯро қатл кард. Дар ҳамин асно шайхи порсо худро дошта натавониста, аз ғазаб ба дод задан даромад:

- Ту ба ман ваъда дода будӣ, ки ба саволҳои ман ҷавоб мегӯӣ, аммо ман боз танҳо як саҳнаи беадолатиро мебинам!

- Малоика ба ӯ гуфт:

- Сабур бош, ман ҳозир асрори дидаатро ба ту нақл мекунам. Марди савора сарватманд буд. Ӯ мулки худро гашта, хироҷ ҷамъ мекард. Аз ҳамон халтае, ки гум карда буд, бисёр дорад. Фақат хасисию ҳарисӣ ӯро ором намегузорад, ки даст аз ин амал кашад. Ба ғайр аз тилло чизи дигар барои ӯ арзиш надорад.

Он деҳқон варшикаста гардида, дороии худро ба гарав монда буд. Дируз мӯҳлати охирини баргардонидани маблағ буд ва агар ӯ ин халтаро намеёфт, он гоҳ аз ҳама чиз маҳрум гашта, ба зиндон меафтод. Аммо ӯ бо

E-mail: ziyozoda@gmail.com



тиллоҳои пайдокардааш маблағро пардохта, оилаи худ ва худро наҷот дод.

Он роҳгузари бенаво дар ҷавонӣ ҳангоми мастӣ нафареро кушта буд. Баъд аз он тамоми ҳаёт ғусса мехӯрд, тамоми дороии худро ба камбағалон тақсим кард ва аз Худованд ба хотири омурзиши гуноҳаш марги пуразоб талаб мекард, то ин ки аз гуноҳ худро пок гардонад. Дирӯз хоҳиши ӯ иҷро гардид ва акнун нафақат гуноҳи ӯ бахшида шуд, ҳамчунин боз Ранҷури Солеҳ гардид. Саворе, ки ӯро кушта буд, акнун даҳшату сиёҳӣ ӯро таъқиб мекунанд. Ӯ тавба карда, ба камбағалон кӯмак карданро оғоз кардааст.

**ХУЛОСА. Пули бо роҳи ҳаром бадастомада аз худ ягон нишона намонда, харҷ ва нобуд мешаванд. Он ранҷи бешумор оварда, тақдири ҳар гуна одамро мешиканад. Дар ниҳоят, пардохти бисёр гаронқиммат лозим мешавад. Гоҳе вақти зиёде аз умри худ, саломатӣ, хушбахтии оилаи худ ё он чиро ки дар даст дорӣ, бояд пардохт намоӣ. Фақат бо роҳи ҳалол метавон сармоя ҷамъ карда, онро ҳифзу афзун гардонид. Ин сармоя баъди шумо низ кор хоҳад кард.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ПОНЗДАҲУМ

Миқдори дорой на ба андозаи даромад, балки аз рӯи одат ва тарзи зиндагӣ муайян карда мешавад. Хасис набудан аллакай дороист, исрофкор набудан даромад аст.

***Марк Тулий Ситсерон***

**Мардуми камбағал тибқи категорияи «дар бораи худ» ё «аз они худ» андеша мекунанд. Мардуми сарватманд тибқи категорияи боадолатӣ ва нуқтаи тавозун фикр мекунанд.**

Мардуми камбағал тибқи категорияи **«дар бораи худ»** ё **«аз они худ» андеша** мекунанд. Ин чӣ маъно дорад? Вақте ки кор ба пул дахл дорад, одамони камбағал худхоҳи ҳақиқӣ будани худро зоҳир мекунанд ва танҳо дар бораи худ фикр мекунанд ва ҳар тинро ба ҳисоб мегиранд. Онҳо хотири хешовандиро ҳеч гоҳ надида, хеле осон бародар, хоҳар ё дигар хешовандонро озор дода метавонанд.

Бинобар ин шахсе, ки тибқи категорияи камбағалӣ андеша мекунад, алалхусус вақте кор ба пул дахл дорад, танҳо дар бораи худ фикр мекунад. Инро фаҳмидан ва фаҳмонидан душвор аст. Ин масъала дарвоқеъ ҳамин тавр аст. Мо ин масъаларо дар бисёр коллективҳои меҳнатӣ, ширкатҳо, сохторҳои тиҷоратӣ омӯхтаем ва ба чунин хулоса омадем, ки дар масъалаҳои молиявӣ одамон танҳо дар бораи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



манфиати худ фикр мекунанд. Гуфтан мумкин нест, ки онҳо сад дар сад худхоҳанд, аммо дар ин ҷо мутлақо рафтори худхоҳона зоҳир мекунанд. Бо таъбири мардумӣ «кӯрпаро ҳамеша ба болои худ мекашанд». «Бояд танҳо худам бурд кунам» ин шиори зиндагии онҳост. Ин тоифа мардум ҳеҷ гоҳ одил нестанд. Ҳаққи дигаронро зуд аз худ мекунанд. Агар шуғли шумо тиҷорат ё соҳибкорӣ бошад, маро хуб мефаҳмед. Онҳо ҳамеша дар фикри манфиатҳои худанд. Чизу меҳнати худро ҳисоб мекунанд, вале пулу чиз ва меҳнати дигаронро қадр наменамоянд. Бинобар ин ин гуна одамон ҳеҷ гоҳ сарватманд шуда наметавонанд. Бо амри тасодуф гоҳе низ сарватманд мешаванд, аммо молу дороии онон муваққатист ва зуд аз дасташон меравад. Оқибат камбағал мемонанд. Таърихи тиҷорату соҳибкорӣ, варақаҳои зиёди шустае аз ашки чашмони онҳо боқӣ гузоштааст.

Аммо одамони сарватманд тибқи категорияи **боадолатӣ ва нуқтаи тавозун фикр** мекунанд. Агар ҳатто масъала ба пул вобаста бошад ҳам, онҳо талош мекунанд, ки роҳи маслиҳатомез, нуқтаи тавозунро пайдо карда, масъаларо бо назардошти манфиати ҳамаи тарафҳо ҳал кунанд. Аммо на ҷуноне, ки яке бурд кунад, дигар бохт намояд. Ҳама чиз бояд одилона ва бидуни бохт бошад. Одамони сарватманд ҳаракат мекунанд,ки солеҳ бошанд. Ҳаққи касро намегиранд. Аз худ медиҳанд, вале ҳаққи дигаронро намегиранд. Барои ҳамин ин одамонро Худованд давлат ва иззату ҳурмат медиҳад. Солеҳ шавед. Солеҳ будан бузургист.

## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАГОНИ ТРЕНИНГҲО

**Саргузаштҳои собиткунандаи тафриқаи мазкур хеле зиёданд. Дар ҳар тренинги мустақим баъзе аз ширкат-**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



кунандагон ин гуна саргузаштҳоро ба хотир оварда, онҳоро нақл мекунанд. Масалан, яке аз онҳо нақл кард, ки чи гуна хешованди онҳо Руслан якҷоя бо дӯсти худ картошка парвариш кардаанд. Руслан музди кори тракторчӣ ва пули тухмии картошкаро пардохт кардааст. Ба зиммаи дӯсти ӯ парвариш ва обдиҳии замини картошка вогузор шуда буд. Аммо фасли сол барои картошкапарварӣ номувофиқ омад ва замини картошка ҳосили дилхоҳ надод. Дӯсти Руслан пули барои обдиҳии картошка сарфкарда ва музди заҳматашро талаб кард. Вай танҳо ба маблағи аз даст додаи худаш таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Вай хароҷоти Русланро ҳатто ба гӯшаи хаёл намеовард. Аз ин мисол маълум мешавад, ки одамони дорои тафаккури камбағалона вақте кор ба манфиати онҳо дахл дорад, ноадолатона рафтор мекунанд.

Ширкаткунандаи дигари тренинг нақл кард, ки чӣ гуна ӯ бо ду нафар дӯстонаш тасмими бизнеси якҷояро гирифта буданд. Ҳар кадом ҳиссаи баробари худро барои пешрафти бизнес гузошт ва онҳо миқдори зиёди тухм хариданд ва тухмҳоро ба таври чакана бояд мефурӯхтанд. Ҳамаи хароҷотро ҳисоб карда, даромади бадастомадаро ба се ҳиссаи баробар тақсим мекарданд. Дар оғоз кор хуб пеш мерафт, баъд аз чанд вақт нархи тухм поён рафт, аммо онҳо дар анборҳо тухми зиёд доштанд. Тухм, ки маҳсулоти зудвайроншаванда аст, барои ҳарчи зудтар ба савдо рафтани он ба ҷуз мувофиқи нархи бозор фурӯхтан дигар чорае надоштанд.

Хароҷотро дар ҳолати поён рафтани нархҳо ҳисоб карда баромаданд. Маълум гардид, ки онҳо маблағи калонеро аз даст додаанд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, тасмими одилона гирифтанд, яъне зарари бамиёномадаро байни шарикон баробар тақсим карданд. Зеро фаҳмиданд, ки бояд даромад ва хароҷот, аз он ҷумла зарар, байни ширкаткунандагон бо ҳисси баробар тақсим шавад. Онҳо «нуқтаи тавозун»-ро пайдо карда,

E-mail: ziyozoda@gmail.com



дӯстии деринаи худро ҳифз карда тавонистанд ва бизнеси якҷояро идома доданд, зеро ба ҳамдигар эътимод доранд. Онҳо баъдтар як муомилаи бобарорро анҷом дода, тавонистанд, ки ҳамаи зарари пешинаро ҷуброн кунанд.

### *Масал*

Боре ҳазрати Мӯсо (алайҳиссалом) Хоҷаи Хизр (алайҳиссалом)-ро вохӯрд. Баъд аз суҳбати кӯтоҳ Мӯсо (а) аз ӯ хоҳиш кард, ки чанд муддате мехоҳад ҳамсафари ӯ бошад. Аммо Хоҷаи Хизр (алайҳиссалом) дар ҷавоб ба ӯ гуфт, ки ёро ва тавони ҳамсафарии ӯро надорад. Баъд аз зорию таваллои зиёде Хизр (а) розӣ шуд, ки Мӯсо (а)-ро бо як шарт ба ҳамсафарӣ мегирад. Дар давоми сафар Мӯсо аз ӯ бояд чизе напурсад ва то замоне, ки Хизр (а) ҳарф назанад,ӯ хомӯш бошад. Мӯсо (а) розӣ шуд ва қавл дод, ки шартро иҷро хоҳад кард.

Субҳгоҳон онҳо барои аз дарё шино карда гузаштан ба киштӣ нишастанд. Аммо дар нимаи роҳ Хизр (а) якбора ба сурох кардани фарши киштӣ шурӯъ кард. Мӯсо (а) ин ҳолатро дида, фарёд зад: «Чӣ кор карда истодаӣ, мо охир ғарқ мешавем!» Хизр (а) дар ҷавоб фармуд: «Ман туро нагуфта будам, ки сабру таҳаммули ҳамсафарии маро надорӣ!» Бо як азобе то соҳил шино карда, наҷот ёфтанд.

Каме истироҳат карда, сафари худро пиёда идома доданд. Дар роҳ онҳо бо писарбачае вохӯрданд, ки пешорӯи онҳо меомад. Хизр (а) сухане нагуфта, писарбачаро кушт. Мӯсо боз тоқат накард ва фарёд зад: «Ин чӣ коре буд, ки кардӣ, ту гуноҳи азим кардӣ, тифли бегуноҳро куштӣ!» Боз дар ҷавоб шунид: «Ана, дидӣ, ту сабри ҳамсафарии маро надорӣ, метавонӣ ба роҳи худ баргардӣ». Аммо Мӯсо (а) узрхоҳӣ карда, боз ваъда дод, ки минбаъд хомӯш мемонад ва онҳо сафари худро идома доданд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ба шаҳре расиданд, ки чанде пештар ҷангро аз сар гузаронида, қисман харобу валангор менамуд. Онҳо ин ҷо барои дамгирӣ таваққуф карданд. Ҳарду дар кӯчаҳои шаҳр сайру гашт мекарданд. Хизр (а) хонаеро дид, ки як девораш хароб гардида, хавфи чаппа шудан дорад. Ӯ ба назди хона омада, ба кори барқарор кардани девори он шурӯъ кард. Инро Мӯсо (а) дида, бори дигар худро дошта натавонист ва аз ҳамсафари худ пурсид: «Ту кӯдаки бегуноҳро куштӣ, акнун ба таъмири девори ба касе нолозим пардохтӣ ва фикр мекунӣ, ки Худованд туро меомурзад?»

Хизр (а) аз нав он суханро такрор кард: «Дидӣ, ту тоқату сабри ҳамсафарии маро надорӣ». Аммо ин дафъа ӯ афзуд: «Дар ин ҷо мо аз ҳамдигар ҷудо хоҳем шуд, аммо пеш аз ин ту бояд асрори ин рафторҳоро дониста гирӣ. Киштиеро, ки ман ғарқ кардам, замоне моли моҳидорони камбағал буд, аммо ба қарибӣ шоҳаншоҳи бераҳм ин соҳилро ба тасарруфи худ даровард, ҳоло ҳамаи киштиҳо моли ӯянд ва вай онҳоро ба мақсади бад истифода мебарад. Писарбачаеро, ки ман куштам, агар ба балоғат мерасид, ба волидайни худ ғаму андӯҳи зиёд меовард. Ман ин корро барои он кардам, ки Аллоҳ ба волидайни ӯ фарзанди солеҳро диҳад, онҳо хеле одамони хубанд. Дар хонаи девораш вайрона ду ятим зиндагӣ мекунанд, ки волидайни онҳо дар ҷанг ҳалок гардидаанд. Дар зери девори таъмиркардаи ман волидони фарзандони ятиммонда ҷавоҳирот пинҳон карда буданд, то ин ки бачаҳо бузург шуда, бо мақсади нав кардан деворро канда, ҷавоҳиротро пайдо карда, хонаи хубу барҳаво созанд ва осудаҳолона зиндагӣ кунанд. Аммо онҳо ҳоло хурд ҳастанд, бинобар ин ман ин деворро таъмир кардам, ки он то замони ба балоғат расидани бачаҳо пойдор боқӣ монад. Бо ҳамин мо видоъ мекунем, аммо дар хотир дор, чизе, ки дар назари ту нодуруст асту онро ту қабул надорӣ, эҳтимол, муфиду судманд бошад, аммо аз он чизе, ки ту хур-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



сандӣ дорӣ, эҳтимол, зиёновар бошад, аз куҷо ту медонӣ, дар ин бора танҳо Аллоҳ таъоло медонад».

**ХУЛОСА. Мо замони бунёди олам ба се чиз - Адолат, Хирад ва Ҳақиқат такя кардем. Сутуни адолатро нов обаста аз хоҳиши доро будан ва ё аз шикваи нодорӣ устувор бидоред. Охир, Аллоҳ ҳолати ҳар касро хубтар медонад. (Қуръон)**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ШОНЗДАҲУМ

Мақсади ба даст овардани пул на барои ҳаёти беҳуда ва хушку холист, балки афзункунии маблағ барои хизмати муфиду манфиатбахш аст.

***Г. Форд***

**Мардуми нодор ҳамеша танҳо ба худ умед мебананд. Мардуми доро ҳамеша ба идея, имконият ва робитаҳои худ такя мекунанд.**

Мардуми нодор ҳамеша танҳо ба худ умед мебананд. Мардуми доро ҳамеша ба идея, имконият ва робитаҳои худ такя мекунанд. Агар шумо дасти танҳо бошед, ҳамаи корҳоро худатон анҷом дода наметавонед, чунки вақт ва қувваи шумо намерасад. Шумо чӣ андеша доред, оё ширкати «Макдоналдс»-ро як нафар ташкил карда метавонист? Ё ин ки ширкати «Майкрософт»-ро? На. Зеро барои бизнес бунёд кардану ба мақсади худ ноил шудан ва орзуи худро амалӣ кардан ба шумо чанд чиз заруранд. Дониш зарур мешавад, вақт талаб мекунад, малакаю маҳорат гирифтан зарур мешавад, муносибату робитаҳо лозим мешаванд, ки дар ин кор ба шумо кӯмак мекунанд. Ниҳоят, албатта, ба шумо пул низ зарур аст.

Одатан чизе кофӣ нест. Масалан, робитаҳо вуҷуд доранд, аммо пул нест. Ё ин ки пул ҳаст, муносибату робитаҳои зарурӣ вуҷуд надоранд, вақт ҳаст, аммо маҳорату малака нест. Бинобар ин одамони камбағал

E-mail: ziyozoda@gmail.com



амали худро ба нақша мегиранд, ба худ ва имкониятҳои худ умед мебанданд ва талош мекунанд, ки имконияти худро барои ба даст овардани комёбӣ озмоянд.

Дар навбати худ он одаме, ки имрӯз шумо ҳастед, дар муқоиса бо он одаме, ки шумо метавонед ӯ бошед, хеле одию хоксор менамояд ва имкониятҳояш низ маҳдуд мебошанд. Вақте ки инсон тибқи категорияи камбағалӣ андеша мекунад, ӯ ба худ менигарад, ба худ қиммату арзиш таъйин мекунад, дар ин бора фикр мекунад, ки имрӯз ӯ кӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқан, мувофиқи ҳамин мулоҳизаронӣ мекунад: «Ман пул надорам, имконият надорам, барои чӣ тавр анҷом додани ин кор дониши зарурӣ надорам». Ӯ танҳо ба худаш умед дорад.

Аммо агар шахс тибқи категорияи сарватмандон андешаронӣ кунад, ба дидани оне, ки мисли ӯ шудан мехоҳад, шурӯъ мекунад. Бингаред, дар ботини ҳар яки мо ду инсон вуҷуд дорад. Яке ин ҳамонест, ки шумо имрӯз ҳастед, дуввумӣ онест, ки шумо ӯ шудан мехоҳед. Бинобар ин агар шахс тибқи категорияи одамони сарватманд фикр кунад, вай метавонад дар худ онеро бубинад, ки монанди ӯ шудан мехоҳад. Ва фикр мекунад: «Барои чӣ ман чунин инсон нашавам?» Ба таври мувофиқ ӯ ба инкишоф додани қобилияти худ шурӯъ мекунад, дониши заруриро фаро мегирад, имконият ҷустуҷӯ мекунад, ҳамчунин ҳамаи имкониятҳои дар ихтиёрдоштаи худро истифода мебарад.

Агар ба омӯзиш эҳтиёҷ дошта бошад, вай устодоне пайдо мекунад, ки ба омӯзонданаш қодир ҳастанд. Агар робита лозим шавад, ӯ ҳамаи шиносҳои худро ба ёд меорад ва иртиботи зарурӣро барпо мекунад. Вақте ки малака ва маҳорати зарурӣро аз худ кард, он гоҳ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



шахсонеро пайдо мекунад, ки ба ӯ дар ҳалли масъалаи пайдо кардани пул кӯмак карда метавонанд.

Одамони сарватманд ҳамеша ҳангоми анҷом додани ягон амал робитаҳо, имкониятҳо ва донишҳои худро ба назар мегиранд. Онҳо чунин мулоҳизаронӣ мекунанд: «Агар ман ин идеяро амалӣ кунам, дар он сурат ҳаёти худро дигаргун мекунам, ба мақсади гузоштаи худ мерасам ва метавонам орзуи худро амалӣ гардонам». Онҳо иттилоот ҷамъоварӣ мекунанд, иртибот барқарор мекунанд ва орзуи худро ба воқеият табдил медиҳанд. **Бинобар ин ба шумо низ зарур аст, ки ба имкониятҳои худ умед бандед ва идеяи худро омода созед. Ба онҳо таваҷҷуҳ намоед. Ва аз ҳама муҳим ин аст, ки ба он одаме такя кунед, ки шумо мисли ӯ шуда метавонед.**

## ▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### «МАКДОНАЛДС»

Солҳои 40-уми асри гузашта «МакДоналдс» як тарабхонаи начандон калон дар шаҳраки Сан-Бернардинои Калифорния буд. Тарабхона то замони таназзули иқтисодӣ, ки даромади онҳоро бошиддат паст гардонд, ба соҳибонаш - бародарон МакДоналд дар як сол қариб 200 ҳазор доллар фоида медод ва ин талаботи онҳоро пурра қонеъ мекард. Бародарон бо мақсади дар он солҳои сангини иқтисодӣ наҷот додани бизнеси худ фикру андешаи зиёд мекарданд ва ниҳоят тасмим гирифтанд, ки тарз ва системаи нави фаъолияти муассиса ва хизматрасонии мизоҷонро ба роҳ монанд. Иқдоми онҳо дертар дар ин соҳа инқилобе гардид. Идея аз он иборат буд, ки тарабхона, амалан, бояд ба тарзи дигари хизматрасонӣ гузарад. Акнун ҳар як

E-mail: ziyozoda@gmail.com



меҳмон ғизои хостаи худро аз рӯи пештахтаи оҳанин мегирифт ва баъд аз он ба худ барои нишаста ғизо хӯрдан миз пайдо мекард.

Ба ғайр аз ин, бародарон аз баҳри қисми зиёди ғизоҳо гузашта, дар рӯйхати ғизоҳо танҳо 9 навъи он - гамбургер, чизбургер, се намуд нӯшокии беалкогол - қаҳва, шир, чой, инчунин самбуса ва чипсро боқӣ гузоштанд. Баъдтар дар рӯйхати ғизоҳо боз 10 номгӯи дигар, аз он ҷумла, фрии машҳур пайдо гардид. Ба ғайр аз ин, бародарон МакДоналд реҷаи кори ошхонаро бозсозӣ намуда, кори онро бо тариқи хизматрасонии оммавӣ ташкил карданд. Суръати кор чун хати васлкунии завод гардид. Ба таври назаррас хароҷотро кам карда, ҳамчунин усули нави хизмтрасониро роҳандозӣ намуда, МакДоналдҳо тавонистанд, ки нархи гамбургерҳоро аз 30 то 15 фоиз арзон кунанд. Арзонкунии нархҳо барои рақибонашон дар тамоми шаҳр зарбаи сахте буд.

Идеяи онҳо муваффақиятро муайян кард. Дар миёнаи солҳои 50-ум муассиса ба соҳибонаш аллакай дар як сол 350 ҳазор доллар даромад дод, ки ин миқдор аз маблағе, ки то замони таҷдидсозӣ ба даст меоварданд, кариб ду маротиба зиёд буд. Дар бораи усули нави хизматрасонӣ дар тамоми Калифорния суҳбат мекарданд, ҳатто маҷаллаи машҳур дар бораи он мақолаи мукаммал ба табъ расонда буд. Дар ҳақиқат, худи МакДоналдҳо ба бизнес рағбати зиёд зоҳир накарда, барои вусъати он талош низ нанамуданд. Бинобар ин идеяашонро ба бизнесмени хамон вакт ноком Рей Крок фурӯхтанд. Дар он замон ӯ аллакай 52 сол дошт. Рей мубталои бемории қанд ва илтиҳоби банд буд, талхадон ва қисми зиёди ғадуди сипаршакли ӯро бурида буданд ва ӯ сарватманд набуд, аммо баояндаи хуш боварӣ дошт. Вақте ки ба ӯ барои гирифтани иҷозатномаи паҳн кардани маҳсулоти «МакДоналдс» 15 ҳазор доллар зарур шуд, ба вай ягон бонк қарз надод. Маҷбур шуд, ки хона ва бимаи худро ба гарав гузорад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Аллакай ҳамон вақт Крок чӣ гуна муттаҳид кардани бизнеси тарабхона бо амволи ғайриманқулро фикр карда буд. Тибқи идея, ӯ бояд бе сарфи ягон сент бинои тарабхонаҳои «МакДоналдс» ва замини онро тадриҷан мегирифт. Аммо дар ибтидо бояд ба соҳибони замин муомила мекард, ки онҳо заминро барои сохтани қаҳвахона ё ошхона ба иҷора диҳанд. Ин кори осон набуд. Ҳарчанд дар тӯли шоҳроҳҳо қитъаҳои холии замин бисёр буданд, вале онҳоро соҳибони пойгоҳҳои сӯзишворифурӯшӣ ҷудо карда гирифта буданд.

Он гоҳ Рэй пешниҳод кард, ки иҷорапулии қитъаи замин ва биноро мутаносибан вай на бо арзиши онҳо 7%, чуноне ки соҳибони нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ пардохт мекарданд, балки бо арзиши 10% пардохт кунад. Пешниҳоди мазкур хеле мувофиқ буд, бинобар ин соҳибони замини хушҳол гардида, худашон барои сохтмони «МакДоналдс» қарз пайдо мекарданд. Бар замми ин, онҳо ҳаққи дар шартнома ба таври қатъӣ сабтшударо ба муддати 20 сол мегирифтанд. Пули иҷора ба миқдори дар як моҳ 700 доллар барои бисёр соҳибони замин маблағи хеле зиёд менамуд. Аммо вақте ки нархҳои амволи ғайриманқул чанд маротиба боло рафт, онҳо аз ин тасмими кӯтоҳандешонаи худ беҳад пушаймон шуданд. Крок бо 700 доллар қитъаи замин ва биноро ба иҷора гирифта, онро ба миқдори 1000 доллар ба хӯҷаинони тарабхонаҳо месупорид. Вақте ки кори муассиса пеш мерафт, ба ӯ аллакай 5 то 8,5% даромади худро пешниҳод мекарданд, ки ин ҳам даромади беҳад хуб буд.

Боз як муомилоти бобароре, ки барои анҷом додани он маблағ надоред, вале он барои хариди замин имкон медиҳад. Барои қитъаи замин пул пардохт мекарданд, вале инро соҳибони қаҳвахонаҳо намедонистанд. Соҳиби муассиса франшиз харидорӣ карда, уҳдадор буд ба муҳлати 20 сол аз 10 то 15 ҳазор доллар пасандоз гузорад.Пас аз гузаштани 15 сол нисфи маблағ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



баргардонда мешуд, пас аз гузаштани бист сол бошад, қисми бақияи пасандоз баргардонда мешуд. Барои маблағҳои мазкур ягон фоизи иловагӣ муқаррар нашуда буд. Маҳз ҳамин пулҳо ҳамчун пардохти аввалин ба ҳисоби соҳибони замин ҳавола карда мешуданд. Аллакай дар даҳсоли аввал дар амалиёти амволи ғайриманқул ширкати «Франшиза Истэйт»-и таъсисдодаи Крок ва шарикони ӯ ба арзиши умумии 16 миллион доллар соҳиби амволи ғайриманқул гардиданд.

Имрӯз «МакДоналдс» ҳатто аз рӯи шумораи амволи ғайриманқули дар ихтиёри худ дошта аз Калисои католикӣ пеш гузаштааст. Соли 2007 дар тамоми дунё аллакай 33 000 тарабхонаи «МакДоналдс» ба қайд гирифта шуда буд. Ҳоло шумораи онҳо боз ҳам бештар гардидааст. Зеро ширкат дар пеши худ мақсад гузошта буд, ки дар гӯшаю канори гуногуни кураи Замин дар як рӯз як тарабхонаи нав мекушояд. Заминҳои пурарзиштарини дунё моликияти ширкат мебошанд, зеро нархи амволи ғайриманқул дар минтақаҳои сераҳолӣ аз ҳама баланд аст.

**ХУЛОСА. Мағзи худро аз иттилооти муфиду судманд пур карда, ҳар рӯз фикр кунед, охир,барои сарватманд шудан ҳамагӣ як идеяи муваффақ кофист. Барои амалӣ кардани он бошад, аз робитаҳою алоқаҳои дӯстонаи худ истифода баред, дар бораи имкониятҳои сершуморе, ки қариб ҳар рӯз ба шумо пешниҳод мешаванд, вале ба онҳо шумо кам эътибор медиҳед, фикр кунед ва онҳоро зуд-зуд ёдовар шавед.**

•

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ҲАБДАҲУМ

**Одамони камбағал тибқи категорияи «вақте ки сарватманд шудам, хайру эҳсон мекунам» андеша мекунанд. Аммо мардуми сарватманд тибқи категорияи «барои сарватманд шудан хайру эҳсон кардан зарур аст» фикр мекунанд.**

Одамони камбағал **тибқи категорияи «вақте, ки сарватманд шудам хайру эҳсон мекунам»** андеша мекунанд. Аммо мардуми сарватманд тибқи категорияи**«барои сарватманд шудан хайру эҳсон кардан зарур аст»** фикр мекунанд. Мо борҳо шунидаем, ки нодорон мегӯянд: «Ман мехоҳам, ки ба муҳтоҷон кӯмак кунам, аммо ҳоло пулам барои сарфи рӯзгори худам намерасад, худ дар муҳтоҷӣ рӯз мегузаронам». Хуб, аммо таҷриба нишон медиҳад, ки бисёр одамоне, ки чунин андеша доранд, ҳеҷ гоҳ сарватманд намешаванд. Аммо одамони сарватманд ин сирро дарк карданд. Онҳо медонанд, ки агар шумо сарватманд шудан хоҳед, бояд худи ҳамин рӯз ба кори хайр шурӯъ кунед. Даромади шумо чандон муҳим нест, чӣ доштанатон ҳам муҳим нест. Ҳеҷ набошад, аз дастатон шояд ягон кори нек меояд.

Бештари мардумон осудаҳолона зиндагӣ мекунанд. Онҳо ғизо ва либоси зиёд дошта, соҳиби манзили боҳаловатанд. Пештар гузаштагони мо дар кулбаҳо зиндагӣ мекарданд ва аслан шикояту гилае надоштанд. Камию норасоӣ дар майнаи сари одамони нодор гузошта шудааст ва он дар сатҳи зершуур

E-mail: ziyozoda@gmail.com



барномарезӣ карда шудааст ва ба ин чиз коре бояд анҷом дод.

Боре як шахс ба назди пайғамбари Ислом Муҳаммад (с) омад ва гуфт: «Шумо медонед, ман ғулом ҳастам, пул надорам, ки ба касе кӯмак кунам, вақт надорам, ки намоз гузорам, чӣ кори хуб анҷом дода метавонам, чӣ гуна кори нек бояд кунам»? Пайғамбар (с) дар ҷавоб фармуданд: «Саъю кӯшиш кун, ки касеро наозорӣ, ҳамин ҳам кори накӯст».

Аз ин ҷиҳат, агар шумо давлатманд шудан хоҳед, агар хоҳед, ки барору комёбӣ ёри шумо гарданд, мустақиман хайру эҳсонро аз ҳамин рӯз оғоз кунед. Зеро ҳама чиз аз кори хайр шурӯъ мешавад. Дарахт аз реша месабзад. Агар инсон фоизи муайяни даромади худро ба муҳтоҷон диҳад, ӯ ба зинаҳои ҳаёт боло рафтанро сар мекунад. Хайру эҳсонро худи ҳозир оғоз кунед. Муҳим нест, ки чанд сӯм хайр мекунед, бигзор як сӯм бошад, аммо бояд шумо ин корро анҷом диҳед.

Мисол, яке аз бойтарин одамон дар таърихи Амрико, аввалин америкоии миллиардер Ҷон Рокфеллер одами хеле саховатпеша буд. Ӯ аз солҳои бачагӣ даҳ дарсади даромади худро ба калисо медод. Соли 1905 ин маблағ сад миллион долларро ташкил намуд. Ба шарофати хайру эҳсони ӯ соли 1892 Донишгоҳи Чикаго, соли 1901 Донишкадаи тиббии ба номи Рокфеллер, баъдтар Шӯрои умумии таълиму тарбия ва соли 1913 Фонди Рокфеллер таъсис дода шуд.

Дар охири умраш Рокфеллер қариб ним миллиард долларро ба мардум тақсим карда дод, писари ягонаи ӯ Ҷон Д. Рокфеллери хурдӣ бошад, сарвати бисёрмиллионаро мерос гирифта, ҳамчунин 500 миллион долларро барои корҳои хайрия харҷ кардааст. Ба ғайр аз ин ба сохтмони Маркази Рокфеллер, барои

E-mail: ziyozoda@gmail.com



саноати алоқа дар Ню-Йорк пул ҷудо кард, боз 9 миллион доллар барои сохтмони бинои СММ ҷудо кардааст.

Асосгузори «Трести пӯлод» Эндрю Карнеги, ки бо шарофати ӯ Амрико аз рӯи гудохтан ва истеҳсоли пӯлод дар ҷаҳон пешсаф гардид, низ шахси инсондӯсту соҳибэҳсон буд. Ӯ 2811 китобхонаи оммавӣ бино карда, ба созмонҳои калисо 7689 арғунун туҳфа кардааст. Дар Ню-Йорк «Карнеги-холл»-ро сохт. Дар Вашингтон Донишкадаи Карнегиро таъсис дод, аввалин сандуқи хайриявии ҳозиразамонро бо маблағи аввалияи 25 миллион поягузорӣ кард. Дар даҳ соли охири умри худ Карнеги ба мақсади хайрия 350 миллон долларро харҷ кард.

Ин суханро метавон дар ҳаққи сарватмандони муосири мо низ гуфт. Масалан, Билл Гейтс ва ҳамсари ӯ Мелинда ва сармоягузори машҳур Уоррен Баффетт ҳанӯз моҳи июни соли 2010 дар таърихи Амрико бузургтарин мавриди хайрияро ба миқдори 37 миллиард доллар анҷом дода, ба маъракаи TheGivingPledge - ҳусни оғоз бахшида, миллиардерҳоро даъват карданд, ки 50 дар сад ё бештари сармояи худро ба корҳои хайрия харҷ кунанд. Бо вуҷуди ин, ҳар кас бояд мактуб ирсол намуда, сабаби ширкати худро дар ин маърака баён мекард. Гейтс ва Баффетт иқрор карданд, ки мехоҳанд онҳоро на ҳамчун аз ҳама доротарин, балки ҳамчун саховатмандтарин одамон ёдоварӣ кунанд.

Ин идеяро 57 миллиардер дастгирӣ карданд, аз он ҷумла Дэвид Рокфеллер ваъда кард, ки 1 миллиард долларро хайр мекунад, миллиардери 26-сола ва асосгузори шабакаи машҳури иҷтимоии Facebook Марк Сукербергният дорад, ки бештар аз нисфи дороии худро, ки 6,9 миллард ҳисоб шудааст, ба корҳои хайрия бахшад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Худи Билл Гейтс аллакай ба сандуқи хайрия 28 миллиард доллар гузарондааст. Уоррен Баффетт тасмим гирифтааст, ки 99% дороии худро ба сандуқҳои гуногуни хайрия ва созмонҳо, аз он ҷумла The Giving Pledge бахшад. Ҳамчунин бисёре аз ширкаткунандагони ин маърака қавл додаанд, ки беш аз 50% сармояи худро хайр хоҳанд кард. Созмондиҳандагони иқдоми мазкур ният доранд, ки барои ширкат дар он мултимиллионерҳо ва миллиардерҳои Чин ва Ҳиндро низ даъват кунанд.

## МАСАЛИ БУДДОЙ

Марди хирадманд ва олиҳиммате ҷаъбаи нодир ва пурқиммати заркории аз чӯби дарахти сандал сохташударо ба даст овард ва эълом кард:

-Ман ин чизи қимматбаҳоро ба одами аз ҳама нодортарини дунё медиҳам.

Камбағалону нодорони бисёр барои ин ҷаъба ба наздаш омаданд, аммо ӯ ҳамеша дар ҷавоб мегуфт:

- Ту дар ҷаҳон шахси аз ҳама бенаво нестӣ.

Одамон ҳайрон мешуданд ва аз ӯ мепурсиданд, ки оё ӯ дар ҳақиқат ният дорад ҷаъбаро ба касе диҳад.

Одами наҷиб ҳамеша мегуфт:

- Бале, ман онро ба одами камбағалтарини дунё медиҳам.

Танҳо боре пас аз пурсуҷӯи бисёре афзуд:

- Ман ба шумо номи бенавотарин одами дунёро мегӯям. Кашшоқтарин одами ҷаҳон на каси дигар, балки шоҳи мо Прасенҷит аст.

Суханони марди наҷиб ниҳоят ба гӯши шоҳ Прасенҷит расиданд ва ӯхашмгин шуд:

- Чӣ тавр? Охир, ман шоҳ ҳастам! Чӣ тавр ман аз ҳама одами нодортарини ҷаҳон шуда метавонам? Шитобед, ҳамон мардро пайдо карда, ба назди ман ҳозир кунед!

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Фармони шоҳ иҷро шуд. Мардро шоҳ ба хазинаи худ дароварда, аз вай пурсид:

- Медонӣ, ин чӣ хел ҷой аст?

- Мард ҷавоб дод:

- Хазина аст, ки шумо дар он симу зари худро нигоҳ медоред.

- Ин чист? - пурсид шоҳ.

- Ин хазинаест, ки шумо нуқраҳои худро нигоҳ медоред.

- Ин чист? - пурсид шоҳ.

- Ин хазинаест, ки шумо сангҳои қимматбаҳои худро нигоҳ медоред.

Он гоҳ шоҳ Прасенҷит бадқаҳрона дод зад:

- Пас ту дидӣ, хазинаҳои ман пур аз симу зар аст, ман чӣ қадар сарват дорам! Ту чӣ гуна метавонӣ ба ман туҳмат зада, аз ҳама бенавотарин одами дунё ном гузорӣ?

Марди баландҳиммат гуфт, ки агар шоҳ сарвати зиёдеро дар ихтиёр дошта бошаду эҳтиёҷоти мардуми қаламрави худро таъмин накунад ва бойигарии худро ба мақсади накӯкорӣ истифода бурда натавонад, пас магар ӯ қашшоқтарин одам нест? Сарватманд одаме аст, ки сарвати худро дуруст саришта карда метавонад.

**ХУЛОСА. Ягон одами камбағал дар ин олам чизеро тағйир надодааст, инчунин чизи арзишманде насохтааст. Бо шарофати одамони хирадманд ва доро - илм, фарҳанг, таълиму тарбия ва тамаддуни мо рушду инкишоф меёбад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ ҲАЖДАҲУМ

Одамони камбағал одатҳои бад доранд. Яке аз маъмултарин одати бади онҳо номи хубе дорад: «Аз маблағи пасандозкардаи худ пул гирифтан мумкин аст». Сарватмандон медонанд, ки пасандоз барои пардохтани ҳисобҳо набуда, балки барои зам кардани пул аст.

***Роберт Кийосаки***

**Одамони камбағал тибқи категорияи «агар дар охир чизе монад, ман пасандоз мекунам» фикр мекунанд. Аммо одамони сарватманд чунин мулоҳиза мекунанд: «Агар ман пеш аз ҳама пасандоз накунам, дар охир аниқ аст, ки чизе боқӣ намемонад».**

Одамони камбағал тибқи категорияи «агар дар охир чизе монад, он гоҳ пасандоз мекунам» андеша меронанд. Сипас онҳо чӣ кор мекунанд? Вақте ки даромад ба даст оварданд, бо ҳамон пул зиндагонӣ мекунанд. Ғизо мехаранд, пули хизмати коммуналӣ ва хизматҳои дигарро пардохт менамоянд ва ашёи зиёд харида, умедвор мешаванд, ки дар охир чизе боқӣ мемонад. Бо вуҷуди ин фикр мекунанд: «Саъй карда, сарфа менамоям ва чизи сарфакардаамро пасандоз мекунам». Ҳамин тавр аз моҳ ба моҳ мо одамонеро вомехӯрем, ки 2, 30, 40 сол кор карда, то ҳол чунин фикру андешаронӣ мекунанд. Аз ҳама аҷиб он аст, ки онҳо ба худ қавл медиҳанд, ки пасандоз мекунанд, аммо ин корро намекунанд. Ҳар бори навбатӣ ба худ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



мегӯянд: «Моҳи оянда ҳарчанд, ки маблағ кам ҳам бошад, ҳатман пасандоз мекунам». Ҳамин тавр тамоми умр давом мекунад.

Баъзе камбағалон дар бораи пасандоз кардан бароиояндаи худ умуман тасаввурот надоранд. Онҳо мегӯянд: «Барои чӣ пасандоз кунам, охир, сарватмандон ҳам мемиранд, ҳамин тавр хуб аст, аз он чизе, ки имрӯз даромад мекунам, хуб зиндагӣ мекунам». Онҳо чунин меҳисобанд, ки дар оянда пул зарур намешавад. Онҳо намефаҳманд, ки дар воқеъ ҳатто аз имрӯза дида, он вақт бештар ба пул эҳтиёҷ пайдо мешавад.

Бинобар ин онҳо ба ин масъала се тарзи расидагӣ доранд:1) агар бисёр даромад кунам, пасандоз мекунам; 2) агар камтар сарфа кунам, пасандоз мекунам; 3) агар кори дорои музди баланд ё манбаи иловагии даромад пайдо кунам, пасандоз мекунам. Дар ин ҳолат ман имконият пайдо карда метавонам, аммо ҳозир наметавонам, зеро бе ин ҳам маошам ҳатто барои хароҷоти ҳаррӯзаам намерасад. Ин ақида дар майнаи онҳо чун фаҳмиш ташаккул ёфтааст. Мувофиқи чунин андешаи худ онҳо ҳеҷ вақт ба пасандоз кардан оғоз намекунанд.

**Одамони сарватманд бошанд, чунин фикр мекунанд: «Агар аз аввал пасандоз накунам, аниқ дар охир чизе боқӣ намемонад». Барои он ки онҳо ин сабақҳоро аллакай чанд маротиба гузаштаанд. Ана, барои чӣ вақте онҳо даромад ба даст меоранд, дар навбати аввал ками 10 фоизи онро бароиояндаи худ пасандоз мекунанд ва ҳеҷ гоҳ ба пули пасандоз даст намерасонанд.**

Ҳамин пасандоз бо мурури замон метавонад манбаи асосии даромади нав гардад. Ба ҳамин тариқ, сармояи аввал таъсис дода мешавад, ки даромадро

E-mail: ziyozoda@gmail.com



дар оянда таъмин мекунад. Шояд ин маблағи чандон калон набошад, аммо он хеле муҳим аст. Барои ману шумо дар оғози кор ташаккул додани фонди захиравии ба худ хос зарур аст, ки ҳангоми пайдо шудани имконият ба мо кӯмак кунад. Вагарна имкониятҳо мисли абрҳои осмон дар пеши назари мо шино мекунанд ва мо бо онҳо коре карда наметавонем.

## ЁДДОШТ аз китоби Д. Клейсон «Одами аз ҳама сарватманди Бобулистон»

### Омӯзиши Аркад

Дар солҳои ҷавониаш Аркад ба атрофи худ менигарист ва бисёр чизҳои хубро медид, ки метавонистанд ба инсон хушбахтӣ ва қаноатмандӣ ато кунанд. Боре дарк кард, ки доройӣ ба инсон имкониятҳои номаҳдуд медиҳад. Метавон хонаро бо асбобу анҷоми зиёд зебу зиннат дод, дар баҳру бар сайру саёҳат кард, аз шираворихоҳои кишварҳои дур ҳаловат бурд, зару зевар харидорӣ кард.

Аркад инро дарк карда, тасмим гирифт, ки барои сарват талош мекунад, аммо фарзанди оилаи савдогари аёлманди камбағал буд. Ӯ медонист, ки барои ба мақсад расидан вақт ва дониш зарур аст. Бо ҳамин сабаб ӯ дар бойгонии сардори шаҳр ,кори котибиро пайдо кард ва ҳар рӯз соатҳои дароз нишаста, бо хати меҳӣ лавҳаҳои гилинро пур мекард.

Боре судхӯр Алгомиш ба хонаи онҳо омад ва хоҳиш кард, ки барояш нухсаи гилии Қонуни нӯҳумро тайёр кунад ва қавл дод, ки агар кор дар муҳлаташ анҷом дода шавад, вай ба Аркад ду тангаи мисӣ медиҳад. Аммо сарфи назар аз меҳнати миёншикан, кор сари вақт иҷро нашуд ва судхӯр аз ин ҳолат сахт ба ғазаб омад. Ӯ дарк кард, ки ин қонун барои Алгомиш хеле зарур аст ва пешниҳод кард, ки муомиларо ба охир мерасонад ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com



қавл дод, ки то баромадани офтоб фармоишро бар ивази як чанд сабақ дар бораи роҳҳои сарватмандшавӣ тайёр мекунад. Алгомиш розӣ шуд. То субҳ корро анҷом дода, Аркад майлу рағбати судхӯрро ба даст оварда ва маслиҳате шунавид, ки метавонист ӯро сарватманд гардонад.

- Қисми муайяни ҳамаи пули коркардаатро ту бояд пасандоз намоӣ, новобаста аз он, ки то чӣ андоза кам аст, ин қисм бояд на камтар аз даҳ як ҳиссаи пули коркардаи ту бошад. Яъне аввал ҳаққи худатро пардохт намо. Маблағи бисёрро барои харид сарф накун, чизеро,ки метавонӣ, аз қисми боқимондаи пулҳо ба таври кофӣ барои ғизо, хайру эҳсон ва ҳамчунин барои худоён садақа кун. Бойигарӣ монанди дарахт аз донаи кӯчак месабзад. Аввалин тангаи мисии пасандоз кардаат ҳамон донаест, ки аз вай дарахти бойигарии ту бояд рушду нумӯ кунад.

Ӯ ин суханонро гуфту лавҳаҳои гилини худро гирифта рафт. Аркад ин маслиҳатро ҳамаҷониба фикр карда баромад ва тасмим гирифт, ки кӯшиш мекунад ин амалро дақиқан анҷом дода, аз даҳ тангаи мисии даромадкардааш яктои онро пасандоз намояд. Мумкин аст, аҷиб ба назар расад, аммо ин чандон душвор нест ва ба ҳеҷ ваҷҳ зиндагии ӯро таҳти таъсир қарор намедод.

Ҳамин тариқ Аркад маблағи муайянеро ҷамъ карда, онро ба устои гилкор супорид. Ӯ ба сафари баҳрҳои дур баромада буд ва ваъда дод, ки барои ӯ ороиши финикӣ меоварад. Чунин ороишотро бо нархи фоидаовар фурӯхтан мумкин буд. Ин кирдори Аркадро судхӯр Алгомиш фаҳмида, ӯро барои рафтори бемулоҳизааш сарзанишу маломат кард ва ба ӯ фаҳмонд, ки ба дониши гилкор дар бораи ҷавоҳирот ва ҷиҳози ороишот набояд бовар кард. Ба суоли дилхоҳ бояд ба онҳое муроҷиат кард, ки дар ин ё он ришта фаҳмишу дониши казоӣ доранд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Гилкор зеварҳои қалбакӣ овард, ки ҳеҷ арзише надоштанд.

E-mail: ziyozodá@gmail.com



Ба ин нокомӣ нигоҳ накарда, Аркад боз аз нав ба пасандоз кардани 10 фоизи даромади худ шурӯъ кард. Ӯ маблағи заруриро ҷамъ карда, онро ба устои сипарсоз барои хариди нуқра дод, дар ҳоле ки ҳар чор моҳ ӯ фоизи муайянеро аз даромади худ ба Аркад медод.

Вақте ки ӯ дар ин бора ба Алгомиш нақл кард, ӯ хеле хушнуд шуд ва гуфт: «Тарзи пул ба даст овардану онро ҷамъ кардан ва роҳҳои истифодаи пулҳоро худи Аркад аллакай омӯхтааст». Сипас аз писаронаш шиква кард, ки онҳо танҳо дар бораи харҷ кардани пул фикр мекунанд ва аз Аркад хоҳиш кард, ки дар идоракунии заминҳояш ба вай кӯмак кунад. Бар ивази ин кораш қавл дод, ки ӯро дар ин кор шарики худ мегирад ва ҳиссае аз дороиҳои худро ба ӯ медиҳад.

Аркад таклифи судхӯр Алгомишро пазируфт ва масъулияти заминҳои ӯро, ки дар ҳақиқат хеле бисёр доманвасеъ буданд, ба зимма гирифт. Азбаски ӯро андешаи шуҳрату иззатталабӣ беҳад фаро гирифта буд ва ӯ аз се сабақи аввали бо муваффақият ба даст овардани сарват бархурдор буд, ҳамаи инҳо ба ӯ кӯмак кард, ки ба таври назаррас масоҳати мулки судхӯрро васеътар кунад.

Баъди марги судхӯр Аркад қисми муайяни дороии ӯро, ки дар васиятнома дар назар дошта шуда буд, азони худ кард ва дар воқеъ шахси сарватманд гардид. Ва ҳамаи инро худи ӯ ба даст оварда буд.

## • САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### ФРАНКЛИН КЛЕРЕНС МАРС

Франклин Кларенс, асосгузори империяи машҳури шоколадӣ, дар оилаи камбағал ба дунё омада буд. Бинобар ин ӯ маҷбур шуд барвақттар ба балоғат расад ва ба кор шурӯъ кунад, то ин ки ба волидайни худ кӯмак

E-mail: ziyozoda@gmail.com



кунад. Дар синни 19-солагӣ ӯ аллакай савдои равнақдори ширинворӣ дошт. Маҳз ҳамин машғулият тақдири оянда и ӯро муайян кард. Ҳамчун корманди кушодарӯ ва серғайрату покизакор тадриҷан ба зинапояҳои хизматӣ боло мерафт ва даромади хубу кофӣ ба даст меовард. Ӯ хоксорона ҳаёт ба сар мебурд, вале соҳиби хонаи худ буд ва бо Этел ном хонуме издивоҷ кард, ки дар оянда шарики асосии ӯ дар бизнес шуд.

Франклин дар бораи соҳибкорӣ орзу мекард ва медонист, ки барои бизнес пул зарур аст ва ӯ аз ҳисоби моҳонаи худ фоизи муайянеро пасандоз мекард. Бо вуҷуди мушкилиҳо ӯ ин қоидаро қатъиян риоя мекард. Дар муддати чанд сол ба Френк муяссар шуд, ки маблағи заруриро пасандоз кунад ва ин чиз ба ӯ имконият дод, ки дар синни 28-солагӣ аз баҳри ҷойи кораш гузашта, ба касбу кори худ шурӯъ кунад. Ҳамроҳи ҳамсараш ӯ мағозаи қаннодии худро дар хонаи худ мекушояд, ки ҳамаи савдо тариқи тирезаи ошхона сурат мегирифт. Савдо зуд равнақ ёфт ва зану шавҳар соли 1911 ширкати худро бо номи Mar-O-Bar таъсис доданд. Орзуи Френк дар бораи бизнеси худ, ки ба ӯ имкон медод аввалину охирин маротиба шуғли кирояро фаромӯш кунад, ба амалӣ шудан оғоз намуд.

Дар он замон навъҳои асосии оилаи шириниҳои Марс конфетҳои гуногун бо тафҳои полудаҳои мухталиф буданд. Идеяи тамоми ҳаёти Френкро дигаргункунанда ба сараш комилан ногаҳон омад. Боре ҳангоми сайру гашт писар аз падар хоҳиш кард, ки барояш шоколад бигирад. Он вақтҳо шоколадро танҳо дар тарозу бар кашида мефурӯхтанд. Ин тарзи шоколадфурӯшӣ хеле нобоб буд, бачаҳо ҳамаи либосҳояшонро зуд бо шоколад олуда мекарданд. Дар ҳамин лаҳзаҳо Фрэнк чунин фикр кард: барои чӣ пораи шоколад дар фолга печида фурӯхта нашавад? Ин идея дар назари ӯ ояндадор менамуд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Баъд аз суҳбат бо ҳамсараш Франклин ба хулоса омад, ки санҷидани ин кор барояш арзиш дорад. Идея чунон бомуваффақият расид, ки батони шоколади онҳо MilkyWay дар рӯзҳои башумор шуҳрати беандоза касб кард. Аллакай соли 1925 ин чиз моли эътирофгардидаи пеши бозор буд. Фурӯши маҳсулот рӯз то рӯз афзоиш меёфт, ширкат бошад, барои худ бозорҳои нав мекушод. Дар солҳои 20-ум Фрэнк соҳиби фабрикаи худ мешавад ва ҷойҳои корӣ дар ширкат бештар мегарданд. Ҳамаи ин барои пайдо шудани маҳсулоти нав таъсири худро мегузоранд, ки дар ин миён батони шоколади овозадори Snickers низ арзи ҳастӣ кард. Тадриҷан ширкат ба истеҳсолкунандаи бузурги шириниҳо ва ширкати беҳамтои шахсӣ дар ҷаҳон мубаддал мешавад. Даромади ширкат дар соли 2007 2,5 миллиард доллар буд. Оғози ҳамаи ин як пасандози начандон зиёд ва як идеяи муваффақ буд.

**ХУЛОСА. Ҳар гуна, ҳатто пасандози ночиз вазъияти молиявии шуморо беҳтар мекунад. Пасандоз барои истифодаи имконияти мусоид, амалӣ кардани идеяи хуб, ки шуморо муваффақ мегардонад, кӯмак мекунад. Пасандоз кунед, то ки фурсатро барои комёбӣ аз даст надиҳед.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ НУЗДАҲУМ

Ҳар касе, ки дар фақр зиндагӣ кардааст, медонад то кадом андоза камбағал будан гарон аст.

**Ҷеймс Болдуин**

**Одамони камбағал тибқи категорияи «дар танҳой» ва қоидаи «худам корро анҷом медиҳам» фикр мекунанд. Сарватмандон бошанд, тибқи категорияи «самаранокии ақлу хиради дастҷамъона (ҳамкорӣ ва фаъолияти якҷоя) - ро наметавон дар танҳой ба даст овард», андеша мекунанд.**

Одамони камбағал тибқи категорияи танҳой ва қоидаи «худам мекунам» фикр мекунанд, яъне онҳо ба дигарон боварӣ надоранд. Одамони камбағал чунин меҳисобанд, ки дигарон корро мисли худи онҳо хуб анҷом дода наметавонанд. Бинобар ин онҳо чунин фалсафа доранд: агар хоҳӣ, ки кор хуб анҷом дода шавад, онро худат анҷом бидеҳ. Оё як нафар ба ҳама кор расида метавонад?

Тасаввур кунед, дар ширкате, ки ба тамоми ҷаҳон автомобил мефурӯшад, раиси он автомобил фурӯшад. Ё агар дар ширкати «Coca-Cola» худи таъсисдиҳанда ба истеҳсолот, рекламаи маҳсулот ва фурӯши он машғул мешуд, дар он сурат ҳеҷ гоҳ муваффақияти ҷаҳонӣ касб намекард. Бинобар ин

E-mail: ziyozoda@gmail.com



тафаккури навъи «ман ҳама чизро худам мекунам» танҳо хоси одамони камбағал аст.

Инсон наметавонад аз ҳадди имконияти шахсии худ берун равад, аз ин рӯ бояд имконияти дастҷамъиро истифода барад. **Одамони сарватманд мегӯянд: «1 фоиз саъю кӯшиши доштани ҳазор одам нисбат ба 100 фоиз саъю кӯшиши доштани як одам беҳтар аст». Мувофиқи қоидаи «самаранокии хиради дастҷамъонаро наметавон дар танҳоӣ ба даст овард» амал мекунанд.**

Барои ҳамин онҳо сабру таҳаммул пеша мекунанд, тими худро ташкил менамоянд ва дигар одамонро меомӯзонанд. Барои онҳо ин кор вазнину мушкил аст, аммо сабру тоқат карда, кормандони худро то он замоне меомӯзанд, ки коллективи тифоқ ва боэътибор ташаккул ёбад. Сарватмандон мегӯянд: «Донандаи ҳамаи асрор Худованд аст, ҳеҷ гоҳ ман ҳамаи он корҳоеро, ки якҷоя анҷом медиҳем, танҳо карда наметавонам, ман танҳо аз ҳамаи мо дар якҷоягӣ донотар буда наметавонам, «ман» ҳеҷ гоҳ назар ба «мо» бузургтар буда наметавонад, зеро як одам назар ба коллектив донотар буда наметавонад». Сарватмандон инчунин медонанд, ки танҳо ақлу хиради дастҷамъона имкониятро муайян ва таъйин карда метавонад. Бинобар ин онҳо тамоми фикру зикрашонро барои эҷоди тими қавӣ ва тавоно равона мекунанд.

**Дар навбати худ тафаккури дастҷамъона омили хеле муҳими ба даст овардани комёбӣ аст. Вакте коллективи дӯстона ташаккул меёбад, дар он сурат тафаккури дастҷамъона пайдо мешавад ва шумо имкониятҳои нав ва монеаҳои амсоли «сангҳои зериобӣ»-и қаблан ба назаратон ноаёнро мебинед. Аммо агар шумо тасмим гиред, ки ба сӯи мақсад мустақилона**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



равон мешавед, дар он сурат ҳатто имкониятро бинед ҳам, «сангҳои зериобӣ»-ро дида наметавонед. Вакте ки мушкилот пайдо мешаванд, чӣ гуна сарришта кардани онҳоро фаҳмида наметавонед. Шояд аз орзуи худ даст кашед, зеро ҳалли дурусти масъаларо намеёбед ва боварии шумо ба оянда низ намемонад.

Аммо аклу идроки дастчамъона метавонад як тарҳи аник ва устодонаро омода созад, ки шумо онро амалӣ гардонида, ҳамаи масъалаҳои худро ҳал мекунед, тамоми имкониятҳои додашударо истифода мебаред ва «сангҳои зериобӣ»-ро убур мекунед, он гоҳ ҳама бурд хоҳанд кард.

Ба гайр аз ин дар бизнес интихоб карда тавонистани шарикон хеле муҳим аст. Онҳо бояд одамони лоику сазовор бошанд, то ки шумо бо онҳо самаранок кору ҳамкорӣ карда тавонед. Ҳамаи соҳибкорон аҳли амал ва корозмуда буда, ҳар рӯз масъалаи кадриро ҳал мекунанд.

Як мултимиллиардер маслиҳат медиҳад, ки бояд одамонро ба кор оҳиста-оҳиста гирифт, вале зуд-зуд озод кард. Аммо ман маслиҳати ӯро зуд дарк накардам, маъноящро баъдтар фаҳмидам. Факат дар ибтидо барои кормандон бояд чанд монеа сохт. Бигзор онҳо ин монеаҳоро гузаранд ва шумо хоҳед фаҳмид, ки онҳо чӣ гуна мушкилотро эътино мекунанд. Дар ҳолати мушкил онҳо бояд худ ва сифатҳои беҳтарини худро нишон диҳанд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки кормандон аз нуктаи назари инсонӣ худро нишон дода тавонанд.

Медонед, агар инсон одил, росткавл, меҳрубон ва поквичдон бошад ва саъю кӯшиши кор кардан дорад, ӯро ҳама чиз омӯхтан мумкин аст. Беҳтарин кадрҳо он кормандоне мебошанд, ки худи шумо онҳоро тарбия кардаед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ба ин далел, вақте ки шумо мутахассисони тайёр ва пуртаҷрибаро киро мекунед, маҷбуред, ки ба онҳо моҳонаи хеле баланд диҳед. Ҳатто дар ин ҳолат ҳам шумо ҳатман натиҷаи баланд ба даст намеоваред. Бисёрии онҳо мегӯянд: «Ман даҳ сол дар ширкати муваффақ кор кардам, роҳбари фалон шуъба будам ва моҳонаи ман фалон қадар буд». Шумо чунин моҳонаро барояшон таъин мекунед, аммо шуморо бовар мекунонам, ҳангоми аввалин мушкилиҳо чунин мутахассисон шуморо ба ҳоли худ гузошта, мераванд. Шумо бо он мушкилиҳое як ба як мемонед, ки бе ширкати онҳо пайдо нашуда буданд. Шумо маҷбуред, ки онҳоро худатон ҳал кунед.

Ҳайати коркунон барои он зарур аст, ки масъалаи пешгузоштташударо ҳаллу фасл намояд, на ин ки мушкилот эҷод кунад. Аммо, мутаассифона, бештар вақт баръакс мешавад, кормандон онҳоро эҷод мекунанду мераванд. Ба умеди ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ шумо моҳонаи баланд додед, аммо ин тавр нашуд. Ва ин зуҳуроти зуд-зуд ба чашм расанда дар бизнес аст.

Албатта, бояд мутахассисони хуб ва баландпояро киро кард. Аммо дар ин ҳолат чунин ба назар мерасад, ки шумо ба онҳо на барои натиҷа, балки барои саргузаште, ки мутахассис дар бораи худ нақл кард, яъне барои хизматҳои гузаштааш моҳона додаед. Бинобар ин вақте ки шумо тими хуб сара карда мегиред, ба ҳар кадомашон бигӯед: «Ман ба шумо барои натиҷаи дар корхона бадастовардаатон музд медиҳам, на барои муваффақияте, ки дар ширкати дигар замоне ба даст оварда будед». Аммо агар кормандон дар амал қобилияти ғайриоддии худро исбот кунанд, ба меҳнати онҳо бояд одилона арҷгузорӣ намуда, мувофиқи он ба онҳо ҳақ диҳед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Масалан, асрори муваффақияти асосгузори **«Тресги пӯлодӣ»** Эндрю Карнеги аз рӯи гуфтаи худи ӯ дар он будааст, ки вай дар тими худ шарикони хуб, мутахассисони хуб ва баландпояро сара карда мегирад. Ӯ ҳатто шӯхӣ мекард, ки дар лавҳи мазораш чунин катиба ҳаккокӣ карда шавад: «Дар ин ҷо шахсе ба хоби абадӣ рафтааст, ки одамони бештар аз худ донотарро дар атрофаш ҷамъ карда тавонист». Аъзои тими худро ҳатто назар ба заводҳо ва конҳои худ бештар қадр мекард ва ҳамеша талош менамуд, ки дар ҳаққашон ғамхорӣ намояд. Баъдтар баъзе аз онҳо худашон низ миллионер мешуданд.

## ▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### ЛАКШМИ МИТТАЛ

Лакшми Миттал сарвари бузургтарин корхонаи пӯлодгудозӣ дар ҷаҳон аст. Ӯ магнати мустақил буда, хулқи ба худ хос дорад ва ҳар рӯз ба тарбияи худ машғул мешавад. Бар замми ин, ӯ шахси хеле доно мебошад, ки худ асрори комёбии худро на танҳо дар мудирият, балки аз диди техникии кор кашф карда, идеяи дар истеҳсолот азхуд кардани намуди хоси оҳанро амалӣ кардааст

Вай 15 июни соли 1950 дар шаҳри Калкутта дар оилаи соҳибкор Махан Лал Миттал, ки авлоди марвар аст ва аз қадим онҳоро яҳудиёни ҳиндӣ меноманд, ба дунё омадааст. Деҳае, ки оилаи онҳо зиндагӣ мекард, дар канори аз ҳама дурдасти Ҳинд, дар паҳлӯи яке аз биёбонҳои бешумор ҷой гирифтааст. Ҳаёт дар ин ҷо қашшоқона ва бе ҳеҷ гуна дурнамо мегузашт. Вақте ки оила ба Калкутта омад, вазъият тағйир ёфт. Дар ин ҷо падари Лакшми якҷоя бо шарикони худ заводи пӯлодпрокаткунии зарароварро пурра харид ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com



истеҳсоли маҳсулоти пӯлодиро барои эҳтиёҷи сохтмон ба роҳ монд. Даромади оила имкон дод, ки Лакшмиро барои хондан ба муассисаи таълимии бонуфуз фиристанд. Соли 1969 Лакшми дараҷаи магистрии савдоро дар коллеҷ соҳиб шуд. Дар синни 25-солагӣ Лакшми Миттал мудири калонтарин заводи падар таъйин гардид, ки ба истеҳсоли масолеҳи симину оҳанӣ тахассус дошт. Аз ин ҷо таърихчаи империяи металлургии ӯ оғоз мегардад. Вазъиятро дар бозор бодиққат таҳлилу тадқиқ карда, ӯ нақшаи амали худро интихоб кард. Корхонаҳои зараровар ва камдаромадро харидорӣ карда, онҳоро ба корхонаҳои пешрафту муваффақ табдил додан асоси идеяи Лакшми буд. Бо ҳамин мақсад Миттал ҳайати мудирияти худро, ки иборат аз мутахассисони хуб буданд, ба корхонаҳои тоза харидашуда мефиристод, онҳо вазъиятро таҳқиқ карда, дурнамои аз буҳрон баровардани ширкатро таҳия менамуданд. Дар ҳолати зарурӣ ҳамаи таҳҷизоти техникии ин гуна корхонаҳо нав карда мешуд.

Яке аз сирри муваффақияти Миттал интихоб карда тавонистани тими хуби ҳирфавии мутахассисон буд, зеро ки танҳо ақлу хиради дастҷамъӣ қобилияти ҳалли ҳамаи масъалаҳоро дошта, ширкати зарароварро муваффақ карда метавонад. Бар замми ин ӯ саъй мекард, ки кормандони худро дар ҳолати гирифтани тасмими нодуруст сарзаниш накунад, зеро чунин меҳисобид, ки хатоҳо барои андӯхтани таҷриба хизмат мекунанд, чизи муҳим ин аст, ки аз хатоҳо сабақ гирифта, онҳоро набояд такрор кард. Миттал корхонаҳои беҳад зиёде дорад, ки ҳар кадоми онҳоро худ бевосита идора карда наметавонад. Бинобар ин ӯ мудирони соҳибистеъдод, мутахассисони дорои тахассуси олиро қадрдонӣ намуда, медонад, ки масъалаҳои аз ҳама мураккабро метавон танҳо бо саъю кӯшиши дастҷамъона ҳаллу фасл кард.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Миттал даҳҳо корхонаҳои металлургиро дар тамоми олам харида гирифта, яке аз доротарин шахсони дунё шудааст. Ӯ мақсаднокии ҳайратангезро соҳиб буда, тавони қадрдонӣ намудани кормандони худро низ дорад. Ӯ боз орзу дорад, ки як суперконсерни умумиҷаҳониро созмон диҳад ва ҳамаи монеаҳоро паси сар карда, барои расидан ба орзуи худ талош варзад. Вай нақшаҳои навро дар назар гирифта мегӯяд: «Ман фикр намекунам, ки ягон вақт мо метавониста бошем ба худ бигӯем: кофист». Ҳатто дар ҳамин ҷо ҳам ӯ тими худро дар назар дошта, «мо» мегӯяд.

**ХУЛОСА. Имрӯз ҷаҳон хеле тағйир ёфтааст ва шумо дар танҳоӣ муваффақ шуда наметавонед. Мисоли барҷаста барои шумо Билл Гейтс аст. Даромади ширкати «Майкрософт» ҳамагӣ 5 фоиз ба ӯ мансуб мебошад, аммо дар он бештар 12 000 мултимиллионер, 44 миллиардер фаъолият доранд. Ана, чӣ чиз аст «тафаккури дастҷамъона», «хиради дастҷамъона».**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ БИСТУМ

Олам беандоза бузург аст, то ки эҳтиёҷи ҳар гуна инсонро қаноатбахш кунад, аммо низ хеле кӯчак аст, то ки ҳарисии одамиро қаноат кунонад.

*М. Гандӣ*

**Одамони камбағал тибқи категорияи «худӣ» ё «ба худ наздик» андеша мекунанд, одамони сарватманд бошанд, тибқи категорияи «пул миллат надорад, комёбӣ ватан надорад, хушбахтӣ сарҳадро намедонад ва муҳим нест, дар куҷо ту пул кор мекунӣ»андеша мекунанд.**

Одамони камбағал тибқи категорияи «худӣ» ё «ба худ наздик» фикр мекунанд. Ин чӣ маъно дорад? Аксарияти одамони камбағал мехоҳанд, ки бизнеси худро дар ватани худ, умуман хуб мешуд, дар назди хона, ҳеҷ набошад, дар ноҳияи худ ба роҳ монанд ва намехоҳанд, ки дуртар ҳаракат кунанд. Онҳо мегӯянд: «Кор кардан дар кишвари бегона шубҳаноку кам эътимод ва хеле душвор аст. Ин корро дар ватани худ ба роҳ мондан хубтар аст. Барои чӣ? Зеро дар ин ҷо ҳамаро мешиносед, аҳду паймон кардан, идора ва назорат карданосон аст...»

Аммо одамони сарватманд дигар хел фикр мекунанд: «пул миллат надорад, комёбӣ ватан надорад, хушбахтӣ сарҳадро намедонад ва муҳим нест, дар куҷо ту пул кор мекунӣ». Онҳо дар фаъолияти худ аз ин фалсафа истифода меку-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



нанд. Бинобар ин бештари ширкатҳои бузург ба монанди «Сникерс», «Марс», «Дирол», «Кока-Кола», «Мерседес-бенс», «Тойота», «Малборо», «Адидас», «Пума» дар ҷое ҳастанд, ки мо ва шумо он ҷо зиндагӣ мекунем. Аз куҷо онҳо ин ҷо пайдо шудаанд? Соҳибони ширкатҳои мазкур медонанд, ки дар куҷо пул кор кардан муҳим нест. Пул ватан, миллат, мазҳаб надорад, чизи асосӣ барои он шароити мусоид, имкониятҳои густурда ва ҳолати устувор аст.

Масалан, ширкати Wrigley, истеҳсолкунандаи сақичҳои машҳури резинӣ Wrigley's Spearmint, JuicyFruit, Doublemint, Orbit дар тамоми ҷаҳон фаъолият мекунад. Таърихчаи ширкат ин мубориза барои вусъати бозори фурӯш аст. Бар иловаи корхонаҳои кӯҳнаи ҳанӯз то замони ҷанг дар Чикаго, Канада, Британиё ва Зеландияи Нав сохташуда, баъдтар намояндагиҳои нави тиҷоратӣ дар Осиё ва Аврупо низ кушода шуданд.

Барои қаноатманд гардонидани талаботи рӯзафзун аз маҳсулоти ширкати Wrigley дар даҳсолаи охир боз як қатор фабрикаҳо дар шаҳрҳои Манила (Филиппин), Бисхайм (Франсия), Залсбург (Австрия), Найроби (Кения), Тайпей (Тайван) сохта шуданд. Дар айни замон ба ин ширкат 15 фабрика, ки дар тамоми кунҷу канори олам ҷой гирифтаанд, мансуб мебошанд. Охирини онҳо фабрика дар шаҳри Санкт-Петербург (Россия) аст, ки он соли 1999 сохта шуд.

Дар айни замон сақичи резинии Wrigley дар 100 кишвари дунё маълуму машҳур аст ва бешубҳа, дар ин соҳа пешсаф мебошад.

## • САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### SELA

Ширкати SELA бузургтарин шабакаи тиҷоратии либосҳо дар ҳудуди ИДМ ба ҳисоб меравад. Ин ном аз

E-mail: ziyozoda@gmail.com



иврит «сахра» (харсанг) тарҷума мешавад, ки пурра ба вазъияти ширкат мувофиқат мекунад.

Ҳа, ҳамааш аз соли 1990 - гузаштаи начандон дур оғоз шуда буд, вақте ки Борис Остроброд, аз рӯи таҳсил муҳандис, чанд муддат аз рӯи тахассус кор карда, ба хотири ҳаёти хуб ба Исроил кӯчид. Аммо бизнес ӯро маҷбур кард, ки баргардад. Ҳамроҳи бародараш Александр Пекарский ӯ дар Россия ба фурӯхтани либосҳои исроилӣ шурӯъ кард. Дар як муддати кӯтоҳ савдои майдаро универмагҳо дар Санкт-Петербург иваз карданд. Вақт барои таъсиси ширкат фаро расид ва ин ширкат бо номи SELA дар Британияи Кабир сабти ном шуд.

Баъд аз он онҳо ҳамкориро бо соҳибкорони чинӣ шурӯъ карданд. Дар нимаи аввали солҳои 90 Чин бо соҳибкорони рус ба шарти бениҳоят сабук ҳамкорӣ мекард. Аз он ҷумла, молу колоро насия мегирифтанд ва баъди фурӯш пули онҳоро пардохт мекарданд. Аз бисёр ҷиҳат маҳз ба туфайлии ҳамин тариқи ҳамкорӣ барои SELA имконияти хариди молҳои чинӣ пайдо гардид.

Бо вуҷуди ин корҳо на чандон мувофиқи табъ буданд. Маҳсулот на ҳамеша дорои сифат ва умуман ба Борис Остроброд на чандон мақул буданд. Маҳз дар ҳамон вақт ӯ тасмим гирифт, ки барои ба даст овардани навъҳои хуби мол ва пурра назорат намудани сифат бояд куллан тамоми раванди истеҳсолотро ба дасти худ гирифт.

Қарор доданд, ки истеҳсоли молҳоро дар Чин оғоз мекунанд. Якум, ин беҳад арзон буд, дуввум, чиниҳо ҳама чиз доштанд. То ин вақт онҳо аллакай бо як қатор брендҳои машҳури ҷаҳонӣ ҳамкорӣ мекарданд, аз ин рӯ бисёр фабрикаҳо метавонистанд дар муддати кӯтоҳ дилхоҳ модели либоси рағбатдоштаи фармоишгарро дӯзанд.

Кори ширкати SELA омад кард, дар он замон истеҳсолкунандагони чинӣ барои муштариён мубориза

E-mail: ziyozoda@gmail.com



мебурданд. Имрӯз вазъият баръакс аст - таҳвилкунандагон байни худ мубориза мебаранд, то ин ки ба як қатор фабрикаҳои беҳтарини Чин, ҷое ки ҳақиқатан ҳама гуна кори олидараҷаро ба анҷом мерасонанд, даст ёбанд.

Ҳоло барои SELA даҳҳо фабрика кор мекунанд, ҳамин тавр интихоб ва таъмини бима ҳамеша мавҷуд аст. Аввалин мағозаи ширкат дари худро соли 1996 кушод. Воқеаи мазкур замоне ба амал омад, ки гардиши молии ширкат аллакай қариб ба 100 ҳазор доллар баробар буд. Ширкати SELA комёбиро бо туфайли интихоби дурусти муштариёни асосии худ, одамоне, ки аз бозор либос мехаранд, ба даст овардааст. Ҳоло ширкат худро дар самти нави фаъолият - истеҳсоли пойафзол ва атриёт санҷиданӣ аст.

Ҳамин тавр ширкати дар Британияи Кабир сабти номшуда, ки маҳсулотро дар Чин истеҳсол карда, онҳоро дар кишварҳои ИДМ ба фурӯш мебарорад, яке аз ширкатҳои муваффақу пешрафта гардид. Зеро бародарон фаҳмиданд, ки пул миллат надорад, комёбӣ ватан надорад ва ин муҳим нест, ки ту дар куҷо даромад ба даст меоварӣ.

**ХУЛОСА. Ба шаҳри худ, ҳатто ба кишвари худ пойбанд нашуда, ба бизнес машғул шавед. Дар ҳар гӯшаи дилхоҳи кураи Замин шароити мусоид ва имкониятҳои навро ҷустуҷӯ кунед. Дар асри суръати кайҳонӣ ва интернети беҳадду ҳудуд шумо метавонед дар куҷое, ки хоҳед, пул кор кунед. Танҳо ин барои шумо хубу нафърасон бошад, кифоя аст.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ БИСТУЯКУМ

Одамон асосан аз мушкилии молиявӣ барои он шикоят мекунанд, ки онҳо солҳои дарози таҳсил дар мактаб ҳанӯз ҳам дар мавриди пул ҳамин хел чизеро наомӯхтаанд. Дар натиҷа одамон барои пул ба кор шурӯъ мекунанд, аммо наметавонанд пулро маҷбур созанд, ки барояшон кор кунад.

***Роберт Кийосаки***

**Одамони камбағал тибқи категорияи «худи инсон манбаи асосии даромад аст» андеша мекунанд. Одамони сарватманд бошанд, тибқи категорияи «манбаи асосии даромад пул аст» фикр мекунанд.**

ФАРҚИ минбаъда одамони камбағал тибқи категорияи **«худи инсон манбаи асосии даромад аст»** фикр мекунанд. Ин чӣ маъно дорад? Одатан, онҳо аз субҳ то шом кор мекунанд ва бар замми ин чунин фикр мекунанд: «Агар ман хоҳам, ки пули бисёр кор кунам, бояд кори иловагӣ пайдо кунам». Бинобар ин баъзе одамони камбағал дар ду ҷо кор мекунанд ва ҳатто гоҳо дар ҷои сеюм низ ба кор медароянд, аммо ҳеҷ бой намешаванд. Барои чӣ? Зеро чунин фикр мекунанд: «Имконияти ягонаи кор кардани пул, ин дар чанд ҷой кор кардан аст». Аммо ин тавр нест. Ин қоида дар асри гузашта хуб кор мекард: ман кор мекунам, моҳона мегирам, агар бештар кор кунам, бештар мегирам, яъне ман чӣ қадаре кор кунам, ҳамон қадар маош мегирам.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ин дарачаи тафаккури камбағалон аст. Вақте инсон фикр мекунад, ки танҳо худи ӯ манбаи даромад ба ҳисоб меравад, он гоҳ саломатии худро дареғ надошта, кор мекунад, ин ба заифию камқувватии чисм оварда мерасонад, зеро он наметавонад бетанаффус кор кунад. Чун саломатӣ аз ҳастии худ моро огоҳ месозад, даромади мо ба паст шудан оғоз мекунад. Дар пиронсолӣ, вақте ки пул ҳатто бештар назар ба даври чавонӣ зарур мешавад, имконияти пайдо кардани он аллакай аз даст меравад. Аммо он чӣ, ки чамъ кардед, бо мурури замон онро инфлятсия (беқурбшавии пул) мехӯрад, пул беқурб мешавад, нархи молҳо боло меравaнд. Он чизе, ки имрӯз мо бо 100 сомонӣ харида метавонем, баъд аз 10 сол хеле қиммат мешавад. Ҳамаи чизе, ки мо чамъ мекунем, то расидани синни нафақа гарави оянддаи осудагӣ ва серию пурӣ шуда наметавонанд.

Бинобар ин одамони сарватманд тарзи дигари таъмини пиронсолии худро пайдо кардаанд, чунки онҳо дигар хел андеша мекунанд. Сарчашмаи асосии даромад барои онҳо пул аст. Онҳо пулро мачбур месозанд, ки барояшон кор кунад. Онҳо ин корро чӣ тавр мекунанд? Таваччуҳ кунед, хеле формулаи одӣ аст. Оё инсон дар як ҳафта ҳафт рӯз 24-соатӣ кор карда метавонад? Албатта не. Аммо пул чунин кор карда метавонад. Оё инсон метавонад тамоми сол бе танаффус ва истироҳат дар шабонарӯз 24 соат кор кунад? На. Аммо пул метавонад.

**Чадвали «Пул чӣ гуна кор мекунад»**

Ин мисол, метавон гуфт, ки ҳақиқати бузургро барояамон кушода медиҳад. Фарз кардем, мо як солро барои санчиш мегирем. Он вақт мо мебинем, ки пули мо метавонад назар ба мо даҳ маротиба бештар кор кунад. Истироҳат ба кӣ лозим аст? Он ба инсон зарур

E-mail: ziyozoda@gmail.com



аст, аммо пул метавонад бе истироҳат кор кунад. Кӣ бемор мешавад? Кӣ хоҳиши зиёд кардани маошро мекунад? Одамон. Аммо пул на бемор мешавад ва на хоҳиш мекунад. Кӣ намехоҳад дар вақташ кори худро кунад, дер меояд, барвақт меравад, вақте ки табъаш хуш аст, хуб кор мекунад, вақте димоғсӯхта аст, умуман ба ҳеҷ кор даст намезанад? Бо кӣ мушкилӣ ва ҷангҷол мешавад? Бо одамон, вале бо пул ҷанҷол намешавад. Ҳеҷ кас то ҳол бо пул пархош накардааст.

Фақат ба таври оддӣ одамони сарватманд фаҳмиданд, ки сарчашмаи асосии даромад пул аст. Ва мувофиқ бар ҳамин ақида пул аз ҳама беҳтарин коркуну ходим аст. Ана, чиро онҳо фаҳмидаанд! Ба мо лозим аст, ки идора кардани пулро омӯзем, то ки он даромад оварад, на ин ки дар зери болин хоб кунад. Набояд дар пул танҳо ҳалли мушкилиҳоро дид. Дар симои пул бояд он коркунеро дид, ки барои амалӣ кардани орзуи худ ба шумо кӯмак мекунад. Бинобар ин набояд ба тақдири он беэътиноӣ карда, онро сабукфикрона фармонравоӣ карда, бефоида харҷ кард.

Устодам боре ба ман гуфта буд: «Агар ту ба фурӯшгоҳ даромада, мехостӣ костюмро бо 50 доллар харид кунӣ, аввал аз худат бипурс: «ту онро дар 500 доллар мегирифтӣ?» Агар ҷавоб диҳӣ, ки «бале», пас онро бигир. Охир, ин 50 доллар метавонад 500 доллар гардад. Ба шарте, ки ту онро дар коре истифода намоӣ. Муҳим аст, ки тарзи анҷом додани корро бояд донед. Аммо пули беҳадаф харҷшуда аллакай чизе намеоварад».

**Бинобар ин идора кардани маблағҳои худро омӯзед, ҳамин тавр, агар шумо онҳоро идора накунед, ин маънои онро надорад, ки ба ин кор дигарон машғул намешаванд. Пулҳои шуморо бо воситаи реклама, мӯд, тахфиф, фурӯши бо имтиёз, аксияҳо идора мекунанд.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**шумо идора кардани пулҳои худро меомӯзед, ё ин корро ба ҷои шумо дигарон анҷом медиҳанд.** Дар он сурат дар хонаи шумо чизҳои нодаркору нолозим ва гоҳо зарароввар пайдо мешаванд.

**Одатан одамони камбағал дар пул фақат ҳалли масъаларо мебинанд. Аммо одамони давлатманд дар пул имконияти расидан ба мақсади худро пайдо мекунанд.**

## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАГОНИ ТРЕНИНГ

Шиноси ман Динора дар се ташкилот кор мекунад. Ӯ муаллима буда, дар яке аз мактабҳо аз фанни забони русӣ дарс медиҳад, аммо ба ғайр аз ин бегоҳӣ ба омӯзиши бачагон машғул мешавад, боз фарши даромадгоҳи хонаи маро рӯбучин мекунад. Ӯ ба ин бовар аст, ки фақат бо чунин роҳ метавонад даромади оилавиро афзун намояд ва дар навбати худ ҳаёти худ ва фарзандонашро беҳтар кунад. Вай ду фарзанд дорад. Аммо ӯ ҳарчанд саъю талош кунад ҳам, боз пул намерасад. Дар ҳақиқат тарзи тафаккури ӯ камбағалона аст. Ӯ мепиндорад, ки худи инсон сарчашмаи даромад аст, аз ин рӯ ба маънои асли калима, миёни чанд кор порапора мешавад.

Шиноси дигари ман Анварбек медонад, ки дасташ ба ҳама кор намерасад. Ӯ ҳайвони хонагӣ харида, ба хешовандонаш, ки дар деҳот зиндагӣ доранд, барои нигоҳубин месупорад ва барои парво ӯ ба онҳо музд медиҳад. Сол то сол саршумори ҳайвонот зиёд мешавад. Қисме аз ҳайвонотро фурӯхта, аз ин пул яклухт коло харида, бо мошин ба нуқтаҳои савдо бурда, тақсим мекунад. Дар чанд сол Анварбек маблағи кирой ҷамъ карда, амволи ғайриманқул (ошхона, мағоза ва ғайра) гирифт ва онҳоро ба иҷора дода, ҳамчунин ҳар моҳ даромад мегирад. Дар айни замон ӯ бизнеси худро вусъат

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ододa, аз Чин ва Россия молу коло меоварад. Барои ӯ манбаи асосии даромад пул аст.

▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## УОРРЕН БАФФЕТ

Баффет дар оилаи брокери биржа таваллуд ёфта-аст. Эҳтимол, худи фазои хонаводагӣ ба ӯ бетаъсир набуд, ки аллакай дар бачагӣ Уоррен талош мекард, ки худаш пул кор кунад. Ӯҳанӯз дар синни 8-солагӣ дар китобхонаи падар ба хондани китобҳо дар бораи савдои коғазҳои қимматбаҳо шурӯъ карда буд. Дар синни 11-солагӣ бошад, вай ба савдо таваҷҷуҳ зоҳир кард ва тамоми таътилро дар биржа мегузаронд ва дар тахта бо бӯр дар навиштани нархҳои саҳмияҳои гуногун кӯмак мерасонд. Ин таҷрибаи фоиданок буд, ки дар оянда ба ӯ зарур шуд.

Дар синни 13-солагӣ Баффет дар идораи рӯзномаи «Вашингтон пост» ба ҳайси қосид ба кор даромада, рӯзномаҳоро ба муштариён мерасонид. Дар моҳи аввал вай 175 доллар маош гирифт. Ин пул Уорренро чунон рӯҳу илҳом бахшид, ки ӯ ба хонаводаи худ қавл дод, ки дар синни 30-солагӣ миллионер мешавад ва изҳор дошт, ки агар ба ин чиз нарасад, он гоҳ аз болои боми бинои аз ҳама баланд ба поён меҷаҳад. Барои ӯ ҷаҳидан пеш наомад. Баффет туфайли иродаи устувор ба мақсади худ дар ҳақиқат бо каме таъхир расид. Ӯ аввалин миллиони худро дар синни 31-солагиаш ба даст овард.

Аммо вай ба кори ҳақиқӣ дар синни баркамолияш машғул шуд. Дар фаъолияти биржавӣ таҷрибаи хуб ҳосил кард ва дарк кард, ки манбаи беҳтарини даромад пул аст ва дар соли 1965 ӯ ширкати холдингии «Беркшир Хатавей»-ро бо портфели саҳмияҳои чунин ширкатҳои машҳур «Кока-Кола», «Жиллет», «Америкэн Экспресс» ва ғайра созмон дод. Ба ғайр аз ин ширкати

E-mail: ziyozoda@gmail.com



вай ба саҳмияҳои муассисаҳои начандон калон, ки ба тиҷорати ҳама чиз - аз ҷиҳози хона сар карда то конфет машғул буданд, маблағҳои худро мегузошт. Ба туфайли қобилияти дуруст дарк кардани болою поён рафтани қиммати саҳмияҳо, баъд аз сенздаҳ сол маблағгузории саҳомон ба ширкати Баффет аз 10 ҳазор доллар ба 80 миллион доллар расид. Даромади саҳомони худро зиёд гардонда, худи Баффет бештар аз 12 миллиард доллар кор кард ва аз рӯи доройӣ дуввумин одам дар Америко гардид. Ин буд мисоли беҳтарини тасдиққунандаи қоидаи «беҳтарин коркун ва ходим пул аст». Ҳангоми маблағгузорӣ кардан ба коғазҳои қимматнок онҳо шабонарӯзӣ кор карда, ба хӯҷаини худ даромади бардавом меоваранд.

Ҳама пайдо карда тавонистани бозори ояндаро афзалияти барҷастаи Баффет меҳисобанд. Ӯ бозорро бодиққат омӯхта, ба хотири пайдо кардани ширкати дорои активҳои ҷиддӣ, вале нархи саҳмияҳояш ҳанӯз боло нарафта, ба маънои асли калима дар ҳисоботҳои молиявӣ ғӯта мезанад. Ҳисобу китоб оддӣ аст, дер ё зуд, рӯзе бозор ин коғазҳоро аз рӯи шаъну эътиборашон баҳо хоҳад дод. Стратегияи асосии Баффет хариди ширкати камарзиш аст.

Ӯ тими хуб дошта, чунин меҳисобад, ки ба одамони ҳамроҳ коркунанда бо ҳусни таваҷҷуҳ ва хайрхоҳӣ муомилаю муносибат бояд кард. «Мо ба коре машғулем, ки он ба мо завқу фараҳ мебахшад. Мо бо одамоне кор мекунем, ки барои мо дилнишину ҷозиб ҳастанд», - мегӯяд ӯ.

**ХУЛОСА. Роҳи ягонаи сарватманд шудан омӯзиши идора кардани маблағҳои худ аст, то ки пул барои шумо кор кунад. Маблағгузории муваффақ метавонад, ки шахсро сарватманду муваффақ кунад. Ҳама чизро дониши шумо ва дуруст истифода бурдани он ҳал мекунад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ БИСТУ ДУЮМ

Камбағал будан бад аст, зеро он тамоми вақти шуморо тасарруф мекунад.

***Виллем де Конинг***

**Одамони камбағал вақт ва пулро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд. Одамони доро чунин меҳисобанд, ки вақт пул аст.**

Одамони камбағал вақт ва пулро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд. Ин ҳолат дар ҳаёт чӣ тавр ба амал меояд? Онҳо барои 10 дирам арзонтар харидани чизе омодаанд, ки дар бозорҳову мағозаҳо гарданд. Бештари одамон вақтро омили муҳим намеҳисобанд ва ба ҳисоб намегиранд, ки вақт пул меофарад. Такрор мекунам, одамони камбағал вақт ва пулро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд. Шахсе, ки тибқи категорияи нодорӣ андеша мекунад, фаҳмида наметавонад, ки ӯ камбағал аст, зеро вақти худро беҳуда сарф мекунад. Чунин одам вақти худро ба осонӣ сарф карда, ҳамаи оқибати онро дарк намекунад. Ин дар охир ба нодорӣ оварда мерасонад.

**Вақт сармояи асосӣ аст, пул доштан ё надоштани шумо аз он вобаста аст.** Одамони камбағал бошанд, пулро қадр мекунанд, аммо вақтро не. Онҳо вақтро бо гуфтугӯҳои пуч, хоби бисёр, танаффуси дуру дароз аз даст медиҳанд, ба меҳмонӣ мераванд, ҳар рӯз бо дӯстон ва дугонаҳояшон вомехӯранд, аз кор барвақт мераванд, онҳо бар зарари саломатии худ доимо сигор мекашанд, дар бораи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



чизе фикр намекунанд ва ғайра ва ҳоказо. Аммо, **мо дар ҳаётамон ҳар дақиқаи умрамонро метавонем ҳамагӣ як маротиба истифода барем.** Он такроран дода намешавад, ки боз дубора зиндагӣ кунем.

Одамони сарватманд чунин меҳисобанд, ки вақт миқдори пулҳои даромадкардаро муайян мекунад. Дар навбати худ онҳо дарк мекунанд, ки вақт ва пул чун ду пои инсон аст. Бо як пой дур рафта ва дуру дароз истода наметавонед. Агар шумо вақт дошта бошед, аммо пул не, ё пул доред, аммо вақт не, бароятон зиндагӣ вазнин хоҳад буд. Одатан ҳоло, ки мо ҷавонем, фикр мекунем, ки вақти мо бисёр аст, ҳатто беҳад бисёр аст, аммо пул нест. Ва мо вақтро дар саргармию вақтхушии беохир, ракс, кино, суҳбатҳои бефоида дар бораи чизҳои беарзиш ва ғайра беҳуда сарф мекунем. Вақте ки ба синни 50-60 мерасем, пул пайдо мешавад. Аммо, акнун вақт намерасад, зеро ҷавонӣ гузаштааст, ҷавонӣ бо худ таруфаи номаҳдуди ҳар соат, ҳар моҳ ва ҳар солро низ бурдааст.

Мушкилӣ аз он иборат аст, ки агар мо бо шумо ҳазор сол ҳаёт медидем, он гоҳ мумкин буд, дусад соли онро барои омӯхтани тарзи дурусти зиндагӣ сарф мекардем. Аммо ба назар чунин мерасад, ки акнун танҳо дуруст зистанро омӯхтаем, аз мушкилиҳои ҳаёт раҳо шуда, аз иҳотаи ғаму ғусса берун омадаем, ана, ҳамин лаҳзаҳо замони марг фаро мерасад.

**Сарватмандон ҳамин асрорро дарк кардаанд. Онҳо фаҳмидаанд, ки агар вақтро дуруст истифода барем, пулро маҷбур мекунем, ки барои худи мо кор кунад, агар пулу вақт муштарак амал кунанд, он гоҳ шумо якчанд маротиба зудтар сарватманд мешавед.** Бинобар ин хоҳиш мекунам, вақти худро ба корҳои беҳуда сарф накунед.

Агар хоҳед, ки ҳамеша пул дошта бошед, агар хоҳед, ки сарватманд шавед, то ки орзуҳои худро

E-mail: ziyozoda@gmail.com



амалӣ гардонед, агар хоҳед, ки рӯҳан нерӯманд бошед, ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар дақиқаро аз идора кардани вақти худ оғоз кунед. Дар он сурат, мутаносибан, ҳаёти шумо дар ҳукми шумо мемонад. Агар шумо ин корро накунед, он гоҳ ҳодисаҳои ногаҳонӣ, мушкилиҳои ҳаёт, масъалаҳои маишӣ, бӯҳрони иқтисодӣ ба идора кардани шумо оғоз мекунанд.

Бисёрии одамон соатҳои зиёде дар бозорҳо гашту гузор мекунанд, вақти тӯлониро дар меҳмонӣ бо чойнӯшӣ мегузаронанд, ё дар чойгаҳ дуру дароз ба хоб мераванд. Солҳои ҷавонӣ, замони зӯру тавоно будан вақти худро ҳамин тавр мегузаронанд. Баъдтар, вақте ки ҳаёт мушкил шуд, шикоят мекунанд,ки бетолеанд ва корашон ҳеҷ омад намекунад. Ҳамаи одамон аз рӯзи ба дунё омадан ба ҳамдигар шабеҳанд.Ҳеҷ кадоми онҳо пул надоранд, вале вақти якхела ва миқдори умри ба ҳам монанд низ доранд,ки аз 60-70 сол иборат аст. Ҳамчунин як шабонарӯз барои ҳамагон як хел 24 соат аст. Ба гуфтае, вақти шумо ва шахси миллиардер яксо́н аст. Сирру асрори комёбӣ дар идора кардани вакт аст. Вакте ки ман дар мактаб мехондам, инро ба ман муаллими математика Одинаев Мирзоюсуф хеле хуб фаҳмонида буд ва банда як умр аз ӯ миннатдорам. Маҳз ин сир, ҳаёти маро тағйир дод. Идора кардани вақти худро ёд гиред.

• САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## ГЕНРИ ФОРД

Генри Форд дар тамоми ҷаҳон бо гузоштани пояи саноати автомобилӣ машҳур аст. Волидайни ӯ барзгарони одӣ буданд, аммо Форди ҷавон ба зудӣ дарк кард, ки дар дили ӯ хоҳиши тамоми умри худро дар корҳои саҳроӣ гузарондан ҳеҷ вуҷуд надорад. Генри дар бачагӣ ба механика шавқ пайдо карда, ба таъмири соатҳо рағбат дошт. Соли 1879 вай хонаро тарк карда, дар яке

E-mail: ziyozoda@gmail.com



аз заводҳои Детройт ба кор даромад ва шабона таъмири соатҳоро идома медод. Он замон вай ҳафтае 3 доллар кор мекард. Генри фақат 16 сол дошт, аммо ба зудӣ дарк карда буд, ки танҳо аз қобилияти ғайримуқаррарии худ истифода бурда, муваффақ шудан мумкин аст.

Дар синни 28-солагӣ Генри Форд ба ширкати Томас Эдисон, ки аввалин таҷрибаҳои худро бо муҳаррикҳо мегузаронд, ба кор омад. Вақте Генри ба синни 36 қадам гузошт, ӯ аввалин ширкати автомобилии худро кушод, ки «DetroitAutomobileCompany» ном дошт. Баъди ду сол аз таъсиси ширкат гузаштан варшикаста шуд. Сипас якҷоя бо шарики худ Леланд Форд ширкати HenryFordCompany»-ро таъсис доданд, аммо шарикон байни худ пархош карданд ва ширкат ба зудӣ пош хӯрд. Инак, дар синни 39-солагии ҳаёти худ Форд аллакай дар ҳисоби худ ду кӯшиши нобарори оғоз кардани кори худро дошт.

Генри Форд танҳо аз сеюмин ширкати таъсисдодааш дар соли 1903 комёб гаштанро мунтазир буд. Бар замми ин, вай фаҳмид, ки пешрафти техникӣ суръати ҳаракатро тезонда, ба воситаҳои интиқол, ки соатҳо, ҳатто рӯзҳоро сарфа мекунанд, ҳатман дархосту талаботи зиёд пайдо мешавад. Салтанати капитализм вусъат меёфт ва шиори «вақт-пул» хеле оммавӣ шуда буд.

Дар он солҳо барои истеҳсоли як автомобил вақти бисёр ва заҳмати даҳҳо коргарон сарф шуда, арзиши автомобилҳоро барои аҳолӣ беҳад баланд мегардонд. Барои ба мардуми дорое, ки даромади миёна доштанд, дастрас намудани автомобилҳо вақти сохтани автомобилҳоро то ҳадди имкон кам кардан зарур буд. Форд тамоми раванди истеҳсолотро бозсозӣ карда, истеҳсоли зудамал ва самараноки муттасилро дар ҷаҳон ташкил кард. Бар замми ин, ӯ аз бартарияти тафаккури дастҷамъӣ истифода бурда, сехи истеҳсолиро ба майдони таҷриба табдил дод. Муҳандис Густав Свифт идеяи васлкунии конвейериро пешниҳод кард. Сэмуэл Колт ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Генри Лиланд истифодаи ҷузъҳои мутақобил ивазшавандаро пешниҳод карданд, Форд бошад, ин идеяҳоро дар истеҳсолоти оммавӣ ҷорӣ мекард. Дар натиҷа вақти васлкунии автомобилҳо аз 728 то 93 дақиқа кам карда шуд. Нархи автомобилҳо аз 1000 доллар то 345 доллар поён рафт. Автомобил аз ашёи шукӯҳу шаҳомат барои давлатмандон ба як абзори муқаррарии синфи миёна бадал гашт. Оре, асосгузори ширкати «Форд моторс» яке аз одамони доротарини дунё гардид. Дидед, қиммати вақтро мумкин аст, ки дар пул муайян кард. Ҳар касе, ки ин насиҳатро фаҳмад, муваффақ хохад шуд.

**P.S.** Аз рӯзи ба дунё омадан ҳамаи мо вақти баробару яксон дорем. Аммо ҳама соҳиби маблағи баробари нақд нестем. Вақт ва пул ду маводи аввалия ва асосӣ барои расидан ба муваффақият аст. Ҳамаи мо яксон, писар ё духтар таваллуд мешавем. Ҳамаи мо дар бачагӣ орзу мекардем, ки муваффақу доро бошем. Ягон кӯдак орзу намекунад, ки нодору ноком шавад. Аммо ба ҳар ҳол ин ҳолат рух медиҳад. Барои чӣ? Ҷавоб якто аст: Барои кадом коре, ки шахс вақти худро ҷудо кунад, дар он натиҷа ба даст меоварад.

Агар шумо 10 сол ронанда шуда, кор кунед, ронандаи хуб мешавед, агар шумо 15 сол муҳосиб шуда, кор кунед, муҳосиби хуб мешавед. Одамон дар як рӯз камбағал намегарданд. Муносибати исрофкорона ба пул ва вақт инсонро ба нодорию нокомӣ мерасонад. Вақт муҳимтарин абзор барои сармоягузорӣ дар ҳар қисмати зиндагӣ аст.

Барои рассом, бастакор, ё математики хуб шудан, бо як калима мутахассиси хуб шудан дар ин ё он соҳа бояд бо вақт «маблағгузорӣ» ё, аниқтараш, «вақтгузорӣ» кунед. Вақт арзиши пулро дорад. Аммо мардуми камбағал ҳамин тавр дарк намекунанд, ки сабаби доимо нарасидани пул исрофкорона сарф кар-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



дани вақт аст. Вақти яке хеле пурқиммат аст, вақти дигаре арзон аст.

Масалан, дар ҷое, ки шумо кор мекунед, одамоне ҳастанд, ки назар ба шумо бештар пул мегиранд. Барои чӣ вақти онҳо назар ба вақти шумо қимматтар аст? Дар гумон аст, ки онҳо 12 соат кор кунанд, аниқаш, баробари шумо кор мекунанд, вале онҳо аз шумо чанд маротиба бештар пул мегиранд. Арзиши вақт аз малакаву маҳорат, аз шумораи амале, ки дар як воҳиди мушаххаси вақт анҷом медиҳед, вобастагӣ дорад. Яъне бештар беҳтар. Фақат азбар кардани дониши нав малакаи шуморо боло мебардорад ва ин ба зиёд гардидани қиммати вақти шумо омили асосӣ шуда метавонад. Агар шумо баланд бардоштани арзиши вақти худро омӯзеду ёд гиред, он гоҳ пул назди шумо меояд. Ана, чанд тафриқа дар муносибат бо пулу вақт аз одамони тафаккури навъи мухталиф дошта.

**Одамони камбағал вақт ва пули худро мефурӯшанд, сарватмандон вақт ва пулро харидорӣ мекунанд.**

**Камбағалон пулу вақтро харҷ мекунанд, сарватмандон вақтро «маблағгузорӣ» ва пулро пасандоз мекунанд.**

**Камбағалон вақт ё пулро интихоб мекунанд ва билохир ҳардуро аз даст медиҳанд, сарватмандон вақту пулро якҷоя истифода мебаранд.**

**Камбағалон борҷомаи калони афсӯсу маломат ва таърихчаи нокомии худро доранд, сарватмандон пасандози хуб доранд.**

Камбағалон бештар пул ва вақтро барои айшу ишрат харҷ мекунанд ва ба пул ҳамчун сарчашмаи фароху шодӣ муносибат мекунанд, сарватмандон бошанд, пулро барои он истифода мебаранд, ки пули

E-mail: ziyozoda@gmail.com



нав кор кунанд ва ба он чун имконияти нав назар мекунанд. Аммо онҳо вақтро барои ёд гирифтани ин ё он чизи беҳтар назар аз пештара истифода мебаранд. Ҳамин ки вақти холӣ пайдо шавад, онҳо онро барои такмили маҳорати худ «маблағгузорӣ» мекунанд.

Камбағалон пул дода, хизмат ва маҳсулот мехаранд, сарватмандон маҳсулот ва хизмат расонида, пул харидорӣ мекунанд.

Камбағалон ба кор медароянд ва вақти худро мегузаронанд, сарватмандон дигаронро барои кор киро мекунанд ва ҳамин тариқ вақти худро афзун мегардонанд.

**ХУЛОСА. Вақт ва пулро ҳифз кунед. Вақтро барои рушду такмили маҳорати худ «маблағгузорӣ» кунед, пулро бошад, барои ҷазб намудани имкониятҳои наву тоза, ки ҳаётро дар рӯи замин беҳтар мегардонанд, истифода баред.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ БИСТУСЕЮМ

Одами пулро лаънаткунанда онро нопок ба даст меоварад. Инсони ба пул эҳтиромдошта ба он арзанда аст.

***Айн Рэнд***

**Одамони камбағал тибқи категорияи «бо роҳи ҷамъ кардани пул доро шудан мумкин аст» андеша мекунанд. Одамон сарватманд фикр мекунанд, ки бо роҳи зиёдкунӣ ва афзункунӣ доро шудан зудтару осонтар аст.**

ФАРҚИ дигар: «Одамони камбағал тибқи категорияи **«бо роҳи ҷамъ кардани пул доро шудан мумкин аст»** андеша мекунанд». Онҳо чунин мулоҳизаронӣ мекунанд: «Агар ман сарватманд шудан хоҳам, медонам, ки ин корро чӣ тавр анҷом диҳам, фақат пулро бояд сарфа кунам». Онҳо ҳамин тавр фикр мекунанд. Ҳа, хуб ҷамъ кардани маблағи муайянро санҷидан мумкин аст, аммо то вақте, ки шумо ин корро мекунед, вазъият тағйир меёбад. Миёнаи солҳои 90-умро ба хотир оред, хонаҳо он замон 1000-долларӣ арзиш доштанд. Шумо, фарз кардем, 200 доллар доштед. Вақте, ки шумо 1000 доллар ҷамъ кардед, нархи хонаҳо боло рафт, арзиши онҳо ба 10 000 доллар расид. Вақте, ки шумо 10 000 доллар ҷамъ кардед, нархи хонаҳо то 20 000 доллар баланд шуд. Боз каме ғайрат карда, шумо 20 000 доллар ҷамъ кардед, аммо хонаҳо то панҷоҳ ҳазор доллар гарон шуданд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ана, дидед, бо роҳи ҷамъ кардан доро шудан хеле мушкил аст. Барои чӣ? Зеро пул бекурб мешавад, нархҳо боло меравaнд, бекурбшавии пул ҳамаи пулҳои андӯхтаи шуморо «мехӯрад». Бинобар ин агар имрӯз мо ба пасандоз кардан, масалан, дар фонди нафака оғоз кунем, замони ба нафака баромадан,эҳтимол, наметавонем бо пули мазкур як кило чой харидорӣ кунем. Бисёрии одамони камбағал чунин фикр мекунанд: «Ман бояд кор кунам ва бароиояндаи худ пасандоз намоям». Аммо онҳо намедонанд, ки ин танҳо марҳилаи аввали амали онҳо аст.

Одамони доро тибқи категорияҳои дигар фикр мекунанд, онҳо бар ин андеша ҳастанд, ки хеле роҳат ва зудтар бо роҳи афзоиш додан, сарватманд шудан мумкин аст. Онҳо босаброна пасандоз мекунанд ва онро ҳифз намуда, интизор мешаванд. Маблағи муайянро ҷамъ карда, онро чанд маротиба афзун мекунанд. Сарватмандон барои рушди зеҳн ва ақли худ малакаву маҳорат ба даст меоваранд, то ки дар идора кардани пул ба онҳо кӯмак кунад. Идоракунии оқилона ин маблағгузории манфиатнок дар амволи ғайриманқул, дар коғазҳои қимматнок, дар бизнеси дорои даромади устувор аст.

Аммо **идоракардани пулҳоро пеш аз пайдо кардани онҳо бояд омӯхт.** Агар шахс дар бораи идора кардани маблағи худ тасаввурот надошта бошад, агар донишу малакаи зарурӣ нагирифтааст, дар он сурат ҳама гуна сармоя, ҳатто сармояи хеле калони пасандозшуда ё ба меросгирифта хеле зуд аз байн меравад, гӯё аслан ин чизҳо вуҷуд надошта буданд. Пулро харҷ кардан хеле роҳат аст, аммо ҳар як долларро ҷамъ кардан, пасандоз кардан мушкил аст. Бинобар ин бояд пеш[illegible], то замони пасандоз кардани ин ё он маблағи муайян ин корро омӯзед. Дар хотир нигоҳ доред. Агар шумо идора кардани пули

E-mail: ziyozoda@gmail.com



худро ёд гиред, хеле зуд ва осон сарватманд шудан метавонед.

Тасаввур кунед, ки ҷавон ҳамагӣ 22 сол дорад, дар як моҳ вай чӣ қадар метавонад даромад ба даст оварад? Биёед, андоза – нишондиҳандаи миёнаро мегирем. Ба гумонам, он имрӯз аз 200 то 500 долларро ташкил мекунад. Ба ҳисоби миёна ин маблағ 350 доллар мешавад. Китобро дар бораи комёбӣ хондам, ки дар он навишта шудааст: «На камтар аз 10 фоизи музди корро бароиояндаи худ пасандоз кунед». Ӯ ҳисоб мекунад, ки агар дар як моҳ 35-доллари пасандоз кунад, дар як сол 420 доллар мешавад. Манзили дуҳонагӣ айни замон 50 000 доллар арзиш дорад, пас 50 000: 420= 119. Мувофиқи ин ҳисоб барои ҷамъ кардани маблағи зарурӣ ба ӯ 119 сол лозим аст. Агар ӯ илова бар он автомобил гирифтанӣ бошад, мошини хуб, масалан, 10 000 доллар арзиш дорад, дар ин сурат боз вақти зиёд лозим аст. Биёед, ҳисоб мекунем: 10 000:420=23-солу 8-моҳ мешавад. Пас, ӯ андеша мекунад, вақте ки ман ба синни 142 солу ҳашт моҳ расидам, метавонам оиладор шавам. Аз чунин ҳисобу китоб ӯ маҳву мот гардида, хулоса мекунад: «Худи фалсафаи пасандози пул нодуруст аст. Бинобар ин пасандоз кардан маъно надорад».

Умуман, ин хулоса то дараҷае дуруст аст, принсипи «бо роҳи пасандоз кардани маблағ комёб шудан мумкин аст» алакай кӯҳна шудааст. Волидайн ба мо омӯхтаанд, ки бояд барои манзил, тӯйи арӯсӣ ва ғайра пул пасандоз кунем. Аммо дунё бо суръати ҳаёти муосир чандин маротиба зудтар тағйир меёбад. Мо фурсат намеёбем, ки навъи нави таҷҳизоти маиширо омӯзем, ҳамоно дигараш пайдо мешавад, ки боз бештар такмил дода шудааст. Барои комёб шудан бояд шитоб кунед, вагарна дарвокеъ қафо ме-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



монед. Муваффақият дар забони русӣ бо калимаи «успех» ифода мешавад, ки аз калимаи «успеть» маънои дар вақташ ичро кардани амал ё расидан ба онро дорад. Масалан, идея танҳо дар фикратон пайдо шудааст, шумо нақшаи амалро тартиб медиҳед, аммо нохост мебинед, ки касе алакай онро амалӣ кардааст.

Замони муосир талаб мекунад, ки мо фаъолу уҳдабаро бошем. Агар шумо афзун кардани пулро омӯзед, дар шароити имрӯза сарватманд шудан мумкин аст. Одамон чӣ гуна миллиардер мешаванд? Онҳо фаҳмиданд, ки пул коргари хубтарин аст. Инсон дар як шабонарӯз 8 соат кор мекунад, аммо 16 соатро барои корҳои дигар, аз ҷумла, хоб сарф мекунад. Аз ин 8 соат ҳамагӣ фақат 2 соату 40 дақиқаро самаранок истифода мебарад. Вақти боқимондаро ба давуғеҷ, ҷустуҷӯйи иттилоот, роҳ, интизорӣ ва ғайра сарф мекунад. Пас пул дар як шабонарӯз 10 маротиба, дар як моҳ 300 маротиба, дар як сол бошад 3650 маротиба бештар аз одам дида самаранoктар кор мекардааст. Ана, барои чӣ баъзеҳо дар муддати 10-15 сол, вақте ки дигарон тамоми ҳаёт аз субҳ то шом кор мекунанд, вале нодор мемонанд, миллионер, ё ҳатто миллиардер мешудаанд. Баъзеҳо худашон кор мекунанд, аммо барои дигарон пул кор мекунад.

## САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### ИНГВАР КАМПРАД

Ингвар дар шаҳри начандон калони Шведсия - Элмулт ба дунё омадааст, ҳанӯз ҳангоми бачагӣ ба тиҷорат рағбат зоҳир карда буд. Ҳамин тавр, дар 5-солагӣ гӯгирд мефурӯхт ва дар синни мактабӣ гоҳо

E-mail: ziyozoda@gmail.com



моҳӣ, гоҳо тухмӣ ва гоҳе меваи брусник ва ҳатто руқъаҳои мавлудии Исо (а)-ро мефурӯхт.

Соли 1943 таҷрибаи заруриро андӯхта, каме пул ҷамъ кард ва ширкати «IKEA»-ро таъсис дод. Дар ибтидо самти асосии фаъолияти ширкат савдои авторучка буд, аммо он даромади хеле кам медод. Ба мақсади пайдо кардани соҳае, ки ӯро сарватманд гардонад ва сармояи камашро бештар кунад, Ингвар бозорро омӯхта, ба он аҳамият дод, ки дар Шведсия ҷиҳози хона фавқулода қиммат буда, бо ҳамин сабаб барои бисёр сокинони кишвар қариб ба ашёи шукӯҳу шаҳомат табдил ёфтааст.

Ӯ каме фикр карда, фаъолияти IKEA-ро тағйир дода, мағозаи фурӯши ҷиҳози хона (мебел) кушод. Ӯ аниқ кард, ки дар мамлакат, дар куҷо, барои хона ҷиҳози оддӣ ва арзон истеҳсол мекунанд ва ба харидани курсиҳои аз ҳама арзон, мизҳо ва қаҳваҷӯшонак шурӯъ кард. Бар замми ин Кампрад ба ҳар ашё ном мегузошт, ки ин корро дар он замон касе накарда буд. Хабар дар бораи мағозаи ҷиҳози арзони хона дар тамоми кишвар бениҳоят зуд паҳн гардид ва савдои ӯ рушд кард. Кампрад дарк кард, ки фақат аз харида фурӯхтан сарват ба даст даровардан мушкил аст, барои ин кор пеш аз ҳама истеҳсолот зарур аст, то ки баҳри чанд карат афзун гардидани даромад кӯмак кунад. Ингвар дар Шведсия корхонаи начандон калон сохта, ба истеҳсоли ҷиҳози боз ҳам арзонтар оғоз мекунад. Аммо Анҷумани миллии воридкунандагони ҷиҳози хона таҳвилдиҳандагони маҳаллии бо IKEA ҳамкорӣ доштаро зери фишор қарор дод. Анҷуман аз нуфузу эътибори худ истифода бурда, таҳонист, ки онҳоро аз ҳамкорӣ кардан бо ширкати ҷавон боздорад.

Ин зарбаи вазнин буд. Агар ба ҷои Кампрад каси дигар мебуд, эҳтимол, фаъолияти ширкатро қатъ мекард. Аммо барои Ингвар ҳама гуна мушкилоти сангин сабаби андеша кардан ва пайдо кардани имконияти нав барои

E-mail: ziyozoda@gmail.com



рушд буд. Ӯ ба ҷамъоварии иттилоот дар бораи истеҳсолкунандагон шурӯъ карда, бозори аврупоии ҷиҳози хонаро меомӯзад. Дар натиҷа қисми зиёди ашёро барои сохтани ҷиҳоз аз Лаҳистон (Полша), зимнан, бо нархи аз пештара арзонтар харидорӣ мекунад. Ин имконият дод, ки хароҷотро кам карда, пас сарфи назар аз хароҷоти интиқол, нархи маҳсулотро арзон намояд. Даст кашидани корхонаҳои маҳаллӣ аз ҳамкорӣ ба Ингвар ба ӯ кӯмак кард, ки шарикони нав ва бештар фоидарасон пайдо кунад.

Дидед, комёбию, фатҳу зафар дар мушкилот печонда шуда буд. Кампрад тавонист, ки ба сатҳи нав барояд. Чанд қадам то комёбӣ монда буд, ки қариб Ингвар аз он даст мекашид. Қатъият ва устуворӣ ба IKEA кӯмак карданд, ки хеле зуд дар дунё ба бузургтарин истеҳсолкунандаи ҷиҳози хона табдил гардад.

Ба туфайли афзун кардани сармояи аввалия ҳоло дороии Ингвар Кампрад 18 миллиард доллар мебошад.

**ХУЛОСА. Пасандоз фақат сармояи аввалӣ шуда метавонад, аммо худ аз худ шуморо наметавонад сарватманд гардонад. Барои афзун гардонидани дороии худ бояд донишҳои молиявиро азхуд намуда, пулро дар бизнеси ҳақиқӣ сармоягузорӣ намоед. Дар ин ҳолат пул барои шумо шабонарӯзӣ кор карда, дороии шуморо боз бештар мегардонад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ БИСТУЧОРУМ

Бойигарӣ натиҷаи қобилияти фикр кардани инсон аст.

*Айн Рэнд*

**Одамони камбағал тибқи категорияи «барои он ки ба бизнес машғул шавед, пул зарур аст» фикр мекунанд. Сарватмандон медонанд, ки «барои ба бизнес машгул шудан пул чизи асосӣ набуда, дониш, имконият, робитаҳо ва алоқаҳо заруранд».**

Одамони камбағал тибқи категорияи **«барои он ки ба бизнес машғул шавед, пул зарур аст»** андеша мекунанд. Ин яке аз ҳама сабабҳои маълуму маъруф аст, зеро бисёрии одамон кори хусусии худро надоранд. Онҳо одатан чунин мегӯянд: «Агар ман пул медоштам, бизнеси худро таъсис медодам ва одами сарватманд мегардидам».

Медонед, эҳтимол, баъд аз хондани ин сатрҳо дар сари баъзе аз хонандагон чунин андеша пайдо шавад: «Барои чӣ онҳо фақат дар бораи пул мулоҳизаронӣ мекунанд, аммо дар бораи некӯӣ, поквиҷдонӣ, одамгарӣ чизе намегӯянд?» Тадқиқоти мо баъзе чизҳои шавқангезро нишон дод. Аксари одамон то вақте, ки ҳанӯз кор ба пул нарасидааст, худро поквиҷдону хуб нишон медиҳанд. Шумо метавонед бо ягон кас даҳбист сол кор карда, ӯро ҳамчун одами хуб шиносед, аммо вақте, ки кор болои пул омад, ӯ худро чунон вонамуд мекунад, ки ба ҳайрат афтода, ҳатто ба худ тасаввур карда наметавонед, ки чунин одамони амсоли ӯро ягон вақт дар синамо дида будед?

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Баъзан ба чунин воқеа рӯ ба рӯ мешавед - инсон ба хотири пайдо кардани кори музди хубдошта ҳазорҳо километрро тай мекунад. Аммо масофаи бузургро паси сар карда, ӯ кор пайдо намекунад, ба яъсу ноумедӣ меафтад, ғамгину парешонҳол дар кӯчаҳо мегардад, намедонад, ки чӣ кор кунад ва чӣ чора андешад. Сабаби асосии ба ин аҳвол афтодани вай дар айни замон пул надоштани ӯст. Ӯ ба пештахтаи мағозаҳои бузург менигарад, ба чеҳраи одамони хушбахт нигоҳ мекунад, ки назар ба ӯ хеле муваффақу хушбахтанд ва пасиҳам аз ҳама ҳасад мебарад. Ба одамони хушсарулибос нигариста, худро одами хеле кӯчак, паст ва залил эҳсос мекунад.

Аммо барои озмоиш ба ӯ як маротиба пули бештар диҳед, ё дар ҷайби вай маблағи хубро ноаён гузоред, ӯ ҳамоно дигар хел фикру андеша мекунад. Дар бораи тағйири қиёфаи ӯ чизе намегӯем, ҳатто рафтори ӯ дигаргун мешавад. Ана, дидед, чӣ гуна пул ба рӯҳияи инсон таъсир мерасонад. Шумо шояд аз фикри худ нагашта, ҳоло ҳам бар он андешаед, ки пул сабаб шуда наметавонад?

Ба таҷриба ва тадқиқоти мо бовар кунед, пул дар ҳаёти инсон аз он чӣ, ки шумо тасаввур мекунед, бештар аҳамият дорад.

Бештари одамони мискин аз орзуи худ даст мекашанд, зеро онҳо сармояи ибтидоӣ надоранд. Онҳо фикр мекунанд: «Ман мехоҳам ба бизнес машғул шавам, ман идея дорам, аммо пул надорам». Ҳазорон одамоне ҳастанд, ки мегӯянд: «Ба ман пул диҳед, ман худам чӣ кор карданамро медонам!» Ҳатто онҳое, ки ҳеҷ гоҳ ба бизнес сару кор надоштанд, низ чунин мегӯянд.

Аммо мушкил он аст, ки онҳо ҳанӯз асрореро дарк накардаанд, ки онро одамони муваффақ медонанд. Оё медонед, дар ин ҳолат одамони

E-mail: ziyozoda@gmail.com



сарватманд чӣ гуна фикр мекунанд? Онҳо мегӯянд: «Барои он ки ба соҳибкорӣ машғул шавед, пул чизи асосӣ нест, он то ҷое, яъне 15 фоиз муваффақиятро муайян мекунад. Имкониятро истифода бурдан тавонистан муҳим аст». Омили асосӣ барои бомуваффақият пеш бурдани соҳибкорӣ муносибат ва робитаҳо мебошанд. Барои пайдо кардани робита мақом, обрӯ, ном зарур аст, яъне шумо кистед? Дар ҷомеа чӣ гуна мавқеъ доред ва киҳо атрофи шуморо иҳота кардаанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки сантехникро сантехник мешиносад, вакили дифоъ (адвокат) бо вакилони дифоъ робита дорад, одами камбағалро одамони худаш барин мискину бечора иҳота кардаанд. Барои он ки ин давраи бастаро бишканед, бояд доираи шиносҳои худро васеъ кунед. Бар замми ин бо намояндагони соҳаҳои мухталиф иртибот барқарор намудан зарур аст.

**Дар хотир нигоҳ доред, ки барои бомуваффақият пеш рафтани бизнес се чиз зарур аст. Якум, шахсе будан зарур аст, ки доираи васеи шиносҳои худро дошта бошед. Дуввум, малакаю маҳорат зарур аст. Шумо бояд донед, ки чӣ кор мекунед ва чӣ гуна онро анҷом медиҳед, иттилооти заруриро оиди он соҳае, ки мехоҳед ба он машғул шавед, ҷамъ карда, онҳоро бештар омӯзед, самти худро дар он чун моҳӣ дар об муайян кунед. Саввум, бояд пул пайдо кунед. Дидед, ки пул дар навбати охир зарур аст. Бинобар ин пеш аз он, ки ба соҳибкорӣ машғул шавед, бештар бо одамони зиёд муносибат барқарор кунед, дониш омӯзед ва пас аз ҳама, дар бораи ҷиҳати молиявии бизнес фикр кунед.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



## САРГУЗАШТИ ШИРКАТКУНАНДАГОНИ ТРЕНИНГҲО

Ман, Галина Андреевна Юн, парастори дараҷаи олӣ, шавҳарам духтур, ҷарроҳи дараҷаи олӣ, Валентин Леонтевич Юн, ӯ одами соҳибэҳтирому машҳури вилоят буда, Аълочии тандурустӣ ва ташкилотчии собиқадор аст. Мо дар шаҳри Оқсойи вилояти Қазоқистони Ғарбӣ зиндагӣ мекунем.

Ману шавҳарам то соли 1996 дар беморхонаи марказии ноҳиявии шаҳри Оқсой кор мекардем. Ин ҳамон даврае буд, ки шаш моҳ додани маош ва нафақаро ба таъхир гузошта буданд. Вазъияти молиявӣ бениҳоят сангин буд. Ҳамон сол ҳукумати мо иҷозати кушодани муассисаҳои табобатии хусусиро дода буд. Мо дер боз дар ин бора орзу мекардем ва ба набудани пул нигоҳ накарда, дар назди худ мақсад гузоштем, ки дармонгоҳи хусусӣ таъсис медиҳем.

Дар навбати аввал аз робитаҳои худ истифода кардем. Бо мадади ҳаммаслакони худ, табибоне, ки мехостанд бизнеси худро кушоянд ва дӯстон ҳама чизро, ки барои кори дармонгоҳ лозим аст, ҷамъ кардем. Табибон аз Оренбург, Уралск ва дигар минтақаҳо, ки дар он вақт бемористонҳои онҳоро баста, таҷҳизоту абзори онҳоро аз эътибор соқит карда буданд, ба мо дасти мадад дароз карданд.

Бародари хурдиам қаҳвахонаро баста, ба мо курсӣ, миз, зарфҳо ва ҷевонҳоро дод. Нимкат, мизи ҷароҳатбандӣ ва масҳро писарон ва набераҳоям сохтанд, ки ороиши онҳо аз маҳсулоти фабрикавӣ фарқ намекард. Инчунин бемороне, ки онҳоро Валентин Леонтевич ҷарроҳӣ карда буд, кӯмак расонданд. Ашёи нарм ва сахтро ҳама якдилона ҷамъ кардем, сачоқ, ҷойпӯш, парпечҳоро худамон дӯхтем.

Баъд аз он дар бораи пул фикр кардем, он барои сабти ҳуҷҷатҳо, пардохти иҷора ва дигар харҷҳо зарур

E-mail: ziyozoda@gmail.com



буд. Нақша–бизнес ва ҷадвали ҷойҳои кориро тартиб дода, аз хоҳари бузурги ҳамсарам пул дархост кардем. Ӯ дар он замон ба тиҷорат машғул буд. Беҳтарин мутахассисони ноҳия ба назди мо ба кор меомаданд. Мо ним сол кор карда, тавонистем, ки пул ҷамъ карда, қарзҳои худро ҳисобӣ кунем ва муассисаи табобатии дорои 15 катро кушоем. Беморхонаи хусусии «Тансиҳатӣ» соли 1997 кушода шуд, ки аввалин маротиба дар вилояти Қазоқистони Ғарбӣ муассисаи табобатӣ ва дармонгоҳро дар як ҷо муттаҳид карда буд.

Дар дармонгоҳ ба қабул ва табобати дардмандон табибони ҷарроҳ, гинеколог, терапевт, аллерголог, қалбшинос, табиби пӯст, табиби кӯдакона ва дандонпизишк машғул буданд. Дар муассисаи табобатӣ беморҳои терапевтӣ, риштаи ҷарроҳӣ ва баъзан бачаҳо табобат мегирифтанд. Ҷарроҳии нақшавӣ дар узвҳои маҳватаи ишкам гузаронида мешуд, омоси безарари бофтаҳои мулоим ҷудо карда шуда, ҳамчунин ҳуҷраҳои ёрирасон фаъолият мекарданд.

Соли 1998 раёсати тандурустии вилоят барои мо фармоиши давлатӣ пешниҳод кард, дармонгоҳро ба аҳолии маҳаллӣ вобаста намуданд ва ба сари ҳар кас маблағи муайянеро ҷудо намуданд. Мо ҳамон вақт тавонистем, ки дастгоҳҳои ҳозиразамони ташхисӣ харидорӣ кунем. Чеҳҳо ба мо электрокардиографи ғайрисайёр туҳфа карданд. Утоқҳои ташхиси ултраовозӣ, ЭКГ, озмоишгоҳи клиникӣ ва биохимикӣ фаъолият мекарданд. Ташхиси ректороманоскопӣ, гастродуоденоскопӣ, компютерӣ гузаронида шуда, ҳамчунин ташхиси тарзи ғайрихаттӣ дар дастгоҳи «Оберон», таҳқиқи рентгенологӣ дар дами патологияи устухон низ гузаронида мешуд. Ҳамчунин утоқҳои физиотабобат, КВЧ ва Су-Ҷок-терапия кушода шуда буданд.

Соли 2002 вазири тандурустии Қазоқистон ба беморхонаи мо ташриф овард. Таърихчаи беморхонаи мо дар китоби «Тандурустии Қазоқистон» оварда шудааст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Принсипҳои асосии фаъолияти мо хушмуомилагӣ, ғамхорӣ, хизматрасонии сифатноки тиббӣ, ҳирфияти воло мебошанд. Бинобар ин беморхона шуҳрати зиёд касб кардааст. Ва барои мо даромади устувор меоварад.

## ▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### МАРК СУКЕРБЕРГ

Марк Сукерберг соли 1984 дар шаҳри Доббс-Фэрри таваллуд ёфтааст. Аллакай дар синфи 6-ум диққати ӯро дунёи ҳайратовар ва фарогирандаи барномасозии кампютерӣ ба худ ҷазб кард. Дар синфи 9 бозии начандон калони худро бо номи «Хатар» пешниҳод карда буд. Аммо комёбии ҳақиқӣ ба Марк камтар дертар, вақте ки дар мактаб-интернат, дар шаҳри Ню-Хэмпшир таҳсил дошт, муяссар шуд. Ӯ барои медиаплеери Windows маводи иловагӣ навишт.

Ширкатҳои бузург зуд ба он ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Ҳатто ба Марк барои таҳияи барнома 2 миллион доллар пешниҳод карданд, аммо ӯ ин пешниҳодро рад карда, барои таҳсил ба Гарвард рафт. Ӯ хуб дарк мекард, ки барои комёбии ҳақиқӣ ҳанӯз дониши кофӣ надорад.

Маҳз дар давраи таҳсил идеяи таҳияи Facebook ба майнааш омад. Дар аввал ӯ бо гурӯҳе аз бачаҳо дар барномае кор мекард, ки аз рӯи моҳият тимсоли он буд. Аммо ӯ боре ба шарикони худ эълон кард, ки корро дар болои сайт ба анҷом расонда наметавонад. Баъд аз чанд вақт Facebook пайдо шуд, ки сабти он барои тамоми донишҷӯён ва мактаббачагон озод буд.

Ба зудӣ сайт аз марзи (сектор) таълиму тарбиявӣ берун рафта, рӯз то рӯз шуҳрати бағоят зиёд касб мекард. Баъд аз таъсис додани он аз як сол камтар вақт гузашта буд, ки ин шабакаи иҷтимоиро аллакай бештар аз 1 миллион одам истифода мебурданд. Аммо барои

E-mail: ziyozoda@gmail.com



рушди барнома пул зарур буд ва он ба зудӣ ба Facebook омада мерасид. Дидед, дониш, малака, идеяи барҷаста ибтидои комёбӣ гардид. Бо мурури замон маблағҳои пулӣ худ аз худ омадан мегирифтанд ва масъалаи ҷалби маблағҳои иловагӣ низ аз байн рафт.

Вақте ки шумораи истифодабарандагон аз 50 миллион бештар гардид, ширкатҳои бузург пасиҳам дар бораи харида гирифтани лоиҳа таклиф пешниҳод мекарданд. Ба ҳамин минвол як вақт «Yahoo» барои шабакаи мазкур 900 миллион доллар пешниҳод кард. Соли 2007 ширкати Macrosoft 1,6% саҳмияҳои Facebook-ро ба маблағи калон, ки аз 240 миллион доллар иборат буд, ба даст овард. Бисёр коршиносони риштаи молия ин муомиларо ба таҳлилу баррасӣ гирифта, тахмин мекарданд, ки арзиши умумии Facebook 15 миллиард долларро дарбар мегирад. Барои ширкате, ки даромади солонааш аз 200 миллион доллар боло нарафтааст, ин натиҷаи ночиз нест!

Ба туфайли имкониятҳои наве, ки Facebook ба ҳамсинфон додааст, акнун онҳо баъди хатми мактаб аз назари якдигар ғоиб намешаванд, сарфи назар аз масофа ҳамаи дӯстон ба ҳамдигар наздиканд. Зеро иртибот байни одамон ба василаи сайт танҳо аз мукотиботи мустақим иборат нест. Бо кӯмаки сурату видео ҳама гуна иттилоот ва чизҳои дигарро шумо мебинед, ки дӯсти шумо чӣ гуна зиндагӣ мекунад. Истифодабарандагони Facebook рӯз то рӯз зиёд мешаванд.

**ХУЛОСА. Бо пул маҳдуд нашавед, вақте ки зарур шуд, он ба миқдори зарурӣ пайдо мешавад. Диққати худро ба идеяҳои сермаҳсулу самаранок ҷалб намоед, аз ҳамаи имкониятҳои мусоид истифода баред, вусъат бахшидани доираи шиносҳои муфидро фаромӯш накунед, зеро робитаҳо дар марҳилаи амалӣ шудани орзуҳо ба шумо кӯмак карда, бисёр масъалаҳоро ҳал мекунанд.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ БИСТУПАНҶУМ

Камбағалӣ муттасил инсонро аз ҳама гуна неруи равонӣ ва накӯкорӣ маҳрум мекунад. Ҷуволи холиро рост мондан мушкил аст.

***Б.Франклин***

**Одамони камбағал тибқи категорияи «гарчанде ман пул надошта бошам ҳам, аммо одами накӯкору меҳрубонам!» фикр мекунанд. Одамони сарватманд тибқи категорияи «дорой ба ман имкон медиҳад, ки бештар накӯкорӣ кунам» андеша мекунанд.**

Одамони камбағал тибқи категорияи **«гарчанде ман пул надошта бошам ҳам, аммо одами некӯкору меҳрубонам!»** фикр мекунанд. Онҳо пул надоштани худро таъкид мекунанд, гӯё бо ин ифтихор мекарда бошанд. Мегӯянд: «Хуб аст, ки ман пул надорам, агар ман пул медоштам, чунин одами бовиҷдон набудам». Равиши ҷолиб - агар ман пул медоштам, эҳтимол, чунин одами хуб намешудам!

Одамони сарватманд **тибқи категорияи «дорой ба ман имкон медиҳад, ки бештар накӯкорӣ кунам»** андеша мекунанд. Ин ҳамин тавр аст. Медонед, накӯие, ки дар интизори ҷавоби он анҷом дода мешавад, ин некӣ нест. Накӯие, ки аз рӯи принсипи «ман ба ту, ту ба ман» аст, аллакай шартнома дар шароити мутақобила аст, на некӣ.

Мо хеле зуд-зуд мешунавем, ки одамон мегӯянд: «Медонед, ман фалону фалон одамонро кӯмак кардам, аммо онҳо инро надонистанд, ба ҷои миннатдорӣ ана чунин карданд». Ин мулоҳизаронии нодуруст

E-mail: ziyozoda@gmail.com



руст аст. Агар шумо одами накўкор бошед, новобаста аз он, ки он баргардонида мешавад ё не, накўӣ кунед. Ҳеҷ гоҳ дар ин бора ёдрас накунед, касеро барои носипосӣ ва кўрнамакӣ таънаву маломат назанед. Вақте ки шумо дар интизори амали мутақобила чизеро анҷом медиҳед, он аллакай шартномаи муфид аст.

Худованд дар дар Қуръон мефармояд: «Хайру эҳсон ва амалҳои неки худро бо миннат гузоштан ботил накунед» ва ё дар ҷои дигар омадааст: «Мисоли одамоне, ки хайру эҳсонашонашонро миннат мекунанд ба харсанге мемонад, ки дар болои он чангу ғубор нишастааст ва ҳангоми боридани борон, ҳамаи он аз байн меравад ва харсанг тоза мешавад».

Одамони сарватманд тибқи категорияи «агар ман пул ба даст оварам, метавонам бештар корҳои хайрро анҷом диҳам» андешаронӣ мекунанд. «Ман метавонам пули таҳсили ҷавонони қобилиятнокро, ки бо сабаби надоштани пул маълумоти олӣ гирифта наметавонад, пардохт кунам. Ман метавонам пули табобати одамони камбизоатро пардохт кунам, ба муҳтоҷони бисёр ёрӣ кунам». Ин чизро дар бораи шумо низ метавон гуфт. Шумо метавонед роҳ, мактаб, беморхона созед. Шумо метавонед дар ҳаққи пиронсолон ғамхорӣ кунед, шумо метавонед дар соҳаи илм тадқиқотҳои навинро сармоягузорӣ кунед, то ки ҳаёти одамон рў ба беҳбудӣ оварад.

Ана, дидед, агар шумо пул дошта бошед, агар шумо сарватманд шавед, метавонед барои одамон корҳои бисёр хуб анҷом диҳед. Ҳамаи одамони доро ва муваффақ чунин мекунанд.

- САРГУЗАШТИ ИБРАТОМЎЗ

**АЛФРЕД НОБЕЛ**

Ба Алфред Нобел - олим ва ихтироъкори машҳури шведӣ 350 патент (шаҳодатномае, ки ҳуқуқи ихти-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



роъкорро ба чизи ихтироъкардааш тасдиқ мекунад) таллуқ дорад. Аз он ҷумла, патентҳо барои ихтирои обченкунак, барометр, дастгоҳи яхкунонӣ, сархонаи газ, тарзи такмилдодашудаи гирифтани кислотаи сулфат, конструксияи мушакҳои ҷангӣ ва ғайра. Бойигарии асосиро барои Нобел истеҳсоли динамити ихтироъкардаи ӯ овард, ки патенти он 7 майи соли 1867 ба вай супурда шуд. Корхонаҳои асосии Нобел дар 20 кишвар ҷойгир шудаанд ва моддаҳои гуногуни тарканда, ки аз ҷониби ӯ ихтироъ карда шудаанд, дар 100 завод дар рӯи ҷаҳон истеҳсол карда мешаванд.

Аз афташ, Нобел гуноҳро барои ихтирои динамит эҳсос кард, ки он ба мақсади ҳарбӣ ба таври васеъ истифода мешуд. Ӯ гуфта буд: «Мехоҳам, ки модда ё машинае ихтироъ кунам, ки чунон нерӯи харобкунандае дошта бошад, ки ҳама гуна ҷанг ғайриимкон гардад». Алфред Нобел одами раҳмдилу меҳрубон ва сулҳдӯст буд. Ӯ ҳангоми дар қайди ҳаёт будан барои баргузор кардани конгрессҳо бахшида ба масъалаи сулҳ пул ҷудо мекард ва аксар вақт худ низ дар кори онҳо ширкат мекард.

Ба даст овардани пул барои ӯ ҳеҷ гоҳ мақсади асосӣ набуд. Бинобар ин ӯ аз имкониятҳои худ ба осонӣ истифода намуда, қисме аз дороии худро барои дастгирии шахсиятҳои барҷастаи тамоми дунё равон мекард. Ӯ ҳақиқатан кори худро дӯст медошт ва кор ӯро сарватманд кард. Вай ба электрохимия ва оптика, биология, тиб машғул буд, ҳамчунин тормози худкор ва дегҳои буғии бехатарро сохт ва саъю талош дошт, ки резин ва пӯсти маснӯъӣ тайёр мекунад. Нитроселлюлоза ва абрешими маснӯиро таҳқиқ карда, хӯлаи сабукро бори аввал истеҳсол кардааст. Ӯ, бидуни баҳс, яке аз донишмандтарин одамони замони худ буд. А. Нобел китобҳои бисёре оид ба техника, тиб, таърих, фалсафа ва адабиёти бадеӣ мутолиа карда буд. Бо шоҳону вазирон, олимону соҳибкорон, рассомону нависандагон, аз он ҷумла бо Виктор Гюго ошно буд. Дониши васеъ ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com



муҳаббат ба илм, ҳамчунин меҳнатдӯстии беандоза ба ӯ комёбӣ оварданд. Аз ҳисоби ихтирооти худ маблағи бисёр ба даст оварда, дар охири ҳаёташ Нобел қисме аз пулҳои худро барои ҷоиза, ҳамчунин ҷоизаи сулҳ, ки ба олимон ва сиёсатмадорони барҷаста дода мешавад, васият карда буд. Аз рӯи васиятнома ҷоиза «ба онҳое дода мешавад, ки дар соли гузашта ба инсоният манфиати бештар овардаанд». Бо мурури замон Ҷоизаи Нобел мукофоти боэътибортарин барои муваффақият дар риштаи илм, фарҳанг ва фаъолияти ҷамъиятӣ гардид.

Имрӯз миқдори Ҷоизаи Нобел 10 миллион крони шведиро (1,5 миллион доллари ИМА) ташкил медиҳад. Дар ҳар номгӯй маблағ метавонад байни барандагони ҷоиза тақсим шавад, аммо шумораи ҷоизагирон дар ҳар номгӯй бояд аз се нафар зиёд набошад. Аз соли 1901 то соли 2011, 830 нафар одамон ва 23 созмон барандаи Ҷоизаи Нобел гардидаанд. Онҳо дар якҷоягӣ қисми хеле бузурги таърихи илм ва фарҳанги ҷаҳонро муаррифӣ мекунанд. Дар қатори онҳо аз он ҷумла Вилгелм Конрад Рентген - кашфкунандаи нурҳои рентгенӣ, Мария Склодовская Кюри барои тадқиқот дар соҳаи радиоактивӣ, Александр Флеминг барои кашфи пенсилин, ки ҳаёти миллионҳо одамонро дар нимаи дуввуми асри XX наҷот додааст, ворид мешаванд. Ҷоизаи Нобелии сулҳро чунин арбобони барҷаста ба монанди Мартин Лютер Кинг, Нелсон Мандела ва Барак Обама сазовор гардидаанд. Миёни муаллифони ба ҷоиза сазоворгардида дар риштаи адабиёт Эрнест Ҳемингуэй, Тони Маррисон, Редярд Киплинг, Дорис Лессинг ва бисёр дигарон ҳастанд.

**ХУЛОСА. Пул имконияти шуморо барои рафтори нек кардан муайян мекунад. Агар шумо худ камбағал бошед, дар гумон аст ба онҳое, ки ба кӯмак ниёз доранд, мадад расонда тавонед. Аз ҳама бехтарин кӯмак ба одамони нодор ин яке аз онҳо набудан аст.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ БИСТУШАШУМ

Барои зиндагӣ кардан, бояд пул кор кард. Аммо барои сарватманд шудан чизи дигареро бояд фикр кард.

**Алфонс Карр**

**Одамони камбағал тибқи категорияи «танҳо бо меҳнати вазнину доимӣ доро шудан мумкин аст» фикр мекунанд. Аммо одамони сарватманд тибқи категорияи «барои доро шудан фикр кардан зарур аст» андеша мекунанд.**

Одамони камбағал **тибқи категорияи «танҳо бо меҳнати вазнин ва муттасил доро шудан мумкин аст»** фикр мекунанд. Бовар кунед, дар тренингҳои худ ман зуд-зуд мешунавам, ки мегӯянд: «бояд меҳнат кард ва боз меҳнат кард». Ман намегӯям, ки бе ягон шуғл сарватманд шуда метавонед. Биёед, тарзи зиндагии ҳам одамони камбағал ва ҳам сарватмандро тасаввур мекунем. Вақте ки мо «одами камбағал» мегӯем, дар сари мо чӣ гуна тасаввурот пайдо мешавад? Турушрӯю ғамгин, рӯи пур аз ожанг, дар дастҳо обила, дар бар либосҳои нимдошт, ким-куҷое дар завод, фабрика, ё сохтмон кор мекунад, субҳидам барвақт ба кор меравад, шоми торик бармегардад.

Акнун биёед бубинем, вақте ки ибораи «одами сарватманд»-ро талаффуз мекунем, дар пеши назари мо чӣ гуна образ пайдо мешавад. Либосҳои зебо дар тан пӯшида, савори яхта ё лимузин аст, голф ё би-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



лярд бозӣ дорад, дар ҳавлии шахсии худ зиндагӣ мекунад. Аҷиб аст. Агар мантиқан андеша ронем, бояд чунин набошад. Касе, ки аз субҳ то шом кор мекунад, бояд сарватманд бошад. Аммо баръакс ва ғайри мантиқист. Барои чӣ ғайримантиқист? Зеро сарватманд бояд касе бошад, ки бештар кор мекунад, аммо на он кӣ бештар истироҳат мекунад.

Аммо дар ин ҷо асрори дигар нуҳуфтааст. Одамони камбағал муътақиданд, ки танҳо бо меҳнати сангини ҷисмонӣ пул кор кардан мумкин аст. Дарвоқеъ, онҳо фақат ба меҳнати ҷисмонӣ одат кардаанд ва фикр мекунанд, ки агар бештар заҳмат кашанд, хубтар зиндагӣ мекунанд.

Аммо одамони сарватманд тибқи категорияи «барои доро шудан фикр кардан зарур аст» андеша мекунанд. Онҳо ин асрори муҳимро хуб дарк кардаанд. **Пул дар ҳаёти мо на барои он пайдо мешавад, ки кори зиёд мекунем. Он танҳо бо як сабаб пайдо мешавад пул натиҷаи тафаккури эҷодӣ аст, маҳз фикр ба пули нақд мубаддал мегардад.** Бояд бисёр фикр кард, пул туфайли ҳамин қобилияти мо пайдо мешавад. Агар шумо ба фикр кардан оғоз кунед, имконият пайдо шуда, ба шумо кӯмак мекунад, ки дар ҳақиқат пули хуб кор кунед.

Дар марҳилаи аввал саъй кунед, ки вақти бештари худро на ба кор, балки дар андешаи чӣ гуна мақсади худро амалӣ кардан сарф кунед. Дар ин амал на кам аз шаст фоизи вақти шумо бояд масраф гардад. Ба ҷамъоварии иттилоот машғул шуда, андеша кунед. Маҳорату малакаи худро боло бардошта, фикр кунед. Қобилиятеро инкишоф диҳед, ки барои амалӣ гардидани орзу ба шумо кӯмак мекунад.

Пул на натиҷаи меҳнати сангини ҷисмонӣ, дар натиҷаи эҷод ва нерӯи тафаккур дар

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**китъаи замини худ, дар завод ва дар фабрика аст . Он натичаи корест, ки роҳу усули дигар дорад, яъне кори тафаккур ба ҳисоб меравад. Он арзиши гарон дошта, назар ба ҳама гуна кори чисмонӣ манфиати бештар ва даромади бисёр меорад. Пул дар натичаи истифода бурдани нерӯи ақлонӣ пайдо мешавад.**

**Аксарияти мардуми мо на бо ақлу зеҳн,** балки бо даст кор карда метавонанд. Агар дар мо китоб хонӣ, туро одами бекору коҳил меҳисобанд. Фикр мекунанд,ки ту ба ғайр аз китобхондан дигар коре надорӣ ва кореро ҳам анчом дода наметавонӣ. Мардуми мо фикр мекунанд,ки касе китоб мехонад, вақти зиёд дорад. Мутассифона, касе ки бо дасту панча бисёр кор мекунад, одами боэътибор ва соҳибэҳтиром шинохта мешавад. Бинобар ин мо танҳо анчом додани кори чисмониро омӯхтаем. Масалан, мо «бардор», «фурор», «биёр», «бурда расон», «бирӯб», «бичин» ва ғайраро анчом дода метавонем. Бароямон гӯё касе зарур аст, ки пешакӣ чӣ кор кардани моро ба нақша гирад ва мо он корро анчом диҳем, танҳо гӯяд чӣ кор кунем, дигар басанда аст. Дар вақти начандон тӯлонӣ ҳамаи гуфтаи корфармо сад дар сад ичро мешавад. Аз ин рӯ дар дигар кишварҳо, аз чумла дар Россия 95% «корҳои сиёҳро» мардуми Осиёи Миёна аз он чумла точикон ҳам анчом медиҳанд. Барои халосӣ аз меҳнати сангин ва бекадру киммат бояд бисёр хонд ва омӯхт. Хондан суръати фикру ҳушёрии зеҳн ва ҳамчунин фаросату ҳисси пешбинӣ ва дарк карданро беҳбудӣ мебахшад. Бештар китоб хонед!

E-mail: ziyozoda@gmail.com



## МУЛОҲИЗАИ
### ширкаткунандаи тренинг дар мавзӯи «Барои сарватманд шудан фикр кардан зарур аст»,

Замоне, ки ман дигар тавони кор кардан надоштам собиқаи кориам аллакай аз бисту панҷ сол гузашта буд. Давраи меҳнати сангин ва бардавом дар дунёи молиявии ҳаёти ман бо дигаргунии назаррас анҷом нашуд, аммо овози гуворои Саидмурод Давлатов «Камбағалон дар дараҷаи «фақат бо меҳнати сангин ва бардавом...» садо доду ман якбора як қад паридам - ин дарс бораи ман аст.

Дуруст аст, пас аз давраи омӯзиш ман фикр кардам ,агар бо меҳнати сангини ҷисмонӣ набошад, пас аниқ бо меҳнати бардавоми зеҳнӣ ман метавонам ҳаёти шоиста ба сар барам ва шояд сарватманд низ шавам, аз ҳама муҳим кор кардан аст ва баъд маълум мешавад эҳтимол, «сим-сим» дарро кушояд. Ман барои саёҳат пул мехостам, аз телевизор барномаи «Сафарномаҳои номақбул» бо ДК»-ро тамошо кардам, аммо фаҳмида наметавонистам, ки ин чиз чӣ тавр ба дигарон даст медиҳад. Ман андеша мекардам: «Ин туҳфаҳаи тақдир аст, ин ба онҳо дода шудааст, насиби онҳо чунин будааст».

Ман дар синни чаҳордаҳсолагиам бори аввал пул кор кардам. Аз ин пул барои худ пироҳани тарзи дӯхти классикӣ харидам ва онро ба таври худ зебу зиннат додам, ин чиз ба одамон писанд омад ва ин кор барои ман даромади кӯчак меовард, илова бар ин корро чунон моҳирона иҷро мекардам, ки касе гумон намекард, ки пироҳан дар фабрика дӯхта нашудааст. Ин кор хеле шавқовар буд, аммо дилхушии бачагона буд ва баъд аз ин барои ман ба манбаи даромад табдил ёфт. Ман дар синни 28-солагиам хонаи аввалини худро харидам.

Одамони сарватманд тибқи категорияи «барои сарватманд шудан фикр кардан зарур аст» андеша ме-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



кунанд. Чӣ хел фикр кардан зарур аст? Оё ман фикр намекунам? Аз ин бармеоянд, ки кори муҳимро ман чандон дуруст анҷом надодам!

Ҳамчунин фаҳмидам, ки зеҳни ман, ки бо он ифтихор мекунам, академикӣ ном дошта, дар беҳтарин ҳолат ба ман имконият медиҳад, ки зарбдори меҳнати коммунистӣ бошам, аммо маҷаллаи «Форбс» на дар бораи зарбдорон, балки дар бораи соҳибони зеҳни хуби молиявӣ менависад, он абзорест, ки бидуни он пул пайдо кардан ҳақиқатан мушкил аст. Ман пул кор мекунам, аммо онро бояд афзун намоям, боз онро аз рӯи нақшаи пургиреҳ ҷамъ карда, ҳамчунин «посбонӣ» кунам, то ин ки аз ман «нагурезад». Ба ҳар навъ бо Шарқ метавон иддао кард, вале кори молия бенихоят нозук аст. Афзалияти инро ман хеле зуд фаҳмидам, ин пасандози пурсамари вақт аст. Эҳтимол, ҳамаи шумо ба варзиш машғул шудаед, ана, ба ин чиз хеле монанд аст: натиҷа ва эҳсоси қувва. Ҳама гуна меҳнат боиси ифтихор аст, аз он ҷумла ин ҳам.

Ман ба омӯзиши ҳаёти одамони муваффақ шурӯъ карда, дақиқаҳои рӯҳбаландии онҳоро якҷоя паси сар кардам. Фаҳмидам, ки онҳо кореро ё чизеро бешуурона анҷом надодаанд. Бояд ҳамеша дар ҷараён буд. Пул нерӯи зеҳнӣ аст. Набояд ба фикре фирефта шавед, ки чунин нерӯи зеҳнӣ чӣ гуна кор мекунад. Воқеаи муназзам ва мувофиқ, одамон, лоиҳаҳо худашон пайдо мешаванд. Ман чунин суолҳо доштам: «Ҳо, ман инро чӣ гуна метавонам? Чӣ гуна? Шояд зарур набошад?»... ва хуб мешуд, ки хайрбод накарда, ба тарзи англисӣ равам, зеро ман боварӣ доштам, ҳар чизе, ки дар ин лаҳзаҳо аз худ нишон медодам, ба таври муштарак қобилияти маро ташкил медоданд.

Ниҳоят он иқтидор аст, яъне он чизе, ки ба ман расидааст, «бойигарии ҳаётии ман, оби ширин ва кони тилло». Аммо иқтидори ман дар зери бори «меҳнати бешуурона» заиф шудааст ё онро тасодуфан мавзеи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ҳузуру ҳаловат «фурӯ» бурдааст. Эъломияи ҳуқуқи меҳнаткашон фармудааст: «Роҳ ба зеҳни молиявӣ!»

Як нафар бизнесмен бо пули ниҳоят гарон аз Аврупо айғирҳои хушзоти англисӣ мехарад. Бизнесмени дигар дар сар нақшаи кори навро дорад: байтали ҳамин зотро дар Осиё арзонтар харида, ба парвариши аспҳои даванди гаронбаҳо машғул мегардад. Соҳибкори мазкур мегӯяд: «Танҳо бо соҳиби аспҳои нар қарордод бастан боқӣ мондааст, дар натиҷа баъд аз се сол ман ҳам соҳиби ҳамин хел аспҳо мешавам». Ана, баъзан одамон чунин фикр мекунанд. Ин воқеаи ҳаёт аст, онро ман шояд, нодуруст нақл кардам, зеро дар бораи «аспҳо» зиёд намедонам.

**ХУЛОСА. Ҳамаи ашёи моро иҳотакарда - автомобилҳо, ҳавопаймоҳо, асбобу анҷоми рӯзгор, хонаҳо, либосҳо - замоне фикру хаёли ашхос будаанд.**

- САРГУЗАШТИ ИБРАТОМУЗ

## КИНГ КЕМП ЖИЛЛЕТ

Кинг дар оилаи тоҷири хурд ба дунё омадааст, аз ин рӯ дар синни 16-солагӣ ба ҳайси омил (агент) корро шурӯъ кард. Аммо ба ғайр аз савдо падар шавқу завқи дигаре дошт: дар вақти ғайрикорӣ ба ихтироъкорӣ машғул мешуд. Дар овони бачагӣ ҳамеша ҳангоми ба кор машғул будани падар Жиллет ӯро наззора карда, орзу мекард чизеро худаш созад, ки он нафърасон бувда, талабгори зиёд дошта бошад ва ӯро сарватманд гардонад. Бар замини ин ният дошт, ки ихтироъкорӣ фаъолияти асосии ӯ бошад. Аммо, афсӯс, то замони амалӣ шудани мақсадаш беш аз 30 сол гузашт ва ӯ ав-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



валин ихтирооти ҷиддии худро анҷом дод, ки он ба ӯ миллионҳо доллар даромад овард.

Идеяи сохтани дастгоҳи ришгириро ба Кинг сардори ӯ талқин карда буд. Ӯ ҳамеша маслиҳати пурарзиш дода, мегуфт, ки дар андешаи сохтани чизе бошад, ки бе истифодаи он инсон илоҷи дигар надошта бошад ва ягон чизи оммавие созад, ки зуд вориди ҳаёти ҳама гуна америкой гардад. Жиллет ҳар рӯз барои мулоҳиза намудани ин матлаб вақти муайян ҷудо мекард.

Аммо тавре дар бисёр маврид пеш аз кашфиёти бузург рух медиҳад, ин идея комилан ногаҳон дар майнаи ӯ пайдо шуд. Як субҳи барвақт Кинг барои гирифтани риш ба назди оина омада, дар ҳамин асно дид, ки теғи поку кунд шудааст. Вай маҷбур шуд, ки аз баҳри ришта-рошӣ гузашта, барои дами теғашро тез кардан назди усто равад. Дар ин лаҳза Жиллет фикр кард, ки бо пешниҳоди риштарошаки як маротиба истифодашавандае, ки теғҳои арзони ивазшаванда дошта бошад, мумкин аст ҳаёти аксари мардони оламро сабуктар гардонид. Оре, риштарошак, вале он бояд арзон бошад!

Идеяи мазкур дурнамои хуб дошт, аммо роҳи амалӣ гардонидани он тахту ҳамвор набуд. Танҳо барои ҷустуҷӯи таъминкунандаи пӯлоди мувофиқ 6 сол сарф гашт. Қисмати техникӣ низ қабули тасмими ғайримуқаррариро талаб мекард. Масъала баъд аз вохӯрӣ бо ихтироъкор Уилям Никерсон ҳал шуд, ки технологияи зарурира дар ихтиёр дошт. Ба зудӣ бо пӯлоди таҳиянамудаи Никерсон дастгоҳи ришгирии Т-шакл омода гашта, барои истеҳсоли он шаҳодатномаи тасдиққунандаи ихтироъро гирифтанд.

Соли 1903 аллакай истеҳсоли мураттаб ва пайвастаи дастгоҳи ришгирии Gillette шурӯъ шуд. Фурӯш бениҳоят нокифоя буд ва он боиси ташвиши сармоягузорон гашт. Аммо соли 1904 ҷаҳише ба мушоҳида расид, ки онро Кинг Кемп дербоз интизор буд. Ширкат бештар аз 100 ҳазор дастгоҳи ришгирӣ фурӯхт. Амрико ба риштарош-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



акӣ нав хеле зуд одат кард ва дар баробари он ширкат баъд аз 5 сол 13 миллион доллар даромад ба даст овард.

Барои равнақ додани ихтирои худ Жиллет аз навъи нави бизнес истифода кард. Дастгоҳҳои ришгирӣ аз арзиши аслии худ арзонтар фурӯхта мешуданд. Муассисони ширкат мепиндоштанд, ки дастгоҳро фурӯхта, бозорро тасхир мекунанд ва баъди фурӯхтани тегҳо даромад ба даст меоваранд. Имрӯз ин навъи бизнес «хӯрхӯрак-чанг» номида шуда, аз ҷониби бисёр ширкатҳо истифода мешавад. Масалан, Sony приставкаи Play Station-ро аз арзиши аслиаш арзонтар фурӯхта, аз ҳисоби фурӯши литсензияи бозӣ даромад ба даст меорад. Бизнеси аксари истеҳсол кунандагони принтерҳо низ бо ҳамин усул ба роҳ монда шудааст. Ин гуна ширкатҳо аз ҳисоби фурӯши картриҷ ва ранг даромад ба даст меоваранд.

**ХУЛОСА. Ояндаи шумо ба фаъолияти пурсамари мағзатон алоқаманд аст. Бинобар ин бештар мутолиа кунед, танҳо мутолиа зеҳнро тақвият бахшида, инкишоф медиҳад ва имконияти шуморо вусъат бахшида, идеяи навро ҳосил мекунад. Саъй кунед, ки ҳар рӯз барои фикру андеша кардан вақт пайдо кунед. Идеяи хуб шуморо сарватманд карда метавонад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ БИСТУҲАФТУМ

Агар ашёеро харид кунед, ки ба шумо зарур нест, ба зудӣ ашёи бароятон зарурро мефурӯшед.

*Б. Франклин*

**Одамони камбағал тибқи категорияи «рақобат» андеша мекунанд. Одамони сарватманд тибқи категорияи «беназирӣ» фикр мекунанд.**

Одамони камбағал **тибқи категорияи** «рақобат» андеша мекунанд. Аммо одамони сарватманд **тибқи категорияи** «беназирӣ» фикр мекунанд. Ин чӣ маъно дорад? Одатан, бисёр одамон аз шурӯъ кардани кори худ ва ташкил кардани бизнеси худ меҳаросанд, зеро рақибон беҳад зиёд мебошанд.

Дар таҷрибаи ман чунин воқеа низ рух дода буд. Дар шаҳри Иркутск шахсе бо нияти кушодани нонво барои пухтани чанд навъи нон ба ман муроҷиат кард. Ман ба вай гуфтам, ки дар шаҳр чунин корхонаҳо хеле зиёданд. Аммо ӯ фикрашро чунин фаҳмонд: «Медонед, ман бештар аз чил сол нонфурӯшӣ кардаам. Шумо ба ман ҷой диҳед, ман худам медонам чӣ гуна корро ба роҳ монам. Агар ҳатто ҳазор нафар одам нон фурӯшад ҳам, ман ҳазору якумини онҳо мешавам ва одамон нони маро хоҳанд харид».

Ман ҳайрон шудам. Ана, ин аст категорияи тафаккури одами сарватманд. Аз ӯ бори дигар пурсидам: «Ту боварӣ дорӣ, ки ин корро карда метавонӣ?» Ӯ дар ҷавоб гуфт: «Ба ман имконияту фурсат диҳед».

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ман ба ӯ ин имкониятро фароҳам кардам. Ва медонед, расо баъд аз ним сол ӯ дар шаҳр аллакай бист нуқтаи нонпазӣ дошт! Ӯ дар ҳақиқат ҳақ баромад. Барои чӣ? Зеро ӯ кори худро мефаҳмид. Ӯ тибқи категорияи «беназирӣ» андеша мекард.

Беназирӣ аз рақобат чӣ фарқ дорад? Фикру андешаро бо кадом роҳ ба категорияи беназирӣ машғул доштан мумкин аст? Ҳар гуна шахс аз ҳар гуна рақобат, ба шарте, ки ӯ қобилияти тибқи категорияи беназирӣ андешаронӣ кардан дошта бошад, бурд ба даст оварда, пул кор карда метавонад. Одамони сарватманд дарк кардаанд, ки одами тибқи категорияи беназирӣ фикркунанда бояд қобилияти амалӣ кардани андешаҳояшро низ дошта бошад. Ба замми ин донистани се дараҷаи арзёбии маҳсулоте муҳим аст, ки ба истеҳсоли он машғулед.

Якум, бояд дарк кунед, ки одамон танҳо барои он ба шумо пул медиҳанд, ки онҳо худашон ҳамон молро сохта ва ё хамон корро ҳамонхел хуб карда наметавонанд. Танхо дар ҳамин ҳолат онҳо ашёи истеҳсолкардаи шуморо ё хунари шуморо харидорӣ мекунанд.

Дуюм, одамон барои мол ё хизмат дар он ҳолат ба шумо пул медиҳанд, ки агар онҳо худ ба ин кор машғул нагардида, вақташонро сарфа кунанд.

Сеюм. Одамон танҳо дар ҳолате молатонро харидорӣ мекунанд, ки дар бозор аз он беҳтарашро пайдо карда натавонанд. Аммо ҳамеша интихоб вуҷуд дорад. Агар колои шумо сифати беҳтар ва нархи дастрас дошта бошад, онҳо моли шуморо мегиранд. Дидед, аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки бояд дар бораи рақибонатон фикр накунед. Шумо бояд дар бораи беназир будани маҳсулоти худ фикр кунед. Агар шумо ба ин се шарт такя кунед, ҳама чизро метавонед фурӯшед. Такрор мекунам, одамон пул пардохт мекунанд: 1)агар худашон он корро анҷом дода натаво-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



нанд; 2)агар он вақташонро сарфа кунад; 3)агар беҳтарашро пайдо накунанд.

Агар мо ҳамин се шартро риоя кунем, ба ҳар кор даст зада, ҳар гуна хизматро пешниҳод карда, ҳар гуна мол истеҳсол карда метавонем ва пули хуб ҳам кор мекунем. Аммо маълум мешавад, **ки сармояи асосӣ пул нест. Сармояи асосӣ аниқу дақиқ ташкил кардани кор, қобилияти сохтани сохтор, тартиби кор ва муҳити солим аст. Ин маънои онро дорад, ки сармояи асосӣ манбаи инсонӣ аст. Қобилияти шумо комёбиро муайян мекунад, ба он бештар аҳамият диҳед.**

- САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## ИСААК ЗИНГЕР

Исак Зингер дар оилаи камбизоат ба дунё омада, дар синни 12-солагӣ аз оила фирор мекунад ва ба оворагардӣ машғул шуда, ба корҳои гуногун даст мезад, аммо ба туфайли истеъдоди механикиаш бо як ихтирои худ мултимиллонер гардид. Соли 1851 ӯ дар Бостон дар устохонаи механикӣ кор карда, мошинҳои дарздӯзиро барои таъмир қабул мекард. Чиҳатҳои хубу арзанда ва норасоиҳои таркиби механизмҳои навро омӯхта, Зингер ба андеша расид, ки агар сӯзан на ба таври уфуқӣ, балки ба таври амудӣ ҳаракат кунад, мошин беҳтар кор мекунад ва моку аз давра берун намеравад. Ҳамагӣ дар ёздаҳ рӯз ӯ нақшаи навъи такмилёфтаи мошинаи дарздӯзиро тайёр кард. Сипас барои истеҳсоли мошинаи дӯзандагии намунаи нав бо соҳиби устохона ширкати муштараки «И.М.Зингер ва К» таъсис дод.

Назар ба мошинаҳои дарздӯзии навъи дигар намунаи мазкур бахядӯзии дарозрӯяро иҷро карда, бо ҳамин восита вақт сарфа мешуд, ҳамчунин ин корро хеле хубу босифат иҷро мекард. Ба туфайли тавсифоти техникии

E-mail: ziyozoda@gmail.com



худ, ҳамчунин саъю талоши шарики нави худ Эдвард Кларк, мудирии боистеъдод, ташкилкунии маъракаи бомуваффақияти реклама мошинаи дарздӯзии Зингер ба зудӣ машҳуртарин мошинаи дарздӯзии хонагӣ дар ҷаҳон гардида, ихтироъкори худ ва шарики ӯро сарватмандони ҳақиқӣ гардонид.

## ЭДИСОН

Соли 1878 ихтироъкори машҳур Эдисон тасмим мегирад, ки пурра ба масъалаи рӯшноии барқӣ машғул шавад. Барои муваффақ гаштан ба истифодаи умумии лампочкаҳои барқӣ дар найчаи газӣ дурахшонии муносибро нигоҳ дошта тавонистан, ҳамчунин дар рақобати нархҳо истодагарӣ кардан зарур буд. Ӯ дар рӯи коғаз тарҳи пойгоҳи маркази барқ ва нақшаи хатти интиқоли он ба манзилҳо ва корхонаҳоро таҳия менамояд. Сипас ӯ арзиши масолеҳеро ҳисоб мекунад, ки барои тайёр кардани чароғ ва пайдо кардани нерӯи барқи бо ёрии динамомошини буғӣ зарур аст. Ҳамаи иттилооти ба дастовардаашро омӯхта, ба ӯ на танҳо андозаи лампаро аниқ карда тавонист, инчунин нархи онро низ муайян намуд, ки ҳамон замон тахминан 40 сент буд. Танҳо баъд аз ин ӯ ба сохтани лампаи тафсон шурӯъ намуд, ки акнун дар колбаи шишагии он риштаи ангиштӣ насб шуда, ҳавои дохили колба кашида гирифта мешуд. Идеяи мазкур, албатта, нав набуд, пеш аз ӯ низ идеяро одамони дигар аллакай истифода карда буданд. Аммо аз рӯи сохту таркиб лампаи Эдисон аз моли пешиниён фарқ дошт. Муваффақияти асосии Эдисон он буд, ки вай дар фосилаи ниҳоят кӯтоҳи вақт барои сохтани риштаи тафсиш моддаи таъсираш бештарро пайдо кард.

Қаблан риштаҳои тафсишро аз риштаҳои одии дарздӯзии бо ангишт пӯшондашуда месохтанд. Чунин лампаҳо дар муддати 40 соат беҳад тафсон мешуданд, ки ин ҳолат боиси кам шудани муддати истифодаи онҳо

E-mail: ziyozoda@gmail.com



мегардид. Одамони зиёде ин масъаларо ҳал кардан мехостанд, аммо ин кор ба ягон нафари онҳо муяссар нагашт. Эдисон барои намунаи муносиби риштаи тафсиши муддати истифодаи он тӯлонӣ пайдо кардан тамоми моддаҳои дар таркиби худ карбондошта - маҳсулоти ғизоӣ, қатронҳо - зиёда аз 6 ҳазор намудҳои гуногуни нахҳои растаниро озмуд. Озмоиши бамбук, махсусан ҳамон намуди бамбуке, ки аз он барои бодбезаки бамбукии ҷопонӣ ҷилд месохтанд, натиҷаи беҳтар дод. Ӯ қариб ду солро пайваста барои тадқиқ ва таҷриба сарф карда, ниҳоят ба мақсадаш расид. Рӯзҳои охири соли 1879 дар қаторахои махсус фармоишдодаи Эдисон беш аз 3 ҳазор нафар одамон ба тамошои садҳо лампаҳои барқие омада буданд, ки дар устохонаи ӯ сохта шуда, дар канори роҳҳо, мошинҳои маркази динамикӣ дурахшон мегардиданд ва нерӯи барқ ба воситаи ноқилҳои заризаминӣ интиқол дода мешуд. Аз ҳамон замон сар карда, дар олам замони ғалабаи пурраи чароғи барқӣ оғоз гардида, ба ихтироъкор даромади доимӣ меоварад.

Аммо ихтирои асосии Эдисон бо номи «фабрикаи ихтироъ» машҳур гардида, иборат аз муҷтамеи бузурги озмоишгоҳҳо, сеххои фабрикӣ, дафтарҳои корӣ, китобхона мебошад. Ҳамаи ин барои гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотии бузург сохта шуда буданд. Барои кор ӯ ҳазорон одамони соҳибистеъдод ва иштиёқмандро ҷалб намуд. Дар бораи рӯзи кории қоидавӣ касе фикр намекард, ҳама, аз он ҷумла худи Эдисон то дами аз пой афтодан заҳмат мекашиданд. Қобилияти кории ӯ ҳайратангез буда, дар як шабонарӯз 17-19 соат кор мекард ва танҳо дар синни шастсолагӣ рӯзи кории худро ҳамагӣ 1,5 соат кам кард. Ӯ маълумоти касбии расмӣ надошт ва ҳатто математикаи олиро азхуд накарда буд. Ӯ тамоми умр ақида дошт, ки барои ихтироъ кардани чизи дар ҳақиқат имконнопазир баъзан онро надонистан хуб аст, аммо мутахассисон андешаи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ӯро ғайриимкон мепиндоштанд. Эдисон аз ҳисоби ихтироoти худ пул кор карда метавонист. Бизнеси ӯ беҳад гуногун буд. Баъзан ӯ аз рӯи ихтирои худ ширкате таъсис медод, ки аз он пул ба даст овардан мумкин буд. Сипас ин ширкат ба корхонаи дигар табдил дода мешуд, ё ба ширкати дигаре муттаҳид мегардид. Машҳуртарини онҳо ширкати «Эдисон ҷенерал электрик» мебошад. Эдисон ба шукӯҳу шаҳомат бепарво буд ва шуғли дӯстдоштаи гаронбаҳо надошт, беҳад кам истироҳат мекард ва ҳамаи пулҳои худро барои кор маблағгузорӣ мекард, зеро ихтироъкорӣ шавқу рағбати ҳақиқии ӯ буд. Мароқу кунҷковӣ ба соҳаҳои мухталифи зиндагӣ, ки дар он истеъдоди худро зоҳир кардан мумкин буд, ӯро ҳатто дар замони пиронсолӣ тарк накарда буд.

**ХУЛОСА. Қобилияти худро инкишоф диҳед, зеро танҳо он комёбии шуморо таъмин карда метавонад. Одами оддӣ ҳеҷ гоҳ сарватманд шуда наметавонад,то замоне, ки аз пайи тараққиёт ва такмилу инкишофи илму ҳунараш нашавад. Ҳамаи одамони муваффақ ба василаи истеъдоди худ ба ин мартаба расидаанд. Фаромӯш накунед, ки дар ҳар инсон истеъдоде нуҳуфтааст, ки он метавонад ӯро сарватманд кунад ё шояд ҳамчун ганҷи нокушода пинҳон бимонад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ БИСТУҲАШТУМ

Пеш аз сармоягузорӣ фикр кунед ва баъд аз сармоягузорӣ фикр карданро фаромӯш накунед.

***Ф. Дойл***

**Одамони камбағал тибқи категорияи «зарар» фикр мекунанд. Одамони сарватманд дар бораи афзоиши даромад андеша мекунанд.**

ФАРҚИ дигар. Одамони камбағал **тибқи категорияи** «зарар» фикр мекунанд. Иқрор шудан бамаврид аст, ки хислатҳое, ки дар бораи онҳо ба шумо нақл мекунам, ҳамаашро худи ман доштам, ман ҳамаи онҳоро дар мисоли худ омӯхтаам. Баъдтар гузаронидани тадқиқотро дар дигар одамон оғоз кардам. Ҳамин тавр, яъне қоидаи **«одамони камбағал тибқи категорияи зарар фикр мекунанд»** дуруст аст. Онҳо зуд-зуд дар бораи зарару зиёни худ мегӯянд, бисёр шиква мекунанд: «Ман бо ин одам кор карда, пулҳоямро аз даст додам, ин тавр карда, танҳо вақтро беҳуда аз даст додам, ба маслиҳати вай гӯш дода, муштариёни худро гум кардам».

Ё, масалан, одами камбағал медонад, ки ин моҳ дар интиқоли барқ нуқс пайдо мешавад, ё хонаро бояд таъмир кунад. Вай маҷбур мешавад, ки симҳои интиқоли барқро иваз кунад ва ғайра. Ин талафи пул аст, яъне зиён аст. Вай дар бораи зарар фикр мекунад ва ба азият кашидан ва ғусса хӯрдан шурӯъ мекунад, ногаҳон мошини ӯ вайрон мешавад, баъд са-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ломатиаш халалдор мегардад, сипас дар кор ва ҷойҳои дигар нохушиҳо пайиҳам сар мезананд.

Аммо ҳамаи кор аз он иборат аст, ки дар зершуури вай чунин ҳолат ташаккул мегирад, он вақт хароҷоти ғайричашмдоште пайдо мешавад, касе ӯро фиреб медиҳад, нархҳо боло меравaнд, қурби асъор тағйир меёбад ва ғайра. Ё ӯ як миқдор коло мехарад, аммо онҳоро фурӯхта наметавонад. Агар инсон гирифтори чунин дом гардад (ҳатто ба он сарватмандон, соҳибкорони муваффақ ва боақлу фаҳм низ афтоданашон мумкин аст), он гоҳ дар давраи сарбаста мисли калламуш ба даву ғеҷ медарояд. Вақте ки бизнеси мо дучори буҳрон мешавад, чунин ҳодиса рӯй медиҳад: фаъолияти корӣ рӯ ба таназзул мениҳад. Бисёр одамон ба доми чунин тафаккур меафтанд ва барои онҳо аз ин дом раҳоӣ ёфтан хеле сангин аст.

Бинобар ин агар шумо чизеро ба монанди ин эҳсос кунед, ҳамоно таваққуф карда, фикр кунед ва бояд он чиро, ки аз даст додаед, фаромӯш кунед. Ба худ гӯед: «Ман чизеро аз даст надодаам!» Ғаму ғусса хӯрданро аз худ раҳо кунед ва шумо танҳо бурд мекунед, ба шарте, ки аз онҳо халос шуда тавонед. Танҳо сари вақт бояд таваққуф карда, аз тарзи тафаккури аз даст додан ба тарзи тафаккури дороӣ гузаштан зарур аст. Худро барои чун одамони сарватманд андеша кардан маҷбур созед. Худро бовар кунонед, дар бораи даромади худ ба фикр кардан шурӯъ кунед. Дар бораи чизҳои аз дастдодаатон ҳаргиз фикр накунед. Тамоми диққататонро ба даромад равон созед. Дар бораи чӣ гуна даромад ба даст овардан андеша кунед. Ниҳоят, шумо тадриҷан аз кирдори худ ба ваҷд меоед, зеро даромади шумо афзун мешавад ва талаф доданҳо қатъ мегарданд.

**Дидед, одамони камбағал дар бораи талафот фикр карда, ғаму ғусса мехӯранд, диққаташонро ба онҳо равона сохта, ҳамин**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**тавр нохушиҳои навро ҷалб менамоянд. Аммо сарватмандон ба талафот чун ҳолати ногузир муносибат мекунанд, ки он кирои аҳамият додан нест ва андешаҳои худро пурра ба имконият ва афзун намудани даромад равона мекунанд. Ҳамин тафовут дар тафаккур якеро сарватманд, дигареро нодор мекунад.**

## САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### АДОЛФ ДАССЛЕР

Ана, аллакай бештар аз ним аср номи ин ширкат вирди забони одамон буда, яке аз ширкатҳои бузургтарини истеҳсолкунандаи пойафзол, либос ва дигар ашёи варзишӣ мебошад. Асосгузори ширкат Адолф Дасслер ба шумор рафта, вай 3 ноябри соли 1903 дар шаҳри Ҳерсогенаурахи Олмон ба дунё омадааст. Оилаи Адолф сарватманд набуд, падараш нонпазӣ мекард, модараш бошад, дар ҷомашӯйхона кор мекард.

Бо мақсади бо ҳар роҳи имконпазир паси сар кардани солҳои баъдиҷангӣ Дасслер тасмим гирифт, ки ба дӯхтани пойафзол машғул шавад. Шуғли мазкур на танҳо барои аз қашшоқӣ раҳо шудан имконияте буд, инчунин он заминаи хуби осудаҳолии оила низ гардид. Занон барои дӯхтани пойафзол катон мебуриданд, мардҳо бошанд, аз он ҷумла худи Адолф, ки ӯро Ади меномиданд, ба дӯхтани он машғул буданд. Дар як муддати нисбатан кӯтоҳ пойафзолҳои дӯхтаи оила хеле маълуму машҳур гардиданд. Талабот ба шиппакҳои хобравии дӯхтаи Ади хеле калон буд. Дар пешравии бизнеси оила хизмати бародари ӯ Рудолф, ки соҳиби истеъдоди олии фурӯшандагӣ ва бозоршиносӣ буд, шоиста ва бениҳоят назаррас аст. Оилаи Дасслер баъд аз чор сол ширкати худро таъсис дода, ба он «Фабрикаи пойафзолдӯзии бародарон Дасслерҳо» унвон мегузо-

E-mail: ziyozoda@gmail.com


рад. Дар ширкат ҳамон замон ҳамаи аъзои оила ва 20 коргари кироя фаъолият мекарданд.

Соли 1925 ҳодисаи бениҳоят муҳим рух дод, ки он тақдири минбаъдаи бародаронро муайян кард. Ади идеяи инқилобиро амалӣ гардонд – дар ҷаҳон аввалин шуда, бутсии дандонадор сохт, ки дандонаҳои онро оҳангари шинос кӯфта тайёр карда буд. Бутсиҳо ба зудӣ, монанди шиппакҳои гимнастикӣ, ба маҳсулоти асосии ширкат табдил ёфтанд.

Бутсии дандонадорро футболбозони касбӣ ба зудӣ қадр карданд. Фармоишҳо мисли борон мебориданд, бинобар ин «Фабрикаи Дасслер» вусъат меёфт ва аз ҳавлии хонаи худ ба бинои калони иҷора кӯчид, ҳамчунин 25 коргари навро ба кироя гирифтанд. Дар як рӯз фабрика 100 ҷуфт пойафзол истеҳсол мекард.

Соли 1932 дар Олимпиадаи Берлин аксари варзишгароне, ки дар мусобиқаҳои варзишӣ ҷойҳои ҷоизадорро соҳиб шуда буданд, дар пой пойафзоли ин ширкатро доштанд. Мусобиқаи олимпӣ барои боз ҳам бештар маъруф гаштани маҳсулот нақши калидӣ бозид. Ҳамон сол бародарон Дасслерҳо аз фурӯши пойафзол 400 ҳазор доллар ба даст оварда, имкон пайдо карданд, ки фабрикаи дуввумашонро кушоянд.

Ҷанги дуюми ҷаҳон ба рушди минбаъдаи бизнеси оилавӣ монеа гардид. Баъд аз ҷанг бародарон ҷудо шуда, ҳар яке ширкати худро таъсис дод. Ҳамин тавр соли 1948 ду ширкат «Адидас» (Ади Дасслер) ва «Пума» (Руди Дасслер) арзи вуҷуд карданд.

Соли 1949 ширкати «Адидас» навъи нави бутсии дандонадор сохт, ки туфайли он дар бозори пойафзолҳои варзишӣ мавқеи худро устувортар гардонд. Сипас навъҳои дигар пайиҳам пайдо мешуданд. Аксарияти варзишгарон дар Олимпиадаи дар шаҳри Хелсинки барпошуда пойафзоли «Адидас»-ро авлотар шумурданд, ки ин барои ширкат ҷаҳиши бузурге гардид.

Баъд аз Олимпиада ширкат ба истеҳсоли либос ва сумкаи варзишӣ шурӯъ кард. Онҳоро корхонаи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



нассоҷии Вилли Зелтенрайх медӯхт, ки ба хотири фурӯши беҳад рӯзафзун танҳо минбаъд бо ин ширкат ҳамкорӣ мекард. Бо шарофати идеяҳои навоварона ва суботкории Дасслер ширкати онҳо дар олам ба яке аз ширкатҳои муваффақтарин табдил ёфт.

Асосгузори «Адидас» соли 1978 вафот кард. Дар тамоми давраи фаъолияташ ширкат на танҳо комёбиҳо, ҳамчунин бебароиҳои марҳилаҳои мушкили мавҷудияташро паси сар кард, бо вуҷуди ин то ҳол он яке аз серхаридортарин ва бренди машҳури либосу ашёи варзишӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Дар ҳамин ҳол ба ширкат муяссар гардид, ки ба ҷаҳони футбол рақиби асосии худ ширкати «Найк»-ро роҳ надиҳад.

Бозоршиносон тадқиқот гузаронда, аниқ кардаанд, ки 86 фоизи аҳолии кураи Замин калимаҳои «либосҳои варзишӣ» ё «пойафзоли варзишӣ»-ро шунида, пеш аз ҳама дар бораи «Адидас» фикр мекунанд. Маҳз ҳамин ширкат аз рӯи шумораи мизоҷон дар тамоми ҷаҳон дар ҷои аввал меистад. «Адидас»-ро мактаббачагон ва нафақахӯрон яксон медонанд. Ширкат замони ҷанги дуюми ҷаҳон давраи мушкили ҳаёташро аз сар гузаронидааст. Аммо маҳорати ба даромад аҳамият додан ва маҳсулоти беназир истеҳсол кардан ба «Адидас» имкон дод, ки то имрӯз пешсафии худро дар бозор ҳифз намояд.

**ХУЛОСА. Мағзи худро бо фикрҳои манфӣ дар бораи талафот пур накунед, дар фикри афзун намудани даромад шавед. Он гоҳ шумо мебинед, ки имкониятҳои беҳтар кардани некӯаҳволиатон беҳад кофӣ аст, маҳз ғаму гуссаи мушкилоти ногузир шуморо ба худ ҷазб кардааст, аз ин рӯ имкониятро намебинед.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ БИСТУНӮҲУМ

Агар пули дар ҷайб доштаатонро ба мағзатон гузоред, онро ҳаргиз касе аз шумо гирифта наметавонад.

***Б. Франклин***

**Одамони камбағал тибқи категорияи «бояд сарфа кард» фикр мекунанд, одамони сарватманд бошанд, тибқи категорияи «бояд пулҳои худро идора кард» фикр мекунанд.**

ФАРҚИ минбаъда. Одамони камбағал тибқи категорияи **«бояд сарфа кард»** андеша мекунанд. Чун волидайн ба бачаҳо пул дода, доимо таъкид мекунанд: «Пулро беҳуда харҷ накун, сарфа кун, бачам». Эҳтимол, ҳамон вакт чунин ҷаҳонбинӣ ташаккул ёфтааст. Ман намегӯям, ки одамони доро сарфа намекунанд, аммо бояд оқилона сарфа кунед.

Масалан, шумо вориди мағоза мешавед ва мебинед, ки як костюм 300 доллар, дигараш 50 доллар арзиш доранд. Кадоме аз онҳо арзонтар аст? Албатта, дар назари аввал костюми нархаш 50 доллар арзон менамояд. Аммо дар асл бошад, ин тавр нест. Костюме, ки 50 доллар аст, шумо онро ним сол ё як сол мепӯшед, он шакли аввалаи худро зуд гум мекунад ва шумо дар вақти ба тан гирифтани он нороҳатиро эҳсос мекунед. Маҷбур мешавед, ки онро ҳар моҳ ё ҳар сол ба ҷомашӯйхона диҳед, ё ин ки ҳар нимсола костюми нав биҳаред.

Аммо костюме, ки шумо бар ивази 300 доллар гирифтаед, онро метавонед се сол пӯшед. Аҷиб аст, ки

E-mail: ziyozoda@gmail.com



шумо ин костюмро дар бар намуда, худро хеле бештар дилпур эҳсос мекунед. Он барои шумо корро шурӯъ карда, пул меоварад. Костюми арзишаш 50 доллар фақат тани шуморо аз хунукию сармо ҳифз мекунад. Костюми қимматбаҳо барои шумо симо месозад.

Ана, ман боварӣ дорам, костюми арзишаш 300 доллар дар ниҳоят назар ба костми арзишаш 50 доллар даҳ маротиба арзонтар меафтад. Бинобар ин категорияи тафаккури «бояд сарфа кард» хоси одамони камбағал аст. Ба мақсади сарфа кардан онҳо ашёи арзон харидорӣ мекунанд, ки ба зудӣ мешикананд ва баъд онҳоро ба таъмир медиҳанд ва ҳар бор аз ин кор азият мекашанд. Чизҳои хубро харидорӣ кунед, зеро онҳо мустаҳкам мебошанд. Маҳсулоти ғизоии хушсифати гаронарзиш харидорӣ кунед, зеро табобат аз маҳсулоти бесифат қиматтар меафтад. Либосҳои хуб харидорӣ кунед. Ба ҷои даҳ ё бист пироҳан, беҳтараш, як куртаи хубтар бигиред. Либоси пурқиммат барои шумо кор карда, шуморо дилпур гардонда, симои шуморо месозад.

Дидед, одамони камбағал тибқи категорияи«бояд сарфа кард» фикр мекунанд, аммо одамони доро тибқи категорияи **«бояд пулҳои худро идора кард»** андеша менамоянд. Барои чӣ? Барои он ки чунин мулоҳизаронӣ мекунанд: «Агар ман костюми гаронбаҳо харидорӣ кунам, ба ман зарур нест, ки ҳар моҳ онро ба хушкшӯӣ супорам, ё ин ки ҳар сол костюми нав бихарам. Бар болои ин, чизи хуб барои ман кор хоҳад кард». Ин аст идора кардани пул.

Костюми бо 50 доллар харидаам масрафест, ки барнамегардад, ин чиз фақат фарсуда мешавадду халос. Костюми бо 300 доллар харида аллакай харҷ аст. Масраф ва харочот чизҳои гуногунанд. **Масраф чист? Харочот чист? Харочот барқарор карда мешавад. Масраф бошад, барнамегардад. Ко-**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



стюми қимматбаҳо барои ман кор мекунад, он ба ман эҳсоси дилпур будан ба худро медиҳад, симои маро ба вуҷуд меорад ва ба ман кӯмак мекунад, ки даромадамро афзун намоям. Ба ҳамин далел ин чизи харида харочот ҳисоб карда мешавад, на масраф. Бинобар ин одамони сарватманд тибқи категорияи «бояд пулҳоро идора кард, на масраф» андеша мекунанд.

Биёед, ин мафҳумҳоро ҳамчун **«актив»** ва **«пассив»** баррасӣ мекунем. Ба андешаи Р. Кийосаки, **актив чизест, ки ба ҷайби шумо пул меорад, аммо пассив чизе аст, ки аз ҷайби шумо пул меситонад**. Ва ӯ боз меафзояд, ки одамони сарватманд актив харидорӣ мекунанд. Синфи камбағал ва миёна пассивҳо ба даст оварда онҳоро актив меҳисобанд.

Актив чист? Инро мо тавзеҳ медиҳем. Зери мафҳуми дороиҳо монанди саҳмияҳо, вомбарҳо, забонхат барои гирифтани пул, амволи ғайриманқул, моли зеҳнӣ ва ғайра дар назар дошта мешавад. Дар оянда онҳо дивиденд (фоидаи саҳм, фоидаи саҳмдорон, ки мувофиқи сармояи худ аз ширкат мегиранд), фоизҳо, даромад аз иҷора ва ҳаққи қалам барои ҳуқуқи муаллиф ва ғайра медиҳанд. Аммо пассив масрафи доимӣ, андозҳо, гаравхат ё гаравнома, қарзҳо, хариди ғизо, сафар, тафреҳ ва ғайра мебошад.

Масалан, хариди автомобил, ки барои саворшавӣ аст; харҷи сӯзишворӣ, равғани мошин, қисмҳо, таъмир, андоз, ҳатто барои истгоҳ пул пардохт кардан талаб мекунад. Яқину возеҳ ин пассив аст.

Агар автомобил ба мақсади кашонидани молу колоҳои барои бизнес зарурӣ, ё ки барои кори иловагӣ ҳамчун таксӣ гирифта шуда бошад, дар ин сурат он аллакай даромад меорад. Бо вуҷуди ин дар хотир нигоҳ доред, ки чун мошин аз автосалон харидорӣ шуда, аз дарвозаи он берун ояд, ҳамоно 10% аз арзиши аввалааш арзон мегардад, ҳол он ки мошин

E-mail: ziyozoda@gmail.com



тамоман нав аст. Баъд аз як сол автомобил нархи аввалаи худро қариб 25% гум мекунад.

Ё, масалан, компютер. Онро танҳо барои бозӣ, филм тамошо кардан ва барқарор кардани иртибот ба василаи интернет харидорӣ кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат мо соҳиби пассив ҳастем. Бар замми ин, он рӯз то рӯз арзон шуда, хароҷоти изофа аз қабили таъмини барнома, харидани бозиҳо, филмҳо, пардохти маблағ барои барқ ва истифодаи интернет ва ғайраро дар пай дорад. Аммо он барои кор, масалан, барои анҷом додани ҳисобдорӣ, навиштан ва тарҷумаи матнҳо, сохтани барномаҳо ё ороиши компютерӣ ва ғайра истифода шавад, аллакай пассив набуда, балки олоти кории манфиатнок аст.

Аксари одамон бо ҷидду ҷаҳд кор карда, талош мекунанд, ки аз ин вазъияти ногувори хароҷот халосӣ ёбанд. Онҳо пул кор мекунанд, аммо барои чӣ тамоми ҳаёт ба ҷои актив пассив мегиранд? Пули бисёрро барои тафреҳ, гирифтани амволи ғайриманқул, автомобил ва қарз гирифтан баҳри харидани асбобу анҷоми рӯзгор сарф мекунанд. Ҳамаи пассивҳои мазкур дар оянда масрафро ба вуҷуд меоваранд.

Аммо одамони сарватманд дар навбати аввал барои актив маблағгузорӣ мекунанд. Хотиррасон мекунем. Актив ин саҳмияҳо, вомбаргҳо, забонхати қарз, амволи ғайриманқул, моли зеҳнӣ мебошад. Активҳо дар сурати ҳаққи саҳм, фоиз, иҷорапулӣ, ҳаққи қалам ва ғайра даромад меоваранд. Ниҳоят, хароҷоти пассив ҳамеша нисбат ба актив бештар аст.

## САРГУЗАШТИ ШИРКАТКУНАНДАГОНИ ТРЕНИНГҲО

*Чинора Усмоновна Сатторова, номзади илми тиб, мудири факултаи тиббӣ оилавии филиали Ҷанубии КГМИП ва ЛК, сардухтури дармонгоҳи хусусии «Оқ-Қуу».*

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Рушди созгори бизнес ба туфайли оқилона идора кардани пул мумкин буда, натиҷаи он ба таври доимӣ амалӣ гардонидани нақшаи молиявӣ, афзун намудани неъматҳои моддӣ ва аз ҳама муҳим, ба даст овардани боварӣ ба кор бо пул аст.

Соли 2008 ману оилаам ба ҳавою ҳаваси даромади калон афтода, фирефтаи қаллобон шудем ва 15-16 ҳазор евро маблағамонро аз даст додем. Он замон ин миқдор пул маблағи калон ҳисобида мешуд. Мо пулро аз ҳисоби гарав гузоштани хонаи волидайн гирифта будем. Азбаски ба ҷуз моҳона манбаи дигари даромад надоштем, намедонистем, ки ин маблағро чӣ гуна пардохт кунем. Ману шавҳарам хизматчиёни одии маошгир будем. Мани духтур 200-250 доллар, шавҳарам иқтисодчӣ 400-450 доллар моҳона доштем.

Тавре, ки Брайан Трейси мефармояд: «Мушкилиҳо на барои шикастани мо, балки барои оқилтар кардани мо меоянд. Дар ҳар як нокомӣ ё монеа тухми пурбаракати фоида, ё имконият гузошта шудааст». Мо хеле мехостем, ки аз вазъияти баамаломада ҳарчӣ зудтар раҳо шавем ва роҳи дурусти халосиро ҷустуҷӯ мекардем, инчунин барои ба даст овардани муваффақияту комёбӣ дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ назари хуб доштем. Ҳамчун зану шавҳар мо ҳамдигарро хеле дастгирӣ мекардем, ин қарз моро бо ҳам бештар қарин кард. Оҳиста-оҳиста мо ба соҳибкорӣ шурӯъ кардем. Бо кадом сабабе кор гоҳе хуб мешуд ва гоҳе начандон омад мекард. Ҷое даромад мекардем, ҷое хароҷот бештар мешуд. Мо тадриҷан зарурияти дониши тахассусии идора кардани пулро дарк мекардем.

Норасоии дониш ва нокофӣ будани малакаи ба роҳ мондани бизнес боиси дар тренингҳо аз рӯи маълумоти молиявӣ ширкат карданамон гардид, ки онро дар Маркази рушди инсон «Само» бизнес-тренери байналхалқӣ, доктори илми равоншиносӣ Саидмурод Давлатов мегузаронид. Ҳангоми вохӯрии аввалин бо ӯ мо тасмим ги-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



рифтем, ки аз паси ӯ меравем, дар ҳамаи тренингҳои ӯ ширкат мекунем, ҳама чизи пешниҳодшударо меомӯзем, ҳамаи корро, тавре ки ӯ тавсия медиҳад, иҷро мекунем.

Мо ба туфайли дониши андӯхтаамон аз рӯи идоракунии пул на танҳо сари вақт қарзи худро пардохт кардем, инчунин амалисозии чанд идеяи беназирро барои Баткен оғоз кардем, ҳамчунин дуруст ташкил ва идора кардани бизнесро роҳандозӣ намудем. Бо шарофати дониш мо на танҳо аз рӯи маълумоти молиявӣ, балки аз рӯи пешрафти шахсият ва рушди маънавӣ ба кашф ва ташаккули истеъдод ва қобилияти худ оғоз кардем. Дар натиҷаи чор соли омӯзиш дар маркази «Само» тавонистем, ки даромади худро борҳо афзун гардонем, вазъи моддии худро беҳтар кунем, аз нигоҳи мазҳабӣ эътиқодамон низ бештар гардид, муҳимтар аз ҳама, ба имконпазирии мақсадҳои ҳаётӣ ва воқеӣ гардидани орзуи асосии худ боварӣ ҳосил кардем.

Тавре, ки Саидмурод Давлатов мегӯяд: **«Пул кор кардан истеъдод аст. Сарфаи пул бошад, сарват аст. Идора кардани пул санъат аст»**. Мо хоҳиши зиёде барои рушди истеъдоди худ дорем, то ки сарватманд гардида, имконияти ба дигарон кӯмак карданро пайдо намоем. Мо аз идеяҳои нав илҳом гирифта, барои фатҳи қуллаи комёбӣ омодаем. То боздид дар қуллаи мурод!

**ХУЛОСА. Корҳои молии худро оқилона идора намуда, метавонед ҳамаи мушкилоти пулии худро ҳал карда, сатҳи осудаҳолии худро то дараҷаи аз ҳама баланд бардоред. Аммо барои идора кардани пул дониш зарур аст. Нодонӣ дар ин масъала метавонад ба мағлубият ва вариикастагӣ оварда расонад. Барои гирифтани илму дониш ҳеҷ гоҳ пулро дареғ надоред, вагарна саҳву хато барои шумо беҳад гарон меафтад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ СИЮМ

Аз пул дурӣ ҷустану канорагирӣ кардан нашояд ва пулро ҷое бояд гузошт, ки сазовору лоиқи он аст.

***Юрий Мороз***

**Одамони камбағал тибқи категорияи «ба ғайр аз пул ба ҳама чиз» ё «камтар пардохтани пул» андеша мекунанд. Аммо одамони сарватманд тибқи категорияи «аз ҳама пардохти арзон пардохт кардан бо пул аст» фикр мекунанд.**

ФАРҚИ навбатӣ. Одамони камбағал дар дараҷаи **«ба ҳама чиз ба ҷуз пул»ё «камтар пардохтани пул»** фикр мекунанд. Ин чӣ маънӣ дорад? Ин яке аз категорияҳои маъмултарин буда, аксарияти одамони камбағал маҳз ҳамин тавр андеша мекунанд. Онҳо омодаанд, ки барои бо пул пардохт накардани муомилае онро ба хотири дӯстӣ баробар кунанд, ҳамчунин омодаанд, ки онро бо сарфи вақт пардохт кунанд, то ки дар вақти савдо пул сарфа кунанд ва бештар вақтро дар роҳҳои дохили бозорҳо ва мағозаҳо сарф мекунанд, то чизеро 10 тин арзонтар бихаранд. Бинобар ин вақте кор бо пул меанҷомад, онҳо бо тамоми қувва талош мекунанд, ки маблағро сарфа кунанд. Ба хотири ин муносибати хуб бо дӯстон, бо хешовандон ва ҳатто ҳамдигарфаҳмиро дар оила қурбон мекунанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Барои пул шуда, бо одамони наздик, хусусан агар шумо шарик бошеду бизнеси якҷоя дошта бошед, ҷангҷол маънӣ надорад. Ба хотири кам кардани харочот муносибатро бо хешовандон вайрон кардан мумкин нест. Аз ҳисоби оила сарфакорӣ накунед, зеро созгории оилавӣ беҳад муҳимтар буда, аз ҳама гуна пуле, ки шумо ба даст оварда метавонед, пурарзиштар аст.

Аммо одамони сарватманд **тибқи категорияи «аз ҳама пардохти арзон пардохт картан бо пул аст»** фикр мекунанд. Пулро метавонед дубора пайдо кунед, нисбат ба он, ки дӯстиро аз даст диҳед, пулро аз даст додан хубтар аст, аз оила дида пулро аз даст додан беҳтар аст, хубтар он аст, ки пул аз даст равад, аммо эҳтиром боқӣ монад, нисбат аз даст додани одамият аз даст додани пул беҳтар аст. Одамони сарватманд инро мефаҳманд. Онҳо пулро ба осонӣ медиҳанд, аммо бойигариҳои дигар мисли одамгариро ҳифз мекунанд.

Бинобар ин дӯстӣ, шаъну эътибори худ, номи худро ҳифз кунед. Чӣ қадаре, ки хоҳед, пул азони шумо мешавад. Дигар ҳамаро як сӯ гузошта, таваккал карда, ба сӯи пул наравед. Назар ба он, ки саломатӣ ва одами дӯстдоштаи худро аз даст диҳед, беҳтараш он аст, ки пулро аз даст диҳед. Барои ҳифз кардани ин арзишҳо тамоми корро анҷом диҳед. Беҳтараш, ҳаётро сарфа намоед, ба қадри вақти бароятон ҷудогардида расед. Малакаву маҳорати мутахассисони хубро харидорӣ кунед, таҷрибаи одамони дигарро бихаред, то ки соатҳо, рӯзҳо ва ҳатто моҳҳоро барои корҳои бештар муҳим ҳифз намоед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



## ЁДДОШТИ ШИРКАТКУНАНДАГОНИ ТРЕНИНГҲО

Дар саргузашти ҳар як инсон воқеаҳоеро ба зудӣ пайдо кардан мумкин аст, ки онҳо барои ин навъи тафаккур чун мисол хизмат мекунанд. Масалан, яке аз ширкаткунандагони тренинг нақл кард, ки чӣ гуна шиноси ӯ Эрик дӯсти худро барои таъмири хонааш даъват кардааст. Тарафайн дар пардохти кор, ки 20000 сом муқаррар шуд, мувофиқат карданд. Ҳамаи корҳоро худи дӯсташ анҷом дод, ҳарчанд ки мувофиқи маслиҳаташон соҳиби хона бояд дар лаҳзаҳои аз кор фориғ буданаш ба ӯ кӯмак мекард. Вақте ки таъмири хона ба охир расид, Эрик фақат 5000 сом пул пардохт карда, қавл дод, ки пули боқимондаро дертар пардохт хоҳад кард. Аз байн ду сол гузашт, вале Эрик бо баҳонаи пул надоштан ба қавли худ вафо накард. Дар натиҷа дар байни дӯстон моҷаро бархост ва минбаъд бо ҳам вохӯрданро қатъ карданд. Эрик чизи асосӣ - дӯстӣ ва эътимодро аз даст дод, ки онро бо пул харида наметавонад.

Ширкаткунандаи дигар якбора ба хотир овард, ки ӯ чӣ гуна дар бригадаи ҷохтмончиён кор карда буд. Онҳоро соҳиби мағоза Айдар ном шахс барои дар ҳавлиаш сохтани анбор киро мекунад. Дар вақтҳои фориғ аз кори худ ӯ ба онҳо кӯмак карда, мувофиқат кардани сохтмони биноро ба лоиҳа назорат мекард. Баъд аз анҷоми кори сохтмон худи ӯ биноро қабул карда, аз кори кардаи устоҳо хушнуд шуд. Аз ин рӯ пули ҳамаро мувофиқи шартнома пардохт карда, ҳатто ба онҳо барои босифат бунёд шудани анбор мукофотпулии начандон калон низ дод. Баъд аз ин Айдар бригадаро боз чанд маротибаи дигар киро кард ва одамон ҳамеша бо қаноатмандӣ ба назди ӯ меомаданд, зеро медонистанд, ки музди хуб мегиранд. Бар замми ин, ҳамаи аъзои бригада софдилона меҳнат мекарданд, то ин ки муносибати хуби Айдарро арҷгузорӣ кунанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

## GOOGLE

Асосгузори ширкати беназири Google ду нафар математикҳои соҳибистеъдод Сергей Брин ва Ларри Пейҷ ба ҳисоб меравaнд, ки онҳо ин манбаи иттилоотиро дар интернет сохтаанд.

Сергей аз бачагӣ худро одами устувор, бомақсад ва доно нишон медод. Ӯ шавқу рағбати беандоза ба математика ва илми компютерӣ дошт. Вай ҳанӯз дар мактаб доимо бо муаллимон баҳс мекард. С. Брин аллакай дар 19-солагӣ бакалаври донишгоҳи Мэриленд гардид, ки падари вай дар он ҷо кор мекард. Сипас ӯ ба Стэнфорд раҳсипор шуд, то ки тахассуси «технологияи компютерӣ»-ро омӯзад.

Ларри Пейҷ дар оилаи муаллим ба воя расидааст. Падари ӯ Карл Винсент Пейҷ дар Донишгоҳи иёлати Мичиган аз фанни компютер дарс мегуфт. Дар ин ҷо модари ӯ низ кор мекард. Вай фанни «барномасозӣ»-ро ба шогирдон меомӯхт. Дар донишгоҳи худ бакалаври илми компютерӣ гардида, Ларри барои донишомӯзӣ ба Стэнфорд раҳсипор шуд, ки аллакай Сергей ду сол боз дар ин ҷо буд. Онҳо ин ҷо бо ҳам шинос шуданд ва дар як муддати бениҳоят кӯтоҳ бо ҳам дӯст гардиданд.

Соли 1997 аллакай Ларри Пейҷ, Сергей Брин ва Раҷив Мотвани намунаи аввалин, вале ҳанӯз одии системаи ҷустуҷӯии худро таҳия карданд. Он BackRub ном дошт. Система хеле зуд рушд намуд ва он номи нав – Google гирифт ва баъдтар мошини ҷустуҷӯии донишгоҳ гардид. Тадриҷан қариб тамоми донишҷӯён ва устодон дар кори худ ба истифодаи ин система оғоз мекарданд. Барои ороиши хуби барнома Ларри ва Сергей пул надоштанд, бинобар ин дар ибтидо саҳифаи асосии

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Google беандоза одӣ буд. Аммо ҳоло он барои дигар мошинаҳои ҷустуҷӯӣ намунаи тақлид қарор гирифтааст.

Дере нагузашта Ларри ва Сергей талош карданд, ки Google-ро ба чунин ширкатҳои муътабар AltaVista ва Yahoo! ба 1 миллион доллар фурӯшанд. AltaVista пешниҳодро рад кард ва дар охир ба рақобат тоб наоварда, варшикаста гардид. Yahoo! низ пешниҳодро қабул накард ва ба саҳв роҳ дода, акнун бо тамоми қувва талош дорад, ки Google-и зуд рушдкунандаро дарёб бикунад, гарчанде ки ҳамагон медонанд, ин кор аллакай ғайриимкон аст. Пейҷ ва Брин барои лоиҳаи худ харидор пайдо накарданд ва тасмим гирифтанд, ки ширкати хешро таъсис диҳанд. Дар ҳар сурат онҳо муносибати дӯстонаи худро ҳамеша аз пул боло мегузоштанд, аз ин рӯ бе ягон мушкилӣ ҳарду дар бизнес шарик гардиданд ва дар ҳама чиз ҳамдигарро бовар мекарданд ва дарк мекарданд, ки назар ба боварии мутақобилаи байни худро аз даст додан пулро нобуд кардан беҳтар аст.

Имрӯз ширкати Google на танҳо манбаи ҷустуҷӯии интернетӣ аст. Он боз яке аз муосиртарин хизмати e-mail буда, аз ҳама машҳуртарин дар ҷаҳон видеосервис, веб-замима барои дафтари корӣ, навгониҳо ва унсурҳои дигар мебошад. Ширкат рушди худро идома дода, дар шабакаи интернет рӯз то рӯз нуфузи зиёд касб мекунад.

Сергей ва Ларри дарк кардаанд, ки кадрҳо муваффақияти ояндаро муайян мекунанд, бинобар ин коллективи дӯстонаи ҷавонони боистеъдодро таъсис доданд. Фазову муҳит дар ширкат аз ҳама бештар шаҳраки донишҷӯиро мемонад. Ҳар як корманд ҳар ҳафта як рӯзро метавонад барои лоиҳаи худ ҷудо кунад, ки ҳангоми рушди зарурӣ метавонад боиси баланд гардидани мартабаи муаллифи худ гардад. Кормандон дар вақти корӣ дар дафтари корӣ бо самокатҳо ва сегвейҳо гашту гузор мекунанд. Ба ғайр аз ин онҳо имкон доранд, ки дар ин ҷо волейбол ё футбол бозӣ кунанд ва дар ҳуҷраи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



махсус масҳ бигиранд. Ҳа, аллакай дар бораи ошхонаи ширкат қиссаҳо паҳн гардидаанд. Ғизои ин ҷо аз ғизои тарабхона камӣ надорад, илова бар ин дар корхона реҷаи озоди кор ҷорист. Хоҳед, шабона кор кунед, хоҳед, рӯзона. Пул ин ҷо дар мадди мақсад нест, мувофиқи амалӣ кардани қобилият он худ аз худ ҳамроҳ бо комёбӣ меояд.

**ХУЛОСА. Муносибат бо инсонҳоро аз пул дида бештар қадр кунед, пулро шумо метавонед кор карда, ба даст оваред, аммо эҳтиром ва муҳаббатро шумо бо ҳеҷ гуна пул харида наметавонед.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ СИЮ ЯКУМ

Соатҳои муҳтоҷиро фаромӯш кунед, аммо чизи ба шумо омӯхтаи онро фаромӯш накунед.

*С. Геснер*

**Одамони камбағал тибқи категорияи «барои сарватманд шудан бояд кори бисёр кунед» андеша мекунанд. Аммо одамони сарватманд фикр мекунанд, ки «бояд соатҳои барои кор муайяншударо зиёд накарда, роҳи баланд бардоштани даромади худро пайдо кунед».**

Одамони камбағал фикр мекунанд, ки барои даромади калонтар ба даст овардан онҳо бояд дар як вақт дар чанд муассиса кор кунанд. Аммо одамони сарватманд дар он боваранд, ки **«бояд соатҳои барои кор муайяншударо зиёд накарда, роҳи баланд бардоштани даромади худро пайдо кунед»**. Пурсед, ки ин кор ба онҳо чӣ тавр даст медиҳад? Он хеле ҷолиб аст. Онҳо фишангҳои молиявиеро ба эътибор мегиранд, ки ба онон дар ҳалли масъала кӯмак мекунад. Фишангҳои молиявӣ метавонанд вақт ва пул бошанд. Низоми муайянро ташкил карда, вақтро сарфа ва пулро афзун намуда, сарватманд шудан мумкин аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



## АНДЕШАҲОИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГҲО

Ҳунари истифода бурдани фишанги қувваи иловагӣ имконият медиҳад, ки дар ҳамон давраи замон натиҷаи беҳтарин ба даст оред, аммо маҳорати пайдо кардани фишанги мазкур танҳо хоси тафаккури одамони ҷӯянда аст.

Биёед, ҳисоб мекунем. Масалан, моҳи феврал ба бозор рафта, гӯсфандони бордор, чӣ тавре ки падари ман мегуфт, "гӯсфандҳои дар рухсатии декретӣ" бударо харидорӣ мекунем. Дар ин фасли сол ғизои ҳайвонот боз гаронтар мешавад, бо ҳамин сабаб корро бояд дар тобистон оғоз кунед, яъне ему хошокро барвақттар захира кардан зарур аст. Дар охири моҳи март мо насл мегирем, баъзан як сар гӯсфанд метавонад ду сар насл диҳад. Инак, мо на як сар гӯсфанд, балки ду-се сар гӯсфанд дорем. Агар мо се сар гӯсфанди дубаҳра ва як гӯсфанди нар харидорӣ карда бошем, пас фасли тирамоҳ рамаи мо аз 7-8 гӯфанд иборат мешавад.

Фишанги асосӣ ва дараҷаи якум дар мисоли мо фишанги табиӣ аст. Мо дар бораи чӣ тавр афзоиш ёфтани гӯсфандон фикр намекунем. Мо барои онҳо шароити мусоид омода карда, ҳар бегоҳ мувофиқи «фармоишашон» мусиқӣ мешунавонем ва соли оянда се гӯсфанди калони мо 3-4 барра медиҳанд, аммо гӯсфандҳои ҷавон бигзор 2 сар барра диҳанд. Инак, баъд аз як сол мо ба ҳисоби миёна: 4+4+4+2=14 гӯсфанд дорем. Дар ин ҷо, албатта, наметавон гуфт, ки вақти нигоҳубин як хел аст, аммо ҳиссаи активи мо аз ҳиссаи хароҷот калонтар аст. Эҳтимол, дар баробари ин буз низ парвариш карда, мо ширу панир мегирем ва агар аз шири буз нон пазем, он хароҷоти моро ба таври назаррас кам мекунад.

Баъд мо ферма сохта, коркунонро киро мекунем - ин алакай фишанги иловагии сохташуда мебошад, ки барои хоҷагии муқаррарии фермериро то муҷтамеи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



парвариши чорво тараққӣ додан имконият фароҳам мекунад. Ё боғ месозем, нақша низ чунин амалӣ мешавад.

**Тафсир**. Комилан табиат намунаи афзоиши сармояи гузоштаро нишон медиҳад. Масалан, дар саҳро картошка шинондед, дар вақташ нигоҳубин намуда, об додед, назар ба он чӣ, ки дар замин шинондаед, шумо даҳ, ҳатто понзаҳ маротиба бештар ҳосил мегиред. Аз як донаи офтобпараст 200-300 маротиба бештар дона, аз як донаи гандум 35-50 дона ҳосил гирифтан мумкин аст.

Муҳим аст, ки дониш ва малакаву маҳорати заруриро азбар намуда, аз таҳти дил ва суботкорона меҳнат кунед, дар ин сурат пули сармоягузоришуда чанд маротиба афзоиш меёбад. Табиат оқил буда, принсипи афзоиши даромадро меомӯзонад, онро дар соҳибкорӣ истифода бурда метавонед. Пул, ба шарте, ки онро дар лоиҳаҳои фоиданок дуруст маблағгузорӣ кунед, чун дона метавонад якчанд маротиба афзоиш ёбад.

## • САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### ФРЭНК ВУЛЛВОРТ

Дар асри XIX одамон чӣ будани «супермаркет»-ро намедонистанд, хусусан мафҳуми «нархнома»-ро намефаҳмиданд. Савдо ба монанди бозор анҷом ёфта, дар пояи муносибати фурӯшанда ва харидор сурат мегирифт. Фурӯшанда худаш бо кадом нарх фурӯхтани молашро муқаррар менамуд, дар ин ҳол нарх вобаста ба натиҷаи хариду фурӯш ва имкониятҳи молиявии харидор метавонист паст ё баланд шавад. Ин ҳолат то замоне идома кард, ки ҷавони амрикоӣ Фрэнк Вуллворт ба молҳо нархномагузориро оғоз кард.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Фрэнк Вуллворт сокини маъмулии деҳа буд. То замони 21-солагӣ дар замини волидайни худ кор кард, аммо ҳамеша дар бораи ҳаёти тамоман дигар андеша мекард. Ана, барои чӣ ӯ хонаи волидайнро тарк карда, ба шаҳри Ланкастери иёлоати Пенсилвания рафт.

Фрэнк вақти зиёде барои худ кор ҷустуҷӯ кард ва, ниҳоят, дар дукони ҷаноби Мур ба ҳайси ёрдамчии фурӯшанда ба кор пазируфта шуд. Азбаски истеъдоди тоҷирӣ надошт, хеле кам савдо мекард. Бахусус шармгиниаш ба ӯ дар ин кор халал мерасонид, ки барои намояндагони ин касб мақбул набуд. Соҳиби дукон ба ӯ музди ночизе медод, илова бар он шикоят карда, мегуфт, ки мактаббачагони оддӣ бо музди аз ин ҳам камтар моли бештар мефурӯшанд.

Чунин ба назар мерасид, ки гӯё толеъ аз Фрэнк рӯй гардондааст ва ӯ тамоми умрашро дар қашшоқӣ мегузаронад. Аммо ҳамааш дар як рӯзи нек тағйир ёфт. Боре Мур аз паси корҳои худ рафт ва шогирдро дар дукон танҳо гузошт. Ин ҳолат Фрэнкро ғамгин кард, савдоталошӣ он тараф истад, ҳатто ӯ намехост ба мизоҷон муомила кунад. Ана, дар ҳамин вақт дар сари ӯ идеяи ба молҳо гузоштани нархнома пайдо шуд. Коғазро гирифта, дар он нархи ҳар колоро навишт.

Ӯ ба ғайр аз ин чизҳои таҳмонда - неликвид (молҳое, ки дар вақташ ба фурӯш намераванд) номгирифтаро болои миз дар як ҷо гирд оварда, дар паҳлӯяшон нархномае гузошт, ки чунин мазмун дошт: «ҳамагӣ бо 5 сент». Лавҳаи болояш ҳамин ибора навишташударо дар пештахтаи дукон низ овехт. Дар натиҷа Фрэнк он рӯз назар аз пештара, яъне тамоми ҳафта бештар савдо кард, ки соҳиби дуконро хеле ба ҳайрат овард. Идеяи кушодани бизнеси худ шояд ҳамон рӯз ба сараш омад, зеро ӯ дарк карда буд, ки дар корхонаи шахси бегона кор карда, бой шудан мумкин нест. Бинобар ин Фрэнк хоҳиши Мур барои бо ӯ монданро рад намуда, ҷиҳозашро ҷамъ карда, баромада рафт.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Аллакай ҳамон вақт ӯ тасмим гирифта буд, ки барои сарватманд шудан дар намуди шабакаи якхелаи мағозаҳо бояд низомро ташкил кунад. Ҳамаи монеаҳоро Фрэнк паси сар карда, маблағи зарури-ро(зеро аниқ медонист барои чӣ) ҷамъ кард ва соли 1886 аввалин магозаи Вуллворти «Панҷсента»-ро кушод. Охири асри XIX Фрэнк аллакай соҳиби 30 мағоза буд, соли 1900 бошад, шумораи мағозаҳояш ба 50 адад расид. Дидед, шабака таъсисдода, вақти барои корӣ муқарраргаштаро зиёд накарда, сарватманд шудан мумкин аст. Андешаи нархномагузорӣ ба ҷавҷни одии деҳотӣ сарвату молу мулки чандмиллиона овард. Номи ӯ ба таърихи бизнес ворид гардид. Ба Фрэнк тафаккуре, ки инсонро сарватманд мегардонад, кӯмак кард. Дар магозаҳои худ вай идеяҳои инқилобиро амалӣ кард: дар онҳо бори аввал системаи худхизматрасонӣ ҷорӣ карда шуд, харидорон акнун худашон молҳои дилхоҳашонро аз мағоза пайдо карда, ҳаққи онро дар касса пардохт менамуданд. Ҳамаи молҳо нархнома дошта, барои ба харидорон дастрас будан дар ҷойҳои намоён гузошта шуда буданд. Дар айни замон ин тарзи хизматрасонӣ ба назар оддӣ менамояд, он замон чизи нав буд. Билохир шабакаи мағозаҳои Вуллворт дар тамоми ҷаҳон паҳн гардид.

**ХУЛОСА. Имрӯз миқдори соатҳои барои кор муқарраргаштаро афзун накарда, аз тарзу усулҳои бисёр истифода бурда, даромади калон ба даст овардан мумкин аст, ҳама чиз имконпазир аст. Барои инро дарк кардан, нобиға будан шарт нест. Агар имконият мавҷуд бошад, бизнеси худро кушодан мумкин аст. Агар имконият вуҷуд надошта бошад, малакаву маҳорати худро бояд инкишоф диҳед, то ин ки имконият пайдо шавад. Дар олам пул бисёр аст. Дар даст надоштани сар-**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



мояи аввалия бояд барои расидан ба ҳадаф монеа нагардад.

Ба маркетинги шабакавӣ машғул шудан мумкин аст. Ҳоло ширкатҳои дорои маҳсулоти хуб ва стратегияи маркетингӣ ба қадри кофӣ вуҷуд доранд. Шумо ба ин кор машғул мешавед ё не, фарқ надорад, каси дигар ин корро анҷом медиҳад. Дарвоқеъ, ин имконияти беназир аст. Даромадро бо роҳи таъсис додани тим ва кори якҷоя афзун кардан мумкин аст. Ин кор ба афзоиш ёфтани шумораи амал дар даври муайяни вақт оварда мерасонад, ки шумораи соатҳои кориро зиёд накарда, имкони афзун намудани даромадро медиҳад. Ҳамин тавр дуруст ташкил кардани кори худро омӯзед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# ФАРҚИ СИЮДУЮМ

Қаноатмандӣ аз бойигарӣ на бо далели оддии соҳиби он будан, ё имконияти исрофкорона харочот карданӣ он, балки бо қобилияти оқилона истифода бурдани он муайян карда мешавад.

*Сервантес*

**Одамони камбағал вақт ва пули худро мефурӯшанд, ки фишанги асосии бойигарӣ ба ҳисоб меравaнд. Одамони сарватманд вақт ва пули одамони дигарро харидорӣ мекунанд.**

ФАРҚИ дигар. Одамони камбағал вақт ва пули худро мефурӯшанд, ки фишанги асосии бойигарӣ ба ҳисоб меравaнд. Онҳо ин корро чӣ тавр анчом медиҳанд? Масалан, агар шахс ба чое ба кор равад, ӯ вақти худро мефурӯшад ва барои ин дар намуди моҳона пул мегирад. Вақте ки пул гирифт, онҳоро ба бонк оварда, ба амонат мегузорад. Ҳамин тавр, бонк аз ӯ ин пулҳоро мехарад. Агар шахс ба мағоза равад, ӯ мол харидорӣ мекунад, яъне пулҳои худро мефурӯшад, онҳоро ба ашё, молу маҳсулот ва ғайра иваз мекунад.

Одамони сарватманд ин корро ба тарзи дигар анчом медиҳанд. Онҳо вақт ва пул мехаранд ва кормандонро барои ширкати худ киро мекунанд. Баъд ба бонк рафта, қарз мегиранд ва ба соҳибкорӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



машғул мешаванд. Дидед, одамони сарватманд вақт ва пули дигаронро мехаранд. Барои сарватманд шудан ду чизи асосӣ – вақт ва пул зарур аст. Онҳо мутаносибан бояд дар паҳлӯи ҳамдигар ба таври баробар қарор гиранд.

Вақт аз ҳисоби коллектив бурд карда мешавад. Чӣ қадаре, ки одамон бештар барои шумо кор кунанд, ҳамон қадар шумо бештар вақт доред. Ин фишанг аст. Мутаносибан, чӣ қадаре, ки шумо бештар пул дошта бошед, ҳамон қадар бештар имконият доред. Маҳорати коллективро бо мақсади кори якҷоя муттаҳид карда тавонистан сармояи асосӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин одамони сарватманд пул ва вақт мехаранд. Аз онҳо ибрат гирифта, шумо низ метавонед сарватманд шавед.

Мо дар бораи стратегияи тафаккури одамони сарватманд ва камбағал мегӯем. Имрӯз шумо камбағал, сарватманд, ё соҳиби доро ба ҳисоб меравед, ин муҳим нест, он аҳамият низ надорад. Аммо фаромӯш накунед, ки дар пеши шумо ду роҳ аст. Агар шумо сохти нави тафаккурро ташаккул надиҳед ва монанди одамони сарватманд фикр накунед, пас бо роҳи тафаккури одамони камбағал рафта, дер ё зуд ба камбағалию нодорӣ мерасед. Агар шумо ҳоло камбағал бошед, аммо тафаккури худро тағйир дода тавонед ва чун одами сарватманд андеша кунед, зуд ё дер дороиро ба даст меоваред.

Барои ба шумо фаҳмо шудани ин чиз мисоли зеринро баррасӣ менамоем. Тасаввур кунед, ки дар харду паҳлӯи шумо - чапу рост ду оташ аст. Ҳар рӯз ба шумо як тарошаи ҳезум дода мешавад. Ин як рӯзи ҳаёти шумо аст. Гулхани тарафи рост оташи сарват аст, дар тарафи чап оташи факру нодорӣ гузошта шудааст, вале масъалаи дар кадоме аз ин ду гулхан гузоштани ҳезуми худро шумо худатон интихоб ме-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



кунед. Яъне шумо имрӯзро ба кадом кор бахшиданиед, ба фикру андеша дар бораи камбағалӣ ё дар бораи сарват? Агар шумо ҳезумро ба оташи сарватмандӣ гузоред, он фурӯзон гашта, оташи камбағалӣ тадриҷан хомӯш мешавад. Аммо агар шумо ҳар рӯзро барои ҳал кардани масъалаҳои кӯчаки маишӣ ҷудо карда, онҳоро очилӣ ва муҳим шуморед, пас шумо оташи камбағалиро аз хомӯш шудан нигоҳ медоред ва мутаносибан оташи бойигарӣ зуд ё дер хомӯш мегардад. Муҳим нест, ки шумо ҳамчун мутахассис ва шахсият дар кадом поя истодаед. Ҳамаи одамон имконияти сарватманд шудан доранд. Ҳамеша, чун дар имрӯз, ҳаргиз имконияти ба муваффакият осон расидан мавҷуд набуд. Дар замони мо ҳама чиз воқеӣ гардид. Дар муқоиса ба одамони аз мо пешгузашта тақдири мо хеле баланд аст. Назар ба онҳое, ки дар замон сангини ҷанг ва баъдиҷангӣ ҳаёт ба сар бурдаанд, мо хеле хушбахтем. Шояд инро дарк накардаем.

Пештар чунин либосҳои зебо, асбобу анҷоми рӯзгор, чунин имкониятҳои васеъ вуҷуд надоштанд. Дар замони мо метавонед бе ягон монеа дар ҷаҳон сайру саёҳат кунед. Ҳатто агар дар айни замон барои саёҳат пул надошта бошед ҳам, вале дар бораи кишварҳои дур ва қораҳо тавассути телевизион, интернет, видеодискҳо ва китобҳо иттилооти бештар гирифта метавонед. Ҳоло барои амалӣ гардонидани қобилият имкониятҳои беҳадду ҳудуд мавҷуданд.

**Бинобар ин ҳеҷ гоҳ ба ҳеҷ ваҷҳ ба камбағалии худ созиш накунед!!! Ҳаргиз чизе баробари бепулӣ залилию азият намеорад. Камбағалиро ҳарчанд ҳақ шуморанд ҳам, он ҳаргиз мақоми сарватро ишғол карда наметавонад.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



## ФИКРУ АНДЕШАИ ШИРКАТКУНАНДАИ ТРЕНИНГХО

Камбағал то ҳол ғизо ва либос харида ва рӯз гузаронда, мунтазири нони худодод аст, сарватманд бошад, ба соҳибкорӣ машғул гашта, технология мехарад, онро азхуд менамояд, яъне амал намуда, зиндагии шоиста барпо мекунад.

Агар сарватманд тарзи амал карданро надонад, ӯ таваккал намекунад, аммо аз коршинос маслиҳат мехарад. Агар ба кадом кор машғул шудани худро надонад, он гоҳ аз нафаре, ки натиҷаи воқеӣ ба даст оварда, технологияи комёбии худро фурӯхтанӣ аст, технология мехарад ва бо ҳамин роҳ бизнеси худро такмил медиҳад ва ин дуруст аст. (Чунин қонун хаст).

Оё шумо боре шунидаед, ки ягон нафар соҳиби бонки муваффақ, ё соҳиби тарабхона сирру асрори касбашро ба нафаре бе ягон мақсад нақл карда бошад? Барои шунидани чунин ҳикоя ҳатто саъй намудан манфиат надорад!

Латифа дар мавзӯи мазкур.

Замони аз олам гузаштани Мойшаи куҳансол - соҳиби дукони калони тиҷоратӣ фаро мерасад, писаронаш сари бистари бемориаш гирд меоянд. Мойша бо овози паст ва нимшунаво мепурсад:

- Авраам, ту ҳамин ҷой, писарам?
- Ҳамин ҷо, - ҷавоб медиҳад Авраам.
- Ҷабраил, ту ҳамин ҷой, писарам?
- Ҳамин ҷо, падар, - ҷавоб медиҳад Ҷабраил.

Овози падар хиррос мекунад.

- Даниил, ту ҳам дар ҳамин ҷой?!
- Бале, падар.
- Чӣ, Михей ҳам дар ин ҷост?!!
- Бале, падар.
- Дуконро ба кӣ мондед, бачаҳои нофаҳми ман?! – гӯён Мойша аз ҷой якбора бармехезад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Наход шумо то ҳол андеша доред, ки Мойша ба шумо сирру асрори дӯкондории худро кушода медиҳад, хато кардаед! Китобро пӯшед ва то вохӯрии оянда. Технология нест? Пас, онро БИХАРЕД!

Технология дастури қадам ба қадам фаъолият кардан аст. Фарз кардем, ки шумо ба шаҳри ношиносе омадед ва бояд ба маркази савдои он шаҳр равед. Раҳгузарон ба шумо мегӯянд: «Ба тарафи рост равед, ба тарафи чап гардед, ду гузар ё маҳалларо гузаред, сипас он сӯи роҳ гузаред...» Ин аст дастурамал. Агар шумо мегӯед: «Ана, ман метавонам рост равам, аммо ба тарафи чап ҳеҷ гоҳ гашта наметавонам», ё «Ҳа, ин кӯча зебо нест, мумкин аст, ки ман ду маҳалларо нею як маҳалларо гузарам...» Оё, шумо ин маркази савдоро ёфта метавонед? Хеле шубҳаовар аст. Дар кӯчаҳои ношинос роҳгум зада, саргузашти ғароиб пайдо мекунед...

Дар бизнес ҳам комилан чунин аст. Технологияро гирифтед, ҳамаи корро аз рӯи дастурамал иҷро кунед, корро монанди он нафаре анҷом диҳед, ки соҳиби НАТИҶА шудааст. Чизеро аз худ илова кардан зарур нест. Ана, сарватманде, ки пул пардохт кардааст, ҳаргиз аз пеши худ кореро анҷом намедиҳад.

Лаҳзаи дигар. Дониш нерӯ аст! Хеле зебо садо медиҳад, аммо он ҳамеша ба кор намеояд.

Дониш замоне нерӯ шуда метавонад, ки агар амал вуҷуд дошта бошад. Дониш нафас гирифтан аст, амал бошад, нафас баровардан. Идея ё технология харидорӣ кардед, АМАЛ КУНЕД!

Зарур нест, ки панҷ солро барои азхудкунӣ сарф кунед. Зиёда аз он, шумо барои маълумоти олӣ гирифтан аллакай панҷ солро сарф кардаед. Сипас аксари одамон муайян намудаанд, ки таҳсилашон чандон ба кор намеояд, ниҳоят тасмим мегиранд, ки бо-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



яд ягон кореро анҷом диҳанд, бори дигар ба умеди дар ҳаёташон тағйироте ба амал омадан, ба гирифтани таҳсилоти олии дуввум меравандк, аммо тағйирот худ аз худ ба вуҷуд намеояд. Бояд амал кард! Ҳар чизе, ки ба чашм менамояд, ҳаргиз худ ба худ натиҷа намедиҳад. Чунин фикр хатост. Маъмулан (чунин меъёр барои соҳибкорони пешқадам вуҷуд дорад) барои идеяро амалӣ намудан 24 соат вақт ҷудо мешавад. Сарватмандон аз камбағалон донотар нестанд. Оё шумо надидаед, ки чӣ қадар одамони доно камбағаланд? Барои чӣ? Онҳо аз амал кардан тарсида, дуру дароз андеша мекунанд.

Ин мавзуъ низ методикаи худро дорад. Ҷустуҷӯ кунед. Роҳи ба даст овардани тарзу усул ва дастури чунин доноён вуҷуд дорад, онро бо нархи комилан муносиб харидан мумкин аст. Мулоҳиза кардан ҷоиз аст, фикр кардан низ мумкин аст. Аммо ана ин хел дуру дароз фикр кардан зарур нест.

Роҳи аз ҳама наздик ҳамроҳ шудан бо касе аст, ки усулҳои сарватманд шуданро медонад. Қадам ба қадам ақлу зеҳни молиявии худро инкишоф медиҳем. Тавассути интернет ҳам устод пайдо кардан мумкин аст, агар шумо чунин инсонро аз наздик шиносед, боз беҳтар аст. Устодон метавонанд чанд нафар бошанд.

Ин тавр ҳам мешавад: «шикасти як қисми кӯчаке дар автомобил, боиси дар як ҷой мондани шумо мегардад».

Мардуми Шарқ мефармоянд: «Барои як кайк ҷомаро намесӯзанд». Барои аз ҳаёти худ безор шудан шитоб накунед. Чизе нофаҳмост, дар як ҷой наистед, ҷустуҷӯи роҳи баромад ҳам амал аст, ин маънои онро дорад, ки шумо бо роҳи дуруст рафта истодаед. Зуд амал карданро омӯзед. Аз кам шурӯъ кунед. Дарди дандон азоб медиҳад - БАРХЕЗЕД, назди духтури

E-mail: ziyozoda@gmail.com



дандон равед. Тугма канда шуд - ОНРО ГИРЕД ва дар ҷояш дӯзед. Пул зарур аст - раведу ПУЛ КОР КУНЕД.

## МИСОЛИ КӮТОҲ

### Дар марҳилаи таъсиси бизнес

1. Якум идея аст. Барои аз идея ба амал гузаштан 24-72 соат вақт ҷудо карда мешавад. Бисёр дуру дароз фикр кардан зарур нест. Барои фикр ду-се рӯз кофист, аммо беҳтараш як рӯз аст. Майна об кардед, шуд. Акнун ба пеш!

2. Лоиҳаи таҷрибавӣ.

Ин таҷриба барои он аст, ки чӣ гуна идеяи шумо кор мекунад. Барои оғози он пул зарур аст. Гирифтани қарз ё дафтари кории қиммат-тдор қатъиян манъ аст. Дастҳоро ба ҷайб мегузорем, агар пул бошад, фарёд мекунем: «Ура!» ва амал менамоем. Агар пул нест, низ фарёд мекунем: «Ура!» ва дигар идеяро ҷустуҷӯ мекунем, ки мувофиқи ҷайби мо бошад. Идея пайдо мешавад. Охир, идея чизе нест, ки монанди шиноснома барои тамоми умр дода шавад. Воқеан, идея монанди орзуст, бояд бисёр ва хеле бисёр бошад.

3. Корро тахт карда, лоиҳаро ба даст мегирем ва корамон танҳо ҳамон вақт пеш меравад.

4. Бо маҳсулот кор мекунем, онро такмил медиҳем.

5. Ниҳоят маҳсулотро ба бозор мебарорем.

Бизнесро на аз дафтари корӣ, балки бояд аз мизочон шурӯъ кунед. Бо вуҷуди ин шумо чунин лаҳзаро чун далел бояд дарк кунед. Он ҳамон лаҳзаест, ки шуморо «дакка» медиҳанд. Масалан, вақте шумо мебинед, ки нафаре савори мошинаи олидараҷае меояд, ки шумо барои харидани он имконият надоред ва ин ҳолат барои шумо аламангез аст ва он ботини

E-mail: ziyozoda@gmail.com



шуморо месӯзад. Ё шумо дар гулгашт болои харак нишастаед ва ба хотир меоред, ки аз гирифтани мӯзаҳои поятон чанд сол гузашт. Ҳамин лаҳза аз назди шумо шиносатон гузашта, мегӯяд, ки дар бинои беҳтарини наздик хона харидам ва шумо худро ноҳинҷор ҳис мекунед ва дарун-дарун месӯзед. Ана, маҳз ҳамин лаҳзаро дар худ бояд боздошт кард. Ин ҳолат бад нест, он маҳз ҳамон чизест, ки шуморо барои амал кардан водор месозад. Он эҳсоси дуруст аст. Онро ба ҳарзагӯӣ ё ғайбат сарф кардан, ё бо майнӯшӣ хомӯш намудан зарур нест. Амал бояд кард!

Мағзи худро омӯзонед, ки дуруст фикр кунад - он манбаи аслии нерӯи шумост. Худро бо мусолиҳаи равонӣ (психологӣ) азият додан зарур нест, ки он бояд чӣ гуна кор кунад. Он бе ягон мушкилӣ КОР МЕКУНАД.

## САРГУЗАШТИ ШИРКАТКУНАНДАГОНИ ТРЕНИНГҲО

Ман ду хоҳар дорам, яке 28 сол, дигаре 27 сол дорад, онҳо ҳарду оиладор буда, соҳиби фарзанданд, аввалӣ ду, дуввумӣ се фарзанд дорад. Ҳардуи онҳо хоҳарони бисёр хубанд, дар ҳаққи волидайни худ ғамхорӣ мекунанд ва хеле меҳнатдӯсту меҳрубонанд.

Аммо дар тафаккури онҳо тафриқае вуҷуд дорад, ки ба ҳаёти онҳо таъсир мерасонад. Хоҳари хурдӣ тамоми вақти пурқиммати худро ба корҳои бепоёни хона сарф мекунад. Бо вуҷуди он ягон кори хона албатта ба анҷом нарасида мемонад, зеро кор ҳамеша бисёр аст. Бачаҳо ба нигоҳубин эҳтиёҷ доранд, либосҳояшонро зуд-зуд ифлос мекунанд, ашёи хонаро ба чор тараф пош медиҳанд. Бинобар ин барои рӯбучин ва шустушӯй вақти хеле бисёр сарф мешавад. Муҳимтар аз ҳама, бо вуҷуди аз субҳ то шом кор кардани шавҳар, пулашон

E-mail: ziyozoda@gmail.com



кам аст. Бинобар ин оила маҷбур мешавад, ки ҳамеша сарфакорӣ кунад.

Аммо хоҳари бузург ба тарзи дигар амал мекунад. Ӯ ҳамроҳи бачаҳо дар хона нанишаста, онҳоро ба кӯдакистон бурд, илова бар он, духтари аммаамонро, ки донишҷӯ аст, ба хона барои кӯмак расондан дар корҳои хона даъват кард ва ба вай маблағи хизматашро медиҳад. Худи ӯ бошад, ба соҳибкорӣ машғул буда, даромади муносиб ба даст меорад. Ҳоло вай аллакай одами аз ҷиҳати молиявӣ озод аст. Ӯ хона, мошина, қитъаи замин, ҳамчунин бизнеси худро дорад, аз ҳама муҳим, ӯ дар оилаи хушбахту осоишта умр ба сар мебарад. Аз ин мисол ман фаҳмидам, ки одамони сарватманд аз дигар одамон вақт ва пулро харидорӣ мекунанд, то ки фишангҳои молиявиро самаранок истифода баранд.

## ▪ САРГУЗАШТИ ИБРАТОМӮЗ

### «НОКИА»

Таърихчаи ин ширкат аз гузаштаи дур, яъне аз соли 1865 оғоз мешавад. Он замон Фредерик Идестам, муҳандиси корҳои кӯҳии финӣ дар шаҳри Нокиа фабрикаи начандон калони коркарди чӯбро сохта буд.

Соли 1920 бошад, корпоратсия таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он се ширкати истеҳсолкунандаи коғаз, резин ва нимноқилҳо дохил шуданд. Баъд аз ҷанг ширкат ба кори электроника машғул гардид, аммо баъдтар самти бештар ояндадорро корбаст кард. Ширкат қисми бештари вақти худро ба бахши тадқиқотӣ барои коркарди алоқаи электронӣ сарф мекард.

Дар асоси технологияи корпоратсияи Nokia соли 1981 андозаи алоқаи рақамии NMT сохта шуд, ки он барои ҳамаи истеҳсолкунандагон ва истифодабарандагон

E-mail: ziyozoda@gmail.com



дастрас аст. Ин навъи алоқа дар Скандинавия ба таври кофӣ зуд паҳн гардид ва сипас ба дигар минтақаҳои Аврупо расид. Он замон аввалин телефонҳои дастии ҳанӯз калону вазнин пайдо шуданд.

Солҳои 80-ум барои ширкат чандон солҳои маъмулӣ набуданд. Мушкилоти онҳо ба буҳрони иқтисоди ҷаҳонӣ алоқаманд буд. Одамон, ҳатто коркунони худи ширкат, ҳанӯз баояндаи алоқаи рақамӣ ва телефонҳои мобилӣ боварӣ надоштанд. Самти фаъолияташон беандоза хатарнок буд. Аммо бо вуҷуди он роҳбарият тасмим гирифт, ки электроникаро мавриди амал қарор диҳад. Дар ширкати Nokia баояндаи телефони мобилии алоқаи электронӣ хеле эътимод доштанд.

Охири солҳои 80 бо иштироки як қатор ширкатҳо, ки дар байни онҳо Nokia низ буд, андозаи нави алоқаи рақамӣ – GSM пешниҳод карда шуд. Худи ҳамон солҳои охири 80-ум Nokia иҷозатномаро барои стандарти GSM ба ширкатҳои финӣ фурӯхт. То соли 1996 стандарти GSM боз дар 9 кишвари Аврупо пайдо шуд, аммо баъд аз як сол стандарти GSM аллакай дар 31 кишвар кор мекард. Соли 1998 ширкат тадриҷан аз рӯи суръати тараққиёт баробари чунин ширкатҳои бузург, монанди Ericsson-и шведӣ ва Motorola-и америкоӣ гардид.

Шакли зоҳирии телефонҳои дастии Nokia зебо ва дилкаш буда, боэътимод ва мустаҳкам мебошанд. Истифодабарандагон дар тамоми олам онҳоро хеле зуд ҳамчун меъёри алоқаи рақамӣ эътироф кардаанд. Охир, одамон телефонҳоро аз рӯи салиқаи худ харидорӣ мекунанд, Nokia бошад маҷмуи бештар пурраи навъҳоро молик аст, ки қобилияти қаноатманд кардани ҳар гуна одамон - аз соҳибкор шурӯъ карда, то духтари наврасро дорад.

Финниҳо тавонистанд, ки ба дили истифодабарандагон роҳ ёфта, яке аз бузургтарин ширкатҳои ҳозиразамонро созмон диҳанд. Имрӯз дар Nokia бештар аз 66 ҳазор нафар одамон кор мекунанд, даромади солонаи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



корпоратсия бошад, соли 2007 аз 51 миллард доллар гузашт. Ҳоло Nokia дар бозори телефонҳои мобилӣ ҳиссаи аз ҳама бештарро соҳиб аст.

**ХУЛОСА. Фишангҳои молиявиро барои расидан ба комёбӣ истифода баред. Агар шумо идеяи худро надошта бошед, онро аз дигарон харидорӣ кунед. Агар вақт нарасад, вақти дигар одамонро тариқи киро кардани ҳайати кормандони маъмурӣ харидорӣ кунед. Агар пул нарасад, бо роҳи қарзгирӣ аз бонк пули бегонагонро истифода баред. Агар донишу таҷриба нарасад, мутахассисони олидараҷаро пайдо кунед. Ин фишангҳои молиявӣ ҳамаи саъю талоши шуморо чандкарата афзун гардонида, имконият медиҳанд, ки ҷону саломатии худро дар корҳои шабонарӯзӣ накоҳонда, орзуи худро амалӣ гардонед.**

E-mail: ziyozoda@gmail.com

# МОНЕАХО ДАР РОҲИ КОМЁБӢ
## дар фаҳмиш ва шуури мардум

Муҳтоҷӣ - таҳқири ҳамаи
қобилияту маҳорати мост.
***Я. Княжнин***

Дар ҷаҳон бисёр одамон мехоҳанд, ки бойигарию комёбӣ ба даст оваранд ва талош мекунанд, ки мақсадҳои худро дар ҳаёт амалӣ гардонанд. Аммо ин чиз ба онҳо хеле кам даст медиҳад, зеро дар сатҳи шуурашон монеа вуҷуд дорад, ки худи онҳо онро намедонанд. Шумо диққат додаед, ки боғбон чӣ кор мекунад ва ӯ чӣ гуна кор мекунад? Пеш аз он, ки боғбон дарахтҳоро об монад, аввал аз роҳи об ҳар гуна монеаҳоро бартараф мекунад, обро бо воситаи ҷӯй ба ҷои зарурӣ равон мекунад ва об ба сӯи дарахтон равон мегардад, боғбон маҷбур нест, ки зӯр зада, онро бар дӯши худ кашад. Ин нукта бисёр муҳим аст.

Ба ҳамин тартиб, мо агар монеаро дар фаҳмиши мардум бартараф кунем, боварии онҳо афзунтар мегардад ва имконият фароҳам оварда, онҳоро илҳом мебахшад. Ҳатто кӯчактарин натиҷаи шумо ғайрату қувваро ду, се ва даҳ маротиба афзун мекунад.

Шояд шумо одами хубу таҳсилдида бошед. Аммо баъзан нақшаҳоятон амалӣ намешаванд. Медонед, бо кадом сабаб? Бингаред, умед уҳдадориест, ки орзуҳои шуморо ба воқеият табдил медиҳад. Ин чӣ маъно дорад? Орзую амал моро метавонанд барои расидан ба комёбӣ роҳнамун гарданд. Мо бояд барои ҳифз кардани он ҳамеша саъю талош кунем. Дар ҳаёти мо ҳар воқеае, ки рух надиҳад, мо бояд ноумед нашавем ва бовар кунем. Умед бояд дар ботини

E-mail: ziyozoda@gmail.com



мо ҳамеша боқӣ монад. Ҳар қадаре, ки мушкил набошад, мо бо шумо бояд бовар дошта бошем, ки роҳи халосӣ ҳамеша вуҷуд дорад.

**Дар хотир нигоҳ доред, агар шумо ба об афтед, ғарқ нахоҳед шуд, аммо шумо замоне ғарқ мешавед, ки агар дар як ҷой беҳаракат истед.** Айнан ба монанди ин,агар дар ҳаёти шумо мушкиле пайдо шавад, бояд дар муқобили он беҳаракат қарор наистед. Бояд роҳи ҳалро ҷустуҷӯ кунед. Пайваста ва мудом ҷустуҷӯ кунед, он гоҳ шумо ҳатман роҳи ҳалли онро пайдо мекунед. Зеро ҳама чиз - ҳам рӯзи вазнин ва ҳам мушкилот, ҳатто рӯзҳои хуш ҳам гузарандаанд. Чизе абадӣ нест.

## Ирсияти бад

Сабаби ягонае, ки дар роҳи комёбӣ бартараф кардани он мушкил аст, ирсияти бад аст. Аммо дар ҳоли рушди имрӯзаи илм, бо кӯмаки ақлу тафаккури дастҷамъона ҳатто ин масъалаи ҷиддиро ҳал карда, комёбӣ ба даст овардан мумкин аст. Ҳоло одамони бемори Дауна ҳунарманди маъруф мешаванд, одамони саломатиашон нохуб ҳам рассомони машҳур мешаванд. Аутизм бошад, бемории нобиғагони компютерии водии силиконӣ аст.

Ин маънои онро дорад, ки пештар одамон дар бораи имконияти ақлу тафаккури дастҷамъона чизе намедонистаанд. Дидед. Бо кадом сабаб мо ин монеаро баррасӣ мекунем? Барои чӣ мо дар ин бора ба шумо мегӯем? Мехоҳем мутмаин бошем, ки ҳар гуна монеаро бартараф кардан мумкин аст. Ҳаёти муосир ба ин иҷозат медиҳад.

Масалан, ман одами нобиноеро медонам, ки бо ҳафт забон озодона гуфтугӯ мекунад. Тасаввур мекунед, ки чашмони ӯ аз рӯзи ба дунё омаданаш нобино мебошанд, аммо ҳафт забон медонад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



## Дар ҳаёт бемақсад будан

Медонед, маълум шуд, ки 98 фоизи одамони бетолеъ ва бадбахт дар ҳаёташон мақсади мушаххас надоранд. Ин яке аз сабабҳои асосии шикасту нодории онҳост. Аксарияти одамон барои он муваффақ нашудаанд, ки онҳо танҳо мақсади мушаххас надоштанд. Аммо, охир, ҳамаи бачаҳо дар дилашон ягон орзуе мепарваранд. Барои чӣ дар ботини баъзеи онҳо бо мурури синну сол мақсад ташаккул наёфтааст? Эҳтимол барои он бошад, ки таҷрибаи манфии одамонро бештар дидаанд, ба балоғат расида, таърихи манфиро мефаҳманд, мисолҳои манфиро мебинанд.

Бо ҳамин сабабҳо одамон ба худ эътимод надоранд, нерӯ ва қобилияташонро аз даст медиҳанд. Ба воқеҳои ногаҳонӣ рӯ ба рӯ шуда, онҳо аз дунё пурра дилсард мегарданд. Вақте ки инсон эътимодро аз даст медиҳад, дар навбати худ вай аз барномарезии ҳаёташ низ даст мекашад. Дар ҷумҳуриҳои собиқи СССР одамон ба кори банақшагирииояндаи худ одат надоштанд, зеро дар замони шӯравӣ мақсад мегузоштанд, ки ҳарчи зудтар таҳсили хуб гиранд. Агар шумо соҳиби маълумоти олӣ мешудед, ҳаёти хуб ба шумо кафолат дода мешуд. Аз ҳама асосиаш, кор ҷустуҷӯ намекардед, дар ҳама соҳаҳо ҳамеша ҷои кори холӣ мавҷуд буд. Хонаи бепул медоданд, бепул меомӯзонданд, бепул табобат мекарданд.

Аммо ҳамаи он гузашт. Танҳо дар асри XX шумо муҳандис, духтур, муаллим шуда, хеле хуб зиндагӣ карда метавонистед. Имрӯз ҳаёт комилан тағйир ёфтааст. Метавонед маълумоти хуб гиред, вале кор пайдо карда наметавонед. Панҷ соли ҳаётро сарфи таҳсил намуда, аз рӯи ихтисос, вале бо маоши ночиз кор карда, дар фақру муҳтоҷӣ ҳаёт ба сар мебаред. Ана, барои чӣ ташаккул додани мақсад ва банақшагирии амали худ хеле муҳим аст.

Ба тартиб додани нақшаи оянлаи ҳаёти худ оғоз кунед. Бевосита аз худи имрӯз шурӯъ кунед. **Ҳар касе, ки ояндаи худро ба нақша намегирад, бояд назди ҳолате сар хам кунад, ки ба ҷои ӯ дигарон ҳаёташро ба нақша мегиранд.** Агар худи мо ҳаёти худро ба нақша нагирем, ин маънои онро надорад, ки дигарон ба ин кор машғул намешаванд.

## Камбудӣ ё норасоии дониш

Норасоии сатҳи дониш ба амалӣ гаштани мақсадҳоямон халал мерасонад. Аммо бартараф кардани ин нуқсон осон аст. Зеро онро бо роҳи худомӯзӣ бартараф кардан мумкин аст. Барои бомаърифат шудан хатм кардани коллеҷ ва муассисаи таҳсилоти олӣ кофӣ нест. Маърифат на танҳо ҳосили ҷамъи дониш аст, балки маҳорати то кадом андоза донишро амалӣ кардан мебошанд. Бояд низоми се зинаи таҳсилро истифода кунед: таҳсил дар мактаби миёна, сипас дар муассисаи олии таълимӣ, ва ниҳоят худомӯзӣ. Ҳар рӯз камаш бояд як соат китоб хонед.

Агар шумо ин қоидаро, ки дар бораи он мо мегӯем, истифода баред, он гоҳ дар ҳақиқат бо роҳи худомӯзӣ хеле зуд натиҷаи самарабахш ба даст овар-да метавонед. Бисёрии одамон ҳамин ки кори хуб пайдо карданд, аз рушду пешравӣ ва такмил ёфтан бозмемонанд. Онҳо аз рӯи нақшаи хона - кор, кор - хона ҳаёт ба сар мебаранд ва ҳамин тавр ҳар рӯз.., ҳа, боз мағозаи озуқавориро илова кардан мумкин аст. Ана, ее нукта, ки ҳаёти инсон дар атрофи онҳо чарх мезанад. Кор, хона, мағоза, вассалом.

Баъзе одамон китоб намехонанд ва аз инкишофу пешрафти худ қафо мемонанд. Аммо мо ҳосили ҷамъи он чизе ҳастем, ки онро мехонем. Зеро тафаккури мо дар асоси хондани китоб ташаккул меёбад. Агар инсон китоб нахонад, чӣ воқеа ба сари ӯ рух

E-mail: ziyozoda@gmail.com



медиҳад? Дар сари ӯ ҳамеша фикру андешаи манфӣ, шубҳа, ҳаяҷону изтироб ва ғайра чарх мезананд ва бесабаб нест, ки мардуми китобхон умри бештар мебинанд.

Агар инсон дар бораи комёбӣ китоб нахонад, дар ботини ӯ майли бемориюю ошуфтаҳолӣ пайдо мешавад. Зеро китоб доруи асосӣ ба шумор меравад. Ҳар донише, ки аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ мегирем, барои мо ҳанӯз кофӣ нест. Дар мактаби олӣ мо танҳо иттилооти илмии мураттабшударо мегирем. Муассисаҳои мазкур ба мо фикр карданро намеомӯзанд, балки дар ҷойи муайян, дар вазифаи муайян кор карданро меомӯзонанд.

Диплом гирифтани шахс ҳанӯз маънои бомаърифат шудани ӯро надорад. Инсоне нав ба дунё меояд, вале ба дунё омадани вай ҳанӯз маънои инсони ҳақиқӣ шуданашро надорад. Ташаккули шахсият ин раванди дуру дароз ва мураккаб аст. Агар инсон дар кӯчаҳо озодона гардад, ҳаргиз чунин маъно надорад, ки вай инсони озод аст, бо вуҷуди он нисбат ба одамони паси панҷара нишаста онҳоро озод гуфтан мумкин аст. Дар ҳақиқат, инсони озод ин шахсест, ки худро сохтааст, орзуҳои худро дар амал татбиқ карда, ба мақсади худ расидааст.

Бинобар ин, зинаи сеюм - худомӯзӣ хеле муҳим мебошад. Дар ин сатҳ ба шумо зарур аст, ки ҳар рӯз ақаллан як соат вақтатонро барои баланд бардоштани сатҳи ақлонии худ сармоягузорӣ кунед, пайваста омӯзед. Медонед, бадбахт шудан хеле осон аст. Чӣ хел? Як муддат ягон кор накунед ва шумо ба таври автоматӣ ба зер мелағжед.

Ҷаҳони муосир гирифтани ҳар гуна маълумотро ба шумо иҷозат медиҳад. Ба ғайр аз мактабҳои олӣ курсҳои кӯтоҳмуддати зиёде мавҷуданд. Ҳар рӯз мустақилона ба худомӯзӣ машғул шавед. Ин кор хеле

E-mail: ziyozoda@gmail.com



муҳим аст. Ҳар рӯз як соат вақтатонро барои хондани китоб ҷудо кунед. Беҳтараш бегоҳӣ, пеш аз хоб. Субҳ 20 дақиқа чизҳои хондаи худро такрор кунед. Агар шумо бегоҳӣ хонед, субҳ чизҳои хондагии худро нависед, ин самаранокии омӯзишро 2-3 маротиба афзун мекунад.

## Беғурурӣ

Беғурурӣ ба мо халал мерасонад. Он сабаби ҷиддӣ ист. Зеро инсон дар ҳаёташ бе хоҳиш дар вақташ барои иҷрои амал саъю талош намекунад. Бо кадом сабаб баъзе одамон ба осонӣ ба фақру бенавоӣ мутеъ мешаванд? Мо дуру дароз сабабҳои онро ҷустуҷӯ кардем. Шумо медонед, сарватманд шудан назар ба камбағал шудан осонтар аст. Шумо медонед, муваффақ шудан нисбат бетолеъ гардидан осонтар аст. Шумо метавонед бовар накунед, аммо ҳамин тавр аст.

Арзиши нокомӣ ҳатто нисбат ба комёбӣ гаронтар аст. Дар сурати нокомӣ шахс рӯҳафтода мешавад, бепул мемонад, ӯро таҳқир мекунанд, ӯ ошуфтаҳол мешавад. Вақтро аз даст медиҳад. Дар ҳолати комёбӣ - шумо пул, шуҳрату эътироф ва эътимоду саломатӣ ба даст меоред. Комёбӣ ба кас кӯмак мекунад, ки зудтар шифо ёбад. Мо гуфтем, ки камбағал будан назар ба сарватманд шудан сангинтар аст. Шумо мепурсед, ки барои чӣ? Медонед, чӣ гуна системаи асаб бояд дошт, ки муҳтоҷӣ ва нестиро тамоми ҳаёт таҳаммул кунед? Мушкилотро аз сар гузаронида, бо фақр мутеъ шудан бениҳоят сангин аст.

Барои чӣ хоҳиши одамон бо мурури замон нест мешавад? Эҳтимол фарзанди шумо рӯбучини кардани хонаро дақиқ медонад, ё ки чи гуна ба тартиб овардани ҳуҷраи худро сарҳисоб меравад. Аммо ӯ ин корро намекунад. Барои чӣ? Зеро хоҳиш надорад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Бехоҳишӣ ба чӣ оварда мерасонад? Ба танбалӣ, таҷрибаи манфии атрофиён. Ношукрию носипосии дӯстон, ошноён низ ҳиссаи худро дар ин раванд мегузоранд. Агар мард кореро анҷом диҳад, аммо аз ҳамсараш калимаи ташаккуру сипосгузориро нашунавад, рағбати вай ба кораш тадриҷан аз байн меравад.

Агар бачаҳо бинанд, ки ҳама чунин мекунанд, онҳо низ чунин рафтор мекунанд. Мову шумо бошем, бояд инро дарк кунем. Дар атрофи худ одамони хубу боғурур, зиндадилу хушбахтро гирд оваред. Барои фаҳмидани ин принсип номи даҳ нафареро нависед, ки бо онҳо ҳар рӯз вомехӯред. Ин рӯйхатро хонда, дар хотир нигоҳ доред, дар панҷсоли наздик ҳаёти шумо мисли ҳаёти онҳо мегардад.

Агар онҳо давлатмандона зиндагӣ кунанд, шумо низ сарватманд хоҳед шуд. Агар онҳо ноком бошанд, шумо низ ноком хоҳед шуд. Агар онҳо дар ҳаёти оилавӣ хушбахт бошанд, шумо ҳам хушбахт мешавед. Агар аксарияти онҳо одамони муваффақ бошанд, шумо низ муваффақ хоҳед шуд. Бинобар ин атрофиёни шумо дар ташаккули ояндаи шумо нақши бузург мебозанд. Онҳо ба тасмимгирӣ, ҷаҳонбинӣ, одат ва тарзи ҳаёти шумо таъсир мерасонанд. Дар атофи худ одамони боғурури бомақсаду орзуро гирд оред, ки барои ба самти беҳтар тағйир додани чизе дар ҳаёти худ омодаанд.

## Надоштани иродаи кофӣ

Барои бисёриҳо дар дастрасӣ ба комёбӣ интизомнокии худӣ намерасад. Бо мақсади паси сар кардани ин мушкилӣ ба мо зарур аст, ки назорат ва идора кардани худро омӯзем. Вақте ки мо дар корхона кор мекунем, каси дигар барои интизомнокии мо ҷавоб мегӯяд. Барои рушди интизомнокии худӣ бояд

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ирода зарур аст. Бо нияте маслиҳат медиҳем, ки ба варзиш машғул шавед. Агар инсон дорои ирода набошад, боинтизом буда наметавонад. Ӯ метавонад ба худ гӯяд: «Пагоҳ варзишро оғоз мекунам» ё «Баъди фардо ба худомӯзӣ шурӯъ мекунам», аммо ин корро намекунад, ҳамеша ба нақша мегирад, аммо ҳамаи нақшаҳояш рӯи коғаз мемонанд.

Аммо бояд шумо донед. Агар хоҳед, ки худро дар рӯҳияи интизомнокӣ тарбия намоед ва комилан интизомнокии худӣ метавонад шуморо ба комёбӣ расонад, марҳамат карда, дар худ боирода буданро тарбия намоед. Барои ин, такрор мекунам, ба варзиш кардан шурӯъ кунед, ҳолати ҷисмонии худро хуб гардонед. Барои ба комёбӣ расидан нерӯи ҷисмонӣ зарур аст. Зеро боинтизомӣ ин ҳолати анҷоми он амалест, ки мо бояд онро бечуну чаро иҷро намоем. Новобаста аз он, ки ин ба мо писанд аст ва ё не. Бояд корро ба истиснои «наметавонам» анҷом диҳед. Бояд корро бидуни «намехоҳам» иҷро кунед.

Одатан одамони зиёде, ки ба онҳо интизомнокӣ бегона аст, тибқи категорияи «мехоҳам - намехоҳам», «аз ман аст - аз ман нест» (ин аз ман нест, пас онро анҷом намедиҳам), «меравам - намеравам», писанд аст - писанд нест» (ба ман ин чиз писанд нест, ман ин корро намекунам), «дуруст - нодуруст», «дӯст медорам-дӯст намедорам» ва ғайра ва ҳоказо фикр мекунанд.

Аммо одамони муваффақ бо қудрати интизомнокии худ тибқи категорияи махсус фикр мекунанд. Тафаккури онҳо аз рӯи принсипи «зарур аст – зарур нест» амал мекунад. Ваccалом.

**Агар коре зарур бошад, ғайри хоҳиши худ раведу ҳамон корро анҷом диҳед. Агар орзуятон тақозо кунад, агар кор барои ба мақсад расидан шарту зарур бошад, дар ин сурат**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**муҳим нест, ки писанд аст ё писанд нест, зеро он машғулият аст, раведу онро анҷом диҳед.** Ин ҳолат монанди қоидаи қаҳрамонони олимпӣ аст - то охири масофа варзишгар чунон хаста мешавад, ки гумон мекунад, ду қадам гузошта наметавонад, аммо бо вуҷуди он ба воситаи «наметавонам» масофаро то ба охир тай мекунад. Ана, ин аст категорияи тафаккури одамони муваффақ!

Агар кореро кардан зарур бошад, марҳамат, раведу онро анҷом диҳед. Китоб хондан зарур бошад, китоб гиреду мутолиа кунед. Маълумот гирифтан зарур бошад, раведу таҳсил кунед. Барои сарватманд шудан пул пасандоз кардан шарт аст, бо ҳар роҳе, ки набошад пасандоз кунед. Пулро идора кардан зарур аст, омӯзеду идора кунед. Новобаста ба он, ки амалҳои мазкур ба шумо писанданд ё не, онҳоро баҷо оред. Барои муваффақ шудан бояд тибқи категорияи «зарур аст – зарур нест» фикр карданро азхуд кунед. Танҳо бо чунин роҳ иродаро тарбия карда, натиҷа ба даст оварда, орзуи худро амалӣ кардан мумкин аст.

## Саломатии бад

Монеаи дигар саломатии нохуб аст. Агар шумо худназоракунӣ ва худидоракунии ҳолати ҷисмонии худро омӯзед, сабабҳои бисёри носолимӣ, ҳолату кайфияти бадро бартараф карда, комилан солиму бардам мегардед. Носолимӣ пеш аз ҳама одатҳои бад, майлу ҳавасу рағбат ба пурхӯрӣ, одати дар бораи чизҳои бад фикр кардан, нарасидани ҳавои тоза, носозгории шаҳвонӣ мебошанд.

Асосан барои саломатӣ чанд чизи муҳим мавҷуд аст, ки бояд ба онҳо такя кард. Якум, бояд речаи муайянро ҳамеша риоя кунед. Яъне худро ҳамеша назорат кунед. Барвақттар хобида ва субҳи барвақт

E-mail: ziyozoda@gmail.com



баробари офтоб аз хоб бархезед, яъне дар созгорӣ бо табиат бояд аз рӯи реҷаи он зиндагӣ кунед.

Дуюм. Сифати маҳсулоти ғизоиро назорат кардан зарур аст. Ин хеле муҳим аст. Агар шумо дуруст ғизо хӯред, мутаносибан ба саломатӣ, авзои бадан ва кайфияти ҳоли шумо таъсири мусбат мерасонад. Чунки аксарияти бемориҳо натиҷаи ғизои камсамар буда, ба ҷамъшавии зардоб дар ҷисми одам оварда мерасонад.

Сеюм, бояд бештар ҳаракат кард, то ин ки қаду қомататонро хуб нигоҳ дошта тавонед. Ҳикмати қадима мефармояд: **«Агар замони солимӣ надавидӣ, вақти беморӣ медавӣ»**. Бинобар ин ҳатман барои варзиш вақт ҷудо кунед ва он гоҳ носолимиро мумкин аст ба саломатӣ иваз намуд. Дар айни ҳол мустаҳкам кардани саломатӣ маънои рафту омад ба назди духтурон ва табобатро надорад. Дар назди духтур мо талош мекунем, ки аз ҳолати бад ва беморӣ халос шавем. Мо барои он дору мехӯрем, ки аз натиҷаи тарзи зиндагии нодуруст раҳо шавем. Тани сиҳат ҳолатест, ки дар ҳақиқат чизе шуморо нороҳат намекунад, аммо шумо онро тақвият мебахшед ва тану андоми худро хуб нигоҳ дошта метавонед.

Ба ғайр аз ин камбудии хулқи худро бояд бартараф кунед. Аз одатҳо халос шудан мумкин аст, имконияти хулқро ислоҳ кардан вуҷуд дорад. Ин аз он вобаста аст, ки шумо чӣ гуна илму маърифатро барои рушду густариши шахсии худ гирифтан мехоҳед. Аз ҳамаи хоҳишҳо дида хоҳиши ба самти беҳтар тағйир ёфтан муҳимтар аст.

## Муҳити номусоиди атроф

Монеаи дигар муҳити номусоиди атроф, бахусус дар давраи бачагист. Барои ғалаба ба таъсири муҳити ҷиной, оилаи бад ва ба ин монанд омилҳои манфӣ

E-mail: ziyozoda@gmail.com



иродаи бузург доштан зарур аст. Намунаи муваффақи бартараф кардани чунин мушкилот имрӯз ба қадри кофӣ бисёр аст. Агар шумо дар оилаи камбағал таваллуд шуда бошед, гумон накунед, ки он гӯё ҳукм барои шумо аст ва тамоми умр камбағал боқӣ мемонда бошед. Агар шумо дар он оилае таваллуд шудаед, ки волидайн аз ҳамдигар ҷудо гаштаанд, ин маънои онро надорад, ки шумо оиладорӣ карда наметавонед, ё ҳатман аз ҳамсари худ ҷудо мешавед. Агар шумо дар ятимхона ба воя расида бошед, ин маънои онро надорад, ки шумо бояд аз орзуҳо ва мақсади олии худ даст кашед.

Дарки ин чиз хеле муҳим аст, ки таъсири номусоиди муҳити бачагии шуморо тағйир додан, ҳамчунин бартараф кардан мумкин аст. Фаҳмидан зарур аст, ки бачагӣ алакай дар қафо, дар гузашта аст ва акнун онро баргардонда намешавад. Ин муҳим нест, ки дирӯз шумо кӣ будед, акнун муҳим аст, ки фардо шумо кӣ шудан мехоҳед. Рӯзи гузаштаро тағйир дода наметавонед, аммо мо имрӯзу фардоро тағйир дода метавонем.

## Ба фардо гузоштан

Монеаи дигаре, ки дар шуури одамон вуҷуд дорад, одати ба фардо гузоштани амале аст. Ин сабаби аз ҳама паҳншудатарини нокомӣ аст. Ин мушкилот ба ҳама ошност. Онро фавран бартараф намоед. Интизор нашавед, фавран амал кунед. Мо дар ин мавзуъ аллакай суҳбат карда будем. Мағзи сари инсон чунон сохта шудааст, ки агар дар муддати 72 соат баъд аз шунидани иттилоот ба амал кардан оғоз накунед, он барои панҷ соли наздик мавқуф гузошта мешавад.

Агар инсон чизеро фаҳмад, ки он ӯро ба идеяи шавковар мерасонад, вале дар муддати 72 соат ба

E-mail: ziyozoda@gmail.com



амалӣ кардани он шурӯъ накунад, мисли пештара вай зери таъсири одати «ба фардо гузоштан» қарор мегирад. Минбаъд қувваи иродаи ӯ кифоя намекунад, ки корро иҷро кунад, иҷрои кор бори дигар ба замони «баъдтар» вогузор мешавад. Ниҳоят, ҳама мехоҳанд, ки сарватманд шаванд ва ҳамеша солим бошанд, аммо барои расидан ба ҳамин мақсадҳои худ коре намекунанд. Солҳои дароз дар бораи ба варзиш машғул шудан фикр мекунанд, аммо сабабе пайдо карда, онро мудом ба замони дигар мегузоранд. Он чизеро, ки иҷрои онро барои имрӯз ба нақша гири-фаед, ба фардо гузоштан мумкин нест. Ин яке аз сабабҳои аз ҳама вусъатёфта аст, ки бо таъсири он одамони зиёд ноком мондаанд.

Барои ба комёбӣ ноил шудан фавран амал кардан хеле муҳим аст. Агар шумо имрӯз дар тренинг ягон сухани барои фаъолиятатон манфиатоварро шунавед, ё онро дар китоб хондаед, фавран амал кунед. Нақша тартиб диҳед ва барои амалӣ кардани он оғоз кунед. Фосилаи байни лаҳзаи гирифтани тасмим ва оғози амал бояд аз 72 соат зиёд набошад.

## Нокифоягии устуворӣ

Сабаби дигаре, ки донистани он зарур аст, нокифоя будани устуворӣ мебошад. Чизе устувориро иваз кардан наметавонад. Ба халалу зиён диққат надиҳед. Мағлубият ва нокомӣ дар муқобили устуворӣ истодагарӣ карда наметавонанд. Инро таърих исбот кардааст. Нобарорӣ ва мушкилот ногузиранд. Онҳо ҳамеша буданд ва боқӣ мемонанд. Ниҳоят, агар шумо ба дарахт бароед, эҳтимол, аз он афтед ва чӣ қадаре, ки боло баромадан гиред, эҳтимолияти аз он афтидан бештар мегардад. Аммо меваҳои хушлаззаттарин дар шохҳои аз ҳама баланд пухта мерасанд ва меёбанд. Ҳаёт низ чунин аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Дар хотир нигоҳ доред, аз комёбӣ то шикаст як қадам фосила аст. Бинобар ин одамони бисёр ба кори бизнес шурӯъ карда, қарздор мондаанд. Роҳ аз сарватмандӣ то муфлисшавиро хеле зуд гузаштан мумкин аст. Аммо устуворӣ дар ҳар сурат ғалаба мекунад, ин чиз ба шумо кӯмак мекунад, ки ҳамаи мушкилиҳоро бартараф кунед. Сабру тоқат пеша карда, ҳамчунин амал кунед. То замоне, ки хостаи дилатонро ба даст наоред, қарор наистед. Медонед, устувории беҳадду канорро аз кӣ омӯхтан мумкин аст? Аз мурчагон. Як маротиба санҷида бароед, оё метавонед мӯрчаро аз роҳаш боздоред? Дар пеши вай монеа гузоред. Мӯрча ба пеш ҳаракат карда, бо тамоми қувва талош мекунад, ки онро бартараф кунад. Мӯрчагонро нигоҳ доштан ғайриимкон аст. Ана, устувории ҳақиқӣ, кирдори ибратомӯзи онҳоро омӯзед.

## Рағбат ба бозиҳои саргармкунанда

Сабаби дигари нокомӣ шавқу рағбат ба бозиҳои саргармкунанда аст. Саргармӣ ба некӣ намеанҷомад ва аксар вақт ба шикасти ҳамаи умедҳо оварда мерасонад. Сабурию устуворӣ, саъю кӯшиш ба худназораткунӣ лозим аст. Баъзан кӯмаки равоншиноси ҳирфавӣ зарур мегардад. Медонед, пули осон вуҷуд надорад. Ғалабаи осон намешавад. Комёбии осон низ вуҷуд надорад. Ҳама чиро сазовор бояд буд. Худкораҳои бозингарӣ, киморхона, бозиҳои саргармкунанда ба яъсу ноумедӣ ва шикаст оварда мерасонанд.

Шумо ба шарте комёбиро хеле зуд ба даст оварда метавонед, ки агар бо роҳе равед, ки дар он субот вуҷуд дошта бошад. Агар инсон бо ин роҳ равад, ӯ зуд сарфби зудтар сарватманд шуданро азхуд дур мекунад. Яке аз сабабҳои асосии нокомии аксари одамон шавқу рағбат доштани онҳо ба бозиҳои саргармку-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



нанда мебошад. Ба назари онҳо чунин менамояд, ки бо чунин роҳ метавонанд ҳарҷӣ зудтар сарват ва комёбӣ ба даст оваранд. Аммо рағбати ҳалокатовар солҳо идома меёбад, ҳеҷ гоҳ соҳиби бойигарӣ намешавед.

## Майлу рағбати беназорати шаҳвонӣ

Сабаби дигар беназорат гузоштани майлу рағбати шаҳвонӣ аст. Барои ҳалли ин масъала бояд аз кӯмаки мутахассисони соҳа истифода баред. Неруи шаҳвонӣ омили тавонои барангезандаи инсон барои амал кардан мебошад. Шояд касе гӯяд, ки ин дурӯғ аст. Аммо ин ҷо масъаларо дуруст дарк кардан муҳим аст. Аксари одамон баробари аз даст додани маҳбуб ё маҳбубаи худ аз ҳама чиз даст мекашанд. Агар нафаре ҳарфи онҳоро рад кунад, онҳо боварипо ба қувваи худ гум мекунанд. Зеро ҳамаи масъалаҳои дигар ба неруи шаҳвонии онҳо алоқаманд аст. Идора карда тавонистани неруи мазкур барои инсон хеле муҳим аст.

Ҳамаи мо мехоҳем, ки шаҳватамон зиёд бошад. Одамоне, ки ин ҳолатро эътироф намекунанд, дурӯғ мегӯянд. Ба ҳамаи мо шунидани суханоне амсоли «Ту зебову хушсалиқаӣ» ё «Ту зебову ҷаззобӣ» хеле гуворост. Таърифу тавсиф ба ҳама хуш меояд. Вале фаромӯш накунед, ки неруи шаҳвониро беҳуда ва бетартибона сарф кардан мумкин нест. Зеро неруи эҷодии шумо аз неруи шаҳвонии шумо қувват мегирад. Вақте инсон дар алоқаҳои тасодуфӣ ба беҳуда сарф кардани неруи шаҳвонӣ оғоз мекунад, тафаккури ӯ ботадриҷ заиф мегардад. Бинобар ин ба ин масъала аҳамият додани шумо хеле муҳим аст.

Тозагии ҷисми шумо ба тозагии неруи шаҳвониатон алоқаманд аст. Ҳаргиз муносибати беишқу муҳаббатро барпо насозед, зеро он оқибати хуб надо-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



рад. Одамоне ҳастанд, ки аз чунин муносибатҳо суистифода мекунанд ва ин ҳолат боиси таназзули саломатиашон мегардад. Аммо шахсоне низ ҳастанд, ки аз муносибатҳои шаҳвонӣ комилан худдорӣ мекунанд, онҳо солҳо аз муносибати шаҳвонӣ канорагирӣ мекунанд, ин ҳолат ҳам хатарнок аст. Дар ҳар сурат, табиати инсон ҳаққи худро тақозо мекунад. Бинобар ин беҳтараш оила барпо намуда, ҳаёти солим ба сар баред.

## Сӯистифода

Сабаби дигари нокомӣ сӯистифода аст. Оқибати ҳама гуна суистифода беморӣ, нокомӣ ва ҳатто заволи шахсият мебошад. Дар ҳар кор риоя кардани андоза муҳим аст. Ҳатто кори беандоза низ зарар дорад. Бисёр кор кардан низ зарур нест. Шумо бояд нақшае дошта бошед, ки дар он ҳатман вақт барои истироҳат мавҷуд бошад. Сӯистифода кардани боварии одамони дигар мумкин нест. Сӯистифодаи муҳаббат низ арзише надорад.

Ҳама гуна сӯистифода ба нокомӣ мерасонад. Масалан, агар шумо дар мошине, ки он барои бардоштани якуним тонна бор пешбинӣ шудааст, панҷ тонна борро кашонед, мошинатон зуд вайрон мешавад. Инчунин агар шумо ба шахсе мудом кори таъҷилӣ фармоед, системаи асаби ӯ ба чунин шиддат тоб намеорад. Қувваи беандоза пуршиддат дер ё зуд ба саломатии инсон таъсири худро мегузорад.

Чӣ дар муносибат ва чӣ дар сатҳи ақлонӣ ва чӣ дар сатҳи ҷисмонӣ ва чӣ дар сатҳи ҳолати рӯҳӣ ҳама бояд созгор бошад. Дар ҳаёт бе ишқу муҳаббат зиндагӣ кардан ғайриимкон аст. Гуфтан зарур нест, ки барои шумо ишқ муҳим нест, бе он ҳам зиндагӣ карда метавонед, вале дар натиҷа дигаронро бад хоҳед дид.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ҳамчунин аниқ аст, ки бе дониш, бе таҷриба, бе омӯзиш зистан мумкин нест. Чӣ тавре, ки ҷисми мо ба ғизо эҳтиёҷ дорад, ҷону дили мо ба ишқу муҳаббат, ҳушу идроки мо ба эътироф, рушд ва эҷод ниёз доранд. Ҳама чиз бояд ба ҳамдигар созгор бошад, дар ҳар кор, дар ҳамаи самтҳои фаъолияти мо бояд андоза вуҷуд дошта бошад. Яке аз сабабҳои нокомиро халалдоршавии созгорӣ номидан мумкин аст. Зеро агар дар мансаб комёб бошед, вале дар оила комёб набошед, ин ҳолат метавонад боиси шикасти шумо гардад. Инчунин агар дар оилаатон ҳамаи корҳо хуб бошанд, вале дар мансаб рушд накунед, яъне дар фаъолиятатон комёб набошед, низ хуб нест. Ҳама чиро бояд аз сар созед ва ҳама чиро ба нақша гиред. Инчунин рӯзи кори худро чунон ба нақша гиред, ки дар он ҳам барои оила ва ҳам барои истироҳат вакт ҷудо шуда бошад. Ҳатто агар шумо роҳбари хеле серкор бошед ҳам, саъй кунед, ки дар як ҳафта камаш як маротиба махсус вақтро барои оила ва чанд соатро барои бачаҳо ҷудо кунед. Ин кор бениҳоят муҳим аст.

## Сифатҳои манфии шахс

Сабаби дигари нокомӣ сифатҳои манфии шахс аст. Сифатҳои мазкур ба ҳамаи одамон хос мебошанд. Дағалӣ, беэҳтиромӣ, дурӯғгӯӣ, беаҳамиятӣ, масъулиятношиносӣ, одатҳои бад сифатҳое мебошанд, ки одамонро аз шумо дур мекунанд. Шахсе, ки аз камбудиҳои хислати худ халос шудан намехоҳад, ба кӯмак ва ҳамкорӣ бо одамони дигар умед баста наметавонад. Ба хотир оред, мо аллакай дар ин бора гуфта будем, ки бе ақлу идроки дастҷамъона, бе тими одамон, бе ҳамкорӣ танҳо наметавонем ба комёбиҳои бузург ноил шавем. Чӣ кор карданро донистан муҳим аст, аммо муҳимтар он аст, ки кадом корро

E-mail: ziyozoda@gmail.com



бояд накунед. Аз сифатҳои манфӣ, ки садди роҳи ба даст овардани комёбӣ мешаванд, ҳарчӣ зудтар халос шудан хеле муҳим аст. Ба хотири орзуи худ аз кадом камбудиҳо шумо худи ҳозир халос шудан мехоҳед, имрӯз саъй кунед, ки онҳоро дар дафтари худ нависед. Ба хотири мақсади худ шумо аз чӣ метавонед даст кашед. Зеро чизе беҳуда дода намешавад, барои ҳар чиз бояд пул пардохт кунед. Яъне барои ба мақсади худ расидан шумо бояд аз болои худ кор кунед. Ҳамаи сифатҳои манфиатонро як сӯ гузоред.

Дар баробари он хусусиятҳои мусбати хислат низ вуҷуд доранд, ки онҳо низ ба муваффақияти шумо таъсири манфӣ мерасонанд. Масалан, бояд меҳрубон бошед, вале беҷуръат не. Хоксор бояд бошед, вале шармгин не. Боғурур бояд бошед, вале дағал не. Суботкор бояд бошед, вале густоху берӯй не. Дидед, агар андоза сунистифода шавад, ҳатто шаъну эътиборатон ба тақдиратон таъсири бад расонда метавонанд. Беҷуръатӣ монеаест, ки зуд ба чашм мерасад, он дар роҳи комёбӣ қарор дошта, сабаби нокомии одамон аст. Беҷуръатӣ, дудилагӣ, таъхир «беморон»-и як бемористон мебошанд. Агар шумо то ин бемориҳоро бартараф карда натавонед, комёб намешавед.

Доруи хуби беҷуръатӣ мавҷуд аст. Ҳар бор, вақте ки дар назди шумо ин ё он имконият пайдо мешавад, аммо шубҳа мекунед, ки «онро анҷом диҳам ё надиҳам» ва ногаҳон дарк кардед, ки бори дигар онро наандешида, ба вақти дигар мавқуф гузоштаед, ҳатман онро гирифта, ба анҷом расонед. Шумо тассавур карда наметавонед, гӯё кадом нерӯи ноаён ба кӯмаки шумо оғоз мекунад. Маълум мешавад, ки ин аз ҳама беҳтарин воситаи халос шудан аз тарс ва шубҳа мебошад, аз он набояд гурезед, балки бо он бебокона рӯ ба рӯ шавед. Баъд аз чанд муддат шумо эҳсос мекунед, ки ором шудаед, ҳаяҷону изтироб гум

E-mail: ziyozoda@gmail.com



мешаванд, ҳатто чанд амали хурд ба шумо боварию эътимод мебахшанд. Ҳамчунин бо одамоне, ки ҳамеша метарсанд, шубҳа мекунанд, аз ҳаёт шиква доранд, қатъ кардани робита хеле муҳим аст. Зеро тафаккури одами ноумеду рӯҳафтода ба шумо таъсир мекунад ва боқӣ мемонад. Чунин одамон ба шумо имкон намедиҳанд, ки ба пеш ҳаракат кунед. Некбинону зиндадилонро пайдо кунед, ба он одамоне, ки ба шумо илҳом бахшида, дар ботини шумо оташ афрӯхта метавонанд, дӯстӣ барпо кунед ва ба зудӣ дарк мекунед, ки бештар фаъолу боҷуръат шудаед. Чунин одамонро дар муҳити худ ҷустуҷӯ кунед, албатта онҳоро пайдо мекунед.

## Интихоби нодурусти касб

Яке аз сабабҳои дигари нокомӣ интихоби нодурусти касб ва тахассус аст. Шахсе, ки пешаи худро дӯст намедорад, ҳаргиз дар он муваффақ намешавад. Шумо бояд ба коре машғул шавед, ки онро аз дилу ҷон дӯст медоред. Танҳо боварӣ ва муҳаббат ба пешаи худ шуморо ба комёбӣ мерасонанд. Аксари одамон бо чунин роҳ касб интихоб мекунанд. Ба шахсе пайравӣ кунед, ки дар соҳа дилписанди шумо буда, муваффақ гаштааст, ӯро намунаи ибрати худ қарор диҳед.

Ё волидайн бо мақсади маслиҳат мегӯянд: «Фалон касбро пеша кун, фалон касбро омӯз». Мо албатта ба маслиҳат гӯш медиҳем. Аммо муҳимтар аз ҳама он аст, ки кафолати то охир бо ҳамон роҳ рафтани мо вуҷуд надорад. Агар касе дар ин соҳа муваффақият ба даст оварда бошад, маънои онро надорад, ки ту ҳам онро анҷом дода метавонӣ. Кафолат мавҷуд нест. Аксари одамон саъю кӯшиши беҳуда карда, вақту қувваашонро аз даст медиҳанд, аммо аз касби интихобкардаашон натиҷае ба даст оварда наметавонанд, зеро он пешаи онҳо нест. Яъне мо бояд касберо пешаи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



худ кунем, ки онро хуб анҷом дода метавонем. Ба амале машғул шавед, ки ҳақиқатан дар он ивазнашаванда бошед. Ба коре машғул шавед, ки аз уҳдаи он ба осонӣ баромада метавонед, вақти кам талаб карда, шуморо хаста намекунад ва азият намедиҳад. Зеро чунин касб шуморо комилан хушбахт мекунад.

## Қувваю ғайратро муттаҳид накардан

Қувваю ғайратро муттаҳид накардан ба шумо дар соҳаи мушаххаси фаъолият халал мерасонад. Ҳар нафаре, ки ба корҳои зиёд даст мезанад, дар асл ягон корро хуб анҷом дода наметавонад. Барои ба анҷоми мантиқӣ расонидани кор ба майлу рағбати худ аҳамият додан зарур аст. Медонед, ман худам шахсан монеаҳои мазкурро паси сар кардаам. Маълум мешавад, ки дар оғози роҳ ду сифати манфӣ - комёбиро маҳв мекунад. Сифатҳои мазкур хасисӣ ва бесабрӣ мебошанд. Вақте коратон бобарор аст ва дар «фазо бол ҳаҷунбонида, парвоз мекунед» ба назаратон чунин мерасад, ки аз уҳдаи иҷрои ҳамаи корҳо мебароед, ҳар корро анҷом медиҳед.

Вале ҳар чиз танҳо ба туфайли аҳамият додан ба кӯшишу ғайрат амалӣ мешавад. Мо як чизро намефаҳмем. Ҳар кори наве, ки оғоз мекунем, мушкили нав эҷод мекунад. Ҳар амале, ки мо нияти анҷом додани онро дорем, ташвишу тараддуди навро ба вуҷуд меоварад. Бо вуҷуди он фикр мекунем, ки «Ман ин корро мекунам, баъд ҳамааш хуб мешавад». Ман низ фикр мекардам: «Агар ҳамин низомро ба роҳ монам, худи он аллакай як кор аст». Вале маълум шуд, ки чунин набудааст. Ин ба ҳолати зерин монанд аст. Вақте шумо паси рули мошин мешинед, мошин дар як соат 100 км суръат меафзояд ва рулро шумо сар дода, фикр мекунед, ки акнун ба манзил мошин худаш мебарад. Хуб, саъй кунед. Ин ҳамон аст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Бинобар ин шинеду дах шуғлеро нависед, ки онҳоро анҷом дода метавонед ва онҳо ба шумо сарвати кофӣ меоранд. Даҳ намуди фаъолият. Аз байни онҳо се шуғлро интихоб кунед. Сипас аз байни се шуғли мазкур асосиашро интихоб кунед. Танҳо ба ҳамон шуғли асосӣ аҳамият диҳед. Муҳимтар аз ҳама, тамоми ғайрататонро ба корҳои минбаъда равона созед. Мутахассиси асил ва ивазнашавандаи як касб будан хеле беҳтар аст.

Минбаъд доираи фаъолияти худро комилан дар ҳамин самт васеъ кунед. Масалан, ширкати «Адидас» пули бисёр дорад, аммо он ҳавопаймо истеҳсол намекунад. Бо нони қандину шоколад кор надорад. «Кока-кола», тавре ба истеҳсоли нӯшобаҳо шурӯъ кард, ҳамчунин ин корро идома медиҳад. Ширкати мазкур ҳаргиз автомобил истеҳсол намекунад. Дидед, кореро кардан зарур аст, ки онро хуб ичро карда метавонед ва дар соҳаи он бояд мутахассис бошед.

## Ҷаҳду талош надоштан

Ба ғайр аз ин ҷӯшу хӯруш надоштан ба одамони зиёд халал мерасонад. Агар ҷидду ҷаҳд надошта бошед, он гоҳ касеро илҳом бахшида наметавонед. Зеро ҷидду ҷаҳди мо ба атрофиён сироят мекунад ва қодир аст, ки одамонро барои ба мақсад расидан ҷалб намояд. Ҷидду ҷаҳд чист, медонед? Нерӯи ботинӣ шуморо ором намегузорад. «Ҳоло ман ин корро накунам, ором намешавам!». Дар натиҷа шумо ба кори худ бепарвоёна муносибат карда наметавонед. Гӯё дар дили шумо чизе дард мекунаду месӯзад. Агар шумо чунин ҷидду ҷаҳд дошта бошед ва одамон эҳсос кунанд, ки шумо корро дар ҳақиқат иҷро мекунед, он гоҳ онҳо шуморо дастгирӣ мекунанд. Тамоми дунё ба кӯмаки шумо меояд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Ҷидду ҷаҳд дигаронро илҳом мебахшад ва дар паҳлӯятон одамоне пайдо мешаванд, ки шумо онҳоро аслан намедонистед, аммо онҳо шуморо дастгирӣ карда, кӯмак мекунанд. Ҳамаи корҳоятон барор мегиранд. Аммо агар шумо ҷидду ҷаҳд надошта бошед, кораток ҳаргиз омад намекунад. Ҳатто агар шумо робита, ҳамкорӣ, идея дошта бошед ҳам, комёбӣ аз шумо рӯй мегардонад. Зеро ҷидду ҷаҳд, эътимод ва боварӣ шуморо ҳамаҷониба инкишоф медиҳанд. Аз рӯи ҳисоби мухтасар 99 фоизи комёбиро эътимод муқаррар менамояд. Агар инсон эътиқод ва ба худ боварӣ дошта бошад, ба мақсад мерасад. Ҳатто агар дониш ҳам надошта бошад, ӯ дониши заруриро азхуд мекунад. Агар имконият надошта бошад, онро пайдо мекунад. Имон эътиқод аст, ки ба шӯру шавқ тақвият мебахшад.

## Қобилияти ҳамкорӣ надоштан

Ба мо инчунин қобилияти ҳамкорӣ надоштан халал мерасонад. Ҳатман бо одамон муносибат барқарор карданро омӯзед, зеро маҳз **муносибати хуб натиҷаи хуб медиҳад**. Қоидаи зеринро фаромӯш накунед: муносибати хуб натиҷаи хуб медиҳад. Ин сирри асосии одамони муваффақ аст. Инсоне шудан заруp аст, ки муносибати хуб ва боэътимод барпо карда тавонад. Мисол, шумо бозингари тими футбол ҳастед. Эҳтимол шумо футболбозии дараҷаи олӣ бошед, аммо агар дар ҳайати тим бозӣ карда натавонед, пас ягон қиммат надоред.

Бинобар ин вақте ки дар ширкатҳо кор то ихтисор кардани ҷойҳои корӣ мерасад, баъзан одамонеро аз кор озод мекунанд, ки маълумот, малакаву маҳорат дошта, ҳатто мутахассисони пуркуват мебошанд. Дар баробари он одамоне ҷойи корашонро ҳифз мекунанд, ки қобилияти ҳамкорӣ кардан доранд. Зеро

E-mail: ziyozoda@gmail.com



онҳо хуб мефаҳманд, ки агар шахс ҳамкорӣ карда тавонад, кораш пеш рафта, рушду инкишоф меёбад. Ба чунин одам танҳо имконият додан зарур аст.

## Рад кардани донишҳои нав

Агар одам чунин ҳисобад, ки кайҳо ҳама чизро медонад, ӯ барои инкишоф ёфтану рушд кардан қодир нест. Чунин одамон гоҳе комёб шаванд ҳам ин комёбии онҳо дер давом намекунад. Агар дар назди шумо шахсе пайдо шуда, даъво кунад, ки «Ман ҳамаи инро медонам ва мефаҳмам», инчунин ба интиқоди суханони одамони дигар сар кунад, бо чунин одам зуд худоҳофизӣ кунед. Чунин одамон худашон намефаҳманд, ки чизеро намедонанд. Ҳамадонҳо дер намепоянд. Онҳо оянда надоранд.

Таърих исбот намудааст, одамоне бурд мекунанд, ки барои тамоми умр омӯхтан қодир мебошанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо чизеро намедонанд. Онҳо шояд чизеро донанд. Аммо онҳо намедонанд, ки пагоҳ чӣ воқеа ба амал меояд. Аз ин рӯ агар инсон донишро ба эътибор нагирад, пас ӯ оянда надорад. Ӯ аллакай ҳамаи он чизеро, ки иҷро карда метавонист, анҷом додааст. Ба шумо одамоне заруранд, киояндаро сохта метавонанд. Оянда, дар навбати худ, донишҳои нав тақозо мекунад.

## Худбинию шуҳратпарастӣ

Сифатҳои мазкур атрофиёнро тарсонда, шахсро нобуд месозанд. Аз ин рӯ онҳо барои ноил гардидан ба комёбӣ нақши манфӣ мебозанд. Худбинҳо зуд комёбӣ ва бойигарӣ ба даст меоранд. Аммо на ҳамеша қодиранд, ки онҳоро ҳифз карда, хушбахт шаванд. Бо кадом роҳ худбин будан ё набудани одамро муайян намудан мумкин аст? Бисёр осон. Бо онҳо ҳамсафар шавед, робитаи ҳамкорӣ барпо кунед

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ва онҳоро зуд мешиносед. Шояд баъд аз ним ё як сол ӯ ҳатман «кӣ» будани худро нишон медиҳад. Бо чунин одамон кор накунед. Худатон низ чунин одам набошед. Вакте инсон комёбии умумиро азони худ ҳисобад, вакте масъалаи пул ба миёнояд, ӯ ҳамеша манфиати худро дар мадди аввал мегузорад ва дар бораи одамони дигар ғамхорӣ накунад, вай дар коллектив кор карда наметавонад. Аммо агар шумо чунин хислат дошта бошед, марҳамат, аз онҳо халос шавед. Комёбии муваккатӣ ҳанӯз нишондиҳандаи комёбӣ нест. Комёбии дарозмуддат ба даст овардан зарур аст.

## Бевиҷдонии ғаразнок

Дер ё зуд рафторҳои беш арафона фош мешаванд, дар натиҷа номи нек аз даст меравад, эҳтимол озодӣ низ. Дар Қуръон навишта шудааст, ки Коинот дар ду шабонарӯз офарида шудааст. Ду шабонарӯз танҳо барои сохтан кураи Замин сарф шудааст. Ду шабонарӯзи дигар барои 18 ҳазор олам, ду шабонарӯз барои сайёраҳои дигар. Дар маҷмӯъ 6 шабонарӯз. Шумо тасаввур мекунед, ки кураи Замин пурра дар ду шабонарӯз бо ҳамаи паррандаҳо, растаниҳо, укёнусҳо ва кӯҳҳояш сохта шудааст. Як шабонарӯз, ки ҳамон замон ҳам 24 соат буд, баъд аз гузаштани миллионҳо сол то ҳол 24 соат боқӣ мондааст. Тавре, ки баҳор ҳамеша баъд аз зимистон меомад, имрӯз ҳам чунин аст. Тавре, ки офтоб аз шарқ тулӯъ мекард, то ҳол низ ҳамин тавр тулӯъ мекунад, аз вакти мукарририаш ҳатто як дақиқа, ҳатто як сония дер намемонад ва аз вакти мукаррарӣ бармаҳал тулӯъ намекунад. Тавре, ки замин дар атрофи офтоб давр мезад, ҳамин тавр то ҳол давр мезанад. Тамоми кори олам аз азал андешида шудааст. Дар Қуръон навишта шудааст, ки ҳама чиз дар тӯли ду шабонарӯз сохта шуда, дар ин

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ҳол ба се чиз такя шудааст. Онҳо ҳикмат (дониш), ҳақиқат ва адолат мебошанд. Биёед, мо низ комёбии худро аз ин се чиз созем. Агар шумо ба ҳикмат, ҳақиқат ва адолат такя карда, комёбии худро созед, комёбии шумо чун Коинот бардавом боқӣ хоҳад монд.

## Мансаби носазо

Сабаби дигар мансаби носазо аст, ки бе саъю талош ба даст омадааст. Чунин ҳокимият, маъмулан, дар тақдири инсон нақши нобудсозанда бозӣ мекунад. Бойигарии бо роҳи беинсофона бадастомада нисбат ба нодорӣ хатари бештар дорад, зеро метавонад соҳиби худро несту нобуд кунад. Бинобар ин агар шумо сарватманд бошед, ба фарзандони худ идора кардани пулро наомӯзед, зеро ба бачаҳо ба таври муқаррарӣ вогузор кардани сарвати бузург чунин маъно дорад, ки онҳоро дар муқобили тарма гузоштаед. Сарват нерӯ ва қувваи азим талаб мекунад.

Медонед, ноилшавӣ ба револютсионӣ ва эволютсионӣ тақсим мешавад. Ноилшавии револютсионӣ он аст, ки шуморо, масалан, роҳбар ё мири шаҳр таъйин мекунанд. Ҳамин тариқ, ҳар одами дилхоҳро роҳбар таъйин кардан мумкин аст, аммо шумо дар мағзи ӯ донишҳои зарурӣ, тафаккури зарурии барои мансабаш мувофиқро «ҷой» карда наметавонед. Ҳеҷ гоҳ ин чизро аз касе гирифта,барои истифодаи муваққатӣ дар ихтиёри ӯ гузоштан наметавонед. Ин чизҳо ба ӯ чун ҳадя бахшида намешаванд. Барои он ки шахс мутахассиси соҳаи худ шуда, соҳиби эътибор гардад, 25 сол зарур аст, зеро барои ташаккули тафаккури роҳбар вақт зарур аст ва ана ҳамин муддати замон ноилшавии эволютсионӣ мебошад.

Бинобар ин агар шумо сазовори вазифа набошед, бехтараш, бори масъулиятро ба дӯши худ нагиред. Ба

E-mail: ziyozoda@gmail.com



хотири худнамоӣ ин корро накунед. Бойигарии нолоиқ назар ба камбағалӣ хеле хатарнок аст. Зеро **шоҳ касе нест, ки болои тахт мешинад, шоҳ шахсест, ки хизматҳояш баробари мартабааш мебошанд.**

## Сабукфикрӣ

Одамон аксаран саъю кӯшиш мекунанд, ки худашонро бо корҳои таҳлилу тадқиқи воқеа машаққат надиҳанд. Ҳатто дар ин бора таъкиди зарурӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, ба ҳар чизе, ки хоҳанд, бовар мекунанд. Ба пиндору гумони худ бовар карда, сайди осонгири қаллобон мешаванд. Чунин ҳодисаҳо зудзуд рӯй медиҳанд. Ҳамаи мо чунин иштибоҳро дар ҳаётамон камаш як маротиба, вале баъзе одамони дигар чандин маротиба аз сар гузаронидаанд, зеро ҳамаи мо мехоҳем ба одамон бовар кунем. Аммо кор агар ба пул ва рушди бизнес дахл дошта бошад, ба касе бовар накунед. Ҳамаро зери назорат гиред, тугмаи идоракуниро дар дасти худ нигоҳ доред.

Не, ин ҳолат ҳаргиз чунин маъно надорад, ки шумо мутлақо одаме бошед, ки ба дигарон бовар намекунед, бе боварӣ ҳамкорӣ кардан ғайриимкон аст. Аммо ман то замоне, ки як қоидаро риоя накардам, чизҳои зиёдеро аз даст додам. Ин қоидаро пас аз ин ман ҳамеша ба инобат мегирам. Ба одамон гуфтан зарур аст, ки «Ман ба шумо эътимод дорам, вале танҳо ба Худованд боварӣ дорам, бинобар ин аз шумо мепурсам ва талаб мекунам». Ҳамаи он чизеро, ки ба бизнеси шумо дахл дорад, бояд донед. Агар шумо идора кардани бизнесатонро ба воситаи эътимоднома додан ба нафари дигаре бовар кардед, аз вазъи молу мулки худ, дар чӣ ҳолат қарор доштани онҳо бехабар монед, он гоҳ барои фиреб хӯрданатон касе айбдор нест, зеро худи шумо ба одамон имкон додаед, ки онҳо шуморо фиреб диҳанд. Зудбовар

E-mail: ziyozoda@gmail.com



нашавед. Ба одамон эътимод кунед, аммо онҳоро назорат кунед ва талаб намоед. Ба одамон гӯед, ки «Ман ба шумо эътимод дорам, аммо танҳо ба Худованд боварӣ дорам».

## Хурофот ва таассуб

Хурофот ва таассуб нишонаи ҷаҳолат ва маҳдудият мебошанд. Аз шабаҳҳо тарсидан маъно надорад, танҳо ба худ имкони дуруст фикр кардан диҳед. Дар атрофатон одамони зиёде ҳастанд, ки ба чунин чизҳо боварӣ доранд ва мувофиқи пешгӯиҳои бурҷи дувоздаҳгона зиндагӣ мекунанд, аз рӯи қоидаи Фен-Шуй амал мекунанд, онҳо ба ин бовар доранд, ки гӯё абр дар ҳузури моҳтоб мегӯяд: «дар ин шаб берун баромадан мумкин нест, гӯё ҳафтаи мушкил дар пеш аст». Бинобар ин кор кардан мумкин нест ва амсоли инҳо. Агар шумо ба чунин чизҳо бовар кунед, аломату нишонахо дар атроф хеле зиёданд. Агар дӯстонатон ба чунин аломатҳо шавқ дошта бошанд, онҳо дар бораи аломатҳо ба шумо наклҳои зиёд мекунанд. Вале комёбӣ ба мавҳумот вобастагӣ надорад. Он танҳо ба бовариюю эътикод вобастагӣ дорад.

Ман намегӯям, ки ин чизҳо амал намекунанд, вале агар ба онҳо бовар дошта бошед, он гоҳ амал мекунанд. Ба ҳар ҳол, онхо дар маҷмӯъ барои таъмини муваффақият қодир нестанд. Вазъият боварии шуморо ташаккул дода, тафаккуратонро ангезиш медиҳад. Афкори таваccути эҳсосот ба вуҷудомада ҳатман амалӣ мешавад. Аммо фақат шуур қобилияти фарқ кардани фикрҳои мусбат аз фикрҳои манфиро надорад. Ба ҳар чизе, ки бовар кардед, он воқей мегардад.

Ба ҳамаи мо эътимоди қавӣ ва заҳматкаш будан зарур аст. Рӯзона бояд софдилона меҳнат кунем, шабона умедро дар дил нигоҳ дорем. Шу-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



мо метавонед 24 соат кор кунед, аммо агар умеду эътимод надошта бошед, чизе ба даст оварда наметавонед.

## Одати харҷ кардани пул

Монеаи дигар дар роҳи комёбӣ одати харҷ кардани пул аст, ки яке аз вусъатёфтатарин сабаби нокомӣ мебошад. Дар ҳолати парешонӣ муваффақ шудан мумкин нест. Одати пасандоз кардани пулро густариш дода, идора кардани даромад ва хароҷотро омӯхтан зарур аст. Медонед, ақлу зеҳни академикӣ ва ақлу зеҳни молиявӣ вуҷуд доранд. Инҳо чизҳои гуногунанд. Ақлу зеҳни академикиро ба мо дар мактаби миёна ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ меомӯзонанд. Аммо ба мо ақлу зеҳни молиявиро касе - на волидайн, на дар мактаб ва на дар донишгоҳҳо намеомӯзонад. Одамонро саргардон мекунанд, гӯё худат бо роҳи «озмоиш ва иштибоҳ» ин чизро бояд омӯзӣ. Аммо фақат баъзе одамон назар ба дигарон масъалаи молиявиро зудтар меомӯзанд.

Масалан, ҳамаи одамон навиштану хонданро медонанд. Шояд бо одамоне, ки ин ду амалро анҷом дода наметавонад, аҳён - аҳён вохӯред. Чаро ин тавр? Зеро онҳоро чунин омӯхтаанд. Шумо тасаввур кунед, агар таҳсилоти умумӣ вуҷуд намедошт, он гоҳ касе хонданро ёд мегирифт, аммо каси дигар не. Бинобар ин барои курсҳои кӯтоҳмуддат, тренингҳо, семинарҳо вақт пайдо кунед. Онҳо метавонанд ба шумо кӯмак намуда, идора кардани пулро омӯзонанд, зеҳни молиявии шуморо тақвият бахшанд, зеро ғайри хоҳишамон моро лозим меояд, ки бо пул сару кор дошта бошем. Пул як ҳиссаи ҳаёти мост. Аммо он чизи аз ҳама асосӣ нест. Аммо агар пул мудом нарасад, ба чизи асосӣ табдил меёбад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



## Сармояи ибтидой надоштан

Яке аз паҳнгаштатарин сабаби нокомӣ сармояи ибтидой надоштан аст. Сармояи ибтидой оғози фаъолияти аксар одамони муваффақе аст, ки фаъолияташонро амалан аз сифр оғоз намудаанд. Шумо тасаввур мекунед? Қариб 90 фоизи одамони муваффақ, ки номҳояшон вориди таърих гардидааст, фаъолияташонро умуман бе пул оғоз кардаанд.

Дар ҷаҳон ширкатҳои бузурги зиёде мавҷуданд, ки фаъолияти худро ё дар давраи буҳрон, ё дар давраи мушкили иқтисодӣ оғоз кардаанд. Оё шумо медонед, ки онҳо аз ашхосе, ки сармояи ибтидой доштанд, бо чӣ фарқ мекарданд? Агар шумо сармояи ибтидой дошта бошед, албатта шурӯъ кардани кор барои шумо хеле осонтар аст, вале ҳар навъ хавф низ вуҷуд дорад. Вақте корро бо пул оғоз мекунед, баъзан заифу бемадор гардида, харочоти бемулоҳиза мекунед. Аммо вақте сармоя надоред, маҷбур мешавед, ки ҳар як тинро ба ҳисоб гиред ва сармояи худро идора кунед. Бинобар ин шумо хеле зуд зираку доно мегардед.

Аксари одамони муваффақи сарват бадастоварда аз сифр оғоз карданд, онҳо сармояи ибтидой надоштанд. Онҳо тадриҷан, қадам ба қадам боло мерафтанд, дар ҳама ҳолат сарфаву сарриштакорӣ мекарданд. Вале онҳо кор мекарданд, зеро то чӣ андоза пураҳамият будани идора кардани харҷро дарк карда, афзалияти ҷудо кардани харҷро ба муҳим ва дуввумдараҷа фаҳмида буданд.

## Эҳтиёткории аз ҳад зиёд

Сабаби дигар эҳтиёткории аз ҳад зиёд аст. Инсоне, ки аз иштибоҳ кардан тарсидааст, аксар вақт дасти холӣ мемонад. Ҳаёт ба мо имконият пешниҳод

E-mail: ziyozoda@gmail.com



карда, сари вақт амалӣ кардани онҳоро талаб мекунад, дар акси ҳол онро дигарон истифода хоҳанд кард. Бодиққат бошед, на эҳтиёткори беҳад. Вақте инсон метарсад, шубҳа мекунад ва ба имконияти нав хеле эҳтиёткорона муносибат мекунад, дар навбати худ онро аз даст медиҳад. Лаҳзае андеша кунед. Агар шумо ҳамаи имконияти мувофиқро, ки ҳаёт ба шумо пешниҳод карда буд, истифода мебурдед, оё вазъияти молиявии шумо назар ба ҳозира хеле беҳтар намебуд? Бинобар ин, аз эҳтиёткории **барзиёд** ҳарҷӣ зудтар халос шавед. Ба шумо лозим аст, ки бо мутахассисони ин соҳа машварат намоед, устод пайдо кунед, бо мушовироне, ки корро хуб медонанд, сӯҳбат бикунед.

## Ҳарос

Тарсу ҳарос яке аз пурқувваттарин ва монеаи охирин аст. Ҳарос ҳолати шуур аст. Барои ба он ғолиб омадан ба шумо зарур аст, ки назорат кардани шуури худро омӯзед ва онро ба маҷрои зарурӣ равона созед. Ҳарос худ ба худ вуҷуд надорад, барои он ҳамеша сабабе мавҷуд аст. Аммо бе тарс ҳам зистан ғайриимкон аст, дар баъзе ҳолатҳо тарс ба шумо кӯмак мерасонад. Масалан, агар шуморо саги бадқаҳр дунболгир шавад, чунон тез медавед, ки дар ҳолати муқаррарӣ ҳеҷ гоҳ ин гуна давида наметавонистед. Ҳарос баъзан инсонро меангезад, таҳрик медиҳад ва водор месозад, ки ба пеш тезтар ҳаракат кунад. Медонед, вақте ки мо тафаккури одамонро омӯхтем, чиро муайян кардем? Ҳароси одамони камбағал ҳамеша пеши рӯяшон аст, онҳо чунин мегӯянд: «Агар ман ҳамин тавр амал кунам, ҳолати ногаҳонӣ ба пеш намеояд?». Ҳароси одамони сарватманд бошад, аз гузашта аст. Онҳо ба тарзи дигар андеша мекунанд: «Агар ман чунин корро накунам, вазъи

E-mail: ziyozoda@gmail.com



яти молиявиам бадтар мешавад, охир, пирӣ наздик мешавад, агар ман корро дар мухлати муқарраргашта анчом надихам, он гох мухточӣ ва факр фаро мерасад, зеро даромад устувор аст, аммо нархҳо дар хар сурат боло мераванд, масраф афзун мегардад». Ҳаросро бояд пас гузошта, онро идора кунед. Ҳарос чанд намуд дорад. Сабаби онро аник фахмида, ба табобаташ шурӯъ кардан мумкин аст.

Акнун вакте ки мо бо шумо сабабхои бисёри халал расонандаи сарватманд ва муваффак шудани худро фахмидем, ба мо зарур аст, ки чӣ гуна бартараф кардани онхоро низ донем. Барои ин ба мо зарур аст, ки маводхои омӯхтаамонро бори дигар хонем. Ба анчоми огохонаи ташхиси бемории худ ниёз дорем, зеро танхо пас аз аник донистани сабаби беморӣ ба табобат огоз кардан мумкин аст. Ин корро кардан хатмист. Аклу идроки шумо барои кабули фалсафаи комёбӣ бояд омода бошад.

Бечуръатӣ, шубха, батаъхирандозӣ ва дер мондан дар нихоят тарсро ба вучуд меоваранд. Ин чор чиз душмани асосии мо мебошанд. Бечуръатӣ ба шубха табдил меёбад, шубха моро мачбур месозад, ки корро ба вакти дигар мавкуф гузорем, сипас ин сегонаи нахс тарсро тавлид мекунанд. Ахамият дихед, бечуръатӣ ба шубха ва таъхир мубаддал гардида, сипас онхо якчоя тарсро ташаккул медиханд, ки иродаи моро фалач мегардонад. Бинобар ин вакте ки дар инсон бечуръатӣ пайдо мешавад, ё ӯ корро ба таъхир мегузорад ва шубха мекунад, ба ин холат сабукфикрона муносибат накунед. «Хайр, вокеае нашудааст, кирои вохима намекунад». Агар Худо накарда, ин чуфт якчоя амал кунанд, окибати он барои шумо чандон ба хайр нахохад буд.

Масалан, хар яки мо медонем, ки дар чудогонагӣ баъзе моддахои химиявӣ зарарасон нестанд, аммо

E-mail: ziyozoda@gmail.com



агар онҳоро омехта кунед, ба заҳр табдил меёбанд. Аниқу дақиқ ба монанди мисоли мо,агар беҷуръатӣ ва шубҳа ба ҳам муттаҳид шаванд, тарс ташаккул меёбад, ки иродаро пурра фалаҷ гардонда, аз амал кардан бозмедорад. Ҳафт намуди тарс мавҷуд аст. Тарси аввал тарси камбизоатӣ, тарси фақр аст. Тарси дуюм тарси танқид аст. Тарси сеюм тарси аз даст додани саломатӣ, беморӣ аст. Тарси чорум тарси аз даст додани муҳаббат аст. Тарси панҷум тарс аз пиронсолӣ аст. Тарси шашум тарси марг аст. Тарси ҳафтум тарс аз чизи нав аст. Фаромӯш накунед, ҳамаи фикрҳои шумо ба амри воқеияти ҳаёти шумо бадал мегарданд. Ҳар андозае, ки фикр бо эҳсосоти пурқувваттар рангубор шуда бошад, он ҳамон қадар зудтар амалӣ мегардад. Агар шумо дар бораи беморӣ бо тарсу ҳарос фикр кунед, саломатии худро бештар зери хатар мегузоред. Беҳтараш, дар бораи саломатӣ фикр карда, субҳ ба машқҳои ҷисмонӣ машғул шавед. Ҳарчӣ, ки ба эътиқоди шумо дахл дорад, низ чунин аст. Ҳамаи чизе, ки дар ин олам шуморо иҳота кардааст – ашёи рӯзгор, телефонҳои дастӣ, компютерҳо, роҳҳо, мошинҳо, шаҳрҳо, либосҳои шумо, телевизор ва ғайра, ҳамаи онҳо замоне фикри касе будаанд. Сипас фикри касе дар воқеият таҷассуми худро пайдо кардааст.

Беморӣ низ айнан чунин аст ва дар ин ҳолат коре аз дасти шумо намеояд. Агар шумо дар ҳуҷраи торик бошеду хоҳед, ки торикиро аз ҳуҷра берун кунед, пас чӣ кор мекунед? Шумо маҷбуред, ки маҳз ба рӯшноӣ коре бикунед, аммо на ба торикӣ.

Инчунин агар камбағалӣ ба ҷони шумо расида бошад, бояд барои ба даст овардани даромад коре кунед, минбаъд низ ба самти камбағалӣ ҳаракат кардан зарур нест. Агар шумо аз беморӣ безор шуда бошед, бояд барои шифо ёфтан коре кунед. Агар шумо аз бемеҳрӣ хаста шуда бошед, бояд барои ишқу муҳаббат

E-mail: ziyozoda@gmail.com



икдом кунед. Агар шумо аз бадбахт будан ба чон расида бошед, бояд барои хушбахт шудан амалеро анчом дихед. Зеро инсони ноком кореро ба анчом расонда наметавонад. Аммо комёбиро чалб кардан мумкин аст. Дар дасти шумо будани «тугмаи идоракунӣ» хеле мухим аст. Охир, магзи шумо чун радиое кор мекунад, ки шумо онро дар мавчи муайян чӯркардаед, то ин ки BBC, «Садои Москва», «РетроFM»-ро шунавед. Аммо радио дар як вакт чанд каналро фаро гирифта наметавонад, ин хел намешавад. Магзи сари мо низ хамин тавр фаъолият мекунад. Агар шумо шуурро дар мавчи камбагалӣ чӯр кунед, он танхо ба доштани фикру андешахои камбагалӣ шурӯъ мекунад, новобаста аз он, ки манбаи онхо кучост. Агар шумо шууратонро дар мавчи сарватмандӣ, комёбӣ, муваффакият чӯр кунед, он ба гирифтани садохои мусбат огоз мекунад.

Медонед, аз ин мебарояд, ки агар шахсе дар кадом як гӯшаи дури кураи Замин дар бораи комёбӣ фикру андеша кунад, магзи шумо онро дошта мегирад. Олимон тадкикоти зеринро гузарондаанд. Дар яке аз чазирахо ба маймунхо тоза кардани бананро омӯхтанд. Пас аз се шабонарӯз чанд тан маймунхои аз кишвархои мухталифи олам оварда шуда, ки ба онхо касе чизе наомӯхта буд, худашон мустакилона ба тоза кардани банан шурӯъ карданд. Шумо тасаввур мекунед, ки ин холат далели чист? Далели он аст, ки ба монанди одамон дар дигар мавчудоти зинда низ кобилияти интиколи иттилоот мавчуд аст.

Эхтимол, баъзан шумо низ шохиди чунин ходиса шудаед. Шумо дар бораи касе фикр мекунед, ногахон ӯ ба шумо занг мезанад, ё шиносы деринатонро дар хоб дидед, дар хакикат баъд аз як рӯз шумо бо вай вомехӯред. Бинобар ин «тугмаи идора» бояд дар дасти шумо бошад, шумо фикрхои худро идора карда тавонед. Дар хотир нигох доред, агар фикр бо эхсосот

E-mail: ziyozoda@gmail.com



алоқаманд бошад ва дертар ба он эътиқод изофа шавад, он ба шаклгирӣ шурӯъ мекунад, яъне амалӣ мешавад. Муҳим нест, ки фикр мусбат ва ё манфӣ аст. Баъзан мешавад, ки мо дар бораи касе фикри бад мекунем, ӯро худ ба худ гирифтори эҳсосоти манфӣ мегардонем ва худ бовар мекунем, ки ӯ маҳз чунин аст. Шумо медонед, агар ҳафт кас дар бораи худи ин инсон чунин фикр кунанд, ӯ ба одами бадбахт табдил меёбад.

Тарс муҳаббатро мекушад, дӯстиро барҳам мезанад ва бар ивази инҳо ташвишу камбағалиро тухфа мекунад. Ин ҳолат дар оламе иттифоқ меафтад, ки ҳама ба шодмонӣ ва комёбӣ даъват мекунанд ва ҳама ба хоҳишу саъю талоши шумо мусоидат мекунанд. Мо бояд дарк кунем, ки бе тарс зистан ғайриимкон аст, ин ғайривоқеист, аммо онро идора кардан мумкин аст. Ҳамаи одамон тарс доранд, ҳатто одамони аз ҳама далертарин низ метарсанд.

Шуури инсон фазои холиро қабул надорад ва мудом бо чизе пур мешавад. Агар шахс дар бораи комёбӣ китоб нахонад, шуури ӯро фикрҳои манфӣ банд мекунанд. Агар шумо дар бораи муҳаббат фикр накунед, ҳатман дар бораи мавҷуд набудани он фикр мекунед. Инсон ҳамеша дар бораи чизе фикр мекунад, ё аз бобати чизе азият мекашад. Аммо аз ишқу муҳаббат азият дидан назар ба азият кашидан аз набудани он беҳтар аст. Азият аз ишқ инсонро оқилтар, сабуртар меҳрубонтар ва аз ҷиҳати маънавӣ ғанитар мегардонад.

Аммо азияти набудани ишқу муҳаббат дар ботини инсон нафрату бадбинӣ, қаҳру ғазаб, бухлу ҳасад ва дигар сифатҳои манфиро инкишоф медиҳад, ки онҳо шахсиятро тадриҷан нобуд месозанд.

Имрӯз дар ҷаҳоне, ки мову шумо зиндагӣ дорем, нобуд гардонидани шахсияти инсон хеле осон аст

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Танҳо дар ҳаққи вай чизҳои бад гӯед ва баъд аз гузашти чанд муддат одами мазкур ба бад табдил меёбад. Медонед, **мо ба он чизе, ки дар олами атрофамон мебинем, бовар надорем, аммо чизеро мебинем, ки ба он бовар дорем.**

## Тарс аз камбағалӣ

Бешубҳа, ин навъи тарс моиеаи вайронкортарин ба шумор меравад. Он дар қаъри ботини шумо ҷой гирифта, ҳамаи таҷрибаи манфии наслҳои гузаштаро, ки гуруснагӣ ва харобиро аз сар гузарондаанд, ба худ ҷабида гирифтааст. Чизе нисбат ба факр ва набудани пул азобу уқубат ва хорию залилии бештарро ба инсон намеоварад. Ҳарчанд ки мо дар бораи камбағалӣ суханҳои хуб гӯем ҳам, он ҳеҷ гоҳ ҷойи сарватмандиро гирифта наметавонад.

Яке аз аломатҳои тарс аз факр безътиноӣ, набудани ҳама гуна ғуруp, сабру тахаммул ба муҳтоҷии доимӣ, яъне камбағалӣ ҳамчун мерос пазируфта мешавад. Шахсе мегӯяд: «Медонӣ, ҳарчанд ман сарватманд нестам, вале одами хубам ва дар зиндагӣ ҳама чиз барои ман кофист». Дар асл одами мазкур худашро фиреб медиҳад. Ӯ дурӯғ мегӯяд, ки гӯё ҳаёти хуб ба вай писанд нест. Аммо дар асл аз факр ҳаросидан аст, ки он дар қаъри шуури инсон ҷой гирифтааст. Вай ба нодорӣ сари таъзим фуруд оварда, онро ҳамчун тақдир пазируфтааст. Вақте пул, шуҳрат ва комёбӣ мавҷуд аст, одами хуб шудан хеле муҳим аст.

Эҳтиёткории барзиёд, одати дар ҳар чиз манфиро дидан, дар бораи имконият ҳамчун шикаст андеша кардан, ҳар гуна итизории дуруст ҳисобидани ҳар андеша аз ҳама бештар ба нокомӣ меоваранд. Аз ҳад зиёд эҳтиёткор будан зарур нест, танҳо инсони дурандеш будан зарур аст. Ҳамаи нуқтаҳои дақиқ ва ҳассосро бодиққат дар назар гиред, то ки хавфу хатар барои

E-mail: ziyozoda@gmail.com



шумо камтар шавад, тасаввур кунед, ки гӯё шумо шоҳмот бозӣ доред, дар ҳар гардиш фикру мулоҳиза кунед, амалҳои ҷавобиро (натиҷаи онҳоро) ба назар гиред, як навбат бозиро дар чанд гардиш пештар ба нақша гиред, ҳамеша ҳушёр буданро фаромӯш накарда, ба амали ногаҳонии ҳариф омода бошед.

## Тарс аз танқид

Намуди дуюми тарс тарс аз танқид аст. Хоксории беҳад, шармгинӣ, бетаҳаммулӣ, харобии асаб, хотираи бад, хислати заиф, розигии кӯр-кӯрона, нороҳатӣ, камсухании аз ҳад зиёд, истифода бурдани калимаҳои пурдабдаба ва ифодаҳои мураккаб аломати тарсу ҳарос аз танқид аст. Баъзе одамон чунон ибораҳои мураккабро истифода мебаранд, ки дар бораи чӣ сухан гуфтани онҳоро зуд намефаҳмед. Чуноне ки шумо бо касе гуфтугӯ мекунед, аммо дар ҷавоби луқмаи қолибии худ аз забони вай ифодаи печидаю душворфаҳмро мешунавед. Дар ҳақиқат ин нишондиҳандаи хирад набуда, пеш аз ҳама нороҳатӣ мебошад. Комилан бояд на душвор, балки равшан, содда ва осонфаҳм сӯҳбат кунед.

Худситоӣ низ яке аз аломатҳои тарс аз танқид аст. Либосҳои беадабона, дар бораи худ ва аз муваффақиятҳои худ гуфтугӯ кардан низ нишонаи камбудии инсон мебошанд... Касе бо мошинаи қимматбаҳо мегардад, то ин ки аз хешовандон ва дӯстон кафо намонад, барои хона ҷиҳозӣ пурқиммат мехарад, аммо пайхас намекунад, ки ба бачаҳо чизҳои муқаррарӣ намерасад. Вале ӯ камзӯли гаронбаҳо дорад, ё ин ки бонуе пӯстине аз пӯсти вашақ дорад. Умуман инсон талош мекунад, ки «нисбат ба дигарон бад зиндагӣ» накунад.

Орӣ будан аз ташаббус, надоштани қобилияти истифодаи имконияти мусоид, қатъият дар сухан, на

E-mail: ziyozoda@gmail.com



дар амал, беғурурӣ, бекоргардӣ, таъхир дар тасмимгирӣ, бадгумонӣ аломатҳои тарс аз танкид мебошанд.

## Тарси аз даст додани муҳаббат

Тарси аз даст додани муҳаббат метавонад ҳаёти инсон ва наздикони ӯро ба ҳарҷу марач табдил диҳад. Аломати асосии он рашк аст. Агар шумо бадрашк бошед, пас аз он тарсед, ки шахси дӯстдоштаи худро аз даст хоҳед дод. Ин ҳолат барои он рух медиҳад, ки шумо дар ҳақиқат ӯро дӯст намедоред, онро фақат то ҳол дарк накардаед. Зеро шуморо чунин тарбия кардаанд: агар ба ман рашк накунӣ, пас маро дӯст намедорӣ.

Аммо рашк бемории даҳшатангез аст. Он баъзан ба ҳадди ифрот расида, оиларо вайрон мекунад, бадбахтию азобу шиканча меоварад. Ҳакикатан он нерӯи манфӣ аст. Бинобар ин чизи ягонае, ки барои аз рашк халос гардидан ба шумо кӯмак мекунад, дар инсон дида тавонистани хислат ё рафтори хубтари вай аст.

Медонед, агар ҳамсари шумо зебо, сарватманд, меҳрубон, чавонмард, чаззоб, окил бошад, дар навбати худ занони дигар низ ба вай нигоҳ мекунанд. Агар бонуи шумо дилнишину дӯстрӯй, зебо, окила, нексиришт, дилрабо бошад, мардони дигар низ ба вай назар меафкананд. Ин ҳолат монанди он аст, ки шумо дар ҳавлии худ гули садбарг шинонда, ба ҳамаи ҳамсояҳо таъкид мекунед, ки «Ба гулҳои ман назар накунед».

Шумо аз чашми одамон онеро, ки дӯсташ медоред, пинҳон карда наметавонед. Баръакс, аз вай фахр кунед, ба вачд оед, ҳамин аст бехтарин дармони рашк. Вакте дигарон аз дӯстдоштаи шумо завқ мекунанд, ифтихору ғурурро эҳсос карда, фикр кунед, ки «Оре, вай маҳбубам ман аст», «Бале, вай маҳбуби ман аст». Ин аст хурсандӣ карда тавонистан. Ва

E-mail: ziyozoda@gmail.com



ҳамин эҳсос ба шумо барои аз бадрашкӣ халос шудан кӯмак мерасонад.

## Тарс аз пирӣ

Тарс аз пирӣ ташаббус, мавқеи фаъол ва саъю талош кардан барои ба орзуҳо расиданро маҳдуд мегардонад. Бо вуҷуди ин, одамони зиёд аз фаро расидани пирӣ меҳаросанд ва дарк намекунанд, ки дар зиндагӣ замони пириро орзу кардан зарур аст. Қаблан одамон орзу мекарданд, ки умри дароз бинанд. Акнун онҳо умри дароз дидан нахоста, мехоҳанд, ки ба назар ҷавон намоянд. Ҳама чиз тағйир меёбад. Вақт тасаввуротро иваз мекунад.

Аммо чанд аломати тарс дар муқобили пирӣ вуҷуд дорад. Яке аз онҳо баъд аз чилсолагӣ, пеш аз мухлат суст шудани фаъолият мебошад. Ҳарчанд ҷаҳонбинии инсон ба балоғат мерасад, аммо ба ҷои эҳсоси бартарият дар баъзе одамон нороҳатӣ рушд мекунад. Оё шумо тарзи муайян кардани тарс аз пириро медонед? Агар дар баробари синну солатон бовариатон низ бештар гардад, пас шумо тарс надоред. Бояд дарк кунед, ки пирӣ афзалиятҳо дорад. Шумо таҷриба ва маҳорату малакаи беҳад зиёд ҷамъ кардаед. Аксари одамон бо баҳонаи синну солашон тадриҷан аз ташаббускор будан даст мекашанд. Барои баъзе одамон бошад, синну сол барои ҳақ баровардани камбағалӣ ва нокомиашон хизмат мекунад, онҳо чунин мегӯянд: «Дигар дар бораи бойнгарӣ фикр кардан намехоҳам ва ба хотири фарзандон зиндагӣ мекунам». Ҳамаи ин аломати тарс аз пирист. Бинобар ин хоҳиш мекунам, ба ин чизҳо имкон надиҳед, ки шуморо идора кунанд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



## Тарс аз марг

Ноороимию норохатӣ ва ноумедӣ зуд боиси ба вуҷуд омадани тарс аз марг мегарданд. Аксар одамон аз марг мехаросанд, ҳа, эҳтимол аз он натарсидан ғайриимкон бошад. Аломатҳои ин тарс худталқинкунӣ, ҷустуҷӯи нишонаҳои бемориҳои гуногун, одати санҷидани ҳамаи тарзҳои имконпазири табобат аст. Тиб мавзуи дӯстдошта барои суҳбат аст; он истилоҳҳоеро, ки одамони гирифтори тарси мазкур истифода мебаранд, ҳатто докторҳои илми тиб намедонанд.

Шахсони гирифтори ин намуди тарс дар бораи бемории худ ҳарф заданро дӯст медоранд ва бисёр мехоҳанд, ки фарзандону наздикон онҳоро бемор пиндоранд. Ҳатто агар шумо ба вай гӯед, ки «Бас аст дар ин бора дигар гуфтугӯ кардан, солим астӣ, роҳ мегардӣ, мехонӣ, телевизор тамошо мекунӣ!», онҳо ҳатман хафа мешаванд, мехоҳанд, ки дигарон дар ҳаққашон дилсӯзӣ кунанд. Дарвоқеъ ин ҳолат бешуурона ва ғайри ихтиёри ин гуна одамон зуҳур мекунад. Чунин ҳолат ҳаргиз чунин маъно надорад, ки онҳо зистан намехоҳанд. Онҳо маҳз аз марг метарсанд. Тарсро бояд бартараф кунед.

## Тарс аз навигарӣ

Хафтумин намуди тарс - тарс аз навигарӣ аст. Он ду аломат дорад, яке аз онҳо бадгумонӣ аст. Дар аксари мавридҳо одам ба амалӣ гардонидани лоиҳаи нав оғоз мекунад, ё кушодани бизнеси навро ба нақша мегирад, аммо метарсад, зеро дар як кори нав хатари муайян дорад. Ӯ гумон мекунад, ки ба ҷойи чизи дар дастдоштаи худро зери хатар гузоштан, беҳтараш, ҳамин кори ҳозираашро кунад. Ӯ дар ҳаёташ чизеро тағйир додан мехоҳад, қадом як имконияти навро мебинад, кораш ба ӯ писанд нест, аммо аз гирифтани

E-mail: ziyozoda@gmail.com



тасмим ва амал кардан меҳаросад. Агар шумо дар бораи пешомад ҳарф занед, ӯ шуморо намефаҳмад ва фикр мекунад, ки ӯро аз хатар пешакӣ огоҳ менамоед. Дар баробари он ҳисси бадгумонӣ пайдо шуда, ҳар чизи нав боиси тарси вай мегардад.

Маълум мешавад, ки ба фитрати инсон чунин ҳолат хос аст ва бояд чунин андеша кунад. Ҳамаи он чизеро, ки мо намефаҳмем, нодуруст ҳисоб мекунем. Агар ба ман писанд бошад, пас он дуруст аст, аммо агар писанд набошад, нодуруст аст. Дар хотир нигоҳ доред, аввалин аломати тарс аз навигарӣ бадгумонӣ аст. Ҳа, аломати дуввум дилбастагӣ ба хотира аст. Вакте инсон ба гузаштаи худ, ба таҷрибаи манфӣ ва мусбӣ дилбастагии сахт дорад ва танҳо дар заминаи онҳо фикр мекунад, вай ҳатман кореро ба нақша гирифта, амал мекунад. Ин тарс аз навигарӣ аст.

Агар мо хоҳем, ки ба комёбӣ даст ёбем, бояд зудтар аз эҳсоси тарс халос шавем. Шояд ба мо халос шудан аз тарси худ мушкил бошад, аммо идора кардани онро омӯхта метавонем.

Ин монеаҳо ва шаш намуди тарсро, ки монеаи амал кардани мо мегарданд, замоне Наполеон Хилл, муаллифи китоби «Фикр куну сарватманд шав», кашф карда буд. Мо тафаккури одамонро омӯхта, ба «ихтирои дучарха» шурӯъ накардаем, вале талош кардаем, ки онҳоро бартараф намоем. Натиҷаи он моро ба ҳайрат овард. Одамон ҳамон як амалро чун пештара имрӯз низ анҷом медиҳанд, аммо натиҷа ва самаранокӣ даҳ маротиба афзун гаштааст. Мо намуди ҳафтуми тарс -тарс аз навигариро пайдо кардем. Умедворем, ки ин иттилоотро азхуд мекунед ва ба шумо худидоракунӣ осонтар мегардад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



# ХОТИМА

## ХОНАНДАҲОИ АРҶМАНД!

Шумо ин китобро хонда, ба анҷом расонда, ба қуллаи нави муваффақияти худ раҳсипор шуда метавонед. Китоб акнун дар дасти шумо мисли як абзори хуб аст, ки ҳар вақте хоҳед, онро истифода мебаред. Мисолҳо аз китоб ба шумо умед бахшида, барои дидани роҳи ҳалли мушкилиҳо ёрӣ мерасонанд. Аз одамони муваффақ ибрат гиред, мо наметавонем натиҷаи кори онҳоро аз они худ кунем, аммо мо метавонем таҷрибаи онҳоро истифода барем. Орзуву омоли онҳоро аз они худ кунед, аз ҷое шурӯъ кунед, ки онҳо хотима гузоштаанд. Сабаби комёбии миллионҳо одамоне шавед, ки аз пайи шумо равона мегарданд. Тарзе зиндагӣ кунед, ки ҳаёти шумо ҳамеша ғайриодӣ, бо ҳар чиз ва дар ҳар ҷой сеp у пур гузарад.

*Бо эҳтиром,*
*Ми ҷокари шумо С. Давлатов*

E-mail: ziyozoda@gmail.com



САМО

# МАРКАЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ РУШДИ ИНСОН «САМО»

**Маркази байналмилалии рушди инсон «САМО»** пешсафи индустрияи тренингӣ дар ИДМ мебошад. Марказ дар Россия, Украина, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркия, Чин, Малайзия ва Тоҷикистон бомуваффақият тренингҳо мегузаронад, ки дар онҳо бештар аз 500 ҳазор одамон дониш андӯхтаанд.

Маркази рушди инсон «САМО» курси омӯзишии саводи молиявиро пешниҳод мекунад,ки барои ба даст овардани устувории молиявӣ ба шумо кӯмак мекунад ва бизнеси шуморо бештар даромаднок ва муваффақ мегардонад.

**Поягузори марказ** - Саидмурод Давлатов, доктори фанни равоншиносӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, проффесори бизнес ва маркетинг, соҳибкори муваффақ, бизнес - тренери байналхалқӣ, муаллифи силсилаасарҳои «Фалсафаи мӯрчагон», варзишгар, оҳангсоз, ҳофиз, шогирди аз ҳама муваффақтарини бизнес-тренерҳо ба монанди М. Норбеков, Бодо Шефер, Брайн Трейси, Стивен Кови аст.

**Фалсафаи мо аз маҷмӯи дониш ва таҷрибаи одамони бобарору муваффақ истифода бурда, ба инсонҳо барои хушбахту комёб шудан ва қобилияти ниҳонии эҷодии худро рушд додан ва ҳамчунин му-**

E-mail: ziyozoda@gmail.com



таносибан ташаккул додани рӯҳияи бунёдкунандаи тақдири худ будан, шахсияти дорои маънавияти бой гардидан, кӯмак расонидан аст.

**Вазифаи мо**: Мо барои он хизмат мекунем,ки ҳар касе ба назди мо ояд, дари бойигарии хусусии номаълуми худро кушояд.

**Шиори мо**: Дар ҳар як хона нобиғаи оянда ҳаёт ба сар мебарад,ки ба кӯмак ниёз дорад.

**Мақсад**: Дар муддати се сол омӯзонидани саводи молиявӣ ва рушди шахсият ба 1 миллион нафар одамон дар се кишвар- Қирғизистон, Қазоқистон ва Тоҷикистон.

**Диди стратегии мо**: Омӯзиши саводи молиявӣ ва рушди шахсиятро қисмати таълимоти ҳатмӣ намуда, системаи стандартии идора кардани буҷаи оилавиро дар ҳаёти аҳолӣ ба монанди қоидаи роҳ ҷорӣ мекунем, то ин ки дар ҳаёти одамон суботи молиявӣ пайдо шавад.

**Стратегияи расидан ба комёбӣ** Ба ҳазорон одамон омӯхтани қоидаи комёбӣ ва онҳоро то озодии молиявӣ роҳнамоӣ карда расонидан

**Шумо дар ин ҷо ин чизҳоро меомӯзед**:

- чӣ гуна дуруст бизнесро ташкил кард ва онро то сатҳи байналхалқӣ боло бардошт;

- чӣ гуна система барпо кард, ки назорати коргузорӣ ва даромади устуворро таъмин кунад ва ҳамчунин хатарро камтар гардонад.

- гирифта тавонистани мавзеъ (мавзеъгирӣ) барои бренди худ дар бозори ҷаҳонӣ, ё ин ки чӣ гуна ба сархати мизоҷони эҳтимолӣ ворид шуд.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



- тарзи идоракардани захираҳои инсонӣ ва ба роҳ мондани раванди соҳибкорӣ дар сатҳи баланд;

- фишангҳои молиявии идоракунӣ ва ҷалби сармоягузорӣ.

Маркази рушди инсон «САМО» курси омӯзишии саводи молиявиро пешниҳод мекунад,ки барои ба даст овардани устувории молиявӣ ба шумо кӯмак карда, бизнеси шуморо бештар даромаднок ва муваффақ мегардонад.

**Дар чунин маҷаллаҳои байналхалқӣ дар бораи мо навиштаанд**: «Деловой мир», «Маркетинг товаров и услуг», «NetworkNews», «Abvertising», «Richmans», «Goldentime», «Деловой собеседник», «Vipzone» ва ғайра.

**Дар бораи дастовардҳои мо ин рӯзномаҳо менависанд**: «Время», «Прогнозы», «Ула-дала», «Вечерный Бишкек», «Азия плюс», «Ҷумҳурият», «Имрӯз», «Ленинабадская правда», «Моя экономика», «Миллонер Times» ва ғайра.

**Мо дар меҳмонии ин телевизион ва радиоҳо низ будем**: «Хабар», «Казакстан», «Рохат TV», «Сафина», «КТР», «НТС» ва ғайра.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Саидмурод Давлатов

# Мастер Класс

## УСТОДИ МОҲИР

Мастер–класс барои он касоне ташкил мешавад, ки бизнеси худро доранд ва онро рушд додан мехоҳанд, боз барои онҳоест, ки имконияти худро амалӣ кардан мехоҳанд ва боз барои онҳоест, ки орзуи бузург доранд, ҳамчунин барои онҳоест, ки мехоҳанд амали муҳимро ба анҷом расонида, комёбии бузургро ба даст оварда, баъди худ хотираи некро боқӣ гузоранд.

Мастер–класс аз рӯи ҷамъбасти таҷрибаи ман, ба симмати бизнес-тренер ва натиҷаи 25-солаи омӯзиши мушкилот ташкил карда шудааст. Мо омӯзиши махсусро барои барпо кардани бизнес дар сатҳи байналхалқӣ мегузаронем. Шумо ба иттилоот дар бораи барномаи омӯзиши мактаби мо метавонед дар охири китоб ошно гардед.

Дар мастер–класс ҳамаи чаҳор нерӯи ботинӣ машқ карда мешаванд. Ин нерӯи тан, ақл, хирад ва рӯҳу ҷон аст. Ин чор нерӯ бояд созгорона ба чаҳор нерӯи ҳодисаҳои табиат мувофиқат кунанд. Бинобар ин ҳафтаи аввали мастер–класс дар соҳили Иссиқкӯл гузаронида мешавад ва ин ҷо нерӯи об аст. Ҳафтаи дуввуми мастер–класс дар кӯҳҳо, ҳафтаи сеюм дар соҳили кӯли офтобӣ гузаронида мешавад. Шумо ҳар субҳ дар соати шаш дар соҳили кӯл, ё дар қуллаи кӯҳ машқ карда, нерӯи ҷисмонӣ ва рӯҳониро мустаҳкам намуда, тафаккури эҷодӣ ва ақлу кароро инкишоф медиҳед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Агар шумо ба нақшаи барномаи «омӯзиш» дар мастер–класс диққат диҳед, он чизеро, ки ба шумо лозим аст, пайдо карда метавонед.

Мастер–класс барои онҳое ташкил шудааст, ки дар ҳаёт инсони тавоно шудан мехоҳанд, барои он касонест, ки талош доранд ҳар гуна монеъаро дар сари роҳи орзуи худ бартараф карда, ҳама чизҳоро ба даст биоваранд. Барои муваффақ гардидан, ба натиҷаи бузург расидан истеъдоди ҳақиқӣ мебояд. Ва он танҳо тавассути мақсади бузург метавонад амалӣ шавад. Барои ҳамаи ин рушду инкишофи босуръати тафаккур, неруи ақлонӣ, устувории равонӣ, бардавомию мустаҳкамии ирода ва пуртоқатӣ зарур аст.

Комёбӣ ин натиҷа аст ва он даставвал дар мағзи инсон тавлид мешавад. Пул дар натиҷаи неруи ақлонӣ пайдо мешавад ва ақл неруро аз тан дар намуди ирода, пуртоқатӣ, сабурӣ, хирадмандӣ, дурандешӣ ва ғайра мегирад.

Агар шумо дар бораи комёбии бузург орзу кунед, талош кунед, ки дар машғулияти мастер–класс ширкат кунед. Дар дарсҳои мастер–класс ширкат намуда, шумо талафоти имконпазири оянадаро пешгирӣ хоҳед кард. Ҳар он чизе, ки банда дар муддати 25 сол омӯхтааст, шумо метавонед, онро дар 21 рӯз азхуд кунед, маҳз дар ҳамин давра бо мо будани шумо хеле зарур аст. Ин курс барои одамони тавоно, барои онҳое,ки омодаанд чизеро дар ҳаёт тағйир диҳанд, пешбинӣ шудааст. Муваффақ бошед!

E-mail: ziyozoda@gmail.com



# КОНФРОНСИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ИССИҚКӮЛ ДАР МАВЗӮИ «РУШДИ ЗЕҲНИ МОЛИЯВӢ»

Ҳар сол Маркази байналмилаллии рушди инсон «САМО» дар мавзӯи «Рушди зеҳни молиявӣ» дар соҳили зебоманзараи кӯли баландкӯҳ Иссиқкӯл, ки миёни қаторкӯҳҳои Тён–Шони шимолӣ аз сатҳи баҳр дар баландии 1609 метр ҷой гирифтааст ва яке аз калонтарин кӯли кӯҳии дунё ба ҳисоб меравад, конфронси худро баргузор мекунад.

Дар натиҷаи чуқурии беҳад зиёд ва минералшавии об ба истисноӣ канорҳои соҳилӣ дар баъзе ҷойҳо, кӯл воқеан ҳеҷ гоҳ ях намебандад. Аз ин рӯ онро «Иссиқкӯл» ном мебаранд, ки дар тарҷума маънои кӯли гармро дорад. Иқлим дар ин ҷо қариб мисли соҳили баҳр нарму гарм аст. Офтоб, об, ҳаво дар Иссиқкӯл дар ҳақиқат нерӯи мусбат, некбиниво зиндадилӣ бахшида, хастагиро рафъ карда, ҳатто аз бисёр бемориҳо касро халос мекунанд. Беасос нест, ки бисёр қиссаҳои хеле марғуб ва ривоятҳо дар бораи ин кӯл гуфта шудаанд. Ҳар каси ба Иссиқкӯл омада рӯзҳои дар ин ҷо гузаронидаашро чун ёддоштҳои аҷиб дар хотир нигоҳ медорад ва кӯшиш мекунад ки бори дигар ба ин ҷо омада, истироҳат кунад ва нерӯи тоза бигирад.

Ба ин ҷои марғубу дилкашо аз ҳамаи мамлакатҳои ИДМ ва хориҷи дур одамон кӯшиш мекунанд ба конфронси ҳарсолаи Маркази рушди инсон «САМО», ки дар мавзӯи «Рушди зеҳни молиявӣ» барпо мегардад, ҳозир шаванд. Ширкаткунандагони конфронс омӯзишро аз рӯи тамоми самтҳои инкишофи шахсият ва [illegible]

E-mail: ziyozoda@gmail.com



нерӯи ҷисмонии инсон мегузаранд, зеро ки зеҳни молиявӣ мустақиман ба ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмии мо алоқамандӣ дорад. Аз чор намуди асосии нерӯи ботинии мо яке тан аст ва инчунин яке аз чор намуди нерӯи зоҳирии мо (берунӣ) пул аст. Чор нерӯи ботинӣ ва чор нерӯи берунии мо дар якҷоягӣ амал мекунанд. Маҳз нерӯи тан пулро ба худ мекашад. Аз як ҷиҳат барои ба даст овардани мақсади бузург танҳо хондани китобҳои хирадмандона навишташуда нокифоя аст. Барои инкишофи зеҳни молиявӣ танро қавӣ кардан ва омӯхтани истифодаи донишҳо дар ҳаёти воқеӣ ва инчунин гирифтани таҷрибаи амалӣ зарур аст. Таҷриба ду намуд дорад: мусбат ва манфӣ. Вазифаи асосӣ таҷрибаи мусбатро афзун намудан ва истифода намудани таҷрибаи манфӣ мебошад. Яъне ба таълимоти пурсамар табдил додани таҷрибаи манфиро бояд омӯхт.

Инро шумо дар конфронси мо,ки воқеан дар сатҳи баланд кор мекунем, ширкат намуда, метавонед биомӯзед. Ин ҷо дар соҳили Иссиққӯли баландкӯҳ шумо ҳар субҳ муддати панҷ рӯз машқ карда, тану рӯҳ ва ҷони худро қавӣ намуда, дар як вақт зеҳни молиявии худро рушду инкишоф медиҳед. Баъди чунин омӯзиш шумо имконияти истифода намудани дониши гирифтаи худро пайдо мекунед, самаранокии ҳаракату амали шумо 200% боло меравад.

Ҳарсола мо садҳо номаи сипосу миннатдорӣ аз ширкаткунандагони тренингҳои худ мегирем. Мана, як чанд номаи шахсоне,ки дар конфронс ва семинарҳои мо ширкат карда буданд.

**Шумо низ метавонед ба ин ҷо биёед!**

Бо телефонҳои +996- 312-89-13-22;
+996-555-32-30-20

занг зада, барои худ ҷой супориш кунед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



# ФИКРУ МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ ТРЕНИНГИ ИССИҚКӮЛ

**Элдор Алиакбаров,**
бизнесмени муваффақ, ш. Боку, Озарбойҷон

*Ҳар яки мо дар ин ҳаёт аз пайи ҷустуҷӯи комёбӣ мебошем. Шахсе онро дар риштаи молия, каси дигар бошад, дар маънавиёт, ё ки мансабу мақом меҷӯяд. Се сол пеш аз ин ман бори аввал бо «САМО» ва ташкилкунандаи он соҳибкор ва бизнес-тренери муваффақ Саид Раҷабович Давлатов дар шаҳри Атирау (Қазоқистон) шинос шудам ва ҳамон замон дарк кардам, ки роҳи аз ҳама наздики расидан ба комёбӣ ин гирифтани дониш маҳз аз одамоне мебошад, ки худ аллакай онро ба даст овардаанд. Аз ҳамон вақт ин ҷониб ман мунтазам дар тренингу семинарҳои Саидмурод Давлатов ширкат мекунам. Яке аз чунин семинарҳо дар соҳили Иссиққӯли бошукӯҳ тобистони соли 2011 барпо гардид. Ҳаррӯзи тренинг бо худ силсилаи нави азими иттилооти аниқу дақиқ коркардашударо барои истифодаи ҳаёти воқеӣ доир ба молияи шахсӣ дар рушди бизнес меовард. Иттилооти расида ҳамаро дар ҷояш бо машқҳои хос ва махсус ва инчунин бозиҳо мустаҳкам карда мешуд, ки самараи онҳоро баҳогузорӣ намудан хеле мушкил аст. Омӯзиш дар семинар ва муошират бо ширкаткунандагони он сад дар сад интизориҳои маро бароварда кард ва инчунин барои ман як қатор суолҳоро доир ба рушди минбаъдаам гузошт, ки маро боз ба онҳо ҷавоб гуфтан зарур аст. Ман барои иҷрои ин вазифаи муҳим - такмили сатҳи саводи молиявии мардумон, ки онро Саидмурод бар дӯши худ ниҳодааст, сипосгузорию миннатдории худро арз мекунам ва ба ӯ ҳама гуна муваффақиятҳоро дар ин роҳ орзу мекунам.*

E-mail: ziyozoda@gmail.com



***

**Нургул Тулегенова,**
намояндаи «САМО» дар Атирау, Қазоқистон

*Аз машғулиятҳои Саидмурод Давлатов мо омили амал ва дарки асосҳои қонунҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти худро фаҳмида мегирем, ки онҳо ба мо имконият медиҳанд интихоби дурустро ба анҷом бирасонем. Дар конфронси Иссиққӯл маро усулҳои идоракунӣ ва ташкилии тарзи японӣ ва сирру асрори дар бизнес истифодашудаи ширкати «Тойота» хеле ба шавқ оварданд. Омӯзиш дар тренингҳои С. Давлатов ба ман эътимоди рӯзи фардоро медиҳад. Дар пеш нақшаҳои хеле зиёд дорам ва ман умед дорам,ки дар маркази рушди инсон «САМО» таълим гирифта, онҳоро амалӣ мегардонам.*

***

**Гулсағира Оқтоева,**
58-сола, муҳосиб, ш. Павлодар, Қазоқистон

*Дар натиҷаи омӯзиш дар ҳаёти ман бисёр дигаргуниҳои хуб рӯй доданд: худам тағйир ёфтам, доимо ягон чизи навро меомӯзам, ба нақша мегирам, таҳлилу таҳқиқ мекунам ва амал менамоям. Муносибати беҳад хуб дар оила дорем. Бачаҳоро аз рӯи тарзу усули Давлатов «Фарзанди нобиғаи ман» тарбия мекунам. Саидмурод Давлатовро дар оилаи мо хеле эҳтиром мекунанд. Аз таҳти дил барояш орзу мекунам, ки тренингҳои ӯ ҳар дафъа бештар ба миқдори зиёди одамон ёрӣ расонанд, то ки онҳо худро хуб бифаҳманд ва ба худ аз рӯи шаъну эътибор аҷргузорӣ кунанд ва ҳаёти хешро ба самти беҳтар тағйир бидиҳанд.*

***

**Арюткина *Лариса,***
соҳибкор, ш. Алма-ато, Қазоқистон

Саидмурод Давлатов бизнес–тренери ҳақиқӣ мебошад. Баъди вохӯрӣ бо ӯ дар ҳаёти ман дигаргуниҳои зиёди хуб рӯй доданд. Ман сабабҳои нокомии худро

E-mail: ziyozoda@gmail.com



фаҳмида тавонистам ва қуввату тавоноии неруи мусбатро барои амалкардан гирифтам. Акнун ман бизнеслоиҳаи нави худро рушд медиҳам,ки он хеле бобарор хоҳад буд. Зеро ки донишҳои дар тренингҳо гирифтаам таҳкурсии мустаҳкам барои рифоҳати молиявӣ мебошанд. Ҳар сол ман бо камоли хушнудӣ дар конфронсҳои Иссиққӯл ширкат меварзам. Фазои эҷодии беҳад хуби он ҷо ба ман хеле писанд аст. Муоширати шавқангез, мувофиқ будани истироҳат ва машғулият боис мегардад,ки ҳамеша чизи нав ва муҳимро барои ниҳоятдараҷа фоидаовар гардонидани бизнеси худ ба даст оварӣ.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



# ФИКРУ МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ МАСТЕР-КЛАСС 2012

**Канайим Мурзаматова,**
ш. Ош, Қирғизистон

*Ман дар синни 60-солагӣ бо шарофатии тақдир бо инсони беназир ва бузург Саидмурод Раҷабович Давлатов вохӯрдам. Баъди омӯзиши додаи ӯ ҳамаҷониба ба «балоғат» расидам ва ба рӯзи оянда дилбастаии зиёде пайдо кардам. Ман дар назди устодон ва тренерҳои дигар бисёр чиз омӯхтаам, аммо чунин омӯзиши аз таҳти дил ҳеҷ гоҳ бароям набуд. Ман аз ӯ намозхониро омӯхтам. Аз ӯ ман бахшидани одамон ва чӣ гунае ки ҳастанд, қабул доштани онҳоро омӯхтам. Аз ӯҳамчунин барномарезӣ кардани ҳаёти худро омӯхтам. Аз ӯ дар ҳаёт аз пул лаззат бурданро низ ёд гирифтам.*

***

**Мурат Шпеклаев,**
*ш. Алма-ато, Қазоқистон*

*Ман ба Аллоҳ таъоло барои имконияти ба банда ато кардааш-вохӯрӣ бо Саидмурод Раҷабович шукргузор ҳастам! Дар ҷустуҷӯи худ ва дар ҷӯстуҷӯи ҷои худ дар ҳаёт ман дарк кардам,ки бояд ҳамеша бо одамон бошам, онҳоро дар ҳаёт дар ҳалли мушкилоташон кӯмак бикунам. Бо чунин андеша се сол дар маркази рӯҳонияти Алма-ато машғул будам. Аммо ман дарк кардам,ки тактикаи муносибати ғайрифаъолонаи одамон ба раванд бесамар аст. Баъди дарки ин ҳақиқат дар муддати 7 сол орзуям- табдил гардидан ба инсони одамонро*

E-mail: ziyozoda@gmail.com


*дарккунанда, ба онон кӯмаккунанда дар дарвозаи тахтушшуурам боқӣ монд.*

*Инак, лаҳзаи дилхоҳу чашминтизор фаро расид, ман бо Саидмурод Раҷабович вохӯрдам. Ман дарк кардам, ки ин ҳамон инсонест,ки метавонад маро биомӯзонад, то ин ки ман Устод шавам! Раҳнамои ҳазорон-ҳазор одамон бошам.Ман аз Худованд талаб кардам,ки бигзор Ӯ ба ман иҷозаи ба қудрати Худ -донишӣ Худ даст расониданро бо ёрии Саидмурод Раҷабович бидиҳад!*

*Дар вақти омӯзиш дар мастер–класси 2012 оромии ботинӣ ва боварӣ бо худро омӯхтам. Маҳорати худтарбияткуниро ёд гирифтам. Тартибу низоми барпо сохтани бизнес ва бизнеси дарозмуддатро дар сатҳи замони ҳозира азхуд кардам. Барои худ мураббиро пайдо кардам. Вақте ки ба хона расидам, ин корҳоро анҷом медиҳам: тартиби рӯз 4-6 соат хоб, худсозӣ, кор, оила. Тарҳи эҳё кардани бизнеси истеҳсол ва фурӯши зироатҳои хуриширо менависам. Фавран ба амалӣ кардани нақшаам дар ҳаёт шурӯъ мекунам.*

***

**Ифтихор Азимов,**
ш. Душанбе, Тоҷикистон

***Вақте ки билет гирифтам, итизори он будам, ки дар бораи барпосозии бизнес дониши дақиқ ва кофӣ мегирам. Вале аз назардошти худ дониши хеле бештар гирифтам. Ба гайр аз донишҳои дар амал санҷидашуда дар бораи барпо кардани соҳибкорӣ ва пешбурдани он дар сатҳи касбӣ, ман абзори ёрирасони машқдодани шахсияти худро гирифтам. Ман эҳсос мекунам, ки дар ин 21 рӯз хеле баркамол гаштаам. Шумо тасаввур карда наметавонед, ки ман кӣ шуда метавонам, агар минбаъд бо чунин суръат рӯи шахсияти худ кор кунам.***

E-mail: ziyozoda@gmail.com



*Ба ғайр аз ин ман нақшаи стратегии бунёд ниҳодани ҳаётро тартиб додам. Бовариям ба оянда пайдо гардид. Фикру андешаҳоро дар сарам ба низом даровардам. Бизнес–лоиҳаи ҳирфавӣ сохтам. Акнун ман бояд натиҷаҳои назаррасро ба даст биоварам.*

*Ман ҳамеша «САМО»-ро сипосгузорам! Худованд онҳоро баракат диҳад!*

***

**Эркина Абдибекова,**

ш. Бишкек, Қирғизистон

*«САМО» ману фарзандонамро ба сӯи ояндаи бомуваффақият роҳ нишон дод!!! Саидмурод Раҷабович инсони хеле оқил аст. Ман мутмаинам,ки бо кӯмаки дониши ӯ миллион одамон саодатманд мешаванд. Мастер–класси 2012 қисмати аз ҳама хушбахттарини дар ҳаёти ман буд. Дар «САМО» таълим гирифта, барои худ «дар»- и нав боз кардам.*

E-mail: ziyozoda@gmail.com



# КУРСИ «САВОДИ МОЛИЯВӢ ВА ОҚИЛОНА ИДОРА КАРДАНИ САРМОЯИ ШАХСӢ»

## Омӯзиши 1

| № | Тренингҳо |
|---|---|
| 1 | Стратегияи тафаккури одамони сарватманд ва камбағал |
| 2 | Ману пул |
| 3 | Сармоя аз сифр |
| 4 | Нақшаи молиявӣ |
| 5 | Бартараф кардани монеа дар шуури одамон |

## Омӯзиши 2

| № | Тренингҳо |
|---|---|
| 1 | Мисли миллионер андеша кун |
| 2 | Фарзанди нобиғаи ман |
| 3 | Гузоштани мақсад |
| 4 | Тайм менеҷмент |
| 5 | Қоидаву қонуни пул |
| 6 | Пешвои даврони худ |

## Омӯзиши 3

| № | Тренингҳо |
|---|---|
| 1 | Банақшагирии бизнес |
| 2 | Сарварӣ ва таъсиси тим |
| 3 | Нақшаи маркетинг |
| 4 | Реклама ва PR |
| 5 | Бизнеси ғайриманқул |
| 6 | Бизнес ва қоидаи маблағгузорӣ |
| 7 | Фишангҳои молиявӣ |

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Мастер–классро дар 3 сатҳ муаллифи система Саидмурод Давлатов мегузаронад

## МАСТЕР-КЛАСС

| № | Тренингҳо |
|---|---|
| 1 | «Меъморӣ»-и бизнес |
| 2 | Стратегияи идоракунӣ |
| 3 | Муштарӣ –маҳсулот |
| 4 | Раванди бизнес |
| 5 | Кормандон |
| 6 | Захираҳо |
| 7 | Ҳисоботи молиявӣ |
| 8 | Бренд (мавзеъгирӣ дар бозор) |
| 9 | Бозорёбӣ дар миқёси васеъ |
| 10 | Реклама ва PR |
| 11 | Маҳорати гуфтушунид кардан |
| 12 | Рушди шахсият |
| 13 | Сарварӣ (Пешвои бонуфуз) |
| 14 | Санъати нотиқӣ |
| 15 | Бизнес дар шароити буҳрон |
| 16 | Рушди соҳибкорӣ дар асри бисту якум |
| 17 | Технологияи соҳибкории чинӣ ва ҷопонӣ |

E-mail: ziyozoda@gmail.com



# ОМӮЗИШИ ИНФИРОДӢ

| № | Номгӯй |
|---|---|
| 1 | «Меъморӣ»-и бизнес |
| 2 | Қоида ва қонуни пул |
| 3 | Стратегияи идоракунӣ |
| 4 | Муштарӣ –маҳсулот |
| 5 | Раванди бизнес |
| 6 | Кормандон |
| 7 | Захираҳо |
| 8 | Ҳисоботи молиявӣ |
| 9 | Бренд (мавзеъгирӣ дар бозор) |
| 10 | Бозорёбӣ дар миқёси васеъ |
| 11 | Реклама ва PR |
| 12 | Маҳорати гуфтушунид кардан |
| 13 | Рушди шахсият (Дар вуҷуди худ шахсияти нотакрорро бедор намо) |
| 14 | Сарварӣ (Пешвои бонуфуз) |
| 15 | Санъати нотиқӣ |
| 16 | Бизнес дар шароити бухрон |
| 17 | Рушди соҳибкорӣ дар асри бисту як |
| 18 | Соҳибкории чинӣ ва ҷопонӣ |
| 19 | Фишангҳои молиявӣ |
| 20 | Идоракунии захираҳои инсонӣ |
| 21 | Идрок (ҳисси пешакӣ) |

E-mail: ziyozoda@gmail.com



# СИЛСИЛАКИТОБИ «ФАЛСАФАИ МӮРЧАГОН»




1. Китоби **«МАН ВА ПУЛ»** ба шумо аз рӯи саводи молиявӣ дониш медиҳад, идора кардани маблағҳои худро меомӯзад, барои афзун гардидани даромад ва кам гардидани хароҷоти шумо маслиҳат пешниҳод мекунад ва дар гирифтани тасмиме,ки метавонад ҳаёти шуморо дигаргун намуда, шуморо сарватманду комёб гардонад ёрӣ мерасонад, зеро бисёр одамон танҳо бо он сабаб камбағал мондаанд,ки ба вазъияти доштаи худ муросо мекунанд ва чизеро тағйир додан намехоҳанд.Онҳо барои ҳақ баровардани камбизоатии худ далел пайдо мекунанд ва дарк намекунанд,ки худашон дари ба сӯи давлатмандӣ боз мешударо маҳкам мекунанд. Дар воқеъ тасмими сарватманд шудан,ё камбағал монданро,ҳар инсон худаш мегирад. Барои ин ки инсон дер ё зуд ба он ҷое мерасад,ки фикри ӯ он ҷо қарор дорад. Агар ӯ дар бораи камбағалӣ андеша кунад, ҳеҷ гоҳ доро намешавад, аммо дар бораи чӣ гуна зиёд кардани даромади худ фикр кунад, пас барои ин имконият пайдо мекунад.Имкониятро барои комёбӣ он донишҳое муайян мекунанд,ки инсон онҳоро азхуд кардааст.Китоби мазкур барои гирифтани дониш дар бораи чӣ гуна бештар даромад ба даст овардан, чӣ гуна оқилона пасандоз кардан,чӣ гуна маблағгузорӣ кардан, аз пул чӣ гуна

E-mail: ziyozoda@gmail.com


ҳаловат бурдан, ба ҷавоби рад ва мушкилиҳо чӣ гуна муносибат кардан, чӣ гуна худмаҳдудкуниро нобуд кардан,чӣ гуна вақти худро дуруст ба нақша гирифтан, чӣ гуна бароиояндаи худ пасандоз намудан ва боз дар бисёр мавридҳои дигар ба шумо кӯмак мекунад. Ин китоб барои онҳое,ки аз ҷиҳати молиявӣ озод будан мехоҳанд ва орзуҳои худро нияти амалӣ кардан доранд, пешбинӣ шудааст.

***

**2. МУҲАББАТ. Зан дар борои мардон чиро намедонад ва мард дар бораи занон чиро бояд бидонад?**




Ҳар касе,ки ин китобро мехонад, ӯ муносибати худро бо ҳамсафариояндаи худ хуб барпо карда метавонад. Шахсе, ки ба ин чиз бе айнак нигсҳ мекунад, ҳамчунин ба ҳамсарон дар фаҳмида гирифтани вазъияти низоъангез ва мустаҳкам гардонидани иттифоқи онон низ кӯмак мекунад. Охир, аз ҳама беҳтарин зан ин ҳамсари худи шумост ва дар олам беҳтарин мард ҷуз шавҳари худи шумо каси дигаре нест. Шумо дар ин китоб боз машғулиятҳои амалӣ ва машқҳоро,ки дар муносибати минбаъдӣ ва барпо сохтани хушбахтӣ, сарват, саломатӣ чун калид ба шумо хизмат мекунанд, пайдо карда метавонед.

Китоб вазъияти рӯҳии мард ва занро кушода дода, сирру асрори забонеро, ки мард мегӯяду зан онро мефаҳмад, ба шумо шарҳу тавзеҳ медиҳад.

***

E-mail: ziyozoda@gmail.com






**3. ҚОНУНҲОИ МАЪНАВИИ САРВАТ.** Қонунҳои асосии маънавӣ вуҷуд доранд,ки новобаста аз он, ки мо онҳоро медонем ё не, бевосита амал мекунанд. Принсипҳои маънавӣ заминаи комёбиро ташаккул медиҳанд, ки бидуни он илоҷе ёфтан ғайриимкон аст. Хоҳиши аз ҳад зиёди комёб гаштан хеле муҳим аст, боз муҳимтар аз ин он аст,ки хост ва иродаи Худованд низ бошад. Дар ин китоб он принсипҳои манъънавиро дарёфт мекунед,ки ба шумо ва оилаи шумо тансиҳатӣ, кушоиши кор ва сарвати ҳақиқӣ меоваранд. Ин принсипҳоро асрҳои зиёде донишмандон истифода кардаанд ва ба шарофатии принсипҳои мазкур ҳаёт дар рӯи Замин идома дорад.

***




**4. БОЗУБАНДИ ҒОЛИБ**

Мо ҳар дақиқаи ҳаёти худро фақат як маротиба истифода бурда метавонем. Чизи ягонае,ки дар дасти мо аст, ин ҳаёти мо мебошад ва то кадом дараҷа мо тайёрем онро шоҳкорӣ бикунем?

Донишҳое,ки аз ин китоб мегиред, барои шумо сармояи хеле муҳим буда, дар ҳаёт истифода бурда тавонистани ин донишҳо шуморо ба инсони комил мубаддал гардонида, ҳамчунин ба суоли дар боло гузошта шуда, ҷавоби муносиб дода метавонед.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



***




**5. ТАРЗИ ФИКРРОНИИ одамони сарватманд ва камбизоат.** Дар ҳаёт кӣ шудани моро яъне сарватманд ё камбағал, некбахт ё бадбахт, стратегияи тафаккури мо муайян мекунад. Инсон имрӯз ё фардо, як рӯз не як рӯз ба ҷое мерасад,ки тафаккуру андешаи ӯ аллакай он ҷо қарор доранд. Чӣ гуна ақлҳамон гуна ҳаёт.Одамони камбағал на ба он хотир камбағаланд,ки мехоҳанд чунин зиндагӣ кунанд, балки чӣ гуна идора кардани вазъият, ҳодисаву воқеа ва пулро намедонанд. Сарватмандӣ ва камбағалӣ аввал дар майнаи сари инсон пайдо мешавад. Ҳамаи чизҳое, ки моро иҳота кардаанд (техника,шаҳрҳо, ҳавопаймоҳо ва ғайра) кадом вақт фикри ким- кадом шахсе буданд. Мисли сарватмандон фикр карданро омӯзед ва шумо низ сарватманд хоҳед шуд.




**6. КӮДАКИ НОБИҒАИ МАН.**

Ба бачаҳо омӯхтани асосҳои саводи молиявӣ ва рушди шахсият дар ҳеҷ замоне чун имрӯз мубрам нагардида буд. Ҷомеъи муосир аз мо тақозо мекунад, ки устувор, мустақил ва қобили меҳнат бошем. Бачаҳо маънои ҳаёти мо ва ояндаи моянд. Вақти зиёд намегузарад, ки бачаҳои имрӯза аллакай тақдирҷунбони мо мегарданд. Бино-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



бар ин рушду нумӯ бахшидани тафаккури эҷодӣ, қобилияти худомӯзии онҳо дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, ҳалолкорӣ ва боварӣ ба қудрату қувваи худ, тарбият кардани насли наврас қарзи ҳар яки мо мебошад. Танҳо дар чунин ҳолат мо метавонем оқилону донишмандонро тарбия кунем ва бидуни тарсу ваҳм идоракунии имкониятҳои бузургеро,ки инсоният ҳамеша ба вуҷуд меоварад ва такмилашон медиҳад, ба онҳо бисупорем.

Ин китоб асосҳои маърифати молиявӣ, инкишофи шахсият, муносибатҳои оилавӣ, сарварӣ, дуруст идора кардани вақт, гузоштани мақсад, тарзу усули бурдани музокирот, тавонаю мустақил буданро омӯзонида, дар қалби онҳо ҳисси қарзи фарзандиро дар назди волидону Ватан тарбия мекунад. Бо ёрии формулаҳои дар китоби мазкур овардашуда шумо метавонед фарзанди худро тавре омӯзед, ки ӯ дар синни 22-солагӣ озодии молиявиро соҳиб гардад.

## КИТОБҲОИ НАВ АЗ СИЛСИЛААСАРҲОИ «ФАЛСАФАИ МӮРЧАГОН» БА НАШР ОМОДА МЕШАВАНД:




**«Ман ва пул», қисми 2**

Китоби машғулиятҳои амалӣ ва тавсияҳои самаранок.

Дар қисми аввали китоб дар бораи тарзи идоракунӣ ва нигоҳдории пул ва «рафтор»-и он ва инчунин дар бораи риояи қоидаҳои асосии пайдо шудани як навъ сармояи аввалия сухан рафта буд.

Дар қисми дуввуми китоб чӣ гуна ташкил кардани «ҷӯй-

E-mail: ziyozoda@gmail.com



бори пулӣ»,чӣ гуна маҳсулотро интихоб кардан ва самти фаъолиятро, аз чӣ оғоз кард ва чӣ гуна «санги зериобӣ»-ро убур кардан фаҳмонида дода хоҳад шуд. Бисёр иштибоҳҳои қолабӣ ва мушкилоте, ки соҳибкор ба онҳо рӯ ба рӯ мезанад: мушкилӣ бо кадрҳо, боқимондаи маҳсулот, харҷи худро напӯшонидани реклама, нарасидани сармоя, савдои кам ва ғайра дар ин китоб баррасӣ мегардад.

Дар даст доштан ва ҳамеша хондани китоб барои онҳое,ки даромади ночиз доранд ҳатмист. Ин китоб 90 фоиз вазифаи онҳоеро, ки бизнес доранд ва 100 фоиз мушкилии онҳое, ки танҳо тоза ба кор оғоз кардаанд, осон мегардонад.

## «МЕТОДҲОИ САМАРАНОКИ БАРПО КАРДАНИ БИЗНЕС ДАР ШАБАКАИ МАРКЕТИНГӢ»

**МЕТОДҲОИ САМАРАНОКИ БАРПО КАРДАНИ БИЗНЕС ДАР ШАБАКАИ МАРКЕТИНГӢ**

Китоб аз натиҷаи кори 10-сола бо ширкатҳои гуногуни шабакавӣ навишта шудааст. Бо ширкатҳои мухталиф кор карда ва ҳамчунин бизнес-тренингҳо гузаронида, мо дидем,ки ҳар кадоми онҳо дорои як чизи махсусе мебошанд. Кадоме тими пурқувват, дигаре маркетинги самаранок дорад, кадоми дигар низоми омӯзишро дуруст ба роҳ мондааст ва ғайра. Ҳамаи ширкатҳо ҷанбаҳои тавоно ва заифи худро доранд.

Дар ин китоб ҳамаи чизҳои беҳтарин,ки мо дар ширкатҳои мухталиф дидаем, гирд оварда шудааст. Барои шахсе ки ба маркетинги шабакавӣ машғул аст,китоб чун роҳнамо барои рушд ва пешсафӣ хизмат мекунад.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



**ҚАРЗ:
АЗ ОН ЧӢ ХЕЛ
БОЯД ХАЛОС ШУД
ВА ЧӢ ГУНА
АЗ ОН КАНОР
БОЯД ГИРИФТ**

## ҚАРЗ: АЗ ОН ЧӢ ХЕЛ БОЯД ХАЛОС ШУД ВА ЧӢ ГУНА АЗ ОН КАНОР БОЯД ГИРИФТ.

Аз комёбӣ то нокомӣ як қадам аст ва аз сарватмандӣ то варшикастагӣ низ чунин аст.Ҳамаи маслиҳатҳо амалан аз ҳаёт, аз саргузаштаи худи муаллиф,ки дар муддати панҷ сол ду маротиба варшикаста шуда, бори қарзҳои сангинро бар дӯш дошт, гирифта шудаанд. Акнун дар асоси таҷрибаи худ ӯ чӣ гуна гирифтори қарз нашуданро меомӯзад. Дар китоб тарзу усули аз қарзҳо новобаста аз сатҳи даромад чӣ гуна халос шудан ва бар замми ин барпо кардани бизнеси хуб нишон дода шудааст.

Китоб ҳамаи принсипҳои маънавиеро, ки имкони ҳарчӣ зудтар аз қарз халос шуданро фароҳам менамояд, меомӯзонад. Дар он низоми дурусти мурофиат ба қарздиҳанда - чӣ гуна қарз гирифтан ва кай гирифтан ва тарзи идора кардани қарз оварда шудааст.

E-mail: ziyozoda@gmail.com



Маркази байналмилалии рушди инсон «САМО» ҳар сол дар Иссиқкӯл конфронс мегузаронад. Дар конфронс намояндагони ҳамаи кишварҳои ИДМ ва хориҷаи наздик (Русия, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон, Тоҷикистон, Туркия, Чин, Эрон, Покистон, Ҳиндустон) ширкат мекунанд. Конфронс дар сатҳи байналхалқӣ гузаронида мешавад. Шумо метавонед бо одамони то ба ҳол ношинос ба соҳаҳои нав шинос гардида, низ барои рушди бизнеси худ дониши нав гиред. Ҳар субҳидам дар соҳили кӯл шуморо клуби «Тандурустӣ» интизор аст,ки он ҷо шумо метавонед бо ёрии он донишҳои наве, ки гирифтед тану рӯҳи худро қавӣ гардонед. Тарзу усуле,ки дар клуби «Тандурустӣ» истифода мешавад, дар Шарқ зиёда аз 1000 сол вуҷуд дорад ва инҳо тиббии қадимаи тибетӣ, чинӣ, ҳиндӣ ва дигар чизҳо мебошанд.

***Дурдонаи Қирғизистон Иссиқкӯл ба оғӯши гарм шуморо интизор аст.***

***Доир ба ҳамаи саволҳо бо телефонҳои***
***Call center +996 312 891322***
***Қазоқистон +7 727 317 90 20***
***+7 701 959 66 29***
***Тоҷикистон +992 88 888 40 60***
***+992 93 572 92 29***
***Қирғизистон +996 555 323 020***
***тамос гиред***

***Web: www. worldsamo.com***
***E- mailworldsamo@mail.ru***

E-mail: ziyozoda@gmail.com

Саидмурод Давлатов

# ТАРЗИ ФИКРРОНИИ ОДАМОНИ САРВАТМАНД ВА КАМБИЗОАТ

*Муҳаррир ва мусаҳҳеҳ:*
**Саидакбар Наҷибуллоев**

Ба матбаа 06.10.2016 супорида шуд. Андозаи 60x84 1/16. Когази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 21. Адади нашр 500. Нархи шартномавӣ.

ҶДММ «Сифат-офсет»

E-mail: ziyozoda@gmail.com

54с



**ДАВЛАТОВ**
**Саидмурод Раҷабович,**

**Бизнес-тренери дараҷаи байналмилалӣ бо таҷрибаи 20-сола, доктори илмҳои иқтисодӣ ва равоншиносӣ, профессори соҳаи савдо ва маркетинг, соҳибкори муваффақ, муаллифи китоби серхаридори «Ман ва пул» аз силсилаи китобҳои «Фалсафаи мӯрчагон», ки бо 7 забон тарҷума шуда, зиёда аз 2 000 000 нусха аз он харидорӣ шудааст, президенти МБРИ «Само»**

## Хонандаи муҳтарам!

Ин китоби ба даст гирифтаи шумо хонандаи худро бо он қонунҳои ҳақиқӣ шинос мекунад, ки бидуни онҳо ба даст овардани комёбӣ ғайриимкон аст.

Замоне ман шахси муваффақ будам, аммо баногоҳ ҳама чизро аз даст додам, таҳқир ва дарду азобро аз сар гузаронида, ба ин ҳама қонунҳои оқилона расидаам.

Ба туфайли дониш ва риояи қоидаҳои дар ин китоб иншошуда бароям ғайриимкон имконпазир гардид. Инсон дар тӯли умри худ ҳамагӣ як шоҳасар, ки номи он «Худсозист», офарида метавонаду бас. Худро бисозед, он шахсе бишавед, ки чунин шахсият шудан орзуи деринаи шумо буд.

Ин китобро ба модарам Азизмо Азизовна Раҷабова мебахшам, ки маро чӣ гунае ки ҳастам, тарбия карда, ба воя расонид. Ман замоне тифли яксола бе падар монда будам, аммо бо шарофатии ақлу хиради модар худро ҳеҷ гоҳ ятим эҳсос намекардам. Ӯ ба ман роҳи дурустро нишон дод. Модар ҳамеша хоҳони он буд, ки ман инсон шавам. Ман ҳеҷ гоҳ суханони ӯро аз хотир намебарорам: «Писарам, ту метавонӣ, ки ҳар кӣ шавӣ – духтур, профессор, вале дар навбати аввал инсон шав. Инсон шудан назар ба мутахассис шудан хеле сангинтар аст».

***Дӯсти Шумо***

000310749